**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

*Бахшида ба соли2017 –*
*Соли ҷавонон*

# ҶАВОНОН – СОЗАНДАГОНИ ФАРДО

(маҷмуаи мақолаҳои олимони ҷавон дар конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Тарбияи ҷавонон дар ҷомеаи муосир: пешравиҳо, муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо». Хуҷанд, ДДҲБСТ, 28 феврали соли 2017)

**Хуҷанд**
**Нашриёти «Дабир»**
**2017**

**ТДУ 37.0**
**ТКБ 74.58 Я43**
**Ҷ 14**

*Бо қарори Шӯрои табъу нашри ДДҲБСТ ба чоп тавсия гашт.*

**Ҷавонон – созандагони фардо.** – Хуҷанд: Дабир, 2017. - 352 саҳ

**Муҳаррири масъул:**
**Ҷӯразода Ҷ.Ҳ.** – доктори илмҳои таърих, профессор

**Ҳайати таҳририя:**
**Хоҷаева М.Ҷ.** – доктори илмҳои педагогика
**Орипов А.А.** – номзади илмҳои иқтисодӣ
**Саидов С.Ғ.** – номзади илмҳои филология
**Раҳимов И.У.** – номзади илмҳои филология

Дар ин китоб мақолаҳо перомуни масъалаҳои тарбияи ҷавонон, роҳҳои пешгирии шомилшаваии онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, тарбияи онҳо аз лиҳози нигоҳ доштани арзишҳои фарҳангии миллӣ ва умумибашарӣ, истифодаи нуктаҳои тарбиявии асарҳои Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон ва дигар масъалаҳои марбут ба тарбияи насли ҷавон гирдоварӣ гаштаанд. Он маводи конфронси илмӣ – методии ҷумҳуриявӣ аст, ки дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон санаи 28 феврали соли 2017 баргузор гардид.

**ISBN 978-99975-58-06-0**

**© ДДҲБСТ, 2017.**

**Ҷӯразода Ҷамшед Ҳабибулло,**
*ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикикстон, узви Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикикстон, доктори илмҳои таърих, профессор*

# ТАРБИЯИ ҶАВОНОН ВА МАСЪУЛИЯТИ ШАҲРВАНДӢ
**(матни маърӯза дар ҷаласаи ифтитоҳии конференсия)**

Конференсияи илмию методии мо ба масъалае бахшида мешавад, ки азалан дар рӯзгори банӣ башар дар ҷои аввал қарор дошт. Имрӯз, дар мавриде, ки ба камол расонидан ва муносиби талаби замон омода сохтани ворисони шоиста аз вазифаҳои аввалиндараҷаи муассисаҳои таълимии кишвари мо, аз ҷумла макотиби олӣ муқаррар карда шудааст, дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар меҳвари тарбияи шахсияти ҷавонон қарор ёфтанаш воҷиб хоҳад буд. Махсусан истифодаи дуруст ва аз назари усулҳои муосири таълим ба кор бурдани Паём, асарҳо, нутқу маърузаҳои Пешвои миллат имкон фароҳам меорад, то ҷавонони имрӯза дар баробари соҳиби дониши баланд гардидан, аз лиҳози худшиносиву худогоҳии миллӣ, маърифати сиёсӣ ҳамчун шахсияти комил рушд ёбанд. Паёмҳои Президент ба Маҷлиси Олии мамлакат дар бораи сиёсати беруна ва дохилии ҷумҳурӣ, суханрониҳо дар мулоқот ба зиёиёни кишвар, баёни андешаҳо аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид, нутқу гузоришҳои Сарвари давлат перомуни паҳлуҳои гуногуни сиёсати хориҷии Тоҷикистон, проблемаҳои глобалӣ ва минтақавӣ, бахусус мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ ва ғайра ҳамеша дар раванди таълиму тарбия мавриди истифодаи устодони донишгоҳи мо қарор мегиранд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуда буданд, ки "ҳадафи аслии мо расидан ба сатҳи шоистаи зиндагӣ ва шароити мусоиди иҷтимоӣ барои ҳар фарди ҷомеа мебошад. Таъмини рушди матлуб ва сатҳи муосири фаъолияти сохторҳои сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ шарти ниҳоят муҳим ва зарурӣ дар ин самт ба шумор меравад. Аз ин рӯ, давлату ҳукумат аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба пешрафти илму маориф, ҳамчун пойдевори рушду тараққиёти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, диққати махсус зоҳир намуда, ин равандро муттасил идома медиҳанд.

Маҳз дар ҳамин давра барнома ва консепсияҳои муҳими давлатӣ қабул гардиданд, ки барои амалӣ намудани ислоҳоти соҳаҳои илму маориф ва дар ин замина беҳтар намудани шароити кории олимону омӯзгорон ва сатҳи таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот такони ҷиддӣ бахшиданд .

Қабул гардидани "Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2006 таҳти №94 тадбири муассире маҳсуб мешавад. Воқеан ҳам, Консепсияи миллии тарбия ифодагари анъанаҳои арзишманди фарҳангиву ахлоқии миллати тоҷик буда, ба муассисаҳои таълимӣ роҳҳои гуногунро барои тарбияи инсони бофарҳанг, соҳибмаърифат ва солим пешниҳод менамояд. Дар тӯли солҳои сипарӣ муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат, аз ҷумла ДДҲБСТ дар роҳи амалӣ сохтани ғояҳои ин ҳуҷҷати муҳим таҷрибаи кофӣ ҳосил намуданд. Барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани чораёни татбиқи консепсияи мазкур дастури судманде аз ҷониби ДДҲСБТ дар шакли китоби бузургҳаҷм таҳти унвони "Консепсияи миллии тарбия – ифодагари арзишҳои миллӣ" интишор гардид.

Дар консепсияи мазкур дарҷ гардидааст, ки "тарбияи миллӣ дар шаҳрванд сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва амсоли инро ташаккул медиҳад. Чунин шаҳрванд қодир аст, ки дар пояи манфиатҳои миллӣ фаъолият намояд, нисбати зуҳуроти манфии ҷомеа аз лиҳози танқид назар кунад, Ватани хешро дӯст дорад ва манфиатҳои онро ҳимоя намояд, ҳамчун соҳиби тафаккури миллӣ ва посдори тамаддуни миллӣ дар пешрафти ҷомеа саҳмгузор бошад". Ин нукта мусаллам аст, ки дар ҳамаи давру замон тарбия падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷамъият хизмат менамояд. Он ҳамчун фаъолияти махсуси мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани ӯ ба ҷараёни воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона карда мешавад.

Мусаллам аст, ки барои таъмини ҳувияти миллӣ руҳияи миллиро ба вуҷуд овардан зарур мешавад. Асоси руҳияи миллиро ифтихори миллӣ ташкил медиҳад, ки он иборат аз падидаҳои худмуайянкунӣ, худшиносӣ ва эътирофи худ мебошад. Дар ин ҷо руҳияи миллӣ низ дар ташаккули худшиносии миллӣ таъсиргузор аст, зеро руҳияи миллӣ на танҳо идеяи хушку холӣ, балки идеяи меҳварие мебошад, ки бо ҳисси миллӣ ҳамбастагӣ дошта, иродаи матин ва бедории миллиро таъмин менамояд.

Фаромӯш набояд кард, ки андешаи миллӣ такягоҳи асосӣ ва иродаи матини давлату миллат мебошад. Ҳамеша дар масири таърих

намояндагони соҳибмаърифат дар рушду инкишофи андешаи миллӣ нақши босазо доштанд, зеро таҷрибаи миллатҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки тарғибкунанда ва ташвиққунандаи андешаҳои миллӣ дар дигаргуниҳои ҷомеа маҳз онҳо будаанд. Тарбия намудани ҳувияти мардуми мамлакат дар рӯҳияи миллӣ ва ташаккули шуури миллӣ маҳз ба воситаи чеҳраҳои сарсупурдаи миллатдӯст анҷом меёбад. Ба андешаи мо, баъди ба даст овардани истиқлолияти том дар раванди таҳаввулоти андешаи миллӣ ҷаҳиши назаррас ба амал омад, ки боиси ташаккул ёфтани шакли махсуси идеологияи миллӣ гардид. Барои баланд бардоштани фарҳанги ҷомеа тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ дорои аҳамияти хоса мебошад, ки дар Консепсияи тарбияи миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун таркиби асосии тарбияи миллӣ пешниҳод гардидааст. Натиҷаи ин рукнҳои тарбия таъсир ба дунёи маънавии шахс аст. Ин сифатҳо на танҳо дар инсон фаҳмиши зебоӣ, балки фаъолияти нексириштӣ, ростқавлӣ, ҳалолкору ҳалолхӯрӣ, боадлу боинсоф будан, саховатмандӣ ва амсоли инро ба вуҷуд меоранд. Ҳамаи дигар унсурҳои тарбияи миллӣ дар худ ғояҳои ахлоқию маънавӣ доранд. Ахлоқ унсурест, ки қисматҳои дигари тарбияро бо ҳам мепайвандад ва асоси фаъолияти шаҳрвандро ташкил медиҳад.

Рукни дигар тарбияи миллӣ тарбияи маърифат мебошад, ки он ба тарбияи маънавӣ робитаи зич дорад. Маърифат сифатҳои ахлоқӣ ва маънавии миллатро ташаккул медиҳад. Маънавиёт манбаи муҳими тарбияи миллист. Аз ҷиҳати таркиб ва маънавият мафҳуми «шахси бомаърифат» аз мафҳуми «шахси бофарҳанг» ғанию васеътар мебошад.

Зимни суханрониҳо ва вохӯриҳо бо зиёиёни кишвар Сарвари давлат борҳо таъкид намуданд, ки тарбия кардани интеллигентсияи соҳибҳунар ва соҳибмаърифат талаботи замони нав аст. Зиёиёни соҳибмаърифат бояд дар пешрафти ҳамаи соҳаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоъ саҳмгузор бошанд. Дар тарбияи насли навраси миллат, пеш аз ҳама, нақши ҳамаи устодон, аз ҷумла ҷомеаи муқтадири омӯзгории донишгоҳи мо, хеле муҳим аст. Мо чунин рисолати олии хештанро бо камоли масъулият дарк менамоем ва барои иҷрои сарбаландонаи он пайваста кӯшиш хоҳем кард.

Итминони комил дорем, ки дар раванди тарбияи насли ҷавон баргузории конференсияи имрӯза нақши мунире мегузорад. Аз мавриди муносиб истифода намуда, ба кори конференсияи илмию методии ҷумҳуриявӣ барор таманно карда, изҳори умед менамоям, ки ҳамоиши мазкур барои равнақи тозаи тарбияи насли ҷавон- калиди тилоии фардои ободи Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳифаи тозае боз хоҳад кард.

**Алимов Б.Ҳ.,**
*н.и.т., дотсенти кафедраи*
*муносибатҳои байналхалқии*
*ДДҲБСТ*

# НАСЛИ ҶАВОН НЕРӮИ БУЗУРГИ ДАВЛАТ ВА ҶОМЕА

Насли ҷавон нерӯи бузурги ҳар як давлату ҷомеа ба шумор мераванд, зеро онҳо табақаи мустаҳакам ва пайвандгари наслҳо мебошанд.

Ҳар як давлату ҷомеа вазифаи худро он вақт дуруст ҳал карда метавонад, ки агар одамони обрӯманд, ҷавонони хушақлоқу варзида, бомаърифат ва дорои тафаккури созанда нақши худро дар рушди ҷомеа гузоранд.

Аз дигар тараф бояд зикр намоем, ки рисолати таърихии ҷавонон ва нақши комили онҳо ба омилҳои зерин вобастагӣ дорад:

1. Омодагии технологии ҷавонон;
2. Сатҳи баланди ихтисосмандӣ;
3. Тафаккури нави созандагӣ ва бунёдкорӣ;
4. Ваҳдати миллӣ ва дӯстиву бародарии ҳамаи сокинони гуногунмиллати кишвар;
5. Аз тафаккури ҷавонон берун намудани руҳияи консервативӣ.

Маҳз ҳамин гуна ҷавонон метавонанд, ки бо кашфиёти нави илмию техникӣ, бо асарҳои рангорангу пурмазмуни замонавӣ, бо санъату ҳунари баланди худ миллати асрҳо бо фарҳангу тамаддуни хеш шуҳратёфтаашонро боз ҳам бештар шуҳратманд гардонанд ва дар назари оламиён исбот созанд, ки онҳо ворисони асили Исмоили Сомонӣ, Балъамӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хусрав , Ҳофизу Саъдӣ, Камоли Хуҷандию Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Донишу Садриддин Айнӣ мебошанд.

Дар шароити муосири инкишофи давлати соҳибистиқлоламон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи сиёсати ҷавонон аҳамияти хоса зоҳир менамояд. Ин аст, ки Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон заминаҳои татбиқи амалии сиёсати давлатии ҷавононро фароҳам овардаанд.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми декабри соли 2016 омадааст:

«Татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад.

Аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки

онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса, ояндаи миллат ва давлат мебошанд.

Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд.

Бо дарназардошти саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат пешниҳод менамоям, ки соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Соли ҷавонон эълон карда шавад. Ҷавонони мо дар ҳар ҷое, ки бошанд, бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, бо Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошанд.

Ҷавонони имрӯзаи мо, яъне насли замони истиқлол аз наслҳои пешина бо савияи илму дониш, маърифату ҷаҳонбинӣ, сатҳи тафаккур ва одобу ахлоқ фарқи куллӣ доранд, ки ин ҳама боиси ифтихори мо мебошад».

Дар суханрониҳои сарвари давлатамон қайд карда мешавад, ки аз бар кардани мероси азими илмию фарҳангии гузаштагон ба фаъолияти ҷавонон сабақ мебахшанд, пару боли муқтадир барои парвоз ато мекунанд. Ҳамчунин, ба таври мушаххас мегӯянд: Китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуровро бояд тамоми ҷавонони мо бодиққат хонанд, гузашта ва имрӯзаи халқи худро донанд, то ки ояндаро ба худ дуруст тасаввур намоянд. Онҳо бояд хабар дошта бошанд, ки Садриддини Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров барин фарзандони сарсупурдаи миллатамон барои зинда кардани таърихи фарҳанги халқи худ бо чӣ азобҳо, туҳматҳо ва мушкилоти дигар рӯбарӯ шуда буданд. Вале онҳо аз ҳеҷ чиз натарсиданд, зеро нангу номуси ватандориашон аз манфиатҳои шахсӣ ва маҳаллӣ ҳеле боло буд». Бо ибораи дигар бигӯем, Президенти мамлакат ҳаёт ва осори илмию адабии Садриддини Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуровро ба насли ҷавон ҳамчун дорулфунуни ватандорӣ, ифтихори миллӣ, давлатдорӣ, ҳалқпарварӣ ва башардӯсӣ тавсия мекунанд. Маслиҳат медиҳанд, ки ҷавонон аз ин фарзонаҳои миллати тоҷик ба халқу Ватан хизмат карданро омӯзанд, дар роҳи эҳёи Тоҷикистон суботкор, далер, нотарс, ҷонфидо бошанд.

**Адабиёт:**

*1.Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллатПрезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.*

*2.Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, вахдати миллӣ ва бунёдкорӣ.- Душанбе, 2001*

*3. Сайидзода З., Саидов Ф. Сиёсати давлатии Президент Эмомалӣ Раҳмон ва рушди устувори Тоҷикистон. – Душанбе, 2012*

*4. Абдуллоев С., Сайфуллоев А. Президент Эмомалӣ Раҳмонов: дирӯз, имрӯз ва истиқболи Тоҷикистон. – Хуҷанд, 1997.*

**Алимов Б.Ҳ.,**
*н.и.т., дотсент, мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқии ДДҲБСТ*

**Эгамназаров Ҳ.Ҳ .,**
*н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии ДДҲБСТ*

## МУАММОҲОИ ТАРБИЯИ ПСИХОЛОГӢ ВА ҲУҚУҚИИ НАВРАСОН ВА ҶАВОНОН

Масъалаи тарбияи ҳамаҷонибаи насли наврас дар марҳилаи имрӯзаи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол яке аз проблемаҳои муҳимест, дар амалӣ намудани нақшаҳои бунёдкорӣ ва сифатан беҳтар намудани усулҳои тарбия ва таълими касбии ҷавонони кишвар ва умуман дар рушди соҳаи маориф.

Доир ба ин масъала дар моддаҳои 34 ва 33 -и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоят мекунад» ва «Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд. Падару модар барои тарбияи фарзандон…масъуланд».

Мақсад аз овардани гуфтаҳои боло дар он аст, ки давлат ба тақдири наврасон бетараф набуда, барои рушду камолоти кӯдакону наврасон асосҳои ҳуқуқиро таъмин карда, ҳамзамон дигар муаммоҳои мураккаб ва хеле заруриро дар тарбияи психологию ҳуқуқии наврасон ба уҳда гирифтааст.

Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурӣ аз 24 апрели соли 2011 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки «Ҳукумати мамлакат барои таълиму тарбияи насли

бомаърифату соҳибҳунар ва ба анъанаҳои неки гузаштагон сазовору содиқ, инчунин барои ба меъёрҳои ҷаҳонӣ наздик гардонидани низоми таълим ислоҳоти соҳаи маорифро вусъат дода, онро давра ба давра амалӣ гардонида истодааст» (4, 2-8).

Чунин андешаронии сарвари давлат бори дигар далели он аст, ки муносибати мактаб ба наврасон ва наврасон ба мактаб кайҳо ба масъалаи хеле муҳими давлатӣ табдил ёфта, тақдири ҳар наврас барои калонсолон мояи андеша ва ғамхории ҳамешагӣ буд ва мемонад. Дар замони муосир, вақте ки фазои иттилоотӣ ва тарғиботии Ғарбу Шарқ омехта шуда, барои таъсиррасонӣ ба тафаккури наврасон дар набарданд, барои аҳли омӯзгорону донишмандони соҳаи педагогика, психология ва ҳуқуқшиносӣ андешидани чораҳои хеле муфид ва бетаъхир лозим аст, ки сари вақт пеши роҳи фарзандони «тарбияашон душвор» гирифта шавад.

Таҷрибаҳо собит намуданд, ки ҳамеша масъалаи тарбияи саривақтӣ, азнавтарбиякунӣ ва пешгирикунӣ аз содиркунии кирдорҳои номатлуби наврасон боиси баҳсу мунозираҳои волидайн, мактаб ва олимону муаллимон буд.

Педагогҳои машҳури шӯравӣ А. С. Макаренко ва В. А. Сухомлинский тадқиқоти илмии хеле мукаммал ва асосноки худро ба ин се шакли кор ва ба се тоифа наврасон бахшидаанд. Дар замони муосир низ доир ба ин масъала чораҳои зиёди фарҳангӣ, маърифатӣ ва ҳуқуқӣ ба нақша гирифта шуда, амалӣ гашта истодаанд. «Агар тарбияи хурдсолон хеле барвақт боақлона, дилсӯзона ва якдилона ба роҳ монда шавад, ба азнавтарбиякунӣ ва ранҷу машаққати такрорӣ аз тарафи волидайну мактаб эҳтиёҷ намемонад», - навишта буд В. А. Сухомлинский (5, 14-17).

«Азнавтарбиякунӣ ё ташкили чораҳои пешгирикунӣ аз кирдорҳои номатлуб, ноороміию хавотирии зиёде барои волидайне меоранд, ки аз «душвортарбиягӣ»-и фарзандашон машаққати зиёд кашидаанд»,- навишта буд А. С. Макаренко (3, с.105-107).

Баъзе педагогҳо дар он ақидаанд, ки «душвортарбия» гаштани наврасон аз хислати авлодию ирсӣ манбаъ мегирад ва ҳузур доштани як қабили онҳо тоқатпазир аст. Ба ақидаи мо, ин андеша қобили қабул нест. Гурӯҳи дигари психологу педагогҳо ба мактабҳои махсус ё колоннаҳои ислоҳотӣ фиристодани наврасони «душвортарбия»- ро ба мақсад мувофиқ медонанд, ки ин илоҷи кор ҳам сабақи талхе дошта, аз эҳтимол дур нест, ки дар ин муассисаҳо дар зери таъсири пешсудшудагон монда, онҳо торафт ҷинояткори ашаддитар гарданд.

Тадқиқоти илмии педагогӣ ва психологӣ ошкор намуданд, ки барои пешгирӣ аз ҳуқуқвайронкунии маъмурии наврасон баъзе чораҳои ҳатмиро сари вақт дидан зарур мебошад. Муҳим он аст, ки таҳқиқгарон ба масъалаҳои зерин эътибори ҷиддӣ диҳанд:

- тарзи ҳаёти волидайни наврас чӣ гуна аст?

- чаро наврас ба гирдоби «душвортарбиягӣ» афтод?

- дӯстон, «ҳаммаслакҳо» ва атрофиёни муоширатии наврас киҳоанд?

- бо кадом хислат, «хизмат» ва собиқааш дар ҳайати дастаҷамъии наврасон пешво ва роҳбар аст?

- чаро наврасон ба зудӣ, беибо ба доми олами ҷиноӣ меафтанд? Аз тарсу ваҳм ё барои қонеъ кардани талаботи моддию маънавӣ ?

Барои ба тарбияи мақсаднок фаро гирифтани насли наврас солҳои охир маводи зиёди хислати дастурдиҳӣ ва бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ғанигашта қабул шуда бошанд ҳам, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар байни онҳо мақоми хос дорад.

Маҳз, бо назардошти ин ва дигар андешаҳо, зиёда аз 20 моддаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии соли 2008 масъалаи пешгирӣ аз содиркунии рафторҳои номатлуб ва тарбияи наврасон, масъулияти калонсолон ва дигар ашхоси қонунан ба тақдири кӯдакон мутасаддиро фаро гирифта, аз 1 – уми апрели соли 2009 ба ҳукми амал даромад.

Ин санади меъёрӣ – ҳуқуқӣ ба кирдорҳои наврасон баҳои қонунӣ дода, аз мазмун ва мақсади як қатор моддаҳо ва муқаррароташ равшан эҳсос карда мешавад, ки асоси ҳар як ҷазо ва чораҳои таъсиррасонӣ ба хотири пешгирӣ аз ҷиноятсодиркунии наврасон аст ва дар моддаи 4 – уми Кодекси зикргардида пешгирӣ аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳатмӣ таъкид карда шудааст. Зеро таҷриба ва мушоҳидаҳо исботи онанд, ки дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, нисбати кирдорҳои наврасон камбудиҳои ҷиддӣ ҷой доранд. Мисоли он, ки аз замони шуравӣ то ҳол баъзе кормандони фаврӣ-ҷустуҷӯйӣ ва муфаттишон нисбати наврасон дар он ҳолат парвандаи ҷиноятӣ оғоз мекунанд, ки агар чандин ҷиноятҳои нокушодаро ба гарданашон бор карда, имкон бошаду фоизи ҷинояткушоӣ ба таври сунъӣ баланд бардошта шавад.

Инчунин дар Кодекси мазкур калонсолони ба тақдири наврасон мутасаддӣ хеле аниқ вазифадор карда шудаанд, ки дар назди давлат ва ҷомеа масъулияти ҷиддиро ҳис кунанд. Вагарна аз бепарвоии калонсолон ва муаллимони мактабҳои ибтидоӣ ва таҳсилоти ҳамагонӣ дар кӯчаю растаҳои шаҳру деҳаҳо шумораи гадоён, мардикорҳо, мошиншӯйҳою фоҳишаҳои наврас афзуда, тақдири онҳо беназорат мондан мегирад. Аз ин лиҳоз, муқаррароти моддаи 90 аз тарафи падару модар ё дигар намояндагони қонунии ноболиғон иҷро накардани ӯҳдадории парасторӣ ва тарбияи наврасон, моддаи 91-сӯистифода аз ҳуқуқи васӣ ва парастор, моддаи 93-кирдори ғайриқонунии фарзандхонӣ, васоят ё ба оилаи қабулкунанда додани кӯдак, моддаи 129 - ҷалби ноболиғон ба истеъмоли машрубот ё

моддаҳои мадҳушкунанда, моддаи 464 - ҷалб кардани ноболиғон ба рафторҳои зиддиҷамъиятӣ хеле бамаврид ва аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснок таҳия шудаанд.

Боиси таассуф аст, ки мутобиқ ба ҳисоботи оморӣ дар ҷумҳурӣ соли 2010 нисбат ба солҳои пешин шумораи наврасони мактаббезор, дарсгурез, аз мактабҳо дар канормонда, дар кӯчаҳо ба корҳои номатлуби дар боло зикрёфта машғул, ҳуқуқвайронкунандагони маъмурӣ зиёдтар ба қайд гирифта шудаанд, ё қисме аз онҳо ба содиркунии ҷиноят гумонбар шудаанд, ки ин бояд боиси нигаронии аҳли ҷомеа ва олимон бошаду тадқиқоти саривақтӣ ва навинро тақозо мекунад.

Алҳол омӯзиши тарафҳои хоси омодагии педагогию психологии наврасон собит намуд, ки шароити тарбия ва таълими аксари онҳо дар зинаҳои паст қарор дорад. Аз ин сабаб, назари мо, хеле муфид аст, ки чораҳои зерин саривақт ба нақша гирифта шуда, амалӣ карда шаванд:

1. Ба таври фаврӣ дар шаҳру ноҳияҳо ошкор намудан ва ба қайд гирифтани ҳар як ҳуқуқвайронкунии маъмурии наврасон;

2. Таҳлил намудани сабабҳо, шароитҳо ва усулҳои содир намудани кирдорхои номатлуб аз тарафи наврасон;

3. Ба таври инфиродӣ ба таҳлил фаро гирифтани ҳар як ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии наврасон;

4. Бо иштироки шахсони мутасаддӣ ва масъул сари вақт ба нақша гирифтан ва амалисозии чораҳои пешгирӣ аз содиркунии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ то расидан ба кирдори ҷиноятқорона;

5. Истифодаи фаровон аз таҷрибаи пешқадами волидайн, мактаб ва дигар ташкилотҳои ба тарбияи наврасон мутасаддӣ, тарғиби дастовардҳои онҳо дар васоити ахбори умум ва вохӯрию сӯҳбатҳо.

Мусаллам аст, ки ҷомеаи навини мо бомаром ба оояндаи умедбахш равон аст. Муҳим он аст, ки падидаҳои демократӣ ҳамовози ҷидду ҷаҳди халқи меҳнатдӯсти тоҷик буда, азму ғайрати беканори шаҳрвандон аз кӯшишҳо ва талошҳои сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон қувваю илҳом гирифта, рушди кишвар торафт суръати тоза мегирад. Дар ин раванд, албатта, насли ояянда бояд мақоми худро дошта бошад. Зеро муҳимтар он аст, ки ҳар рӯз ва ҳар лаҳза бидонем, ки насли наврас чӣ гуна чун ҷойгирони сазовори падарону бобоёни худ ба бунёдкорию давлатдорӣ омодагӣ мегиранд.

Мақомоти қонунгузорӣ ҳамқадами ҳаёт буда, аз самараи фаъолияти муфиди намояндагони мардумӣ дар парлумони кишвар, дастурҳои хеле муфид баррасӣ ва қабул гардида, рӯи кор меоянд. Вале насли нав набояд аз омӯхтани мероси бойи аҷдодӣ,тамаддуни ориёӣ, тарбияи ору номус ва хештаншиносию ватанпарастӣ дар канор монад.

Дар иҷрои ин нақшаю ниятҳои нек ҳамагон бояд ҷидду ҷаҳд кунем, ба тарбияи наврасон хеле сахтгирона ва дилсӯзона рафтор намоем.

Муваффақ шавем, ки наврасон ба рафторашон баҳои ҳаққонӣ дода, аз карда пушаймон ва ба ислоҳи тарзи ҳаёти худ омода гарданд. «Агар шахси кирдори номатлуб содирнамуда,-навишта буд Унсуралмаолӣ,- мӯҳтоҷ ба раҳму шавқат бошад, ӯро бубахш. Зеро кирдоре нест, ки набахшоянда бошад ва пушаймонӣ аз рафтору кирдор ҳам самараи тарбиятнокӣ доштан аст» (6. с.94 - 97).

**Адабиёт:**


1. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Нашриёти Ирфон, 2009.*
2. *Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2009.*
3. *Макаренко А.С. О воспитание. М.,1988.*
4. *Сухомлинский В. А. Рождение гражданина. – М., 1971.*
6. *Унсуралмаолии Кайковус. Қобуснома. – Душанбе, 1990. С. 94-97.*



**Аминов Д. Г,**
*к.э.н., старший преподаватель*
*кафедры мировой экономики*
*ТГУПБП*


## ВОПРОСЫ ФОРМИРОВАНИЯ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ СТУДЕНЧЕСКОЙ МОЛОДЁЖИ В ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Важнейшим показателем благополучия общества и государства, отражающий не только настоящую ситуацию, но и дающий точный прогноз на будущее является состояние здоровья молодежи.

Сегодня особое внимание со стороны правительства Таджикистана уделяется проблемам формирования здорового образа жизни молодежи. Это подтверждается тем, что 2017 год объявлен нашим Президентом годом молодежи, целью проведения которого является развитие духовно-физического, творческого, научного и профессионального потенциала молодежи, ее активного привлечения к социально-экономическим преобразованиям в стране, воспитание чувства патриотизма и гражданской ответственности у молодых людей.

Следует также отметить, что успешное решение таких задач как укрепление позиций Таджикистана во внешнеполитической сфере и международном разделении труда, культуре и технологиях, мировой науке, гарантий защиты прав и интересов человека, создании условий

для развития и реализации личности, повышении качества и уровня жизни населения, становится невозможным без эффективного участия молодежи.

Состояние здоровья студентов, как и населения в целом - не только важный индикатор общественного развития, отражение социально-экономического и гигиенического благополучия страны, но мощный экономический, трудовой, оборонный и культурный потенциал общества, фактор и компонент благосостояния.

Поступив в ВУЗ, молодые люди оказываются в новых условиях, адаптация к которым представляет собой сложный многоуровневый социально-психологический процесс. Учитывая, что интенсивные умственные нагрузки в наибольшей степени приходятся на период студенчества, возрастает роль тщательного контроля за состоянием здоровья студенческой молодежи.

Здоровый образ жизни (ЗОЖ) - совокупность форм и способов повседневной культурной жизнедеятельности личности, основанная на культурных нормах, ценностях, смыслах деятельности и укрепляющая адаптивные возможности организма. ЗОЖ обеспечивает гармоническое развитие, сохранение и укрепление здоровья, высокую работоспособность, а так же позволяет раскрывать наиболее ценные качества личности, необходимые в условиях динамического развития нашего общества. Здоровый образ жизни состоит из следующих основных элементов:

1) плодотворный труд, рациональный режим труда и отдыха, отказ от вредных привычек, личная гигиена, закаливание;

2) плодотворная трудовая деятельность – на здоровье человека оказывают влияние социальные и биологические факторы, главный из них труд;

3) умеренный режим отдыха и труда - при строгом и правильном соблюдении режима вырабатывается необходимый и четкий ритм работы организма, благодаря чему создаются благоприятные условия для отдыха и работы, и тем самым укрепляет здоровье;

4) отказ от вредных привычек – вредные привычки являются причиной многих заболеваний, резко сокращают продолжительность жизни, плохо отражаются на репродуктивном здоровье подрастающего поколения.

В республике прямых препятствий к ведению ЗОЖ для молодежи нет, но существуют обстоятельства в разной степени, мешающие этому процессу. Это, прежде всего следующие обстоятельства: нарушение понятие ведения здорового образа жизни у молодежи; отсутствие пропаганды ЗОЖ с детства, школьной скамьи, в вузе.

В настоящее время работа по ориентации студенческой молодежи в высших учебных заведениях Таджикистана на здоровый образ жизни может осуществляться по четырем основным направлениям:

нормативно-правовое направление. Речь идет о выполнении требований законодательства, ведомственных приказов и нормативных актов, направленных на защиту, охрану и поддержание здоровья обучающихся. Необходимо выполнять требования, связанные с режимом учебной нагрузки, организацией здоровье сберегающих условий обучения (удобной мебели, освещения, тепла, санитарного состояния аудиторий), организацией питания,

условий проживания студентов и пр.;

- организационно-педагогическое направление. Связано с координацией усилий по обеспечению просвещения и воспитания студентов в области здоровьесбережения. Связано с координацией усилий по обеспечению просвещения и воспитания студентов в области здоровьесбережения. Многие темы по разным учебным дисциплинам содержат возможности информирования и формирования здоровьесберегающих умений;

- научно-методическое направление. В валеологической литературе разносторонне разработаны образовательные программы, реализация которых позволяет изменять отношение обучающихся к своему здоровью. Информирование о психологии здоровья и здорового образа жизни, факторах, увеличивающих продолжительность активной жизни, об оздоровительных физкультурно-спортивных системах, дается понятие стрессоустойчивости, стрессовых факторов, определяются пути оптимизации двигательной активности и физической нагрузки человека в повседневной деятельности и т.п.. Все эти и множество других валеологических вопросов требуют своего освещения в процессе профессионального образования с учетом его специфики и особенностей будущей профессиональной деятельности студента;

- физкультурно-спортивное направление. Физическая культура и спорт располагают неограниченными воспитательными возможностями по ориентации студентов на здоровый образ жизни. В физкультурно-спортивной деятельности, характеризующейся высокой эмоциональностью, духом состязательности, жесткой регламентацией поведения занимающихся, насыщенностью межличностных контактов, установками на взаимопомощь и партнерство, разнообразием положительных мотивов и т.д., заключен мощный социально-психологический потенциал.

Следует также обратить внимание на то, что многие вузы нашей страны не имеют прочной спортивной базы, отвечающей современным требованиям. В основном, это один спортивный зал,

предназначенный для проведения уроков физкультуры. Необходимо, чтобы вузы Таджикистана имели как минимум четыре спортзала (игровой, гимнастический, зал единоборств, зал тяжелой атлетики), а также бассейн, что позволило бы привлечь студентов к занятиям в спортивных секциях после учебы.

В заключении можно сказать, что проблема укрепления здоровья человека комплексная, она касается как общества в целом, так и отдельной семьи. Она не может быть решена только системой образования или здравоохранения, но каждая структура должна вносить свой посильный вклад.

Высшие учебные заведения страны в процессе обучения и воспитания молодёжи должны использовать здоровьесберегающие технологии, создавать оптимальные социально-гигиенические условия, осуществлять рациональное физическое воспитание, формировать потребность в здоровом образе жизни, прививать необходимые гигиенические навыки. В программу кураторских часов следует включать вопросы сохранения здоровья; духовно-нравственного, эстетического и физического воспитания; красоты внутреннего и внешнего облика человека и т.д. Необходимо также проведение семинаров, круглых столов и конференций на тему формирования здорового образа жизни среди преподавателей и студентов вузов страны.

**Список использованной литературы:**


*1. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в Маджлиси Оли от 22 декабря 2016 года.*

*2. Национальная концепция молодежной политики в Республике Таджикистан. Душанбе, 2006. - 11 с.*

*3. Назарова Е.Н., Жилов Ю.Д. Основы здорового образа жизни - М.: Академия, 2013. - 257 с.*

*4. Физическая культура и здоровый образ жизни студента. / Под ред. Виленского М.Я. - М.: Кнорус, 2013. – 423 с.*

*5. Физическая культура. Основы здорового образа жизни. / Под ред. Ю.П. Кобякова. - Ростов: Феникс, 2014. 321 с.*

**Абдулазизов Р. А.,**
*сармуаллими кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДДҲБСТ*

# ҶАВОНОН НЕРӮИ БУЗУРГИ БУНЁДКОРУ ОЯНДАСОЗИ КИШВАР

Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки «Татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса,ояндаи миллат ва давлат мебошанд. Ҳукумати Тоҷикистон ташаббусу пешниҳодҳои созандаи ҷавононро ҳамеша дастгирӣ намуда, барои амалӣ гардидани онҳо имконият фароҳам меорад. Бо дар назар дошти саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат пешниҳод менамоям, ки соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Соли ҷавонон эълон карда шавад» (ниг.: 1).

Ҷавонон қувваи бузург ҳастанд ва ҳар миллат дар ҳар давру замон аз ҷавонони худ умедиояндаи нек мекунад. Умуман, ҷавонон дар маркази ҳама гуна тағйироту табаддулотҳои ҷидди ва ҳам нек дар кишварашон буданд. Масалан, ҷавонон ба мисли Сӯҳробу Сиёвуш дар таърихи мо дар дифои манфиатҳои миллат ҳамеша омода буданд ва мубориза мебурданд, Бинобар ин, таърихи инсоният гувоҳи он аст, ки ҷавонон нерӯи созандаи бузург ҳастанд.

Ягона роҳе, ки ҷавонон миллатро пеш мебарад доштани дониши хуб аст ва барои сайқал додани он бояд аз ниёгони худ бохабар бошанд. Ниёгони мо аз азал тараннумгари ахлоқи нек буданд. Асарҳои бисёр ибратбахши худро ба мо насли ҷавон ёдгор мондаанд. Аз он ҷумла, «Қобуснома» - и Кайковус, «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдӣ, ва даҳҳо шоҳкориҳои ахлоқӣ дастури ибратбахши аҳли башар мебошанд.

Коста гардидани ахлоқи қисме аз наврасону ҷавонон, ҷалб гардидани онҳо ба ҳаргуна ҳаракату равияҳои бегона ва ба ҷинояткорӣ даст задани иддае аз онҳо беаҳмиятӣ ва бемасъулиятии падару модарон мебошад. Гарчанд ки Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» амал мекунад, то ҳол ба чашм мерасад, ки баъзе падару модаре ҳастанд, ки дар таълиму тарбияи фарзандони худ беаҳмиятӣ зоҳир менамоянд. Дар ин замина мутафаккири бузурги тоҷик Муҳаммад Ғаззолӣ чунин

гуфтааст. «Фарзанд амонат аст дар дасти падару модар ва дили фарзанд нафис асту нақшпазир, ҳар нақше, ки ба ӯ гузорӣ чун мушк ба худ бигирад ва чун замин пок аст ба саодати дину дунё расад ва падару модар ва муаллим дар он савоб шарик бошад. Агар тухми бадӣ афканӣ ва ӯро ба ҳолаш гузорӣ, то ҳарчи хоҳад, кунад ва ба ҳарчи хоҳад нишинад, ҳаргиз аз вай умеди некӣ макун».

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки ҳар як падару модар барои тарбияи фарзандонашон бояд аз оила сар карда, аз беҳтарин анъанаҳои ахлоқии гузаштагонамон истифода баранд. Фарзанд дар оила боядончунон ба камол расад, ки боиси на танҳо таҳсину офарин, балки номбардори падару модар ва ватану миллат гардад. Барои ҳамин имрӯзҳо аз ҷониби давлат ғамхориҳои зиёд ба чашм мерасад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст.

Сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои зерин ба амал баровварда мешавад:

-риояи ҳуқуқи ҷавонон ва таъмини он;

-мусоидат ба фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкории ҷавонон, ташаккули фондҳои мададгори соҳибкории ҷавонон;

-дастгирии давлатии оилаҳои ҷавон;

-дастгирии давлатии ҷавонони соҳибистеъдод;

-кӯмаки моддию молиявӣ ба ҷавонон ва хизматрасонии иҷтимоии онҳо;

-мусоидат ба ҳалли масъалаи манзил ва беҳтар кардани шароити зиндагии ҷавонон;

- тарбияи ҷавонон, аз ҷумла,тарбия дар руҳияи худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, таъмини иштироки онҳо дар рушди фарҳанги миллӣ ва забони давлатӣ;

-кафолати таҳсили ройгони ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ ва махсуси давлатӣ;

-кафолати таъминоти шахсони ятиму бепарастор, бо ҷои кор таъмин кардани онҳо;

-дастгирии давлатии таҳсили ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти касбӣ;

-мусоидат ба шуғли мутахассисони ҷавон;

-таъмини кафолати ҳуқуқи ҷавонон ба меҳнат, интихоби касбу кор ва ҳимояи иҷтимоӣ;

-мусоидат ба ҳамкории байналмилалии ҷавонон;

-дастгирии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон;

-таъмини иштироки ҷавонон дар ҳалли масъалаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ;

-ташкили истироҳати ҷавонон;

- пешгирии ҳодисаҳои номатлуби иҷтимоӣ, нашъамандӣ, майзадагӣ, экстремизм ва терроризм дар байни ҷавонон;

- ба ҳаёти ҷомеа фаъолона чалб кардани ҷавононе, ки дар ҳолатҳои душвори зиндагӣ қарор доранд (ниг.: 2).

Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Точикистон то соли 2020 аз 04.11.2011 № 480 қабул гардидааст, ки барои муайян намудани мақсад, афзалият ва тадбирҳое нигаронида шудааст, ки татбиқи онҳо ба ҳалли вазифаҳои мубрами рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир мусоидат менамояд. Интихоби самтҳои стратегии сиёсати давлатии ҷавонон метавонад танҳо ба натиҷаҳои таҳлил ва дурнамои равандҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати рушди ҳаёти иҷтимоию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси таҳлили ҳисобот ва ҳуҷҷатҳои расмӣ ошкор гардидаанд, асос ёбад. Ғайр аз ин, Стратегия бояд дигаргуниҳоеро, ки дар соҳаи фаъолияти ҳаётан муҳими ҷамъият ва давлат рӯй медиҳад, ба инобат гирад ва пешбинӣ намояд.

Тавре маълум аст, яке аз омилҳои асосии рушди ҳар кишварро дар қатори дигар арзишҳо захираҳои инсонӣ, аз ҷумла чавонон ташкил медиҳад. Ин имкон медиҳад, ки сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун яке аз самтҳои муҳими рушди чомеа мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Дар кишваре, ки вазъи демографӣ мунтазам афзоиш меёбад ва беш аз 30 фоизи аҳолиро насли ҷавон ташкил медиҳад, муайян намудани сиёсати давлатии ҷавонон аз нуқтаи назари сиёсӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти калон дорад.

**Таблитсаи 1 Шумораи аҳолӣ ва ҷавонон дар давлатҳои хориҷа (%)**

| | Давлатҳо | то сини 14-сола | аз сини 15- то 29 сола | аз сини 30 то 64 сола | аз синни 65 боло |
|---|---|---|---|---|---|
| | Англия | 17,3 | 19,8 | 45,6 | 17,3 |
| | Олмон | 13,9 | 15,2 | 51,1 | 19,8 |
| | Италия | 13,8 | 14,0 | 51,4 | 20,8 |
| | Испания | 14,4 | 16,3 | 51,6 | 17,7 |
| | Португалия | 16,2 | 18,5 | 47,3 | 18,0 |
| | Франсия | 18,7 | 15,9 | 47,5 | 17,9 |
| | Тоҷикистон | 34,4 | 29,9 | 32,5 | 3,2 |

**Сарчашма:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **http://ruxpert.ru**

Маълумоти дар боло овардашуда нишон медиҳанд, ки дар аксар давлатҳои хориҷа шумораи ҷавонон хеле кам мебошад, ки ин камшавии аҳолиро нишон медиҳад ва инчунин қувваи бузурги

ояндасози миллат рӯ ба нобудшавӣ аст. Шумораи ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 29,9 % мерасад, ки ин нишондиҳанда нисбати давлатҳои хориҷа хеле боло аст. Шумораи ҷавонон дар Англия бошад 19,8 % ро ташкил медиҳад, ки нисбати дигар давлатҳои Аврупо ин нишондиҳанда болотар мебошад. Нишондиҳандаҳои Италия ва Олмон нисбати дигар давлатҳо хеле паст мебошад, шумораи зиёди аҳолиро калонсолон ташкил медиҳанд.

**Таблитсаи 2 Шумораи аҳолии доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 (ҳазор нафар)**

| Синни сол | Ҷинс | Минтақаҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ВМКБ | Суғд | Хатлон | НТМ | Душанбе | Ҳамагӣ дар ҶТ |
| То сини 14-сола | мард | 31,2 | 429,1 | 581,9 | 359,8 | 118,8 | 1520,7 |
| | зан | 28,8 | 402,5 | 542,1 | 335,8 | 109,0 | 1418,1 |
| | ҳарду ҷинс | 60,0 | 831,6 | 1123,9 | 695,5 | 227,8 | 2938,8 |
| Аз синни 15 то 29 сола | мард | 31,6 | 351,2 | 459,1 | 299,3 | 155,2 | 1297,0 |
| | зан | 29,3 | 349,2 | 467,7 | 294,8 | 121,2 | 1262,4 |
| | ҳарду ҷинс | 60,9 | 700,4 | 926,8 | 594,6 | 276,3 | 2559,4 |
| Аз синни 30 то 64 сола | мард | 43,1 | 441,5 | 449,4 | 312,3 | 133,7 | 1380,2 |
| | зан | 41,6 | 448,6 | 459,0 | 310,6 | 141,1 | 1400,8 |
| | ҳарду ҷинс | 84,7 | 890,1 | 908,4 | 622,9 | 274,9 | 2781,0 |
| Аз сини 65 боло | мард | 5,5 | 40,9 | 43,7 | 30,1 | 11,1 | 131,3 |
| | зан | 6,3 | 48,0 | 44,9 | 28,9 | 12,6 | 140,7 |
| | ҳарду ҷинс | 11,8 | 88,9 | 88,6 | 59,1 | 23,7 | 272,0 |
| Ҳамагӣ | мард | 111,4 | 1262,7 | 1534,1 | 1002,2 | 418,8 | 4329,2 |
| | зан | 106,0 | 1248,3 | 1513,7 | 970,1 | 383,9 | 4222,0 |
| | ҳарду ҷинс | 217,4 | 2511,0 | 3047,8 | 1972,3 | 802,7 | 8551,2 |

**Сарчашма:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Боиси хурсандӣ аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи маълумотҳои оморӣ 29,9 % аҳолии мамлакатро ҷавонони аз сини 15 то 29 сола ташкил медиҳанд, ки аз он 50,7 %- и ҷавононро мардҳо ва 49,3 % - и боқимондаро занҳо ташкил медиҳанд ва сол аз сол шумораи ҷавонон зиёд мегардад.

***Адабиёт:***

1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2016.ш. Душанбе.*
2. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати ҷавонон» аз 28.06.2011с., №716.*
3. *Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. аз 04.11.2011 № 480.*
4. *Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 25-соли истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе, 2016.*

**Абдуллоев М.М.,**
*сармуаллими кафедраи*
*андоз ва андозбандии ДДҲБСТ*

## НАҚШИ ДОНИШҲОИ ИҚТИСОДӢ ДАР ЗИНДАГИИ ҶАВОНОН

Оё доштани дониши иқтисодӣ дар шароити имрӯза тақозои замон аст ва он дар қатори бонуфузтарин илмҳои замон ҷой дорад? Доир ба ин мавзуъ солҳои охир нуқтаи назари мардум гуногун шудааст. Аз як тараф, ихтисосҳои иқтисодӣ барои ҷавонон ҳамчун дилписандтарин ихтисосҳо баромад мекунад, ки баъди хатми мактаб аризаҳои худро барои дохилшавӣ ба муассисаҳои олии иқтисодӣ месупоранд. Дорандагони дипломҳои ихтисосҳои молия, кори бонкӣ, муҳосибот ва андоз аз он ифтихор мекунанд. Аз тарафи дигар, сол то сол шумораи иқтисодчиёни маълумоти олидошта зиёд мешавад, аммо ҷойи корӣ бошад, барои онҳо муҳайё нест. Саволе ба миён меояд, ки дар асл ҳолат чӣ тавр бошад?

Саводи иқтисодии муосир якчанд моҳиятҳои худро дорад. Дар ҷодаи аввал коркарди барномаи ихтисосҳои маҳдуд бартарӣ доранд, ки аз рӯи он тайёркунии иқтисодчиён ба роҳ монда мешавад.

Ҳангоми таҳлили қонунҳои фаъолияти бизнес ва пешгӯии пешравии он илми иқтисодии муосир ба усулҳои риёзӣ ва оморӣ асос мегирад, ки дар ин замина аз донишҷӯён омодагии махсусро талаб мекунад. Ҳамчун барои иқтисодчиёни муосир барои дарёфти ҷои кори муносиб донистани забони хориҷӣ низ такони калон мебахшад.

Иқтисодиёт – ин шакли махсуси соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ бо қонунҳои худ, муаммоҳо ва мухолифатҳояш мебошад. Дар ин соҳа иқтидори иқтисодии ҷамъият, неъматҳои гуногун барои қонеъ гардонидани талаботҳои физиологӣ ва руҳии одамон ташкил карда мешавад.

Вазъияти иқтисодиёт аксаран аз рафтори иқтисодии субъектҳои бозор (давлат, бизнес, хоҷагиҳои хонагӣ ва ғ.) ва саводнокии иқтисодии он вобастагӣ дорад.

Саводнокии иқтисодӣ – омода намудани мутахасисон оид ба банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, молия ва дигар равияҳои фаъолияти иқтисодӣ дар хоҷагии халқ, фаъолияти илмӣ ва педагогӣ мебошад.

Саводи иқтисодӣ дар натиҷаи омӯзиш пайдо мешавад ва омӯзиш намуди таълим мебошад, ки дар он миқдор ва сифати унсурҳои дониш, ва маҳорати толибилм ба сатҳи зарурӣ оварда мешавад, ки он мақсади омӯзиш аст.

Моҳияти омӯзиши иқтисодиро бо таҳқиқоти соддаю муҳим маънидод кардан мумкин аст: рафтори субъектони иқтисодӣ – ин рафтори бадастоварда мебошад. Яъне афзалияту хислатҳо, арзишҳо, эътиқодҳо ва табъ, ки ба рафтори иқтисодӣ таъсир мекунад, натиҷаи омӯзиш мебошад.

Барои ҳамин омӯзиши иқтисодиёт шарти асосиест барои дониши иқтисодӣ.

Хуллас, саводнокии иқтисодӣ – низоми муҷмали муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳо мебошад, ки ҳангоми тадқиқоти он бояд унсурҳо ва алоқамандии онро ҷудо намоем, роҳҳои иҷроиширо ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ аз худ намуда, самаронктарини онро истифода барем.

Моҳияти донишҳои иқтисодӣ алалхусус дар таъсири он ба тараққиёти иқтисодиёти кишвар аст, баланд бардоштани истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва ҳамаи субъектҳои бозор мебошад.

Маълумоти иқтисодӣ доир ба омода намудани шахсият ба зиндагонии мустақил бо талаботи ҷамъиятӣ нақши муҳимро мебозад. Ҷамъият дар ҳаёти иқтисодӣ ҳаррӯза иштирок мекунад, дар гирдгардиши муҳити иқтисодӣ мебошад ва мафҳумҳое, ки иқтисодчиён кор мефармоянд, истифода мебарад (масъалан пул, нарх, музди кор, даромадҳо, хароҷот ва ғ.). Аз ин сабаб барои ҷамъият азхудкунии дониши иқтисодӣ омили зарурӣ аст.

Донишҳои иқтисодӣ ин як намуди маҷмуи иттилоотро дар бар мегирад, ки барои вуҷуд доштани ҳар як шахс ҷамъияти муосир ба он имрӯз мӯҳтоҷ аст: доир ба иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ, макро ва микроиқтисодиёт, оид ба ширкатҳо ва давлат, маркетинг ва менеҷмент, бозори меҳнат, сармоя ва пул, андоз, ҳисобу китоб, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ғ.

Шахсе, ки саводи иқтисодӣ надорад дар зиндагӣ ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мегардад. Ӯ масъалаҳои иқтисодиро самаранок ҳал нанамуда, аксаран бешуурона рафтор мекунад, буҷети оилавӣ ва даромадҳоро номуносиб тақсим мекунад. Мусаллам мегардад, ки нафари аз иқтисодиёт бехабар дар зиндагӣ ба роҳи муҷмалу душвор дучор

мешавад, барои ҳалли масъалаҳое, ки қарор қабул мекунад, натиҷааш самара намедиҳад. Ҳаёту мамот берун аз иқтисодиёт дар шароити муосир ғайриимкон аст ва чӣ қадаре, ки тезтар шахс инро дарк мекунад, ҳамон қадар ба ҳамаи соҳаҳои фаъолияти зиндагонӣ муваффақ мешавад.

Агар қисми асосии аҳолӣ камсавод бошанд, ҷамъият ҳам азоб мекашад, зеро иқтисодиёти пинҳонӣ ва маоши ғайрирасмӣ зиёд мешавад, бесарусомонии иқтисодӣ меафзояд, чораҳои давлат ба бизнес ва иқтисодиёт ғайриқатъӣ менамоянд, дар навбати худ аҳолӣ барои ҳалли муаммои иқтисодӣ қарори нодуруст қабул мекунад.

Ҳамаи ин далолат медиҳад, ки сарватмандии ҷамъият ба сатҳи дониши иқтисодӣ ва зарурияти маълумотнокии иқтисодии аҳолӣ вобастагии зич дорад.

Барои ҳамин, одам бояд тафакурри иқтисодӣ дошта бошад, зеро дар ин замина ташаккули тафаккури иқтисодии ҳар як шахс имконият медиҳад, ки тамоми аҳолии ҷаҳон соҳиби дониши иқтисодӣ шавад.

Маълумоти иқтисодии шахс аз курсии мактабӣ асос мегирад, аммо ба он диққати махсус дода намешавад. Ба фикри мо, донишҳои иқтисодӣ дар мактаб аз зинаи синфҳои миёна оғоз ёфтанаш лозим аст. Дар синфҳои поёнӣ мумкин аст, ки маълумотҳои одии иқтисодиро бо риёзиёт ҳамоҳанг намоем, ва он имконяит медиҳад, ки дар ин синну сол маблағҳои пулии аз тарафи волидайн (барои эҳтиёҷоти худӣ) додашаванда дуруст харҷ карда шавад. Ҳамаи ин дар оянда асос мешавад, барои дониши иқтисодӣ дар зиндагӣ.

Вобаста ба ин, мо фикр мекунем, ки ба барномаи мактаби ҳамчун фаннӣ ҳатмӣ асосҳои иқтисодиёт ва асосҳои иқтисодиёти оила ҷорӣ карда шавад. Хатмкунандагони мактабҳои миёна бояд, шаҳрвандоне шаванд, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол бошанд, соҳиби донишҳои иқтисодии элементарӣ шаванд ва ба рафтори иқтисодии худ дилпурӣ дошта бошанд.

**Адабиёт:**


*1. Боровитина Н. М. Значение экономического образования школьников для формирования экономической культуры общества [Текст] / Н. М. Боровитина // Молодой ученый. — 2011. — №10. Т.1. - с. 119-121.*

*2. Райзберг Б. А., Лозовский Л. Ш., Стародубцева Е. Б. Современный экономический словарь. — М.: ИНФРА-М, 2007. — 495 с.*

*3. Словарь финансовых терминов. [Электронный ресурс] / Режим доступа: www.dic.academic.ru.*

*4. Ушакова М.В. Российский рынок образовательных услуг и его специфика // Социально-гуманитарные знания. – 2012. - № 5 – с. 58.*

**Алимуҳамедов М. Р.,**
*ассистенти кафедраи системаҳои иттилоотии автоматикунонидашудаи ДДҲБСТ*

# ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН

Кишвари азизи мо аз ҷиҳати синну соли аҳолӣ давлати ҷавон ба шумор рафта, ҷавонон захираи муҳими давлат ва ояндасози миллат мебошанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ соли 2017-ро «Соли ҷавонон» эълон намуданд. Ин ташаббус қобили дастгирӣ мебошад, зеро ки аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд ва аз ин пешниҳоди Президенти кишвар руҳбаланд гашта, бахри ободониву бунёдкорӣ саҳми хешро мегузоранд. Аз тарафи Президенти кишварамон ба масъалаи ташаккул ва инкишофи ҳамаҷиҳатаи ҷавонон ҳамеша таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад, ба сатҳи саломатӣ, донишу маърифат, забондонӣ ва касбомӯзии онҳо диққати махсус дода мешавад. Қобили зикр аст, ки то замони Истиқлолият дар Тоҷикистон 13 муассисаи таҳсилоти олӣ бо 70 ҳазор нафар донишҷӯён фаъолият мекард. Ҳоло бошад, миқдори ин муассисаҳо ба 39 ва шумораи донишҷӯён ба 170 ҳазор нафар расидааст. Илова бар ин, зиёда аз 30 ҳазор нафар ҷавонони лаёқатманди мо аз ҳисоби давлат дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ таҳсил мекунанд.

Президенти кишварамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ борҳо таъкид кардаанд, ки ҷавонон ояндаи дурахшони миллати тоҷик буда, танҳо онҳо метавонанд Тоҷикистон – кишвари маҳбуби моро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва соҳибистиқлол ба тамоми арсаи ҷаҳон муаррифӣ намоянд, аз ҷумла гуфтаанд:

«Воқеан, имрӯз ҷавонони мо ҳамчун нерӯи бузурги бунёдгару созандаи мамлакат эътироф шудаанд. Аз ин рӯ, мо ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҳаёти наврасону ҷавононро самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон кардаем. Зеро имрӯз Тоҷикистон аз назари демографӣ дар ҳоли рушди доимӣ қарор дорад ва аз нисф зиёди аҳолӣ, яъне қувваи асосии пешбарандаи онро ҷавонон ташкил медиҳанд».

Дар замони муосир сиёсати давлат дар ин марҳилаи пурпечутоб ба он равона карда мешавад, ки тавассути фаъолияти самараноки тамоми сохтору мақомоти давлатӣ барои ҳар як шаҳрванди кишвар, аз ҷумла ҷавонон шароити арзандаи зиндагӣ таъмин карда шавад.

Аз ин лиҳоз, мо вазифадорем, ки ба хотири тарбияи насли наврас ва ҷавонони имрӯза дар руҳияи ватандӯстиву сулҳхоҳӣ ва ободкориву созандагӣ, инчунин барои наслҳоиояндаи халқамон ба мерос гузоштани дастовардҳои муқаддасу нодир, фарҳанги сулҳро ҳамчун ҷузъи доимии фарҳанги зиндагии мардум густариш бахшем. Ҳадафи фаъолияти тамоми сохтору мақомоти давлатӣ ва ҳар кадоми моро доир ба ҳалли масоили ҷавонон ва ғамхорӣ баҳри саломатии онҳо дар бар мегирад.

Дар ин раванд мо бояд дар зеҳну шуури насли наврас ва ҷавонони мамлакат ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, ахлоқи хамида, эҳтироми падару модар ва калонсолон, сабру таҳаммул, омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосир, меҳнатдӯстӣ ва бурдани тарзи ҳаёти солимро тарбия намоем, то онҳо дар оянда ҳамчун фарзанди шоистаи миллати тоҷик кору пайкори насли имрӯзаро идома бахшида, Ватани азизамонро ободу зебо гардонанд.

Саломатии ҷомеа, аз ҷумла саломатии ҷавонон - неъмати аз ҳама бузургтаринест, ки онро бояд қадр кард. Масъалаи ҳифзи саломатӣ дар асри XXI яке аз масъалаи муҳим ба шумор меравад. Барои саломат будан бояд донист ва ба насли наврас омӯзонд, ки дар асоси кадом принсипҳо саломатии пурарзишро сохтан лозим аст. Интихоби тарзи ҳаёти солим на танҳо муҳофизат аз бемориҳо, инчунин роҳи боварибахши табобат аст.

Тарзи ҳаёти солим байни ҷавонон - тарзи зиндагист, ки сиҳатии ҷисмонӣ, руҳӣ ва иҷтимоии онҳоро таъмин менамояд. Маълум шудааст, ки дараҷаи солимии инсон ба омилҳои ҷисмонӣ, ирсӣ, экологӣ ва фаъолияти соҳаи ҳифзи саломатӣ ва нигоҳдории тандурустӣ вобаста аст. Аммо мувофиқи нишондиҳандаи ТБҲТ(ВОЗ) танҳо 10%-и саломатии инсон ба фаъолияти системаи нигоҳдории тандурустӣ вобаста асту халос:

- 20%-ба омилҳои экологӣ,
- 20% ба омилҳои генетикӣ,
- 50% ба ТҲС ва ба шароити зист рост меояд.

Ҳамин тариқ, нигоҳдорӣ ва инкишофёбии тандурустӣ байни ҷавонон, пеш аз ҳама ба худи онҳо вобастагии калон дорад. Лекин дар бисёр ҳолатҳо ҷавонон вазъи саломатии худро ба тиб ҳавола мекунанд. Нисбати саломатии худ бетарафӣ зоҳир мекунанд. Хуллас, онҳо намекӯшанд, ки саломатии худро муҳофизат намоянд. Бештари ҷавонон имрӯзҳо на барои пешгирӣ, балки барои табобати он мекӯшанд. Ягон тиб шахсро табобат намекунад ва бемориро пешгирӣ карда наметавонад, агар шахс худаш ба ин кор иштироки фаъолона надошта бошад

Саломатӣ ҳам ба монанди ҳаёт бойигарии шахсист. Вайро чӣ гуна ҷо ба ҷо гузорад, ин ба дониш, маҳорат ва ба хоҳиши худи инсон вобаста аст. Ташаккули тарзи ҳаёти солим - байни ҷавонон аз он ҷиҳат лозим аст, ки онҳо дар бораи сиҳҳатии хеш, пайдоиши бемориҳо маълумот гиранд ва ба ин восила онҳо битавонанд дар урфу одати хеш ва тарзи ҳаёти хеш тағйирот ворид созанд. Маърифати омӯзишӣ дар бораи масъалаҳои саломатӣ байни ҷавонон дар тафовут аз огоҳсозии одӣ, ки мумкин аст як маротиба ва тасодуфӣ бошад, бояд хусусияти доимӣ ва мунтазам бигирад.

Ташаккули тарзи ҳаёти солим бояд ба ҷавонон дар гузаронидану бурдани ҳаёти солим ҷалб кунад, вай ба хотири амру фармоиш набошад, ки онҳо бояд чӣ кор кунанд. Дар пайдоиши аксарияти бемориҳо ва ҳолатҳои бемор худи ҷавонон бо сабабҳои паст будани маърифати санитарӣ, надоштани тарзи ҳаёти солим ва муносибати хунукнопазирона ба сиҳатии хеш гунаҳкоранд. Муносибатҳои ҷавонон ба саломатии хеш характери нисбатан қавиро талаб мекунад.

Аз ин лиҳоз, асоси ҳаёти солим аз овони кӯдакӣ сар мешавад ва бо мурури замон такмил меёбад. Бойгарии бебаҳои ҷамъият - одам дар оила ба вуҷуд меояд, бинобар ин масъалаи тарбияи солимии ҷавонон ба ҳамаҷониба солим будани оила вобаста аст. Оилаи солим фарзанди солимро ба камол мерасонад. Тарбияи фарзанд вазифаи муҳими падару модар аст. Одобу ахлоқи нек, инсонпарварӣ, меҳнатдӯстӣ, хоксорӣ, ватандӯстӣ хислатҳои беҳтарини инсонианд ва асоси онро бурдани тарзи ҳаёти солим ташкил медиҳанд.

Аз рӯи тасаввуроти муосир ба мафҳуми «Тарзи ҳаёти солим дар байни ҷавонон» ҷузъҳои зерин дохил мешаванд:

- Ташкили оқилонаи фаъолияти меҳнатӣ (таҳсилӣ);
- Реҷаи дурустии меҳнату истироҳат;
- Реҷаи мусоиди ҳаракат ва хоб;
- Меъёри истеъмоли хӯрок;
- Риояи меъёри танзими оқилонаи оила;
- Пешгирии аутоагрессивият;
- Назорати саломатии худ.

Ҳамин тариқ, тарзи ҳаёти солим дар байни ҷавонон бояд дар давоми тамоми ҳаёт мақсадноку мунтазам ташаккул ёбад. Он на бояд аз шароит ва вазъиятҳои ҳаётӣ вобаста бошад. Солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳуриии Тоҷикистон ба масъалаҳои ҳифзи саломатӣ ва тарзи ҳаёти солим байни ҷавонону наврасон диққати ҷиддӣ дода, барои амалӣ гаштани ин масъалаҳо Барномаи «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020»-ро таҳия намудааст, ки он танҳо барои дар сатҳи баланд ва дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ тарбия намудани насли наврас ва ҷавонони сарбаланду пурифтихори тоҷик мусоидат менамояд.

**Адабиёт:**

1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, 22 декабри соли 2016. – Душанбе: Шарқи озод, 2016.*
2. *Ашмарин Б.А. Теория и методика педагогических исследований в физическом воспитании. – М.: ФКиС. – 222с.*
3. *Коменский Я. А. Антология гуманной педагогики. – М.: Амонашвили, 1996. - 224 с.*
4. *Педагогикаи мактаб. Дастури таълим барои студентони институтҳои педагогӣ. Зери таҳрири аъзо корреспонденти АФП СССР Г.И. Щукина. Тарҷума аз нашри русӣ . – М.: Просвещение, 1977.*

**Аълохони Аброрхон**,
*ассистенти кафедраи системаҳои иттилоотии автоматикунонидашудаи ДДҲБСТ*
**Ғафурова Ш.,**
*магистранти соли дуюми кафедраи системаҳои ахборотӣ-ҳисоббарории ДДҲБСТ*

# ТАРБИЯИ ҶАВОНОН ВА ДАСТГИРИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

Ҷавонон дар ҷомеаи муосир барои тамоми ҷанбаъҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангӣ дар арсаи ҷаҳон нақши басо муҳимро ишғол менамоянд. Зеро истифода намудан аз имкониятҳои зеҳниву ҷисмонии онҳо яке аз усулҳои дастрас шудан ба рушди устувори давлат ва аҳолии ҷаҳон мебошад. Ҷавонон ҳамчун ояндаи миллат дар ҳама давру замон барои ҷамъият, мақом ва арзиши хоса доштанд. Ҷавонон насли инсониянд, ки дар марҳилаи гузариши иҷтимоӣ қарор доранд ва асоси нерӯи зеҳниву ҷисмонии ҷомеа ба шумор мераванд. Ҷавонон дорои зеҳни тозаю созанда, маҳорати бузурги эҷодкорӣ ва қобилияти бузурги корӣ мебошанд, ки фаъолияти истеҳсолии онҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа матлуб шуморида мешавад.

Бешубҳа, имрӯзҳо ҷавонони кишвар ҳамчун қувваи бузурги созандаву эҷодкор эътироф шудаанд. Мавқеи ҷавонон дар ҷамъият ва дараҷаи маҳорати онҳо барои рушди муҳити иҷтимоӣ ҳам аз давлат ва ҳам аз мавқеи фаъоли худи ҷавонон иборат мебошад. Ҷамъият ва давлат бояд дарк намоянд, ки ҷавононро ҳамчун субъекти таърих, ҳамчун омили асосии дигар шудани шароит ва ҳамчун арзиши

қимматбаҳои иҷтимоӣ барои ояндаи миллат ва давлат тарбиятгар бошанд. Ҳамаи ҳамин омилҳоро ба инобат гирифта ҳукумати кишвар имрӯзҳо сиёсати ҷавононро ба роҳ мондааст. Ногуфта намонад, ки имрӯзҳо давлати соҳибистиқлоли мо аз назари демографӣ дар ҳоли рушд қарор дошта ва бештари аҳолиро ҷавонон ташкил медиҳанд. Аз ин лиҳоз, гуфтан мумкин аст, ки яке аз қувваҳои асосии инкишоф ва рушди кишвари моро ҷавонон ташкил медиҳанд.

Ҷавонон фаъолияти вусъатбори инноватсиониро ба вуҷуд меоранд ва барои рушди ҷомеъа бо патентсиали эҷодӣ саҳмгузорӣ менамоянд. Бо истифода аз имкониятҳои эҷодии худ: фикрронӣ, пешниҳодҳо, ташкилотҳо, иттифоқҳо, инчунин ҷавонон ҳар гуна давраҳо ва маҳфилҳои нав таъсис медиҳанд. Ташкилнамоии давлати демократӣ ҷараёни душвор ва дурандароз аст, ки тақвияти зиёдро талаб менамояд. Ин амал ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам аз ҷониби ҷамъият якҷоя ба даст меояд. Аз замони бадастории истиқлолият мо беҳбудиҳоро дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангӣ пурра мушоҳида менамоем. Дар тамоми системаҳои ҷамъиятӣ таҷдидкуниҳо мушоҳида мешуданд ва ин навовариҳо ба системаи ҷавонон низ таъсири мусбии худро расонид. Шояд ҷавонон бевосита ба ҳаёти сиёсиву иҷтимоии давлат нақшҳои бузургро иҷро намекарданд, аммо хоҳишманди амалӣ намудани рағбатҳои худ буданд. Дар рӯзҳои аввали бадастории истиқлолият яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи давлати мо таъмин намудани рағбатҳои манфиатовар барои ҷавонон ба шумор мерафт, ки он чунин масъалаҳои аввалиндараҷаро фарогир буд: гирифтани маълумотҳои замонавӣ, соҳиб шудан ба касби хуб, бо кор таъминкунӣ, ташкили шароити мусоид барои тақвиятдиҳии қобилият, дастгирии оилаҳои навбунёд ва ғайраҳо.

Давлат ва ҳукумати мо бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштироки ҷавонони кишварро барои пешрафт ва рушду равнақёбии диёри азизамон ҳамеша дастгирӣ менамоянд. Барои ҷавонони мо имрӯзҳо тамоми шароитҳо барои таҳсил ва барои беҳтар гардонидани шароити таҳсил, яъне таъмин намудан бо тамоми таҷҳизоти таълимомӯзӣ фароҳам оварда шудааст. Инчунин ҳукумати кишвар барои беҳтар гардонидани шароити зиндагиву таҳсилоти духтарон низ басо тадбирҳои муҳимро андешидааст. Бояд зикр намуд, ки Ҳукумати Тоҷикистон барои касбомӯзӣ ва фаъолияти босамари ҷавонони кишвар тамоми тадбирҳои заруриро андешида истодааст. Ҳукумати ҷумҳурӣ кӯшида истодаанд, ки ҷавонон дар оянда бо ҷойҳои кории хуб таъмин гарданд ва ба оила, халқу миллат ва давлати

худ хизмат намоянд. Ташаккули сиёсати ҷавонон ва фароҳам овардани имкониятҳои такмил ва рушду равнақдиҳии ҷавонон барои ояндаи онҳо ба тағирёбии сохториву ҷамъиятӣ, барои ояндаи давлат мусоидат хоҳад кард.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, сиёсати давлатии ҷавононро яке аз рукнҳои аввалиндараҷаи сиёсати Ҳукумат ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шуморида, ҳамеша таъкид медоранд, ки "Ҷавонон нерӯи фаъолу боғайрат, қувваи созандаи ҷомеаи моро ташкил медиҳанд. Онҳоро хуб тарбия кардан ва ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят кардан вазифаи муқаддаси ҳамаи аъзои ҷомеа аст. Зеро ҷавонон ободгарони Ватан, соҳибони ояндаи Тоҷикистони мустақилу демократӣ ва такягоҳи боэътимоди давлати соҳибистиқлол мебошанд"(7). Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тамоми ҷаҳон аён нишон медиҳад, ки мақоми ҷавонон барои ин миллат аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ дар ҷои махсус меистад. Ба мақоми ҷавонон дар тамоми марҳилаҳои таърихи минбаъдаи Тоҷикистон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда мешуд. Ин буд, ки соли 1997 мақоми ваколатдори соҳа – Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Саҳифаи наве, ки ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани мақоми ҷавонон боз намуд, ин моҳи ноябри соли 2006 буд, ки дар замина мақоми давлатӣ – Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда буд. Пас аз ин амал аз тарафи ҳукумат ба ҷавонон боз ҳам таваҷҷуҳи бештаре зоҳир менамуданд. Ғамхории миллат нисбат ба ҷавонон рӯз то рӯз меафзуд ва баҳри инкишофи ҳаматарафаи ҷавонон шароитҳои беҳтаринро фароҳам менамуданд. Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ ҳукумати мо барои сазовор шудан ба дастовардҳои хеле назаррас бар ҳаёти ҷавонон нақши басо муҳимро иҷро намудааст. Инчунин яке аз иқдомҳои бузурге, ки барои ҷавонон бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат амалӣ гашта буд, ин таҷлили рӯзи ҷавонони Тоҷикистон буд, ки рузи ҷашнгирии он ҳар сол ба санаи 23 - уми май рост меояд. Ин барои ҷавонон як рӯзи шодию саодатмандӣ ва хурсандии беканор аст. Ҳукумати Ҷумҳуриамон ҳамагуна кору фаъолиятро баҳри фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи ҷавонон андешида истодааст. Ҷавонони тоҷик аз иқдомҳои Пешвои миллат рӯҳу тавони тоза гирифтанд ва барои шукуфоии ояндаи миллати хеш боз ҳам фаъолтар мегарданд. Соли ҷавонон эълон шудан барои ҷавонон имтиҳон ва масъулияти басо бузург аст, ки онро бояд бо меҳнати содиқона ва иқдомҳои созандаи ватанпарастона, ҳамчун фарзандони содиқи Ватан ва пайравони асили Пешвои муаззами миллат сазовору

шоиста пешвоз гиранд ва ба оянлагон ҳамчун ҷашнвораи ҷавонӣ мерос гузоранд.

Сиёсати давлатии ҷавонон қисмате аз рукнҳои ҷомеаи мо маҳсуб мегардад, ки нақшу мақоми ҷавонон барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян месозад. Масъалаи сиёсати давлатии ҷавонон, накш ва иштироки бевоситаи онҳо дар ҳаёти миллатамон яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омода намудани олимони ҷавон вобаста ба талаботи соҳаҳои гуногуни давлатӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда истодааст. Дар давоми солҳои Истиқлолияти давлатӣ барои дастгирии ҷавонони сохибистеъдод давлат тадбирҳои назаррасро анҷом дода истодааст. Боиси ҳушҳолии ҷавонон аст, ки имрӯзҳо аз ҳамаи донишкадаҳову донишгоҳҳои олӣ донишҷӯёни донишманду фаъол стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мегиранд. Ҳамзамон аз ҷониби Раисони шаҳру ноҳия ва вилоятҳо низ барои боз ҳам баланд бардоштани ҳавасмандии ҷавонони болаёқат нисбат ба донишомӯзӣ стипендияҳои раиси шаҳру вилоятҳо ташкил карда шудаанд. Бо шарофати сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллати мо барои донишҷӯёни ноҳияҳои дурдаст ва бо истеъдод кёвотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шудааст, ки аз рӯи ин квота ҳамасола ба донишгоҳҳои олии кишварамон шумораи муайяни донишҷӯён ба таҳсил фаро гирифта мешаванд.

Ҷумҳурии маҳбубамон имрӯзхо дар роҳи ташкили ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қарор дорад. Тарбияи ватанпарастии ҷавонон яке аз роҳҳое мебошад, ки барои расидан ба ин мақсад моро кӯмак мекунад. Воқеан, давлат ва ҳукумати мо барои ирсол намудани ҷавонон ба давлатҳои хориҷа барои таҳсил хеле чораҳои зиёдеро андешидаанд, то ки пас аз бозгашт ба Ватани маҳбубамон бо шарофати таҷрибаҳо, ки дар давлатҳои хориҷа аз худ менамоянд барои рушду равнақдиҳии миллати азизамон саҳмгузорӣ намоянд. Ба ҳар ҳол камбудиҳо дар ҳама соҳаҳо ба чашм мерасанд ва яке аз муаммоҳое, ки имрӯзҳо ҳукумати ҷумҳуриро нороҳат кардааст, нарасидани олимони ҷавон дар баъзе аз соҳаҳои илми кишвар мебошад. Пас аз солҳои Истиқлолият аз ҷониби ҳукумату давлат маблағгузории давлатӣ ба соҳаҳои илму маориф мунтазам зиёд мегардад ва барои дастгирии аспирантону докторантони муассисаҳои илмӣ стипендияҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд. Бояд зикр намуд, ки имрӯзҳо норасоии кадрҳои ҷавон дар самти илмҳои дақиқ ва техникаву технологияҳои инноватсионӣ баръало мушоҳида мегардад. Ба ҳамагон маълум аст, ки вазъияти душвори имрӣзаи ҷаҳон омили ба вуҷуд омадани

мушкилиҳои гуногун гардад. Ҷавонони мо бояд шукргузорӣ аз сулҳу осоиштагии даврони соҳибистиқлолӣ намоянд. Шукргузор бошанд, ки Ҳукумати кишвари мо барои фаъолияти фароҳи ҷавонон корҳои мушаххасро ба амал оварда истодаанд.

Ҷомеаи муосир бояд ҷавононро:

•ҳамчун объекти асосии таърихи навин бикушояд;

•ҳамчун нерӯи зеҳниву ҷисмонии ҷомеа такмил диҳад;

•ҳамчун омили хеле муҳими тағйирот воридкунанда дастгирӣ намояд;

•ҳамчун баёнкунандаи ақидаҳо ва барномаҳои нав дар тамоми самтҳо тарафдор бошад;

•ҳамчун арзишҳои иҷтимоии як навъи махсус парвариш намояд;

•ҳамчун ояндаи насли миллат бояд ҳимоя ва ҳифз намояд;

Давлати мо ҳамин омилҳоро ба инобат гирифта, ба ҷавонон таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд ва барои ҳаматарафа дастгирӣ кардани онҳо чораҳои мушаххас андешида истодааст. Ҳамаи ин иқдомҳои арзандаро ба инобат гирифта ҷавонон низ, дар навбати худ, бояд дар самти баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, рушди донишу малакаҳои зеҳнӣ ва ташаккули тафаккури сиёсию мантиқӣ саҳмгузор бошанд.

Ҷавонони Тоҷикистон ҳамеша нерӯи пешбаранда, ворисони арзандаи миллату давлат, доимо дар сафи пеш барои ободнамоӣ ва созандагии меҳани хеш ҳастанд. Ҷавонон бо Ватан, миллат, фарҳангу забон ва таърихи ниёгони сарбаланди хеш ифтихор менамоянд. Мақсаду мароми зиндагии ҷавонони Тоҷикистон ҳифзи дастовардҳои Истиқлолият, амнияту осудагии халқу диёр ва боло бурдани обрӯю нуфузи ҷумҳурии азизамон дар арсаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Ҷавонони даврони соҳибистиқлол, насли бонангу номус, мубориз, ҷасур ва диловари кишвар маҳсуб ёфта, бо корҳои созандагию бунёдкорӣ ном бароварда, доимо дар сафи пеш қарор доранд.

**Адабиёт:**


1. *Ховрин А. Ю. Государственная молодежная политика: синтез патернализма и социального партнерства – Москва, 2007.*
2. *Константиновский Д. Л. Образование и жизненные траектории молодежи: 1998–2008 годы – Москва, 2011.*
3. *Сомонаи расмии Президенти ҶТ. www.prezident.tj*
4. *Луков В. А. Молодежь и книга – Москва, 2007.*
5. *Хайдаров Р. Р., Овчинина Т. Б. Социология молодежи и молодежная политика : учебное пособие – Казань 2009.*

6. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26 апрели соли 2013).*

7. *Суханронӣ дар маросими расмии савгандёдкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 18 ноябри соли 2006).*

**Бобоев Ҳ.С.**
*н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии ДДҲБСТ*
**Ишонова Д.Т. ,**
*н.и.филол., дотсенти ДИС ДДТТ*

## РУШДИ ИЛМ ВА МАОРИФ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОНИ ОЯНДАСОЗ

Бо пешниҳоди Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017 – Соли ҷавонон эълон ва пазируфта шуд. Омилҳо барои ин пешниҳоди муфид, хушбахтона, зиёд буданд. Зеро саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа зиёд буд ва ҳаст. Ҷавонон дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат иштироки фаъолона доштанду доранд.

Дар даврони истиқлоли давлатӣ ҷиҳати дастгирии ҷавонон заминаи боз ҳам мусоид фароҳам оварда шуд. Дар ин давра ҷиҳати самти дастгирии ҷавонон санадҳои муҳими давлатӣ қабул гардида, самтҳои фаъолияти онҳо дар шароити муносибатҳои нави сиёсию иҷтимоӣ муайян карда шудаанд.

Аҳамияти рушди илм ва маориф байни ҷавонон дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳти сиёсати давлат қарор дорад. Тавре аз нуктаҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз санаи 22 – юми декабри соли 2016 бармеояд, «Наврасону ҷавонони моро зарур аст, ки ҷавобан ба ин ғамхориҳо тамоми саъю талоши хешро ба донишандӯзӣ, интихоби касбу ҳунарҳои муосир, ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи Ватан, рушди илму техника ва бунёдкорӣ равона созанд.

Ҷавонони имрӯзаи мо, яъне насли замони истиқлол аз наслҳои пешина бо савияи илму дониш, маърифату ҷаҳонбинӣ, сатҳи тафаккур ва одобу ахлоқ фарқи куллӣ доранд, ки ин ҳама боиси ифтихори мо мебошад».

Дар рушди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд илму фарҳанг ва маориф дунёи маънавии инсонро ташаккул медиҳанд, дар ин замина мавқеи муҳимро ҷавонон ишғол мекунанд. Забон, адабиёт, таърих, сарчашмаҳои хаттӣ, ёдгориҳои таърих, барномаҳои радио,

телевизион, маводи компютерӣ, шабакаи интернет, васоити ахбори умум дар тарбияи ахлоқию маънавии ҷавонон нақши асосӣ доранд.

Бояд таззакур дод, ки баҳри фазои мусоид омода намудан барои ҷавонон дар мамлакат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», инчунин якчанд барономаҳо, консепсия ва стратегияи давлати ба монанди «Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон», «Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон», «Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018», «Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020» қабул гардид, ки дар асоси онҳо Ҳукумати Тоҷикистон ташаббусу пешниҳодҳои созандаи ҷавононро ҷиҳати рушди соҳаҳои мухталифи ҷамъият, ҳаматарафа дастгирӣ намуда, барои амалӣ гардидани онҳо имкониятҳо фароҳам меорад.

Муҳаққиқони ҷавон ба рисолати таърихи халқи худ ва имрӯзи дурахшони он шукргузорӣ карда, дастовардҳои беназири халқи худро аз кӯшишу ғайрат, садоқату мардонагӣ, поктинатӣ, ватандӯстиву меҳанпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мешуморанд. Бетардид Пешвои миллат наҷотбахшандаи воқеиву ростини халқу Ватани худ ҳастанд. Бо иродаву ҳамзабонӣ Ваҳдати миллиро миёни халқи тоҷик ва ҷавонон таҳким бахшида, барои сарҷамъии мардуми тоҷик хизматҳои беназир доранд ва ҷавонон ифтихори чунин Сарвари ваҳдатофару маърифатпарвар ва фидоии миллат доранд.

Бинобар ин ҷавонон тасмим гирифта, иҷрои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳама сарҷамъона мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Пешвои миллат дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ ва мардуми тоҷик, ки санаи 22 - юми декабри соли 2016 ироа гардид, ба масъалаи илм ва рушду такомули он диққати махсус дода, аз ҷумла қайд карданд: “Илм дар шароити муосир нақши калидӣ дошта, ба рушду тараққиёти давлат мусоидат менамояд. Минбаъд олимони мо дар доираи стратегияву барномаҳои давлатӣ таҳқиқот бурда, ба масъалаи тарбияи муҳаққиқони ҷавони ихтироъкору навовар эътибори ҷиддӣ медиҳанд”

Падидаи дастгирии ташаббусҳои Пешвои миллат, ки татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аст, аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон қарор

дорад. Ҷавонон давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса, ояндаи миллат ва давлат мебошанд.

Бо дарназардошти саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод намуданд, ки соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон "Соли ҷавонон" эълон карда шавад.

Муҳаққиқони ҷавон аз мавқею мақом ва рисолати ҷавонони дар ҳаёти давлату ҷамъият ва таҷдиди рукнҳои бунёдгузорӣ пайваста ба созандагию бунёдкорӣ, қадршиносиву ғамхориҳои падаронаи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҷавононро хеле рӯҳбаланд гардонида, водор месозад, ки ҳамеша дар пайи дастовардҳои нав ба нав бошанд, илҳоми тоза гирифта, дар таҳқиқу ҷустуҷӯ ва кашфи натиҷаҳои нави илмӣ пайваста кӯшиш намоянд.

Воқеан, аз баракати истиқлолияти давлатӣ имрӯз ҷаҳонбинии ҷавонон куллан тайғир ёфта, сатҳи одобу маърифат ва муносибати онҳо ба зиндагӣ, иштироки онҳо дар корҳои давлату ҷамъият зиёд шудааст.

Муҳаққиқони ҷавон барои ободии Ватан, рушду нумӯи иқтисодӣ, суботу оромии кишвар ва ояндаи дурахшони Тоҷикистон сидқан хизмат намоянд.

Имрӯзҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касби ҷавонони номзадҳои илм, аспирантон магистрантон ба фаъолияти илмию тадқиқотӣ машғул мебошанд.

Бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат ҳамасола конфронси илмӣ – назариявии олимони ҷавони вилоятҳо дар сатҳи баланд доир гардида, беҳтарин мақолаҳои олимони ҷавон гирд оварда шуда, аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба нашр расонида мешавад, ки ин дастгирии олимони ҷавон, пайваста барои ҷустуҷӯҳои нав ба нави илмӣ водор месозад.

Тавре маълум аст, мутобиқи Фармони Президенти мамлакат идрорпулии президентӣ барои ҷавонони болаёқат, таъсис дода шуда, теъдоди сазоворгаштагони он марҳила ба марҳила зиёд гардид, теъдоди зиёд гирандагони идрорпулиҳои президентӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ, шаҳодати таваҷҷӯҳи хосаи Ҳукумат ва Сарвари давлат ба ҷавонони собҳибистеъдод гардидааст. Ҳушбахтона, ҳамасола дар

қатори дигар ҷавонони мамлакат хонандагони муассисаҳои таълимии вилояти Суғд ба гирифтани идрорпулии президентӣ мушарраф мегарданд.

Бо мақсади ҳавасмандии моддиву маънавии донишҷӯёну магистрантон ва аспирантон стипендияи Раиси вилоят таъсис дода шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷабҳаҳои ҳуқуқии дастгирӣ ва рушди илм ва маорифи ҷавонон дар асоси меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва ғайра дарбар гирифта, пешбинӣ карда шудааст.

Пеш аз ҳама, қонунҳои мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодии тарбия, ташаккул ва камолоти ҷавононро муқаррар намуда, принсипҳо ва тадбирҳои татбиқи сиёсати давлатро дар соҳаи истифодаи пурсамари нерӯи зеҳнӣ ва маънавии онҳо, ки ба манфиати ҷамъият равона мешавад, муайян мекунад. Баробари ҳамин, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон то соли 2020 ҳуҷҷати муайянкунандаи сиёсат буда, фаъолиятеро инъикос менамояд, ки Ҳукумати Тоҷикистон дар давраи миёнамӯҳлат анҷом медиҳад ва ҷавобгӯи афзалиятҳои асосии Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 мебошад.

Ҳамин тариқ, асосҳои рушди соҳаи илм ва маориф дар байни ҷавонон дар кишвар пешбарӣ гардида ҷойи махсуси худро дорад, ки дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ ба натиҷаҳои назарраси худ оварда расонидааст.

Сарвари давлат дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд, ки ҷавонон, аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештр фаъол бошанд, ташабусси созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд.

Имрӯз, ҷавонон ҳастии хешро баҳри ободиву шукуфоии Ватани маҳбубамон ва халқи азизамон мебахшанд. Ҷавонон пайваста кӯшиш менамоянд, ки қуллаҳои баланди илмро фатҳ намуда, ворисии ҳақиқии ниёгони хеш гарданд. Он вазифаҳо, дастуру супоришҳоро, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҷавонон дода мешавад, бо тамоми ҳастӣ ва сарбаландона иҷро намоянд.

**Адабиёт:**

1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, 22 деабри соли 2016 с. – Душанбе: Шарқи озод, 2016.*

2. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон –Душанбе: Қонуният, 2016.*

3 *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон" //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, № 7, мод.459; с. 2011, № 6, мод. 429, Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с. № 1161*

4 . *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, № 7, мод.552; с. 2014, № 3, мод.156, Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 с. № 1125*

**5.** *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника" № 1197, аз 18 марти соли 2015. mmk.tj /legislation/base/ 295*

6. *"Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020" Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, № 480 тасдиқ шудааст. mmk.tj /Government-programs strategy/base/*

**Бобоева З.**,
*соискатель Научно-исследовательского института развития образования им. Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана*

# НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ И ВОСПИТАНИЯ УЧАЩИЙСЯ МОЛОДЕЖИ

Проблема экологии, охраны окружающей среды и рационального природопользования - одна из самых актуальных проблем современности глобального масштаба. Человечество живет в условиях экологической опасности, вызванной загрязнением окружающей среды, опустыниванием, обеднением видового разнообразия. В наши дни масштабы и острота данной проблемы необычайно возросли: под влиянием производственной деятельности человека на нашей планете развиваются процессы, ухудшающие среду обитания живых организмов, пагубно влияющие на здоровье людей, таящие угрозу самой жизни будущих поколений. Задача экологического образования и воспитания школьников требует постановки вопросов подготовки

учителя в данном направлении, разработка которых пока еще не нашла должного освещения в психолого-педагогических исследованиях.

Управление природоохранной деятельностью учащихся предполагает определение способов регулирования и контроля их действий в зависимости от целей деятельности, специфики ее предметного содержания и форм организации.

Осуществляя экологическую деятельность очень важно учителю не торопиться делать выводы, умение соединять с наблюдениями. Активность учащихся в экологической деятельности напрямую зависит от того, как работает с ним учитель, они должны осознанно видеть, что помощь нужна.

Можно ли сказать, что школа и педагогическая наука делают все, чтобы обеспечить подготовку экологически образованных и воспитанных молодых людей? На этот вопрос И.Д. Зверев отвечает: "Пока нельзя ответить на этот вопрос утвердительно, особенно нельзя говорить о системе экологического образования и воспитания подрастающего поколения. Только отдельные энтузиасты-педагоги смело вводят в учебно-воспитательный процесс содержательную трактовку современных комплексных проблем экологии"[6,с.8]. По нашему мнению, экологическим образованием школьников должны быть охвачены все предметники-учителя. Мы полагаем также, что экологизация каждой науки, в том числе учебных предметов, может принести большую образовательную пользу, но вряд ли сможет разрешить проблему нравственной подготовки каждого человека к охране окружающей среды.

Поэтому так важно, чтобы в этот период рядом с подрастающим поколением был мудрый, духовно богатый и терпеливый помощник - учитель. Задача учителя не только ввести ученика в конкретную область научного знания, обучить языку своего предмета и научить им пользоваться в жизни, но и развить лучшие качества личности, помочь осознанно подойти к выбору будущей профессии, заложить стремление познавать и улучшать мир, в котором мы живем.

Поэтому предназначение учителя в значительной степени должно меняться, мало уже быть только предметником и школьным воспитателем. Сегодня учитель должен стать проводником нового мышления - экологического, способного при условии высочайшей нравственности, образованности, культуры и профессионализма. У каждого выпускника учебного заведения должно быть сформировано экологическое мышление - воспитанная в нем привычка оценивать свои действия с точки зрения последствий, которые могут произойти в окружающей среде.

Какие же трудности предстоит преодолеть учителю при решении

проблем экологического образования школьников? Главное - изменить собственное мировоззрение, осознать свою ответственность (человеческую и профессиональную) за подготовку экологически образованного и воспитанного подрастающего поколения к жизни. Важным образовательным и практическим результатом экологического образования школьников должно быть формирование личности, готовой принять идеологию здорового образа жизни: в приоритете духовных потребностей по сравнению с материальными, забота о сохранении своего физического здоровья.

Будущий учитель должен быть готов использовать все возможности обучения и воспитания для развития экологического мышления, экологического мировоззрения. Ему необходимо учитывать влияние того, что окружает школьников в действительности, которое в той или иной степени влияет на процесс обучения и воспитания подрастающего поколения.

Л.В. Новиков пишет: "Дело в том, что среда человека - это не просто окружение, а то окружение, которое он воспринимает, на, которое реагирует, с которым вступает в контакт, взаимодействует"(7,с.30). Результатом такого взаимодействия является социализация каждого отдельного человека, под которым понимается "усвоение и дальнейшее развитие индивидом социально-культурного опыта..., а его средствами передачи являются и опредмеченные результаты человеческой деятельности..."(7,с.45). Выявление воспитывающего потенциала на прилегающей к школе территории использование его в реальной практике - залог успешной деятельности школы. "Если школьное обучение не связано реально с окружающей средой местности, то нельзя утверждать, что такая школа воспитывает или участвует в жизни того общества, которое оно обслуживает" считает Арвид Бентсон (1,с. 215).

На практике, у городских учителей и школьников преобладает тревожное отношение к ней, а опыт экологической деятельности, как правило, примитивен. Главные причины такого положения в том, что отсутствуют крупные экологические акции, нет внимания экологов к школьникам как проводникам экологических ценностей, а также и в том, что школа в целом недостаточно повернута к экологическим проблемам. Данные, характерные для массовой школы, контрастируют с постановкой экологического обучения воспитания школьников, занимающихся в специальных школах ("Зеленые колледжи"). Их знания об экологии не только более обширны, но и системны, отношение к экологическим проблемам более осознанно и окрашено в разнообразные тона - от безысходности до оптимизма. Направленность экологической деятельности этих учащихся более созидательная и социально-значимая: опытничество, мониторинг

воды и воздуха, охрана животных и растений, активное участие в движении "зеленых", исследовательская работа и т.д. Поэтому на учителя возложена большая ответственность и от состояния его готовности к образовательной деятельности и природоохранительной работе во многом зависит развитие личности школьников.

Экологическая ситуация, сложившаяся сегодня, ставит вопрос об ответственности за последствия взаимоотношения с природой, по существу, перед каждым человеком. Усиление внимания к экологическим проблемам ставит вопрос образования субъекта экологической ответственности. Проблема это включает в себя, прежде всего, выработку ответственности у каждого человека. Знание научного природопользования должно формировать познавательную ответственность, прежде всего, обеспечивающую гуманизацию отношения человека и природы. Какой бы аспект экологических проблем не изучался, нужно рассматривать методологическую основу взаимоотношений "человек-природа", сущностное единство человека и окружающей его природной среды, необходимость познания экологических законов и их условий развития общества. Философское осмысление законов экологии способствует развитию экологического мышления на различных уровнях практической деятельности. Задача учителя не просто дать знания учащимся по экологии, но и сформировать новое профессиональное экологическое мышление и отношение к окружающей среде.

Наряду с экологическими проблемами глобального характера, будущий учитель должен владеть конкретными, региональными экологическими ситуациями: хорошо знать местную природу, ее состояние, позитивные и негативные антропогенные воздействия на нее, а также вместе с учащимися вести посильную работу по улучшению экологической обстановки своего местожительства.

При исследовании проблемы взаимодействий общества и природы необходимо исходить из того, что существует физическая зависимость человека от земных условий, все историческое развитие общества, человечества, его будущее необходимо рассматривать в неразрывном единстве с развитием с будущим природы нашей планеты, ее биосферы. Поэтому процесс формирования экологического сознания требует интегрированного подхода к явлениям окружающей действительности, к процессу взаимодействия общества и природы. При этом велика роль мировоззренческой ориентации личности учителя в сложном комплексе экологических проблем. Экологическое образование и воспитание в системе современных знаний выполняет интегрирование знания в формировании у учащихся целостной картины мира. В этих условиях все более очевидной становится необходимость обоснованного

формирования готовности будущих учителей к экологическому образованию школьников.

**Список использованной литературы:**

1. *Арвид Бентсон. Детские игры: не только средство физического воспитания. / А. Бентсон. –Москва: Перспективы - 1982. - №1- С. 211-219.*

2. *Глобальный форум по проблемам окружающей среды и развитию в целях выживания //-Москва: Зеленый мир. - 1990 - 20 января.*

3. *Государственная комплексная программа развития экологического воспитания и образования населения Республики Таджикистан на период до 2020 года. Душанбе.2015.*

4. *Закон Республики Таджикистан «Об охране природы» (в редакции Закона от 13 июня 2007г. №284). Душанбе.2007.*

5. *Закон Республики Таджикистан «Об охране окружающей среды». Душанбе. 2011.*

6. *Зверев И.Д. Экологическое образование и воспитание как новая область педагогической теории и школьной практики. /И.Д.Зверев. Сб. Проблемы экологического образования и воспитания в средней школе. - Таллин,1980. - С. 5-10.*

7. *Новиков Л.В. Школа и среда. / Л.В. Новиков - М.: Знание, 1985. – 80с.*

**Бобоева И.,**
*унвонҷӯи ДДХ ба номи*
*акад. Б. Ғафуров*

## ТАҶАССУМИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ДАР АФКОРИ АХЛОҚИИ АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК

Таҳаммулпазирӣ аз дер боз мавриди пажӯҳиши ҷомеашиносон, олимони риштаҳои педагогӣ ва равоншиносӣ, инчунин дигар улуми иҷтимоӣ қарор дорад. Тазаккур бояд кард, ки нахустин унсурҳои таҳамумлпазириро аз китобҳои муқаддас метавон пайдо намуд. Аз нуқтаи назари фарҳанги исломӣ таҳаммулпазирӣ шарти асосии нигаҳдории сулҳ маҳсуб мешавад. Сулҳу осоиш бошад, дар навбати худ шароит ба вуҷуд меорад, ки одамон принсипи таҳаммулгароиро чун дастурамали муносибати байни инсонҳо истифода баранд. Ислом муносибатҳои нажодӣ (сафедпӯсту сиёҳпӯст), ҷисмонӣ (заифу қавӣ), ҷинсӣ (марду заиф)-ро рад мекунад ва таъкид менамояд, ки як инсон бар инсони дигар танҳо аз лиҳози тақвою худотарсӣ афзалият дорад.

Аз ҷумла, дар китоби муқаддаси Қуръони Маҷид омадааст: «Эй мардум, ба дурустӣ, ки шуморо аз як марду як зан офаридем ва шуморо, қавмҳо ва қабилаҳо сохтем, то бо якдигар шиносо шавед. Ҳароина гиромитарини Шумо назди Худо парҳезгортарини шумо аст, Худо Донои Хабардор аст» (3,49/13).

Аз ин ояҳои муборак бармеояд, ки ҳадафи таҳаммулпазирӣ аз миён бурдани ихтилофу таассуботи нажодию синфию иҷтимоӣ маҳсуб мешавад, зеро дар мадди аввал, бино ба фармудаи Худованд парҳезгорӣ қарор мегирад. Муносибатҳои баробарии байни мусулмонон ва ғайримусулмонон низ яке аз аҳдофи принсипи таҳаммулпазирӣ эътироф гардидааст. Дини ростин ҳеҷ гоҳ ба ҳамзистии осоиштаи одамон ва муносибатҳои мӯътадили байни онҳо мамониат намекунад.

Дар забонҳои аврупоӣ низ таҳаммулпазириро бо истилоҳи **толерантность** (аз калимаи лотинии toleration–таҳаммул) ифода мекунанд. Дар забони тоҷикӣ вожаи «**толерантность**»-ро «**таҳаммулпазирӣ**» ифода менамоянд. Истилоҳи «таҳаммулпазирӣ» аз ду вожа – калимаи арабии «**таҳаммул**» аз решаи «**ҳамала**»ба маънои **тоқатпазирӣ** (1,107), вожаи тоҷикии «пазируфтан» ба маънои қабул кардан, бардоштан, тоқат кардан ва суффикси «-ӣ» сохта шудааст. «**Тасомӯҳ**» низ калимаи арабӣ буда, аз решаи «самуҳа» гирифта шудааст ва маънояш «**тоқатпазирӣ**», «**мусолиҳакорӣ**» мебошад (1,191).

Аз ин ду истилоҳ вожаи таҳаммулпазирӣ бештар мақбули ҳамагон шудааст.

Дар ёдгориҳои педагогии халқи тоҷик теъдоди муайяни панду насиҳатҳое мавҷудан, ки ба ташаккули чунин хислатҳои мусбат, ба монанди сабру тоқат, таҳаммулгароӣ дар шуури насли ҷавон мусоидат мекунанд. Зарурати тарбияи одам дар рӯҳияи таҳаммулпазирӣ ҳама вақт дар ин ё он шакл дар ақидаҳои маорифпарварони бузурги ҳамаи халқҳо ва дину мазҳабҳо, аз қабили дар ҳикматҳои Авесто, Буддо, дар ашъори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, «Қобуснома»-и Унсурмаолии Кайковус, «Футувватнома»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Ҷомӣ, Сино, Конфутсий, Ҳеродот ва дигарон вуҷуд дошт.

Мутафаккирони классикии форсу тоҷик бо таълифи осори гаронмоя дар ҳар давру замон роҳи зиндагии шоиставу созгорро ҳамчун беҳтарин сарчашма, раҳнаморо муқаррар намудаанд, ки аз он ба ҳар дарду нуқси ҷомеа метавон даво ёфт. Дар осори суханварон доир ба таҳаммул ва сабру тоқат андешаҳо талқин шудаанд.

Шоҳбайтҳои маъруфу маълуми Рӯдакӣ, ки тӯли асрҳо вирди забонҳост, бароямон ботаҳаммул ва ботааммул буданро дар баробари дигар хисоли неки инсонӣ тақозо мекунад:

*Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,*
*Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ,*
*Мардӣ набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ* (6,69).

Шайх Саъдӣ низ чун адиби баландандеша ва зиндагишинос, пеш аз ҳама ба ташаккули равонии инсонҳо ва андешаҳои инсонгароиву ботаҳаммулӣ майли том дорад. Махсусан, дар «Гулистон» ба гунае сухан мегӯяд, ки инсонро ба андеша водор месозад. Хусусан, азамат ва шукӯҳи андешаҳои инсонгароии Саъдии Шерозӣ дар пораҳои шеъриаш дар «Гулистон» беҳтар зоҳир мешванд. Бинобар ин, дар назди Саъдӣ низ тамоми инсонҳо чун фарзандони Ҳазрати Одам мақоми якхела доранд, чунки онҳо ба якдигар ботинан алоқамандӣанд:

*Банӣ одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*
*Ту к-аз меҳнати дигарон бегамӣ,*
*Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ* (7,44).

Маҳз таҷассуми ҷанбаи инсондӯстию инсонгароии ин абёт аст, ки солҳо боз онҳоро дар пештоқи даромадгоҳи Шӯрои Амнияти Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида ба забонҳои машҳури олам ҳаккокӣ намуда буданд, зеро ин афкори барҷастаи Шайх Саъдӣ халқҳои Сайёраро ба иттиҳод, ҳамзистии осоишта ва Ваҳдат даъват менамояд ва ин нишони маданияти баланди таҳаммулпазириву инсондӯстист.

Дар ҳикояте аз «Гулистон» дар мавриди одоби сӯҳбат ва таҳаммули суханони зишти ашхоси каммаърифат панд медиҳад:

*Якеро зиштхӯе дод дашном,*
*Таҳаммул карду гуфт: «Эй некфарҷом,*
*Батар з-онам, ки хоҳӣ гуфт, онӣ,*
*Ки донам, айби ман чун ман надонӣ»* (7,71).

Дар ҳолати дигар низ Саъдӣ дар «Гулистон» низ панде овардааст, ки намоёнтарин афкори таҳаммулгароёнаи Саъдиро инъкос мекунад:

*Гар газандат расад, таҳаммул кун,*
*Ки ба авф аз гуноҳ пок шавӣ.*
*Эй бародар, чу хок хоҳӣ шуд,*
*Хок шав, пеш аз он ки хок шавӣ.* (7,105)

Ё ҷои дигар низ меорад:

*То ранҷ таҳаммул накунӣ, ганҷ набинӣ,*
*То шаб наравад, рӯз падидор набошад.*

Ҳатто дар фазилати қаноат Саъдӣ боз ҳам таъкид мекунад: «...Ҳар киро сабр нест, ҳикмат нест».

Аз ин хотир, унсурҳои таҳаммулпазирӣ дар кутуби динӣ ва бадеӣ доман густурда, одоби муошират, муколама, фазилати қаноат ва дигар рукнҳои тааммулу таҳаммул ва тоқатпазирӣ дар сувари хаёли уламо ҳамеша дар ҳама давру замон мавқеи намоён касб намудааст.

Ҷалолуддини Румӣ Дар «Маснавии маънавӣ» дар баробари баёни матлабҳои ирфонию фалсафӣ андешаҳои ахлоқию тарбиявӣ ва инсонгаронёнаи худро ироа доштааст:

*Эй басо ҳиндуву турки ҳамзабон,*
*Эй басо ду турк чун бегонагон.*
*Пас, забони маҳрамӣ худ дигар аст,*
*Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст. (1/1214-1215)*

Ҳамчунин мегӯяд:

*Ҳар кӣ монд аз коҳилӣ бе шукру сабр,*
*Ӯ ҳамин донад, ки гирад пойи ҷабр.*

Дар мавриди баандеша сухан кардану сабур будан низ иброз медорад, ки як сухан метавонад оламеро ба салоҳ орад, инчунин сухани бетааммул метавонад ҷаҳонро вайрону нопойдор кунад:

*Оламеро як сухан вайрон кунад,*
*Рӯбаҳони мурдаро шерон кунад…*
*Сабр бошад муштҳои зиракон,*
*Ҳаст ҳалво орзуи кӯдакон…*

Мавлоно панд медиҳад, ки сабурӣ нишони тарс, ноӯҳдабарой ё дигар набуда, балки зиракӣ ва доноии инсонро ифода намуда, нафаре, ки қадри худро мешиносад, номуносиб ва ноҷо рафтор намекунад.

Сабру қаноат дар афкори ахлоқии шоир Нақибхон Туғрал низ мавқеи намоён дорад. Чунончи:

*Чунон сомони доман кардаам кунҷи қаноатро,*
*Ки андар дил намебошад таманнои зару симам.*

Қайд кардан ҷоиз аст, ки мавзӯи таҳаммул ва таҳаммулпазирӣ дар эҷодиёти адибон ба ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, диниву фарҳангӣ ва маишиву дигар бахшида шуда, зимнан ҳар кадоме мақсуд рушди инсони комил, боэҳтиром, пойдории сулҳу ваҳдат, гузаро будани умр ва ғанимат донистани он меҳвари асосӣ маҳсуб мешавад. Бешубҳа, ин сифот барои тарбияи ҷомеаи ботаҳаммул заминаҳои асосианд.

Мақолу зарбулмасалҳо, ки аз таҷрибаи рӯзгори гузаштагони пурдида боқӣ мондааст, ҳар лаҳза моро ҳушдор месозад, ки дар ҳолати хашм дурушт гуфтан, ранҷу озор додан оқибати ҳам нангину ҳам бебарор дошта, тухми меҳру садоқати инсониро бармеканад. Чунончи, дар мақолҳои маъруфу маълум зикр мешавад: «Меваи сабр ширин аст», «Забон аз олоиш нигаҳ дор». Ба ҳамин маънӣ Бедил фармуда:

*Сухан санҷида гӯ, то дӯстро душман нагардонӣ,*
*Зи ҳарфи бетааммул ошно бегона мегардад.*

Мавзӯи таҳаммулпазирӣ маҳдуд ба адабиёти классики тоҷик набуда, аз сӯи суханварони бузурги муосир низ бо беҳтарин ваҷҳ шарҳу тафсир ёфтааст. Аз ин ҷост, ки шоири ваҳдатсаро, симои намунавии дӯстиву бародарии халқҳо устод Мирзо Турсунзода низ дар таронаҳову ашъори дилангезаш эҳтироми инсонро боло гузошта, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамзистии аҳлонаи қавму нажодҳоро пояи устувори сулҳу ваҳдат дар олам донистааст:

*Дар ҷаҳон бе дӯст будан мушкил аст,*
*Мушкилосон кун, касонро гум макун.*
*Дӯст ояд, гарм дар огӯш гир,*
*Расми хуби тоҷиконро гум макун (5,103).*

Аз гуфтаҳои боло метавон ба хулоса омад, ки дар ҳамаи давру замонҳо тоқатпазирӣ аз ҷумлаи ахлоқи ҳамида маҳсуб мегардид. Таҳаммулпазирӣ ҳамон тарзи зиндагонист, ки бидуни расонидани халал ба дигарон, қобилияти ҳуқуқу озодиҳои дигаронро вайрон накардан ва ҳуқуқу озодиҳо доштан аст. Асоси демократияю ҳуқуқҳои инсонро низ таҳаммулпазирӣ ташкил мекунад, таҳаммулпазирӣ – сулҳдӯстӣ, тоқатпазирӣ нисбат ба ихтилофҳои этникӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ ва байнишахсиятӣ, эътирофи имконияти мавҷудияти баробарҳуқуқи «ғайр» мебошад. Айни замон, тоқатпазирӣ – ин танҳо гузашт, раҳму шафқат ё чашмпӯшию тағофул нест, балки мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ дар асоси эътирофи ҳодиса ё падидаи дигар мебошад. Таҳаммулпазирӣ на танҳо чун қарзи маънавӣ, балки чун талаботи сиёсию ҳуқуқӣ ба ашхоси алоҳида, гурӯҳи одамон ва давлатҳо муайян карда шудааст.

Дар ҷаҳони муосир таҳаммулпазирӣ чун қобилияти фикру ақидаи дигаронро, ки аз афкори онҳо фарқ мекунад, шунидаю эҳтиром карда тавонистани инсон, ҷомеа, давлат фаҳмида мешавад. Аксарият байни мафҳумҳои таҳаммулпазирӣ ва сабру бурдборӣ айният мегузоранд, вале таҳамммулпазирӣ самтияти нисбатан возеҳ дорад.

Таҳаммулпазирии ҳақиқӣ сифати шахсияти инкишофёфтаю ба камолрасида мебошад. Ба ибораи дигар, шахсе таҳаммулпазир буда метавонад, ки барои худтасдиққунии ӯ эҳтиёҷе ба таҳқири каси дигар набошад. Айни ҳол ин шахсият бояд дорои хударзёбии мутаносиб, эҳсоси олии эътибору обрӯи шахсӣ ва низоми меъёру арзишҳои ахлоқӣ бошад. Азбаски камолоти шахсият мавҷудияти чунин хислатҳо, аз қабили масъулият ба эҳсосоту фикру рафтори худ, интихоби ҳамкорӣ чун тарзи муносибатҳои мутақобила, худро ва каси дигарро бо тамоми ҷиҳатҳои мусбату манфӣ қабул карда тавонистан, тағйирпазирӣ ва қобилияти мутобиқгардиро пешбинӣ мекунад,

метавон гуфт, ки таҳаммулпазирӣ сифати ҷудонашавандаи шахсияти комил бояд бошад.

Муаммои тарбияи таҳаммулпазирӣ дар ҳаёти халқи тоҷик инъикоси равшан ёфтааст. Тоҷикон фарзандони худро аз қадимулайём дар асоси ғояҳои инсонпарварона тарбия намуда, дар онҳо хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, ба монанди сабру тоқат, боодобӣ, маҳорати гӯш кардани ҳамдигар ва бо дигар одамон забон ёфтанро ташаккул медиҳанд. Шайх Саъдӣ низ таъкид карда буд, ки синни кӯдакӣ давраи воқеии тарбият ва такомули ахлоқ аст:

*Ба хурдӣ даррасӣ заҷру таълим кун,*
*Ба неку бадаш ваъдаву бим кун.*

Бар асоси ин педагогикаи халқӣ воситаҳои маънавии гуногуни ташаккул ва таҳаммулпазир тарбия намудани насли наврасро дорост. Боадолатона мебуд ба назар гирем, ки тарбияи ахлоқӣ аз қадимулайём дар асоси панду андарзҳои сершумори шоирони адабиёти классики тоҷик инъикос ёфтаанд.

Дар маҷмӯъ, аз баҳсу баррасии ҷойгоҳи мавзӯи таҳаммулпазирӣ дар афкори ахлоқии адибони форсу тоҷик равшан мешавад, ки фалсафаи мазкур нахуст дар кутуби осмонӣ муҷассам гардида, баъдан ба яке аз мавзӯоти меҳварии адабиёти форсу тоҷик табдил ёфт. Мутафаккирони барҷастаи гузаштаи мо бо истифода аз анвои мухталифи шеърӣ дар ифодаи андешаҳои худ роҷеъ ба сабру таҳаммул, талқини сулҳу ваҳдат ва оштии милливу қавмӣ ва мазҳабӣ дар тарбияи маънавии ҷомеа низ саҳм гирифтаанд, ки ин вежагӣ осори онҳоро на танҳо аз дидгоҳи адабӣ, балки аз назари инсоншиносӣ, ахлоқӣ, равоншиносӣ ва дигар улуми инсонӣ мӯътабар ва арзишманд гардонидааст.

**Пайнавишт:**


1. *Большой арабско-русский и русско-арабский словарь. – М.: ООО «Дом Словенской книги», 2011. - 960 с.*
2. *Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе , 2006. - 14 с.*
3. *Қуръони Карим. Матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ ва тавзеҳоти М.Умаров.- Душанбе: Эр-граф, 2011. - 604 с.*
4. *Румӣ, Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ. Бар асоси матни Р.Николсон ва муқобила бо нусхаҳои дигар.- Теҳрон: Нашри замон, 2001.- 730 с.*
5. *Мирзо Турсунзода. Гулчини ашъор (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва форсӣ). – Душанбе: Адиб, 2011. – 552 с.*
6. *Рӯдакӣ А. Девон. – Олмотӣ, 2007.- 256 с.*
7. *С.Шерозӣ. Гулистон. Ба чоп тайёркунанда, муаллифи муқаддима ва мураттиби луғат Саҳобиддин Сиддиқов. – Душанбе: Мотуридиён, 2008.-250 с.*

**Бобоҷонов Ғ.М.,**
*ассистени кафедраи*
*таърихи халқи тоҷики ДДҲБСТ*

# АҲАМИЯТИ АСАРҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАРБИЯИ ҶАВОНОН

Шахсияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои кулли ҷомеъа, бахусус ба наврасон ва ҷавонон, мояи ифтихор ва намунаи ибрат аст. Зеро Ҷаноби Олӣ дар лаҳзае вориди арсаи сиёсат гардиданд, ки Ватани мо - Тоҷикистон дар оғӯши хун буда, дар роҳи порашавӣ қарор дошт. Аз ҳамон лаҳзаи нахустин, ки ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданд қавл доданд «Ман ба Шумо сулҳ меоварам», «Ё ман ба Тоҷикистон сулҳро барқарор мекунам, ё дар ин роҳ ҷони худро медиҳам» (1,6). Воқеан ҳам дар натиҷаи заҳматҳои шабонарӯзӣ, ҷон зери хатар гузошта барои расидан ба Ваҳдати миллии тоҷикон кӯшиш намуданд. Ҳамаи корнамоиҳои падарон таҳти сарварии Пешвои миллат барои наслҳои ҷавони имрӯз ва фардои кишвар раҳнамо ва мактаби хуби ватанпарастиву хештаншиносӣ маҳсуб мешавад.

Ҳанӯз мардуми соҳибмаърифати тоҷик солҳои душвори ҷанги шаҳрвандиро фаромӯш накардааст ва мекӯшад, ки бори дигар ба чунин хатоӣ роҳ надиҳад, сулҳ, озодӣ, ваҳдат, якдилӣ, ободиеро, ки имрӯз Тоҷикистони маҳбуб дорад, чун гаҳвараки чашм ҳифз намуда, ин арзишҳои олиро, ки сабабгори ҳаёти хурраму осуда ва саодатмандона аст, қарнҳои дигар идома бахшад. Мо сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дарк намуда, барои дастгириаш мекӯшем. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъд аз расидан ба мақсади олии хеш, ки таъмини сулҳ ва якпорчагии Тоҷикистон буд, барои тақвият бахшидан ба ин арзишҳои олӣ камари ҳиммат бастанд, зеро барои Ҷаноби Олӣ хеле рӯшан буд, ки чӣ қадар ин сулҳ зарур аст. Ба ин мақсад ҳанӯз соли 1998 китоби пурмуҳтавои худ «Ҷавонон - ояндаи миллат» - ро манзури аҳли назар намуданд, ки дар он нуктаҳои муҳими сиёсати давлатии ҷавонон, мавқеъ, мақоми онҳо дар ҷомеа ва муҳим аз ҳама, ояндаи давлат дар дасти ҷавонон буданаш қайд гардида буд. Аз лаҳзаи нахустини фаъолият ҳамчун сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонон аҳамияти калон зоҳир карда барои сафарбар сохтани онҳо ба роҳи созанда ва бунёдкорона кӯшиш менамуданд. Зеро ояндаи сарзамине, ки эшон бо як мушкилоти азим онро аз вартаи ҳалокат раҳоӣ бахшиданд дар дасти ҷавонон мебошад

ва барои ҳамин ҳам ононро дар руҳияи меҳанпарастӣ, худшиносӣ, ҳуввияти миллӣ тарбият намуда, барои эъмори фардои кишвар омода менамоянд. Бояд қайд намуд, ки таблиғи омӯзиши мероси таърихӣ дар байни ҷавонон ҷиҳати ташаккули худшиносиву худогоҳии миллӣ аз таваҷҷӯҳи хоси Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, чи хеле, ки таъкид менамоянд «Мо бояд аз умқи таърих шӯъла бардорем на ин ки хокистар». Таърихи ниёгони мо пур аз саҳифаҳои қаҳрамонӣ буда дар натиҷаи мутолиа намудани онҳо ҷавонон нисбати Ватан, Модар нигоҳи дигар пайдо карда, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки номбардори гузаштагони хеш бошанд. Масалан, устод Айнӣ дар давоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ ду асари таърихии худ «Темурмалик - қаҳрамони халқи тоҷик», «Исёни Муқаннаъ» - ро бо мақсади баланд намудани руҳияи ҷангии сарбозон ба нашр расониданд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханрониҳои худ таъкид месозанд, ки «Ҷавонон бояд номбардори ниёгони хирадманд, сулҳпарвар, эҷодкор ва баору номуси хеш бошанд». Моҳияти ин гуфтаи Пешвои миллат ба хотири ҷалб намудани ҷавонон ба маърифати арзишҳои таърихӣ ва фарҳангии ниёгон ифода меёбад. Зеро таърих инсонро ба роҳи созандагиву бунёдкорӣ, ватандӯстиву масъулиятшиноӣ тарбият менамояд, мисоле, ки ҳанӯз Рӯдакӣ таъкид намуда буд:

*Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Низ н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор.*

ва ё

*Бирав, зи таҷрибаи ҷаҳон баҳра бигир,*
*Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.*

Мақоми асарҳои пурғановати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷодаи тарбияи ҷавонон таъсири хуб дошта, дар натиҷаи мутолиаи асарҳои ҳикматбори Ҷаноби Олӣ: «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Тоҷикистон дар остонаи фардо», «Ҷавонон ояндаи миллат», «Тоҷикон дар оинаи таърих, Аз Ориён то Сомониён», «Истиқлолият неъмати бебаҳост», «Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ», «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат», «Сарнавишти миллати соҳибтамаддун», «Мероси Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо», «Чеҳраҳои мондагор».

Ҳар як хонанда кӯшиш ба харҷ медиҳад, то ки дар ҷомеа саҳмгузор бошад, амалеро иҷро намояд, ки ба нафъи миллату давлат ва ояндаи дурахшони Ватани азизамон бошад, зеро муаллиф дар асарҳои хеш хислатҳои ҳамидаи инсониро тараннум намуда, ҳамеша манфиати ҷомеа ва давлатро аз манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ боло гузоштаанд. Дар силсилаи асарҳои «Тоҷикон дар оинаи таърих: Аз

Ориён то Сомониён» Ҷаноби Олӣ таърихи миллати куҳанбунёди тоҷикро гирд оварда, доир ба ҳаёт ва фаъолияти онҳо аз замони қадим то ташаккулёбии халқи тоҷик маълумоти пурарзише додаанд. Аҳамияти асар дар ҷодаи баланд бардоштани шинохти миллӣ ва бедор намудани ҳисси масъулиятшиносӣ дар назди Ватан бисёр калон мебошад. Омӯзиши асарҳо хусусан ба насли наврас ва ҷавонон, ки бунёдгарони фардои давлат ва миллат ҳастанд таъсир мусбӣ мегузорад, зеро дар асар корномаи қаҳрамононаи Шерак, малика Томирис, сарлашкар Спитамон, хиради Бузургмеҳр, неҳзати Абӯмуслим ва дигар саҳифаҳои таъсирбахш инъикос ёфтаанд, ки дар натиҷаи мутолиаи асар ва шиносоӣ бо он дар ниҳоди хонанда хислатҳои неки ҳар як қаҳрамон пайдо мегардад ва ба нафъи ҷомеа хидмат менамояд. Чи хеле ки медонем ҷамъият аз одамон иборат аст, дар ҷамъият чи қадаре, ки одамони нек, масъулиятшинос, худшинос, меҳанпараст зиёд шавад, он ҳамон андоза солим шуда, рушдаш суръат мегирад.

Асари ҷадиди Эмомалӣ Раҳмон таҳти унвони «Чеҳраҳои мондагор» доир ба ҳаёт ва фаъолияти қаҳрамононаи бисту панҷ нафар чеҳраи намоёни таърихи Ватан маълумоти хуб медиҳад. Хонанда ҳангоми мутолиаи асари мазкур имкон пайдо месозад, ки доир ба шахсиятҳои варзида ва нобиғаи давр, ба монанди Куруши Кабир, Зардушт, Муҳаммад (с), Имоми Аъзам, Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Бобоҷон Ғафуров, Сотим Улуғзода ва дигарон маълумот пайдо намуда, аз хислатҳои ҳамидаи онҳо ибрат гирифта, зиндагии шоиста намояд. Некиро завол нест! Инсоне, ки аз таърихи ниёгони худ бохабар аст, метавонад вазъияти зуд тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯзаро дарк намояд, ояндаро тасаввур созад. Мақсади сарвари хирадманди мо низ ҳамин аст, ки ҷавонон бояд худогоҳ бошанд, дар ҷаҳони пурталотум мавқеи устувори шаҳрвандии худро нигоҳ дошта, дар пешрафт, ободӣ ва суботи мамлакат саҳмгузор бошанд. Зеро тадқиқот муайян намудааст, ки бештари шомилшудагон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва ҷудоихоҳӣ аз паст будани маърифат мебошад. Пас, ҷавонон ва тамоми қишрҳои ҷомеаро зарур аст, ки аз асарҳои ҳикматбори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат огаҳ бошанд, онҳоро амиқ мутолиа намоянд, зеро дар асарҳо аз таърихи куҳанбунёди миллати тоҷик то соҳиб гаштан ба давлати соҳибистиқлол ва рушди минбаъдаи кишвар маълумотҳои хуб манзур карда шудааст.

**Адабиёт:**

*1. Воҳид Ғаффорӣ – Эмомалӣ Раҳмонов: «Ман ба Шумо сулҳ меоварам!». Душанбе – 1998*

2. *Мақомоти Иҷроияи Ҳокимияти Давлатии Суғд - Маводи ёрирасон барои тарғиботчиён - Хуҷанд – 2013*
3. *Абдунабӣ Сатторзода – Аз Рӯдакӣ то Лоиқ. Душанбе 2013*
4. *Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби якум – Лондон 1999*
5. *Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби дуюм– Душанбе 2002.*

**Бобоҷонов Ғ.М.,**
*ассистенти кафедраи*
*таърихи халқи тоҷики ДДҲБСТ*

## РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ПАДИДАҲОИ НОМАТЛУБ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН

Ҷавонон дар ҳар давру замон қишри муҳими ҷомеа маҳсуб ёфта, дар раванди давлатдорӣ таъсири хешро мегузоштанд. Агар ба саҳифаҳои таърихи Ватан назар афканем, кам нестанд воқеаҳо ва рӯйдодҳои азиме, ки дар он нақши ҷавонон мавқеи хосса дорад. Масалан, Яъқуб ибни Лайс барои таъсис намудани давлати хеш - Сафориён аз ҳисоби ҷавонони ҷасур истифода намудааст, гвардияи шахсии ӯро низ ҷавонони далер ва чобук таъсис медоданд, ки онҳоро мардум «озодагон» ном мебурданд. Чунин мисолҳо дар гузаштаи инсоният хеле зиёд ҳастанд, вале баробари ин масъала дар бобати тарбия, ахлоқ, рафтор ва гуфтори наврасону ҷавонон ҳанӯз аз замонҳои қадим аҳамияти махсус зоҳир менамуданд. Далели гуфтаҳои мо як қатор асарҳои безавол ва пурбаҳои мутафаккирони гузашта мебошад. Унсурмаолии Кайковус дар асараш «Қобуснома» насиҳатҳои падаронаи худро ба писараш Гелоншоҳ гирд овардааст, Ҳусайн Воизи Кошифӣ бошад дар асарҳои пурҳикмати хеш, «Ахлоқи Муҳсинӣ» ва «Рисолаи Ҳотамия» ақидаҳои олии худро нисбати одоб ва муоширати ҷавонон баён намудааст, баробари чунин асарҳои воқеан таъсирбахш ва бебаҳо дар адабиёти пурғановати миллати тоҷик доир ба тарбияи насли наврас ва ҷавонон бисёр аст. Ба ҳамагон маълум аст, ки аз овони кӯдакӣ мо ба фарзанд чӣ тавр тарбият диҳем, ҳамин хел ба воя мерасад, беҳуда намегӯянд, ки оҳанро дар гармиаш кӯфт. Дар мактаби миёна ҳангоми таҳсил дар зинаи ибтидоӣ мо фанни одобнома доштем, ки омӯзгор ҳикояҳоро аз асарҳои Воизи Кошифӣ нақл мекарданд. Ин дарс тарбияи мо таъсири хубе мегузошт ва то ҳол дар хотири мо хислатҳои ҷавонмардонаи Ҳотами Той ҷой дорад, ки мекӯшем дар ҳар лаҳза мисли он бошем. Муродамон

таъкиди ҳамин нукта аст, ки пешгирӣ намудани падидаҳои номатлуб байни ҷавонон аз замони тавлиди оғоз меёбад.

Дар бобати ҷавонон ва саҳми онҳо дар ҷомеа Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханрониҳои хеш таъкид намуда онҳоро ба дӯст доштани Ватан, худшинос будан ва касб кардани хислатҳои ҷавонмардонаро бедор намудан даъват менамоянд.

Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд.

Ҷавонон воқеан кувваи бузург ва нерӯи тавоно ҳастанд, сафарбар намудани ин нерӯи азим ба роҳи созанда барои тараққиёти кишвар мусоидат намуда, амният ва суботи онро низ таъмин месозад. Авзои сиёсии ҷаҳони муосир пурпечутоб буда, дар он гурӯҳҳои зиёди иртиҷоӣ, ки зидди ҳукуматҳои қонунӣ ҳастанд, фаъолияти махфӣ ва ошкоро бурда, ҷавонони сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсӣ доштаро ба сафи хеш ҷалб намуда, онҳоро ба роҳи амалҳои ғайриқонунӣ сафарбар месозанд, ки ин ходиса яке аз падидаҳои номатлуб дар мамлакатҳои зиёди дунё мебошад. Худи калимаи номатлуб чист? Агар падида ин ҳодиса бошад, номатлуб дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ба маънои мувофиқи мақсаднабуда, ғайри дилхоҳ ва номақбул омадааст. (5, ҷ. 1) Яъне амале, ки мақбули ҳамагон нест. Кадом амалҳоро метавон номатлуб дар байни ҷавонон номид? Бефарҳангӣ (тарбияи бад доштан), сигоркашӣ, нашъамандӣ, дуздӣ, ришваситонӣ, (тамоми амалҳои ҷиноӣ), шомил шудан ба гурӯҳҳои ифротӣ, террористӣ, экстремистӣ ва ғайраҳоро метавон падидаҳои номатлуб номид. Кадом омилҳо сабаби даст задани ҷавонон ба падидаҳои номатлуб мегардад?

Имрӯз яке аз мушкилоти асосии ҷавонони тоҷик ин сатҳи пасти дониш – бемаърифатӣ буда, боқӣ дигар мушкилотҳо ба он сахт вобастагӣ дорад, (6, 11) - қайд менамояд олими ҷавон Шуҳрат Саидов. Воқеан, дуруст аст, ки сабаби асосии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ҷиноӣ ва дигар падидаҳои ғайримақбул ин аз маърифти пасти онҳо мебошад. Хатаре, ки имрӯз ба ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдид менамояд, терроризм аст. Сафи террористонро ҷавонони дорои шуури паст ташкил медиҳад. Ҳанӯз дар асрҳои миёна чунин гурӯҳҳои иртиҷоӣ буданд, ки дар натиҷаи фаъолияти онҳо аз дониши заиф

доштаи Адбулатиф истифода бурда, ҳамчун силоҳ, восита ба амал дароварда, ақидаашро вайрон сохтанд ва худ падараш Улуғбекро соли 1449 ба қатл расонид. Дар ҷаҳони муосир бошад, ҳодисаҳои террористӣ хеле зиёд шудаанд, ки ин боиси нигаронӣ буда, аз тамоми қишрҳои ҷомеъа масъулият ва муборизаро зидди ин падидаҳои номатлуб талаб менамояд. Падидаҳои номатлуб дар пайи худ ба амният ва суботи ҷомеа ва давлат хатар эҷод намуда, фазои ороми кишварро халалдор месозад. Боиси қайд аст, амалҳои терроsurvистии замони муосир хислати муташаккилиро касб намудааст. Давлатҳое, ки зери нишони террористон афтодааст, пайваста дар он ҷойҳо амалҳои номатлуби худро такрор менамоянд, ором намудани вазъи кишвар мушкил мегардад. Мисоли ёдоварист – Ироқ, Сурия ва дигар давлатҳое ки бо ин амали номатлуб муборза бурда истодаанд.

Чӣ тавр падидаҳои номатлубро пешгирӣ бояд намуд? Пеш аз ҳама маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсии ҷавононро баланд намуда, муқаддас будани Ватан, модар, сулҳ ва арзишҳои дигарро фаҳмонидан лозим. Бо воситаи телевизион ва дигар васоити ахбори омма пахш намудани барномаҳои тарғиботӣ ва ташвиқотӣ, ки амалҳои номатлубро танқид намуда, тарзи ҳаёти солимро инъикос намояд. Зеро васоити ахбори омма қудрати хуби таъсиррасонӣ, сафарбарсозӣ ва маърифаткунониро дошта, барои бартараф намудани унсурҳои падидаҳои номатлуб дар ҷомеа ҳиссаи калон дорад. Дар ҷамоатҳо ва маҳаллаҳо доир намудани мулоқотҳо ва вохӯриҳо оид ба амалҳои номатлуби давр, ташкил намудани аксияҳои ҷавонон ва тқасим намудани варақаҳои иттилоотӣ оид ба зарари сигоркашӣ, майнӯшӣ ва дигар амалҳои номақбул.

Чӣ хеле ки мегӯянд, пешгирӣ аз табобат беҳтар аст, пас мо ҷавонони саодатманди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва тамоми қишрҳои ҷомеа даст ба дасти ҳам гирифта, бар муқобили ин падидаҳои номатлуби давр мубориза барем, то ки ин сарзамини биҳиштосо, ором ва ободро аз ин ҳам ободтар созем ва ба наслҳои оянда мерос гузорем.

**Адабиёт:**


1. *Prezident.tj*
2. *«Рисолаи Ҳотамия» Ҳусайн Воизи Кошифӣ – Душанбе 1991.*
3. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 22.12.2016, шаҳри Душанбе*
4. *«Ахлоқи Мӯҳсинӣ» Ҳусайн Воизи Кошифӣ – Душанбе 1991.*
5. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ҷилди 1. Душанбе – 2008*
6. *Ҷавонон ва давлати миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ. Ш.Саидов – Душанбе 2015.*

**Бурҳонов И.Б.**
*сармуаллими кафедраи менеҷменти ДДҲБСТ*

**Азизова Н.Х.**
*сармуаллимаи кафедраи менеҷменти ДДҲБСТ*

# ҶАВОНОН ҲАМЧУН НЕРӮИ ПЕШБАРАНДАИ ҶОМЕА

**“Мо бо ҷавонони созандаи худ ифтихор мекунем, чунки ҷавонони даврони соҳибистиқлолии Ватанамон имрӯз бо нангу номуси миллӣ, ташаббусҳои шоиста ва эҳсоси баланди ватандорӣ дар рушди Тоҷикистони азиз ҳиссаи арзишманд мегузоранд ва ба Модар-Ватани худ содиқона хизмат мекунанд”.**

***Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон***

Татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад, ки доимо дар суханрониҳои Сарвари давлат ҷойи асосиро гирифтааст. Тибқи маълумоти оморӣ аксарияти аҳолии Тоҷикистонро имрӯз ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо метавонанд дар нерӯи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, саҳми худро гузоранд.

Дар даврони истиқлолияти давлатӣ якчанд «Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон», «Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон», «Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2018», «Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020» қабул гардиданд, ки он метавонад ба ҷаҳонбинӣ , сатҳи одобу маърифат ва муносибати онҳо ба зиндагӣ ва иштирокашон дар корҳои давлативу ҷамъиятӣ накши муҳим гузорад[1].

Ҷавонон имрӯз дар раванди давлатсозӣ фаъолона иштирок карда, дуруст дарк менамоянд, ки ширкати фаъолона дар ин марҳилаи таърихӣ, пеш аз ҳама, ба манфиати худи онҳо мебошад.

[1] Ниг. ба Стратегияи давлатии ҷавонон барои солҳои 2015-2020

Таҳаввулоту равандҳои ҷаҳони муосир, таҳлил намудани техника ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро самаранок истифода мекунанд, дар таъсиси марказҳои ҷавонон, корхонаҳои хурду миёна, бунёди муассисаҳои варзишиву фароғатӣ ва тарзи ҳаёти солим фаъолона иштирок менамоянд.

Инчунин, барои омӯзиши илму донишҳои муосир кӯшиш намуда, ба забономӯзӣ машғул мебошанд ва дар мусобиқаву озмунҳои минтақавию байналмилалӣ ширкат карда, барои гирифтани ҷойи намоён ва шаҳодатномаҳои муаллифӣ доир ба ихтироъкорӣ саъю талош менамоянд.

Ҷавонони мо бо мақсади аз худ кардани ихтисосҳои замонавие, ки дар оянда барои манфиати иқтисоди миллии мо заруранд, дар мактабҳои олии кишварҳои гуногуни олам таҳсил карда истодаанд.

Шумораи донишҷӯёни тоҷик дар муассисаҳои бонуфузи таҳсилоти олии хориҷи кишвар беш аз 30 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки он метавонад дар танзими сиёсати кадрии ба стандарти тараққиёт вобаста нақши худро гузорад.

Ҳамаи ин ба ақидаи Сарвари давлат маҳз ба туфайли истиқлолияти давлатӣ буда, ҳамчун арзишмандтарин дастоварди миллӣ манфиатҳои ҷавононро бештар ҳимоя менамояд.

Дар марҳалаи навини рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҷаҳонишавӣ ҷалби нерӯи ҷавонон, хусусан, дар татбиқи ҳадафҳои созандаи давлат ниҳоят муҳим буда, метавонад рақобати ҳамаи соҳаҳоро аз нигоҳи андешаи ба давру замон вобаста таъмин гардонида бошад.

Иштироки фаъоли ҷавононро дар ҳаёти сиёсиву ҷамъиятӣ ҳамеша барои устувор гардонидани рукнҳои давлатдории навин муҳим буда, он яке аз самтҳои муҳими татбиқи ҳадафҳои асосии давлатӣ дар шароити муосири рақобат ва ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб меравад.

Фаъолияти муваффақонаи ҷавононро дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ба инобат гирифта, масъалаи ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор гирифт.

Тағйиру иловаҳои ба Конститутсия воридшуда барои фаъолияти ҷавонон майдони боз ҳам фарохро боз намуд ва ҷиҳати иштирок дар идоракунии давлат ва интихоб ба мақоми роҳбарии шохаҳои ҳокимият заминаи мусоид фароҳам овард.

Нерӯи созандаи ҷавонон имрӯз дар амнияти давлату ҷомеа ва дар дифоъ аз Ватан шуҷоату далерӣ ва устувориву иродаи матин нишон хоҳад дод.

Имрӯзҳо дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат беш аз 87 фоизро ҷавонон ташкил намуда, онҳо бо ҳисси баланди ватандорӣ ва

ору номуси баланди миллӣ ба Ватан ва халқи Тоҷикистон хизмат мекунанд[2].

Таҳдиду хатарҳои замони муосир ҷавонони мамлакатроводор месозад, ки донишҳои сиёсиашонро пайваста мукаммал гардонида, аз таҳаввулоти босуръати ҷаҳони имрӯза мунтазам огоҳ ва барои ҳимояи манфиатҳои милливу давлатӣ доим омода бошанд.

Дар баробари ин, механизми татбиқи сиёсати давлатиро доир ба таъминоти кадрӣ аз ҳисоби ҷавонон ва занон такмил бахшида, барои ҷалби онҳо ба хизмати давлатӣ, корҳои роҳбарикунандаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллӣ чораҳои иловагӣ андешидан зарур аст.

Тибқи маълумоти оморӣ имрӯз дар мамлакат беш аз 44 фоизи хизматчиёни давлатиро ҷавонони то 35 - сола ташкил медиҳанд.

Шумораи занон дар мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи онҳо 16 фоиз, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ 21 фоиз, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот 21 фоиз мебошад, ки ин рақамҳо ҳанӯз фаъолияти низоми идоракунии давлатиро қонеъ намегардонад.

Бо ин мақсад зарурати дар солҳои минбаъда такмил бахшидани фаъолияти Агентии хизмати давлатӣ ва Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Тоҷикистон пеш омадааст ва тақозо мегардад, ки ба тарбияи хизматчиёни давлатии ҷавони фаъолу ташаббускор таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад, то ки онҳо тавассути курсҳои махсуси омӯзишӣ ва такмили ихтисос ба корҳои роҳбарикунанда омода карда шаванд.

Тибқи моддаи 41 – и Конститутсия (Сарқонун) – и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурӣ ҳар шахс новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва ғайраҳо ҳуқуқи таҳсил карданро дорад.

Вобаста ба ин дар Тоҷикистон тамоми шароитҳо барои таҳсил дар муассисаҳои олии таълимӣ фароҳам оварда шудааст.

Сиёсати давлатии ҷавонон дар сохтори муассисаҳои олии таълимӣ яке аз зинаҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аҳамияти баланди стратегӣ ва ҳаётӣ дорад.

Тоифаи асосии ҷомеа – зиёиён, ки рушду тараққиёт, амният, сулҳу ваҳдат ва мавқеи дилхоҳ давлат дар сатҳи ҷаҳонӣ аз онҳо вобаста аст маҳз дар ҳамин зинаи таҳсилот камол меёбанд.

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон яке аз ҳамон меваҳои ширини даврони талошҳои созандагӣ буд, ки дар радифи дигар муассисаҳои таҳсилоти олии навтаъсиси кишвар соли

---

[2] Ниг. ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ 22.12.2016

1993 маҳз бо ибтикорот ва дастгирии бевоситаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ки он замон ба хайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаълият доштанд, дар арсаи маориф арзи вуҷуд намуд ва аз ғамхориву дастгирии хукумату давлат файзёб гардид.

Барои ҷалби донишҷӯён ба ҳаёти фаъоли ҷамъиятӣ, тарғиби арзишҳои маънавӣ, такмили маърифати сиёсиву хуқуқии донишҷӯён нашрияи даврии донишгоҳ бо номи «Маъвои хирад» дар ибтидои соли 2007 таъсис дода шуда, аз шумораҳои нахустини он инъикосу дарҷи хаёти рӯзмарраи фарҳангӣ, навгониҳои донишгоҳ ва кишвар, роҳҳои беҳтару самараноки татбиқи амалии накшаҳои таҳиягардида ҳадафи асосии ҳайати таҳририяи ин чарида карор гирифтанд.

Тадкикоти пурарзиши олимону устодон, мухаққиқони ҷавони донишгоҳ ва вилоят инчунин муттасил тавассути нашрияи дигари илмии донишгоҳ- маҷаллаи «Ахбори ДДҲБСТ» интишор меёбад. Кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки тарх, муҳтаво ва мундариҷаи маҷалла такмил ёбад.

Субъекти асосии дар амал тадбиққунандаи сиёсати давлатии ҷавонон дар сохтори муассисаҳои олии таълимӣ ин шӯъбаҳои кор бо ҷавонони донишгоҳҳо мебошанд, ки фаъолияти худро дар асоси Конститутсия (Сарқонун) – и Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои ҶТ «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва олии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи миллии тарбия», низомномаҳои муассисаҳои олии таълимӣ ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуӣ ба роҳ мемонанд.

Мақсад аз таъсиси ин шӯъбаҳо пеш аз ҳама таъмин намудани амалишавии сиёсати давлатии ҷавонон ва ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии дар боло номбурда дар ин зинаи таҳсилот мебошад.

Вобаста ба ин шӯъбаҳои кор бо ҷавонон дар таҳияи ҳуҷатҳои вобаста ба тарбияи ҳамаҷонибаи донишҷуён дар сохтори донишгоҳҳо саҳмгузорӣ менамоянд.

Дар мисоли мушаххас фаъолияти кунунии Шӯъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳи давлатии давлатии ҳукуқ бизнес ва сиёсати Тоҷкистон мегирем.

Шӯъбаи кор бо ҷавонони ДДҲБСТ тибқи Низомномаи он бо мақсади дар амал тадбиқ намудани сиёсати давлатии ҷавонон дар ин Донишгоҳ таъсис дода шудааст, ки баҳри амалӣ гардонидани иқтидори эҷодии донишҷӯён, рушди ҳамкорӣ, мустаҳкам гардонидани дустӣ, ягонагии ҷавонон ва донишҷӯён, ҳифзи ҳуқуқи

донишҷӯён новобаста аз нажод, милат, эътиқоди динӣ, вазъи иҷтимоӣ ва мавқеи сиёсӣ барои тайёрии касбӣ ва маълумот, ҷалб намудани ҷавонон ва донишҷӯён ба идора ва роҳбарии ташкилотҳо ва итиҳодияҳои ҷавонон, тарбияи ҷавонон ва донишҷӯён дар рӯҳияи эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, забон ва урфу одати милатҳое, ки дар Донишгоҳ таҳсил менамоянд, ташкил кардани шӯро, иттиҳодияҳо ва созмонҳои ҷавонон ва донишҷӯён ва ғайраҳо фаъолият менамояд.

Барои ба мақсадҳои боло расидан аз ҷониби Шӯъба ҳамасола чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, иттилоотӣ, фароғатӣ, варзишӣ ва озмунҳо гузаронида мешавад.

Бо мақсади амали гардонидани иқтидори эҷодии донишҷӯён бо ташаббуси Шӯъба ҳамасола озмунҳои «Донишҷӯи беҳтарин», «Иншои беҳтарин» дар мавзӯҳои гуногун, «Ихтироъкорони ҷавон», «Мақолаи беҳтарин» дар мавзӯҳои гуногун ва ғайраҳо гузаронида мешавад, ки дар онҳо донишҷӯён фаъолона иштирок менамоянд[3].

Барои ҷалби донишҷӯён ба тарзи ҳаёти солим, зебоипарастӣ, ва тарбияи онҳо дар рӯҳияи худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва миллатҳои дигари дар донишгоҳ таҳсилкунанда, шӯъбаи кор бо ҷавонони ДДҲБСТ ҳамасола нақша чорабиниҳои алоҳидаро таҳия намуда амали мегардонад. Тибқи ин нақша чорабиниҳо мусобиқаҳои варзишии вазнбардорӣ, давидан ба дарозӣ, футболи хурд, тениси рӯи миз, волейбол, маҳфили иттилоотӣ – фарҳангии «Худшиносии миллӣ», озмуни «Забон донӣ – ҷаҳон донӣ», «Махфили хозирчавобони шухтабъ (КВН)–и донишгох» ва ғайраҳо гузаронида мешаванд. Ҷиҳати баланд бардоштани зиракии сиёсӣ ва қобилияти роҳбарии донишҷӯён дар донишгоҳ маҳфили «Парлумони ҷавонон» фаъолият менамояд, ки донишҷӯёни зиёдеро муттаҳид намудааст. Ғайр аз ин дар ҳамаи факултетҳои донишгоҳ махфилҳои доимоамалкунандаи гуногуни фарҳангӣ, илмӣ, сиёсӣ ва эҷодии донишҷӯён бо номҳои гуногун фаъолият менамоянд. Сиёсати давлатии ҷавонон дар сохтори муассисаҳои олии таълимӣ маҳз ба воситаи гузаронидани чунин чорабиниҳо ва фаъолияти маҳфилҳое, ки дар боло зикрашон рафт тадбиқ мегардад.

Аз ин бар меояд, ки барои тадбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар сохтори муассисаҳои олии таълимӣ заминаи боэътимод мавҷуд аст.

Дар ҳақиқат ҷавонон нерӯи пешбарандаи ҷомеа буда, имсол бо эълон кардани Соли ҷавонон аз тарафи Пешвои миллат мӯхтарам Эмомалӣ Раҳмон бо саъю кӯшиши ҷадид ҳар як ҷавон албатта саҳми

[3] Ниг. ба Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ ба муносибати ба истифода додани бинои нави ДДҲБСТ

худро дар амалишавии ҳадафҳои имрӯза ва ояндаи ҷомеа мегузорад ва хоҳад гузошт. Бахусус ҷавонони ДДҲБСТ дар ин ҷода қадамҳои устувор гузошта ба ин мақсадҳо ноил хоҳанд гузошт.

**Адабиёт:**


1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олӣ 22.12.2016*
2. *Азарова Р.Н. Педагогическая модель организации досуга обучающейся молодежи// Педагогика. - 2005. - №1, С. 27-32.*
3. *Актуальные проблемы социальной психологии [текст] / редкол.: Р.М. Шамеонов и [др.] Материалы Международной научно-практической конференции Актуальные проблемы социальной психологии.- Волгоград: Изд-во ФГОУ ВПО ВАГС, 2010. - 218 с.*
4. *Артемьев А.Я. Социология личности. М., 2001.*
5. *Воронков С.Г., Иваненков С.П., Кусжанова А.Ж. Социализация молодежи: проблемы и перспективы. Оренбург, 1993.*
6. *Гайсина Г.И., Цилюгина И.Б. Воспитание социально зрелой учащейся молодежи: учеб. пособие [текст]. - Уфа: Изд-во БГПУ, 2010. - 80 с.*
7. *Григорьев С.И., Гуслякова Л.Г., Гусова С.А. Социальная работа с молодежью: учебник для студентов вузов/ С.И. Григорьев, Л.Г. Гуслякова, С.А. Гусова. - М.: Гардарики, 2008. - 204 с.*
8. *Емчура Е. Современная молодежь и каналы ее социализации. Вестник московского университета. Серия 18. Социология и политология. 2006. №3 - 135 с.*
9. *Заславская Т.И. Стратификация современного российского общества Информ. бюл. мониторинга ВЦИОМ. - 1996. - №1. - С. 7-15.*



**Ғаюров Ҳ.Ш.,**
*дотсенти кафедраи системаҳои иттилоотии автоматикунонидашудаи ДДҲБСТ,*
**Воҳидова З.Р.,**
*ассистенти кафедраи системаҳои иттилоотии автоматикунонидашудаи ДДҲБСТ*


## МАҚОМИ ОИЛА ДАР ТАШАККУЛИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат таъкид менамоянд, ки "Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои

номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд".

Дар солҳои охир дар ҷамъияти мо мафҳуми «таҳаммулпазирӣ» ба миён омадааст. Инсон ҳангоми бори нахуст шунидани ин вожа шояд ҳамоно ба умқи маънояш намерасад, вале чун болои муродифҳои он- "тоқатпазирӣ" ё "муросо" андеша биронад, ҳадаф комилан ошкор мегардад. Агар ба таърихи пайдоиши мафҳуми «таҳамулпазирӣ» назар афканем, он ба асрҳои миёна ба замоне ки дар Аврупои Ғарбӣ низоъҳои конфенссионалӣ ба миён омаданд, мувофиқ омадааст. Дар асрҳои миёна таҳаммулпазирӣ, чун созиш, ба хотири бартарф сохтани низоъҳои байни католикҳо ва протестантҳо зарур буд. Дар асрҳои XVII- XVIII олимони барҷаста ва педагогҳо таҳаммулпазириро ба ҳайси созишнома корбаст намудаанд.

Дар луғатномаи низоъшиносӣ «таҳаммулпазирӣ» - тоқатпазироӣ, инсони пуртоқат, ба касе ё ба чизе: тарзи ҳаёти ҷудогона, андеша, рафтор, ҳиссиёт, ғоя ва арзишҳо омадааст (1; 2).

Дар илми педагогика омӯхтани таҳаммулпазириро солҳои наздик оғоз намуданд. Фаҳмиши таҳаммулпазирӣ ҳамчун эҳтиром ва эътирофи баробарҳуқуқӣ, рад аз хушунат, эътирофи бисёрченака ва гуногунрангии фарҳанги инсон, меъёрҳо, дин, даст кашидан аз маълумоти гуногунранг, ба якрангӣ ва ё бартарияти яке аз ин нуқтаи назар таҷассум мешавад (1,5).

Таҳаммул ин сифати ягона гирифташуда набуда, балки натиҷаи аломатҳои байниҳамдигарии ҳолатҳои шахсро ифода менамояд. Бояд тазакур дод, ки рушди шахсият бевосита ба тарбия дар алоқамандӣ ҷой дорад. Тарбияи кӯдак дар ибтидо ягон нигоҳубини махсус ва изтиробоварро талаб наменамояд. Инкишофи кӯдак, пеш аз ҳама, аз худи кӯдак ва ба табиат вобастагӣ дорад.

Оила асос ва пояи раванди тарбия ба ҳисоб меравад. Оила дар тарбияи маънавӣ ва ташаккули шахсияти инсон алоҳида мақоми калидӣ мебозад. Танҳо шахсе, ки бо ахлоқи ҳамида ва ақлу заковати ибратпазир обутоб ёфтааст, метавонад хушмуомила бошад ва дар он ҳолат ба мақсади гузоштаи худ мерасад.

Тарбияи таҳаммулпазирӣ, ба гуфтаи А.С. Макаренко, якчанд омилҳои муҳим, ба монанди: мақоми падару модар, тарбия дар меҳнат, хоҷагидории оила, баланд бардоштани малакаи фарҳангии оила, интизомнокӣ ва ғайраҳоро фарогир мебошад (5). Тарбияи малакаю маҳорати маданиятнокӣ дар оила рушди таҳаммулпазириро дар кӯдакон муайян менамояд.

Ба ақидаи Жан - Жак Руссо, мақсади тарбия дар оила ба шахс додани сифатҳое мебошад, ки барои дар зиндагӣ бартараф кардани мушкилоту монеаҳо кофӣ бошанд. Дар оила кӯдак мувофиқи

қобилияти ақливу зеҳнӣ ва бо таҷассуми арзишҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ инкишоф меёбад. Махсусан, падару модар, таъсири қавитаринро ба кӯдак расонида метавонанд.

“Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳар як шаҳрванд ва падари оила,- мегӯяд К.Д. Ушинский, - аз фарзандони худ омода намудани шаҳрвандони ба ҷомеа манфиатовар ва риоякунандаи ҳуқуқҳои инсонӣ аст, ки бо он ба дунёи ҳастӣ омадааст - ҳуқуқ ба ислоҳ ва тарбияи ҳамида мебошад” (4).

Аз нигоҳи П.Ф. Лесгафт, вазифаи асосии волидайн ин аст, ки бояд дар оила чунин шароитро муҳайё намоянд, ки кӯдакон имконияти аз синни хурдсолӣ озодона ва муназзам инкишоф ёфтанро дошта бошанд.

Тарбияи ратсионалии оила, таъсири мусбати худро ба кӯдак расонида, самимият, ростқавлӣ, шавқу завқ, фаҳмиши муҳити атроф, худфаъолиятӣ ва ғайраро фарогир мебошад. Ҳамин тариқ, мо мебинем, ки арзишҳои сифати шахсӣ дар оила ташаккул меёбад.

Барои он ки волидайн фарзанди худро дар руҳияи таҳаммулпазирӣ тарбия намоянд, зарур аст, ки худ соҳиби донишҳои муносиб бошанд, аз ҷумла, волидон бояд дар наврасон, низоми арзишҳоро ташаккул диҳанд, бо назардошти он, ки фаҳмишҳои умумӣ, бо монанди розигӣ, созиш, ҳамдигарфаҳмӣ ва таҳаммулпазирӣ, бахшидан, зӯроварӣ накардан, ҳамдардӣ ва ғайраҳо. Дар оила кадом навъи тарбия маъмул бошад, одамон мутобиқ ба он ба воя мерасанд, ки он вобастагиро ифода менамояд.

Мутобиқи андешаи баъзе педагогҳо методи асосии тарбия дар оила аз тарафи волидайн гузаронидани дарсу сӯҳбатҳо бо фарзандон, ҳамчунин дастгирии хурдсолон дар ҳалли масъалаҳои гунонуни пайдошуда ва ҷалби онҳо ба корҳои манфиатнок мебошад.

Аксари волидон аз усулҳои тарбия бехабар мебошанд. Муносибати ғайриратсионалӣ бо кӯдакон дар интихоби воситаҳои тарбиявии мафҳумҳои ҷазо ва мукофотро ба миён меоварад. Вале боиси нофаҳмӣ он аст, ки кӯдакро наметавон бовар кунонид ва ё исбот намуд, ки ӯ ноҳақ аст. Ба ҷои ҷазо ва мукофонидан волидайн метавонанд, равишҳои табииро дар мисоли бовиҷдонӣ, ғамхорӣ, пайравӣ, дониш ва озодӣ истифода намоянд.

Бо назардошти арзишҳои барои ҷомеа афзалиятнок, ҳангоми тарбияи кӯдакон диққати асосиро бояд ба такмилу таҳким додани сифатҳои хирадмандӣ ва дурандешӣ равона намуд. Ин хислатҳо дар маҷмӯъ муносибати таҳаммулпазириро бо одамон ташкил медиҳанд.

Кӯдак бо рафтор ва хислатҳои худ кирдори волидайнашро инъикос менамояд. Аз ин рӯ, зарурияти таҳаммулпазириро омӯзонидан барои кӯдак зарур мегардад. Агар падару модар

кӯдаконро гӯш кунанд, гуноҳи онҳоро бахшанд, барои амалӣ гардонидани нақшаҳояшон розигӣ диҳанд, фикри онҳоро эҳтиром кунанд, интихоби фарзандашонро ба назар гиранд, ин ҳам як воситаи омӯзонидани таҳаммулпазирӣ мебошад. Аксари волидайн бо фарзанд муносибати нодурустро ба роҳ монда, фикри онҳоро нодуруст мешуморанд, ки ин дар оянда ба кӯдак таъсири манфӣ мерасонад ва муносибаташ бо калонсолон беэҳтиромона мегардад.

Ҳамин тариқ, муҳимияти таҳаммулпазирӣ маънои онро дорад, ки ҳар кас дар нигоҳ доштани ақидаи худ ва эътирофи ҳуқуқҳои дигарон озод аст. Вазифаи падару модар дар ҳолатҳои зарурӣ, кӯмак расонидан ба кӯдакон ва ҳатто таваҷҷӯҳи зиёди онҳо дар мавриди «афтидан»-и онҳо ба ҳисоб меравад. Аз тарафи дигар ин маънои онро дорад, ки назари як инсон наметавонад ба дигарон маҳдуд бошад. Зарур аст, ки ба мустаҳкам намудани рӯҳияи таҳаммулпазирӣ ва ташаккули муносибати ошкорро, диққати яке ба дигаре аҳамияти аввалиндараҷа дода шавад.

Таҷрибаи корӣ собит месозад, ки дар байни ҷавонон, махсусан донишҷӯёни муассисаҳои олии кишвар масъалаи таҳаммулпазирӣ дар баъзе мавридҳо то ба дараҷаи зарурӣ мавқеи худро пайдо накардааст. Ҷавонони имрӯза, хусусан донишҷӯёне, ки имрӯз аз равандҳои таҳаммулпазирӣ дур мондаанд, мавқеъ ва манзалати худро дар ҷомеа бо пуррагӣ пайдо накардаанд. Устодони макотиби олиро зарур аст, ки дар раванди корҳои тарбиявии ба нақша гирифташуда, моҳият ва мазмуни таҳаммулпазириро ба донишҷӯён фаҳмонида, барои амалӣ гардонидани он корҳои зиёдеро анҷом диҳанд. Тарбияи ҷавонон, махсусан дар ҷаҳони муосир такмили аниқ ва махсусро талаб менамояд. Дар сурати дур мондани ҷавонон аз тарбияи оила, мактабу маориф ва арзишҳои таҳаммулпазирӣ дар зиндагии худ онҳо дучори нокомиҳо мегарданд.

Имрӯз, ки ҷавонон дар даврони истиқлолият, дар зери партави нурфишони давлати озоду демократӣ бо ҳидояту ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон зиндагӣ ба сар мебаранд, бояд, падидаҳои навини ба ҷомеа хосро қабул намуда, бештар барои азхудкунии илми муосир, махсусан илмҳои бунёдию техникӣ шуғл варзанд. Дар ҳолати дуруст ба роҳ мондани тарбияи таҳаммулпазирӣ дар байни ҷавонон, хоса донишҷӯён, мақоми шуурнокӣ ва зеҳнии онҳо боз ҳам мустаҳкам гардида, барои пешрафт ва ояндаи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ саҳмгузор хоҳанд шуд.

**Адабиёт:**

1. *Асмолов А.Г. Толерантность от утопии к реальности. // На пути к толерантному сознанию. М.: 2010. — 5—7 с.*
2. *Давлетчина С.Б. Словарь по конфликтологии. Улан-Удэ: ВСГТУ, 2005. — 100 с.*
3. *Егоров С.Ф., Лыков С.В., Волобуев Л.М. Введение в историю дошкольной педагогики: Учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений / Под ред. С.Ф. Егорова. — М.: Издательский центр «Академия», 2001. — 320 с.*
4. *История дошкольной педагогики в России: Хрестоматия / Сост. С.В.Лыков, Л.М.Волобуева; Под ред. С.Ф.Егорова. — М.: Издательский центр «Академия», 1999. — 520с.*
5. *Макаренко, А. С. Книга для родителей [Текст] / А. С. Макаренко // Собрание сочинений в 4 томах.- Т.4. — М.: Правда. — 1987. — 578 с.*

**Ғоибов К.Ш.,**
*сармуаллми кафедраи психологияи иҷтимоӣ*
*ва касбии ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров*

## ПЕШГИРИИ ПСИХОЛОГИИ ҶАВОНОН АЗ ПАДИДАҲОИ НОМАТЛУБ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таълиму тарбияи ҷавонон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, ибрози ақида намуданд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ бояд наслеро тарбия намоем, ки аз нигоҳи донишу заковат, худшиносиву ҷаҳонбинӣ мувофиқ бошанд.

Таълиму тарбияи насли имрӯза бо навгониҳои технологияи муосир ва баланд бардоштани самту сифати таълим, ташаккул додани фаъолияти ақлӣ ва мустақилона фикр карданро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, фаъолияти таълим ва инкишофи қобилияти фикрии ҷавононро дар роҳи илму маърифат густариш дода, онҳоро ҳамчун мутахассиси шоиста омода намудан зарур мебошад.

Ҷавонон ҳамон вақт соҳиби тахассуси хуб шуда метавонанд, ки ба таълим муносибати мусбӣ зоҳир кунанд, донишу маҳорат ва малакаҳои кори таълимиро саривақт аз бар намоянд. Албатта, ҳаваси ҷавонон ба ин ё он соҳаи илм ё фаъолият равшан ифода меёбад. Ҳамин ҳаваси маърифатии онҳо ба ташаккули равияи таълимӣ-касбӣ ва муайян намудани касб ба ҳаёти ояндаи ҷавонон таъсири мусбат

мерасонад. Аз ин рӯ, зуҳуроти сатҳи инкишофи ҳаматарафаи наврасону ҷавонон дар рафти фаъолияти таълимӣ такмил дода мешавад. Ҳамчунин дар маҳфилҳои илмӣ, дар озмуни фанҳои дақиқ ва технологияи муосир дар миқёси ноҳия, шаҳр ва ҷумҳурӣ, дар конфронсҳои хонандагон, викторинаҳо фаъолона иштирок, карда дар ин ё он соҳаи илм бештар имконияту қобилияти худро нишон медиҳанд. Дар шароити кунунӣ барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбияи наврасону ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии кишвар бояд ҳамкории сеҷонибаи мактаб, оила ва аҳли ҷамоатчигӣ дар сатҳи баланд ба роҳ монда шавад, пас инкишофи маҳорату малакаи донишазхудкунӣ ва ҳамчунин ҷаҳонбинии наврасону ҷавонон низ рушд меёбад. Аз тарафи дигар ҷоннок намудани фаъолияти якҷоя ин асосҳои педагогии фаъолияти психолог дар мактаб мебошад. Фаъолияти равоншиноси мактаб дар ду самт ба роҳ монда мешавад, ки инҳо машварати психологӣ ва корҳои профилактикӣ ва коррексионӣ мебошанд. Дар самти машваратҳои психологӣ бояд равоншинос аз телефони боварӣ низ самаранок истифода намояд ва ҳама гуна дархости мизоҷон аз тарафи ӯ таҳлили психологӣ карда шаванд. Инчунин барои аз вазъиятҳои стресс, аффект, агрессия, асбонияти аз ҳад зиёд баровардани ҷавонон равоншинос дорои маҳорати бойи кабии хеш бошад.

Имрӯзҳо ҳангоми кор бо наврасону ҷавонон бо чунин мушкилоти иҷтимоию психологӣ, аз қабили интихоби касб, муносибатҳои маҳрамона, муносибат бо волидон, пайдо намудани ҷойи кор, худкӯшӣ, ихтилофҳои оилавӣ, низоъҳои мактабӣ, истеъмоли машруботи спиртӣ, истифодаи маводҳои нашъадор, хислатҳои номатлуби рафтор, худбаҳодиҳии баланд, ки бо зуҳуроти ин синну сол алоқаманд аст, рӯбарӯ гардидан аз эҳтимол дур нест. Пешгирии саривақтии ин зуҳӯротҳо меъёрҳои умумиро дар намуди машварати психологӣ, тиббӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, инчунин, ёрии психотерапевтиро ҳам бо наврасону ҷавонон ва ҳам бо волидони онҳо талаб менамояд. Яке аз самтҳои кори психолог дар чунин ҳолатҳо метавонад машварати психологӣ бошад.

Машварати психологӣ ташкили суҳбати махсуси равоншинос бо миҷоз (намояндагони маъмурияти мактаб, омӯзгорон, падару модарон, хонандагон, аз ҷумла ҷавонон) буда, он барои муайян кардани масъалаҳо, таҳлили рафторҳо, пешниҳоди маслиҳат ва ё тавсияҳо барои ҳалли ягон муаммо равона карда шудааст. Ба ғайр аз маълумоти иттилоотӣ додан, дар вақти гузаронидани машварат инчунин амалҳои ислоҳкунии психологӣ ва психотерапевтӣ гузаронида мешавад. Инҳо ба монанди: паст намудани ҳолати асабнокии мизоҷ, ором намудан, ислоҳкунии норасогиҳои тараққиёти психикии кӯдакон ва ғайра мебошад. Машварат бо шахсони алоҳидае,

ки аз ҷихати касбу корӣ бо якдигар алоқаманд мебошанд, (маъмурияти мактаб ва омӯзгорон, омӯзгорон ва талабагон) инчунин бо аъзоёни оила, ки муносибати байнишахсӣ доранд, (волидайн ва кӯдакон) гузаронида мешавад.

Машварати психологӣ яке аз методҳои инфиродии фаъолияти равоншинос аст.

Машварати психологӣ дар фаъолияти равоншиноси муассисаи таълимӣ ҷои махсусро ишғол карда, ҳамчун методи кори асосӣ ҳисобида мешавад, ки он якчанд сабабҳо дорад:

Дар мактаб ташкил ва гузаронидани корҳои гурӯҳии психологӣ байни омӯзгорон хело мушкил аст. Равоншинос барои муттаҳид намудани гурӯҳ ва бо онҳо гузаронидани корҳои гурӯҳӣ хело вақти зиёдро сарф мекунад. Зеро муаллимон баъди дарс, асосан монда шуда, сӯи хона шитоб доранд ва ё ба дарси оянда тайёрӣ мебинанд ба монанди: тафтиши дафтарҳо, навиштани нақшаи копспекти дарси оянда. Агар ягон рӯзи озодтарро интихоб намоед ҳам, ба мушкилӣ дучор мешавед, зеро ҷадвали дарсии омӯзгорон хело гуногун мебошад.

Агар равоншинос бо талабагон машғулияти гурӯҳӣ гузаронидани шавад, низ ба чунин ҳолат дучор мегардад. Баъди дарс талабагон монда шуда, дам мегиранд. Аз дарсҳои асосӣ гирифтани талабагон низ бо мақсад набуда, онҳо аз дарсхонӣ мемонанд.

Гузаронидани корҳои гурӯҳӣ бо волидайн низ хело гарон буда, бештари онҳо бо таклифи маъмурияти муассиса ба мактаб ҳозир мешаванд.

Аз ин лиҳоз, равоншинос бештар бо корҳои инфиродӣ машғул гашта, методи машварати психологро пеш мегирад. Ба ғайр аз ин, дар вақти гузаронидани машварати инфиродӣ равоншинос имконият дорад шахсиятҳоро чуқуртар омӯхта, бо муаллимон, талабагон, волидайн ва ҷавонон барои ҳалли муаммоҳои онҳо ёрӣ расонида бошад. Машварати психологӣ гарчанде вақти зиёдро мегирад ва аз равоншинос қувваи зиёдро талаб кунад ҳам, он беҳтарин методи корӣ ҳисобида мешавад.

Ҳамин тавр, ташкили машварати психологӣ дар пешбурди фаъолияти ҳаётии ҷавонону наврасон воситаи асосии пешгирӣ аз ҳар гуна ҳодисаҳои номатлуб маҳсуб гаштааст. Барои баланд бардоштани дараҷаи ҷаҳонбинии ҷавонон зарур аст, ки аз овони кӯдакӣ ба тарбияи онҳо эътибори ҷиддӣ зоҳир намоем.

**Адабиёт:**


*1. Миралиев А., Давлатов М. Педагогика ва психология. – Душанбе, Ирфон, 2007. – 344 с.*

2. *Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. – СПб.: Питер, 2002. – 507с.*
3. *Психология. / зери таҳрири Давлатов М. – Душанбе: Собириён, 2010. – 336 с.*
4. *Қодиров С., Давлатов М. Психологияи иҷтимоӣ. – Душанбе: Сино, 2004. – 132с.*

**Давлатова Ш. Н.,**
*соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики ТНУ*

## СЕМЕЙНОЕ ВОСПИТАНИЕ КАК ОСНОВА РАЗВИТИЯ ЛИЧНОСТИ РЕБЕНКА

Лишь незначительное количество детей находится в детских домах вследствие смерти обоих родителей. В наши дни сирот меньше, чем раньше, и их гораздо охотнее усыновляют. Но смерть одного из родителей может послужить причиной помещения ребенка в детский дом, в случае если другой родитель не с состоянии содержать ребенка и заботиться о нем. Особенно если в семье несколько детей, то родителю, самостоятельно воспитывающему детей после смерти супруга, бывает очень трудно удовлетворить их потребности.

Финансовые трудности в семье также могут привести к необходимости передать ребенка на воспитание. И хотя они, как правило, не единственная, но очень серьезная и часто встречающаяся причина, заставляющая родителей отдать ребенка в детский дом. Иногда неожиданный финансовый кризис поражает семейный бюджет именно в тот момент, когда он и так был весьма невелик. Это приводит к тому, что родители оказываются неспособными содержать своих детей.

Приемные родители, взявшие на воспитание ребенка, играют главную роль в системе службы социальной опеки. Их основная задача состоит в обеспечении необходимых материальных ресурсов и установлении взаимоотношений, способствующих реабилитации приемного ребенка и его нормальному развитию. В обязанности приемных родителей входит предоставление такой физической, социальной и психологической помощи, которая требуется для нормальной жизни ребенка и его воспитания и которая обычно обеспечивается родными родителями. Помимо этого, приемные родители обращают особое внимание на ребенка в стрессовом состоянии и обеспечивают его реабилитацию (стр.155).

В настоящее время обучение приемных родителей ведется практически на профессиональном уровне. Поэтому преподаватель,

специализующийся в области подготовки приемных родителей, может заключить контракт либо с агентством социального обеспечения, либо мясным колледжем или программой образования взрослых.

Обучение приемных родителей до принятия ими на воспитание ребенка предоставляет им время для того, чтобы взвесить еще раз те последствия, которые повлечет за собой принятие на себя обязанностей по воспитанию чужих детей. Обычно соответствующая программа ориентируется на взаимодействие приемных родителей и официальных учреждений, проблемы, обусловленные возникновением у ребенка ощущения оторванности от родной семьи и связанных с этим эмоциональных переживаний, а также общение с родными родителями ребенка. Это обучение помогает приемным родителям решить для себя, сумеют ли они справиться с тем нелегким бременем, которое добровольно на себя возлагают.

Обучение приемных родителей после принятия ими на воспитание чужого

ребенка ориентируется главным образом на вопросы развития детей, методы поддержания дисциплины и управления поведением, навыки взаимодействия и проблемы отклоняющегося поведения. Столь различная ориентация этих двух видов обучения приемных родителей объясняется тем, что повседневная жизнь с чужим ребенком накладывает большой отпечаток на всю семейную жизнь. Забота о ребенке, который переживает целую серию стрессовых состояний, требует от родителей специфических знаний и навыков. Приемные родители хорошо понимают необходимость обучения и используют в первую очередь ту информацию, на которую они могут непосредственно опираться в их повседневной практике. Вот лишь некоторые из этих проблем: обучение родителей взаимодействию с детьми, имеющими эмоциональные, физические или умственные отклонения; испытывающими трудности в учении; с подростками, особенно ранее судимыми; с детьми раннего возраста; с незамужними матерями; с безнадзорными детьми, испытавшими на себе жестокое обращение взрослых.

Еще одной существенной стороной обучения приемных родителей является развитие профессиональной идентичности и формирование навыков. Опытные приемные родители, которые долгое время обучались и вполне способы ориентироваться в ситуации, зачастую берут на себя роль лидера. Очень важно, чтобы у родителей не только была возможность взять на себя роль лидера, но и сформировались профессиональные навыки лидера. Курсы группового взаимодействия, юридические аспекты воспитания чужих детей и защита прав ребенка составляют важную часть развития профессиональной идентичности.

У приемных родителей разный уровень образования, социальное и материальное положение. Одни из них - дипломированные и имеющие постоянное место работы специалисты, другие имеют лишь начальное или среднее образование и работу, не требующую высокой квалификации. В настоящее время большая часть приемных родителей (по крайней мере один из них), кроме воспитания чужих детей, занимается каким-либо другим видом деятельности. Однако все большее распространение получает идея о том, что воспитание чужих детей следует рассматривать как полноценную профессиональную деятельность.

Имеющие определенный опыт приемные родители считают, что их подготовка должна носить кратковременный характер и немедленно давать практические результаты. Они хотят, чтобы с ними обращались как с опытными взрослыми людьми, которые приходят на занятия, чтобы поделиться своими знаниями и решить стоящие перед ними конкретные проблемы. По мере того как родители обмениваются друг с другом опытом работы с детьми в тех или иных специфических ситуациях, класс постепенно становится группой поддержки.

Во многом обучение приемных родителей ничем не отличается от обучения обычных сессией, однако существуют и специфические проблемы.

Приемному родителю очень важно знать, что к нему относятся как к ответственному члену сообщества и что информация, касающаяся их ребенка, носит конфиденциальный характер. Кроме того, приемному родителю необходимо сознавать, что в конечном итоге ребенок, которого на время оторвали от родных, «принадлежит» государству, а не ему или детскому дому. Но в том и другом случае по поручению государства конкретные лица берут на себя заботу о ребенке. Основные обязанности по воспитанию ребенка государство возлагает на опекунское агентство в лице детского дома, а тот в свою очередь «нанимает» приемного родителя, чтобы он заботился о ребенке. Таким образом возникают отношения наниматель-служащий, в ходе реализации которых и детский дом (наниматель), и приемный родитель (служащий) возлагают друг на друга определенные ожидания. В отдельных случаях приемные родители и сотрудники детского дома строят свои взаимоотношения как коллеги, а не как работодатели и служащие.

Приемный родитель, должен, принимая на воспитание чужого ребенка , хорошо понимать, что ему будет просто необходимо делиться опытом с другими заинтересованными лицами. Приемные родители не только будут предоставлять детскому дому информацию о развитии ребенка, но и, возможно, у них возникнет необходимость

получить советы и помощь у юристов и милиции. Кроме того, приемные родители, планируя свою деятельность в соответствии с потребностями ребенка, должны уметь работать вместе с консультантами, врачами и учителями.

Воспитание чужого ребенка требует от приемных родителей большого объема «бумажной» работы. Прежде всего, они должны пройти ряд формальностей, необходимых для получения официального разрешения правило, должны представить все необходимые данные о себе, о стиле семейной жизни, семейном бюджете, процессах принятия решений, потребностях семьи и стоящих перед нею целях. Эти данные крайне важны для всех специалистов, занимающихся проблемами воспитания чужих детей, поскольку работники опекунского агентства должны хорошо знать семью для того, чтобы, во-первых, поместить ребенка в такую среду, которая будет способствовать его оптимальному росту и развитию, и, во-вторых, удовлетворить берущую на воспитание ребенка семью.

Записи о состоянии здоровья ребенка и финансовые отчеты о затратах на него тоже являются важной, хотя подчас приносящей разочарования, особенностью деятельности приемных родителей. Ведение ежедневных записей, касающихся ребенка, крайне необходимо для обеспечения детского дома информацией. Представленная детскому дому информация важна и с той точки зрения, что она может храниться в его архиве и, в случае если ребенка вернут домой или же позднее опять поместят в детский дом, в распоряжении специалистов будет его личное дело. Записи о процессе адаптации ребенка к принявшей его на воспитание семье, школе, друзьям, а также о его взаимоотношениях с родной семьей будут представлять интерес для специалиста, изучающего условия жизни неблагополучных семей и оказывающего им помощь. Особое значение они имеют и для родной семьи ребенка, которой необходимо иметь последние и достоверные сведения о его развитии.

Приемные родители могут фиксировать и различные эпизоды отдельных событий из жизни ребенка, таких, как дни рождения или школьные мероприятия. Они могут наклеивать фотографии ребенка и его рисунки в специальный альбом. И приемные родители, и принятый на воспитание ребенок отвечают в равной мере за составление описания жизни последнего. Детям очень важно не «потерять» себя и свое детство из-за того, что они попадают в чужую семью. Четкое представление о своем прошлом может помочь ребенку адаптироваться к жизни в чужой семье, а также понять и принять самого себя.

Несмотря на то что совместная деятельность различных работников опекунских учреждений строится по-разному, есть ряд

специалистов, о которых приемные родители должны знать обязательно. В первую очередь будущие приемные родители должны поддерживать контакт со специалистом, в обязанности которого входит подбор подходящей для воспитания чужих детей семьи. Зачастую этот специалист одновременно имеет право выдавать разрешение родителям на принятие в семью ребенка, а также изучает условия жизни неблагополучных семей и оказывает им помощь. Он заинтересован в помещении ребенка в семью-реципиент, поддержании контактов с приемными родителями и их воспитанником во время его пребывания в семье, а также в подготовке ребенка к расставанию с семейным детским домом. На этого специалиста, как правило, возлагаются обязанности по работе с родной семьей ребенка и изменению условий ее жизни с тем, чтобы подготовить, возможное его возвращение. Обязанности по оценке физического и психологического состояния членов семьи, берущей на воспитание ребенка, а также по обучению и подготовке приемных родителей могут возлагаться и на нештатных специалистов, работающих по контракту.

Навыкам семейного воспитания нужно учиться, и вполне возможно, что жизненные обстоятельства родных родителей ребенка сложились не самым благоприятным образом для их формирования. Кроме того, надлежащему выполнению обязанностей по воспитанию мешало их состояние здоровья или другие факторы, В этой связи одна из задач приемных родителей -терпеливо помогать родным родителям ребенка разрешить эти конфликты и сформировать у них конструктивные навыки семейного воспитания.

Приемным родителям не следует «смазывать» сложившуюся ситуацию с помощью таких высказываний, как: «Все будет в порядке» или «Не беспокойся об этом», либо, что еще хуже, игнорировать чувства ребенка. Они должны быть очень восприимчивы к словам и чувствам ребенка.

У ребенка должно быть время для интимных бесед с приемными родителями. Время, когда вся семья собирается вместе и большая часть внимания уделяется приемному ребенку, позволяет показать ему, что он желанный и находящийся на особом положении член семьи. Кроме того, во время этих встреч ребенок может рассказать о своих нуждах и переживаниях. Это позволяет приемным родителям разобраться в том, что испытывает ребенок, и лучше увидеть пути улучшения взаимоотношений в семье.

**Дадоматов Д.Н.,**
*н.и.и, дотсенти ДДҲБСТ*
**Қӯзибоева Б.М.,**
*н.и.и., сармуаллимаи кафедраи*
*баҳисобгирии бухгалтерии ДДҲБСТ*

# ТАРБИЯ – РАВАНДИ МАҚСАДНОКИ БА ВОЯ РАСОНИДАНИ ИНСОН АСТ

Шукри истиқлол, ки қадами муборакаш дар ҳама соҳаҳои зиндагии ҷумҳурӣ имкониятҳои васеъ ва бахри сайқали истеъдоду лаёқат заминаҳои мусоид фароҳам овард. Ҷомеаи мо ба омӯзгорони соҳиби хираду маданияти баланди ба менталитети миллӣ ҷавобгӯ, эҷодкор, маърифатноку заковатманд ниёз дорад.

Менталитет – сифати ақл, фаъолияти маънавӣ, тарзи тафаккур ва қобилияти фикрии инсон, маҷмуи сифатҳое, ки ба ин ё он халқияту миллат аст. Аз байни субъектони раванди таълим маҳз омӯзгор он василае мебошад, ки тавассути ӯ кулли дастовардҳо мушкилоту талабот ва камбудиҳо ба вуқӯъ меоянд.

Барои қонеъ гардонидани ин талабот аксари омӯзгорон ба душвориҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Дар шароити имрӯза барои ба ҳамдигар ёрӣ расонидан хоҳиш дошта бошем ҳам, вақт надорем.

Ҳарчанд дар китобхонаҳои донишгоҳҳо адабиёти зиёде вуҷуд дошта бошад ҳам, онҳо дар шакли алоҳидагӣ буда, талаботу ниёзи омӯзгорро қонеъ гардонида наметавонад.

Ҳар як ҷавон баъди хатми мактаби миёна, агар ӯ инсони болаёқат бошад, барои гирифтани маълумот кӯшишу ҳаракат менамояд.

Дар навбати худ маълумот – равандест, ки моҳияти ба манфиати шуурнокии шахсиятро ифода мекунад ва дараҷаи фарогирии дониш, малака, маҳорат ва ахлоқи инсонро муайян мекунад.

Вазифаи асосии гирифтани маълумот мунтазам қонеъ кардани талаботи инсон ба инкишоф, равона намудани қобилият ба ҷустуҷӯ ва дарёфти тарзи ҳаёти солим, таъмини рушди иҷтимоии ҷамъият ва ҳифзи табиат, яъне:

- ба инсон шуури маънавӣ эҳё кунад, дониши зарурииро омӯзонад дар руҳияи эҳтироми фарҳанг забон ва анъанаҳои миллӣ тарбия намояд;
- инкишофи илм, техника, истеҳсолотро барои инсон таъмин намояд;
- эҳтиёҷоти инсонро ба маълумот муттасил таъмин намояд.

Инчунин вазифаи асосии зинаи ибтидоии стандартии маълумот додани дониш, хат, ҳисоб, баён карда тавонистани фикри худ,

мушоҳидаи таҷрибаи одии одамон, муомилаи хуш, ҳамкорӣ, тарбияи парвариши ҳисси забон дар худ ва дигарон аст. Рушди таълими ҳамгиро: санъат ва меҳнат, хондан ва навиштан, варзиш ва табиат, арифметика ва унсурҳои геометрия ва монанди инҳост.

Зинаи ибтидоии таҳсил вазифадор аст:

- малакаю маҳорати дуруст хондан, навиштан, ҳисоб кардан ва тавассути он беш аз пеш таҳлилу фикр кардан ва хулоса баровarданро омӯзад;
- қобилияту истеъдодҳои инфиродии донишҷӯёнро ошкор созад ва инкишоф диҳад;
- майлу хоҳиш ва азму иродаи донишандӯзии донишҷӯёнро ташаккул ва шавқу ҳаваси маърифатии онҳоро ривоҷ диҳад;
- ҳисси зебопарастии донишҷӯёнро инкишоф диҳад;
- тафаккури мантиқӣ, маданияти сухан ва хулқу одоб, тани сиҳат ва усули зиндагии солим бунёд гузорад;
- ба қадру қимати неъматҳои моддӣ, ки дастранҷи падару модарон аст, расидан, дар афзудани ин неъматҳои моддӣ ба қадри ҳол ҳисса гузоштанро омӯзонад;
- ба инсон дӯст доштани падару модар, забони модарӣ, Ватан, эҳтироми калонсолону хурдсолон, устодон ва ба онҳо ёрӣ расониданро омӯзонад;
- эҳтироми муқаддасоти Ватан (аз ёд донистани Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (талаботи фармони №292- и Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон), азиз доштани Парчам ва Нишони кишварамон)-ро омӯзонад;
- баланд бардоштани қадру қимат ва шарафи донишгоҳро ёд диҳад.

Тарбия – раванди мақсадноки ба воя расонидани кӯдак аз ҷониби падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), муассисаи таълимӣ, ҷамъият ва ба зиндагии мустақилона омода намудани ӯ мебошад.

Мақсади асосии тарбияи миллӣ ташаккули инсони комил, дорои эҳтиром ба Ватан, нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳниву маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ аст.

Консепсия нуқтаи назар, системаи муайяни ақидаҳо, бунёди назариявии ягон раванд ба ҳисоб меравад. Унсурҳои таркибӣ ва вазифаҳои тарбияи миллӣ аз инҳо иборат аст:

Тарбияи ғоявӣ - ташаккул додани ғояи миллӣ, ҳимояи Истиқлолияти давлатӣ, бунёд ва таҳкими ҷомеаи демократӣ.

Тарбияи миллӣ - ифтихор аз миллати хеш, эҳтиром ва гиромӣ дошатни таърих ва мероси ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, ривоҷ додани илм, забон ва фарҳанги миллӣ.

Тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ - дарки мутлақи миллат, давлати соҳибистиқлол, соҳиби Ватан ва ҳуқуқу озодиҳо будани шаҳрванд.

Тарбияи ватанпарастӣ – эҳтирому садоқатмандӣ ба диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватан.

Тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ – тарбияи сифати нексириштӣ, ростқавлӣ, ҳалолкору ҳалолхӯрӣ, бо адлу инсоф ва саховатманд будан аст.

Тарбияи маърифат – тарбияи донишазхудкунӣ, соҳиби касб шудан, соҳиби маърифати баланди илмӣ-фарҳангӣ ва сиёсиву ҳуқуқӣ будан аст.

Тарбияи ҳуқуқӣ - ташаккул додани дарки ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаи шаҳрвандон дар назди давлат ва ҷомеа.

Тарбияи гуманистӣ ба вуҷуд овардани эҳсоси дӯст доштан, эҳтиром кардан, (ҳамсабақон, хешу табор, ҳамватанон) ва раҳму шавқат.

Тарбияи зебопарастӣ эҳсос кардани зебогӣ (табиат, мусавараҳо, асарҳои бадеӣ, нақшу нигор, суруду мусиқӣ, сару либос, ёдгориҳои таърихӣ, лавозимоти рӯзгор).

Тарбияи меҳнатӣ ва касбинтихобкунӣ – интихоби касб, дӯст доштани кор ва аҳли он.

Тарбияи иқтисодӣ – тарбия дар низоми иқтисодӣ ва иҷтимои ҷомеа мақоми худро доштан.

Тарбияи сиёсӣ – ташаккул додани фарҳанги сиёсӣ ва майли фаъолияти сиёсӣ, омӯзонидани фазои сиёсӣ, сохтор ва нерӯҳои сиёсии ҷомеа.

Тарбияи ҷисмонӣ – бардаму солим тарбия кардани миллат.

Тарбияи тафаккури интиқодӣ (танқид кардан)– тарбияи ба ҳама зуҳурот ба назари танқидӣ нигоҳ карда аз хато пешгирӣ кардани шахс. Танқид гарчанде талх бошад ҳам, он муҳаррики ошкорбаёнӣ ва табодули назар аст.

Тарбияи таҳаммул ва тоқатпазирӣ – тарбияи эҳтироми ақидаи дигарон бо назардошти он, ки тоқатпазирӣ омили муҳиму самарабахши гуфтушунид, мулоқот, муколама ва музокирот аст.

Тарбияи масъулиятшиносӣ – тарбияи инсони дорои вичдони пок, шаъну шараф, нангу номус, ки ӯ вазифаҳои худро дар донишгоҳ, оила, ҷойи ҷамъиятӣ, кор ва маҳалли зист хуб иҷро мекунад.

Тарбияи ҳаёти солим – тарбия дар руҳияи носозӣ бо истеъмоли маводи мухаддир, майпарастӣ, паҳншавии касалии СПИД. Ҳаёти солим бо аҳли оила мунтазам ба сайри табиат рафтан дар боғҳои фароғатӣ истироҳат кардан, китоби бадеӣ хондан, ба тарбияи бадан машғул шудан, кори эҷодӣ кардан ва ғайраро тақозо мекунад.

Тарбияи экологӣ - муҳити зист, тозаю озода нигоҳ доштани донишгоҳ (омӯзишгоҳ) маҳалли зист, ҷойҳои ҷамъиятӣ.

Қонуни маориф асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамояд. Қонуни мазкур аз 8 бобу 69 модда иборат буда, соли 2013 қабул карда шудааст.

Боби 1. Муқаррароти умумӣ

Боби 2. Низоми маорифи Ҷумҷурии Тоҷикистон

Боби 3. Танзими давлатӣ дар соҳаи маориф

Боби 4. Идоракунии соҳаи маориф

Боби 5. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои раванди таълиму тарбия: Мақоми омӯзгор

Боби 6. Фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ дар низоми маориф

Боби 7. Ҳамкории байналмиллалӣ дар соҳаи маориф

Боби 8. Муқаррароти хотимавӣ

Хулоса, дар соатҳои тарбиявӣ диққати донишҷӯёнро дар донишгоҳҳо ба мавзуъҳои аз худ кардани панду андарзҳо, муқаддасоти Тоҷикистон, инчунин гузаронидани сӯҳбатҳо доир ба худшиносӣ, худогоҳии миллӣ, ватандорӣ, одобу ахлоқи ҳамида, татбиқи Консепсияи миллии тарбия, гузаронидани озмун, олимпиадаҳои фаннӣ, викторинаҳои эҷодӣ ба донистани таърих, номи асарҳои нависандагон, ашъори шоирон, риояи қатъии татбиқи Қонуни забон ва ғ. бисёртар равона кардан лозим аст.

**Адабиёт:**


1. *Конститусия (Сарқонун) Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе, ноябр, 1994.*
2. *Қаҳҳори Расулиён. Тоҷикистон. – Душанбе, 2006.*
3. *Козлов И.Ф. Педагогический опыт А. С. Макаренко. – Москва: Просвещение, 1987.*
4. *Раҳимов Б. Макаренко А.С. дар бораи таълиму тарбия. – Душанбе: Маориф, 1991.*
5. *Муродиён Ҳасан, Хоналӣ Қурбонзода. Ифтихори Ватандорӣ. – Душанбе, 2007.*

**Иноятова А.И.,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ*

# ТАШАККУЛИ АСОСҲОИ ҒОЯВИИ ҶАВОНОН ДАР МУҚОВИМАТ ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи хеш қайд намуданад, ки солҳои охир терроризм ва экстремизм ба хатари глобалӣ табдил ёфта, ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст.

Афзоиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта ба вусъат ёфтани терроризми байналмилалӣ, фаъолшавии унсурҳои тундраву ифротгаро, ҷалби ҷавонон ба сафи созмонҳои экстремистиву террористӣ ва иштироки онҳо дар низоъҳои мусаллаҳонаи давлатҳои хориҷӣ мусоидат менамояд (ниг.:1).

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон терроризм - яъне зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони воқеӣ, маҷбур кардан ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони ҳуқуқӣ, ҳамчунин нобуд сохтан (зарар расонидан) ё таҳдиди нобуд сохтани (зарар расонидан ба) амвол ё дигар объектҳои моддии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки боиси хавфи ҳалокати одамон, расонидани зарари басо ҷиддӣ ба амвол ё ба миён омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, ки бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарори барои террористон мақбул ё қаноатбахш намудани манфиатҳои ғайриҳуқуқии амволӣ ва (ё) дигар манфиати онҳо, инчунин таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамьиятӣ бо мақсади суст кардани сохти конститутсионӣ ё амнияти давлат, ҳамчунин бо мақсади қатъ гардидани фаъолияти давлатӣ ё дигар фаъолияти сиёсӣ ё содир намудани чунин кирдор бинобар интиқом барои чунин фаъолият, инчунин суиқасд ба ҳаёт, расонидани зарари ҷисмонӣ ба ходими давлатӣ ё ҷамьиятӣ ё намояндаи ҳокимият, вобаста бо фаъолияти давлатӣ ё ҷамьиятии онҳо, бо мақсади ноором сохтани вазьият ё расонидани таъсир ҷиҳати қабули қарор аз тарафи мақомоти давлатӣ ё монеь шудан ба фаъолияти сиёсӣ ё ҷамъиятӣ, инчунин ҳамла ба намояндаи давлати хориҷӣ ё корманди ташкилоти байналхалқии таҳти ҳимояи байналмиллалӣ қарордошта ё аъзои оилаи бо ӯ истиқоматкунанда, инчунин ба биноҳои хизматӣ ё истиқоматӣ ё воситаи нақлиёти ашхосе, ки таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарор доранд, агар ин ҳаракатҳо бо мақсади

барангехтани ҷанг ё мураккаб сохтани муносибатҳои байналхалқӣ содир шуда бошанд, мебошад (ниг.: 4).

Оқибатҳои терроризм яке аз муаммои хатарноке мебошад, ки бо он ҷаҳони муосир рубару гаштааст. Ин зуҳурот дар ин ё он сатҳ ба инкишофи ҷамъият ва давлатҳо монеагӣ ба бор овардааст. Воқеияти замони имрӯз он ҳолате мебошад, ки терроризм пеш аз ҳама хатари зиёд ба бехатари давлатҳо дорад, оқибати он зарари зиёди иқтисодиву сиёсӣ ва равонӣ мегардад.

Ташвиши ҷомеаи ҷаҳон аз афзудани амалиётҳои террористӣ зиёд гардидани қурбониён, махсусан, кӯдакону пиронсолон ва дигар шахсон, инчунин зарарҳои калони моддӣ расонида шуда, арзёбӣ мешавад.

Мафҳуми терроризм дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи моддаи 179 уми Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон терроризм, яъне содир намудани таркиш, сухтор, тирпарони аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мебошад (ниг.: 3).

Ҳамин тариқ, ғояи терроризм халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани одамон, ба воҳима ва таҳлука овардани аҳолӣ равона шуда, тавассути он фишор овардан ба мақомоти давлатист. Чунин ҳаракатҳо мақсади ниҳоии ҷинояткоронро чун маҷбур сохтани мақомоти давлатӣ барои қабули қарори ғайриҳуқуқӣ, ки ба манфиати онҳост ва ё бо мақсади резонидани обрӯ ва манзилати мақомоти давлатист.

Ҳамин тавр, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ғояи терроризм ҳамчун ғояи таҷовузкорона ва зӯроварона арзёбӣ карда мешавад.

Баъдан, ғояи таҷовузкорона ҳамчун ғояи терроризм аз маҷмуи ақида ва шиорҳое, ки асоси фаъолияти террористиро ташкил медиҳанд, иборат буда, мақсади он ҷалб намудани одамон ба фаъолияти террористӣ мебошад.

Дар айни замон террористон барои амалӣ гардонидани ғояҳои худ аз афзалиятҳои ғояҳои исломӣ истифода намуда, ташвиқу тарғиби барномарезишудаи худсохтро ба мақсадҳои ғаразноки худ истифода менамоянд. Ҳол он, ки дини мубини ислом ваҳдату тафоҳум ва сулҳу субот буда, ба ҳеҷ ваҷҳ хушунат, ҷангу кушторро қабул надорад.

Дар яке аз суханрониҳои худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ки «Терроризму экстремизм ватан, дин, мазҳаб надорад, балки он хатари воқеӣ ба ҷомеаи ҷаҳонист» (ниг.: 2)

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)” экстремизм – ин изҳори фаъолияти

ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати нооромӣ, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ, мазҳабӣ мебошад (ниг.: 5).

Ҳамин тариқ, моҳияти ғояи террористиву экстремистӣ бо таблиғу ташвиқ дар зеҳни ифротгароёни динӣ талқин ва барномарезӣ карда мешавад. Омилҳои ташаккулдиҳандаи гурӯҳҳои ифротгароии динии муосир пеш аз ҳама ин набудани саводу маърифати дурусти динӣ, фаҳмиши радикалию хушунатомези меъёрҳои дин, истифода аз мушкилоти иҷтимоӣ ва ихтилофҳои фикрии ҷомеаҳои мусулмоннишин арзёбӣ мешавад.

Маърифату маънавияти динӣ ва фарҳангу арзишҳои воқеии исломӣ, ки дар сарчашмаҳои ислом таълим шудаанд дар ин ғояҳои ташвиқшаванда умуман ҷой надоранд.

Ҳамин тариқ, изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо барномарезии махсуси манфиатхоҳӣ ва ҷаҳонбинии ифротии динӣ амалӣ шуда, онҳо дорои сохтори низомӣ, моҳияти ғоявӣ ва ҳадафҳои сиёсию қудратӣ мебошанд. Онҳо ҳаргиз ташкилотҳои динӣ набуда, барои паҳн кардани арзишҳои динӣ ташкил намешаванд, ин шахсони ифротгаро ва тарзи фаҳмиши ифротии онҳо ҳамчун восита барои расидан ба мақсадҳои асосии сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятии худ истифода менамояд. Дар навбати худ, пайравони ин гурӯҳ зери таъсири фаҳмиши радикалии худ омодаанд, ки дар роҳи расидан ба мақсади худ аз тамоми воситаҳои истифода намуда, дар ин роҳ ҳама арзишҳоро инкор ва маҳв созанд. Ин аст, ки чунин гурӯҳҳо ташкилёфта ҳамчун силоҳи муборизаи геополитикӣ ва ҳамчун нерӯи тахрибгари сиёсӣ-низомӣ барои давлатҳо, миллатҳо, фарҳангҳо, тамаддунҳо, арзишҳо ва инсонҳо хатари ҷиддии ҳаётӣ пеш меоваранд. Пас, мубориза бо онҳо фақат мубориза бо як тарзи ҷаҳонбинӣ нест, балки имрӯз мубориза бо ин «вабои аср» барои давлатҳо, миллатҳо, фарҳангҳо, тамаддунҳо, арзишҳо ва инсонҳо мубориза барои ҳаёт ва мубориза барои бақо мебошад.

Ҳамин тавр, омӯзиш ва муайян кардани ғояҳои террористиву экстремистӣ дар муқовимат зидди он бо мақсади баҳогузорӣ кардани фаъолияти гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ва пешгирӣ аз равандҳои хатарнок дар ҷомеа хизмат менамояд.

1. Муаммогузории ғояҳои террористӣ дар илми имрӯза ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст. Бинобар ин, муқовимат бо ғояҳои террористӣ ин муқовимат бо мақсади он ва асосан бо роҳи муқовимат бар зидди фаъолияти террористӣ ва ғояҳо он мебошад;

2. Ташаккул додани ғояҳои зиддитероризм бо роҳи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсии шаҳрвандон - хонандагон (ноболиғон) ва ҷавонон бо роҳи таъмин намудани онҳо бо

маълумотҳо, ҳамчунин таъмин намудани иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии давлат;

3. Амалишавии барномаҳо бобати ҷалби бештари ҷавонон ба намудҳои гуногуни варзиш ва корҳои ҷамъиятиву сиёсӣ, ҳамчунин коҳиш додани бекории ҷавонон. Истифода бурдани донишҳои таҷрибавиву ҳаётии шахсони калонсол дар минтақаҳои шаҳрак ва деҳот бобати талқин намудани арзишҳои милливу таърихӣ, фарҳангиву маънавӣ ва ахлоқӣ;

4. Ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ.

**Адабиёт:**


*1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2016 // Минбари Халқ 22 декабри соли 2016, №51 (1083)*

*2. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфронси байналмилалии «Ислом зидди эксстремизм ва терроризми динӣ» // Минбари халқ 29 июли соли 2015, № 31 (1010).*

*3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, 575. (бо тағйироту иловаҳои то соли 2016) Сомонаи расмии www.mmk.tj.*

*4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» аз 16 ноябри соли 1999, № 846. Сомонаи расмии www.mmk.tj*

*5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)" аз 8 декабри соли 2003, № 69. Сомонаи расмии www.mmk.tj.*



**Исомаддинов Ҷ.,**
*унвонҷӯи кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи ДДҲБСТ*


## СОЛИ МАСЪУЛИЯТ, МУЗАФФАРИЯТ ВА ХЕШТАНШИНОСӢ

Аз ҷониби - Асосгузори сулҳу ваҳдат - Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани соли 2017 ҳамчун "Соли ҷавонон" дар кишвар ҳодисаи таърихӣ ва пеш аз ҳама, нишонгари таваҷӯҳи ҳукумату давлат ва бавежа худи Пешвои муаззами кишвар, нисбат ба ҷавонон мебошад. Бахусус, аз оғози давлатдории навини тоҷикон аз ҷониби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани Қонуни асосии ҷавонон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» дар таърихи 12-уми марти соли 1992 тасдиқи гуфтаҳо мебошад. Инчунин ҷоизи қайд аст, ки Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар байни давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз аввалинҳо шуда қонуни асосии худро дар бораи ҷавонон қабул намудааст. Дар мароҳили аввали таърихи навин такя ба ҷавон кардани сарвари давлат ифодагари нигоҳи оянданигарона ва хирадмандонаи он кас мебошад.

Дар ин раванд, пеш аз ҳама, ҳадаф ва мақсадҳои наҷиби Сарвари давлат дарёфти истеъдодҳои нави ҷавон, ҷалб намудани ҷавонон ба корҳои ҷамъиятӣ, тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватанпарастӣ, сифатан беҳтар намудани кор бо мактаббачагон, дарёфт ва дастгирии ҷавонони болаёқату боистеъдод, ташаккули ҳисси адабиётдӯстӣ ва маорифпарварӣ ва ҷалби ҷавонони қобилияти шоиридошта, дастгирӣ намудани олимону муҳаққиқон ва муаррихони ҷавон, ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои тарғиботӣ - ташвиқотӣ, ташкилӣ, эҷодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва варзишӣ, пешгирӣ намудани ҷинояткорию ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ҷавонону наврасон маҳсуб мегардид. Корҳои марбут ба тарбияи худшиносии миллӣ ва худогоҳии маънавӣ, тарбияи ватанпарастӣ бошанд, минбаъд дар ҷараёни кории даврони истиқлолият ба мавзӯи меҳварии фаъолияти ҷавонон қарор гирифт. Хулоса, ҳамаи ин мақсаду маром ва вазифаҳои дар пеши худ гузоштаро бо дастуру супоришоти Пешвои муаззами миллат Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон ва зерсохтори он аз ҷумла Иттифоқи ҷавонони вилоятҳо дар чаҳорчӯбаи Оиннома Маромномаи хеш дар доираи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро аз рӯзи мавҷудият то имрӯз дар амал ҷорӣ карда ва то ҳол дар татбиқи амалияи Низомномаи нави худ кӯшиш менамоянд.

Рӯй овардан ба маърифати фарҳангӣ ва омӯзиши таъриху фарҳанги ҳазорсолаи худ аз ҷониби ҷавононро Президнти кишвар борҳо таъкид намудаанд. Аз ҷумла дар мавриде таъкид карда буданд, ки: «Барои фароҳам омадани муҳити солими ахлоқӣ зарур аст, ки насли наврас таърих, адабиёт ва фалсафаи қадимии халқи худро хуб донад. Китоби «Тоҷикон»-и устод Б. Ғафуровро бояд тамоми ҷавонони мо нағзакак хонанд, гузашта ва имрӯзаи халқи худро донанд, то ки ояндаро ба худ дуруст тасаввур намоянд. Онҳо бояд хабар дошта бошанд, ки С. Айнӣ ва Б. Ғафуров барин фарзандони сарсупурдаи миллатамон барои зинда кардани таъриху фарҳанги халқи худ ба чӣ азобҳо, тӯҳматҳо ва мушкилоти дигаре рӯбарӯ нашуда буданд. Вале онҳо аз ҳеч чиз наҳаросиданд, зеро нангу номуси ватандориашон аз манфиатҳои шахсӣ ва маҳаллӣ хеле болотар буд»

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки «Яке аз рукнҳои асосӣ ва муҳими сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатии ҷавонон аст».

Сиёсати давлатии ҷавонон яке аз самтҳои асосии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифода мекунад, ки дар асоси

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» танзим карда мешавад. Боиси хушнудист, ки дар ҳама давру замон масъалаҳои марбут ба ҷавонон яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи роҳбарияти давлату ҳукумат қарор дода мешавад. Қабул гардидани Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» моҳи марти соли 1992 ва сониян моҳи июли соли 2004 «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ин гуфтаҳоро боз ҳам қувват мебахшад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни кишвар таъкид намуданд, ки «...баробари омӯзиши илмҳои муосир ва технологияи ҷадид ҷавонони мо бояд ба фарогирии таърих ва фарҳанги бузурги миллӣ ва забони тоҷикӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намоянд». Маҳз ҷавонон бояд дар навбати аввал бо дарки масъулияти баланди хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ барои ба вуҷуд овардани арзишҳои олии фикрӣ, ҳосили пурсамари илмиву эҷодӣ ва ҳамқадам гардидан ба талаботу меъёрҳои ҷаҳонии илму маърифат кӯшиш ба харҷ диҳанд. Яъне, тарбияи мутахассисони замонавӣ ва ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ вазифаи асосӣ ба шумор меравад.

Бояд таъкид кард, ки эълон гардидани соли 2017 ҳамчун соли ҷавонон рӯйдоди таърихӣ мебошад. Зеро ин соли аз ҷавонони кишвар масъулият ва музаффарият мехоҳад. Соли ҷавонон ҳушдор медиҳад, ки мо - ҷавонон дар ҳама вазъият дар бобати давлат андеша намоем, Ватанро ба маънои томат қадр намоем ва арзишҳои милливу маънавиамонро дуруст шиносем, дар ҳолатҳои зарурӣ аз ондифо кунем. Мо бояд собит созем, ки ворисони арзандаи бузургони худ ҳастем ва чун Пешвои миллатамон ҳар сангу хишти ватанро дӯст медорем. Соли 2017 барои ҷавонон бо аз он ҷиҳат таърихӣ хоҳад буд, ки сарвари давлатамон ҳамеша такя ба ин қишри ҷомеа доранд. Эълом доштани ин сол ҳамчун Соли ҷавонон ҳамин таваҷҷуҳ ва муҳаббати ин шахсияти барӯманди кишварро собит месозад.

Аммо, бо ин ҳама ғамхориҳои давлату ҳукумат ва бавежа сарвари давлат, баъзе ҷавонони мо дар шинохти арзишҳои милливу маънавиамон коҳил ҳастанд ва маърифати таърихиро аз ёд бурдаанд. Мутаассифона, гоҳо ба фарҳанги бегона пайравӣ намуда, аз миллату таърихи худ бехабарӣ зоҳир менамоянд. Ҷалб шудани ҷавонони ноогоҳ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, пеш аз ҳама, аз нодида гирифтани ғамхорӣ ва меҳрубониҳои давлату ҳукумат мебошад, ки оқибатҳои хатарнок дорад.

Барои ҷомеаи имрӯзи Тоҷикистони азизамон ҷавононе зуруранд, ки аз таърих ва арзишҳои милливу маънавии худ огоҳ бошанд. Зеро маҳз шинохти дурусти таърих ва фарҳанги волои худамон метавонад ҳисси ватанпарастӣ ва худшиносии миллиамонро бедор намояд. Дар самт бояд пайрави Пешвои муаззами миллатамон бошем.

**Адабиёт:**

1. *Ҷавонон ва давлати миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ. – Душанбе 2015.*
2. *www.prezident.tj (Паёмҳои Пешвои Миллат)*
3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон.*
4. *Истиқлолият неъмати бебаҳост. – Душанбе 2001.*

**Ишматова Ш.А.,**
*заведующая кафедрой русского языка и литературы педагогического колледжа ХГУ им.Б.Гафуров*

## МОЛОДЕЖЬ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКИСТАНА

Молодежь современного Таджикистана – это первое поколение родившееся и выросшее в независимой Республике Таджикистан.

Поколение которое повзрослело в сложной обстановке изменения стереотипов стремительных и не всегда гладких политических и экономических трансформаций. В ходе проводимых реформ в стране изменились и базовые основы жизни общества. Поэтому и в наше, время появились новые реалии вызывающие тесно связанные друг с другом противоречивые тенденции в развитие молодежи.

Для сегодняшнего Таджикистана вопросы о том, что представляет с собой современная молодежь и каков её потенциал особенно актуальны. Вместе с тем в практики участие молодежи в жизни общества показывает, что молодое поколение сумело адаптироваться к современным реалиям. За последние годы в нашей стране прошли грандиозные события празднования международного праздника Навруз в 2016 «Корвони Наврузи» и 25летие Незамисимости Таджикистана участие в которых внесла свою лепту молодежь нашей страны. Это был поводом не только их патриотического воспитания, но и помогло также окунутся в традиции и обычаи предков. Однако велика и доля социально неустроенных молодых людей, в результате чего возникают группа риска. И это, безусловно, является огромной проблемой, решение которой стоит на первом месте в нашей стране.

Президент страны Эмомали Рахмон выразил беспокойство по поводу совершения преступности, наркомании, курения табака среди части молодежи и тем, что некоторые молодые люди привлекаются к чуждым религиозным течениям и толкам. Напутствовал молодое и созидательное поколение страны к бдительности, следованию

принципам ханафийского течения, толерантности о отторжению от экстремистских идей.

Исходя из данной проблемы 15 03.2016 года был принят «Закон об ответственности родителей за образование и воспитание детей». В данном законе говорится о праве и обязанностях родителей в воспитании своих детей. Родители обязаны следить за поведение, образованием, здоровьем, контролировать доступ к интернету и к разным сомнительным религиозным течениям и организациям, ведь молодежь является продолжателем дела старшего поколения, созидательной силой и реальным двигателем общества, в целом, будущем нации и государства.

Глава государства Эмомали Рахмон назвал молодежь «великой созидательной силой» и выразил удовлетворение тем, что более 5 миллионов человек то есть 70% населения страны составляет молодежь в возрасте до 30 лет.

Лидер Нации подчеркнул, что для учебы и воспитания молодого поколения за годы Независимости были построены и сданы в эксплуатацию более 1500 современных и оснащенных необходимым оборудованием общеобразовательных школ, в том числе и 37 гимназий для одаренных детей, 49 лицеев и 37 интернатов.

По словам главы государства Эмомали Рахмона прогресс наблюдается и в сфере высшего образования. Было подчеркнуто, что сейчас в стране 39 высших профессиональных учебных заведений, которые готовят специалистов по 300 специальностям. Общее количество студентов в Вузах составляет более 156 тысяч. Для сравнения было отмечено, что в советский период в Таджикистане функционировали всего 13 высших профессиональных учебных , в том числе 1 университет и 12 институтов, в них готовились специалисты всего 82 специальностей. Так же было отмечено, что ежегодно сотни таджикских студентов направляются на учебу по квотам президента Республики Таджикистан и выделенными дружественными странами.

Ныне во всех сферах национальной экономики страны, а также в рядах Вооруженных Сил работают и служат славные молодые люди, которые вносят заметный вклад в развитие национальной экономики.

Правительство Таджикистана всегда поддерживает инициативы и созидательные предложения молодежи, создает возможности для их осуществления.

Нашим подросткам и молодежи необходимо в ответ на эти заботы направлять все свои усилия и стремления на обретение знаний, выбор современных профессий и ремесел, облагораживание и прогресс земли предков, защиту Родины, развитие науки, техники и на созидательные работы.

Молодежь должна быть активнее всех слоев общества, предлагать созидательные инициативы, защищать государственные символы, национальные святыни и завоевания независимости, искренне и созидательной силой участвовать в социально-политической жизни дорогого

Таджикистана, защищать безопасность государства, патриотическую славу и честь, беречь себя от всех нежелательных угроз и вызовов современного мира, быть знаменосцем этой земли, нашей священной страны.

С учетом вклада молодежи в развитие общества и её активного участия в политической и экономической жизни страны Лидер Нации Эмомали Рахмон предложил объявить 2017 год в Республике Таджикистан Годом молодежи.

Наша молодежь, где бы она ни была, должна иметь высокое национальное чувство, гордиться своей Родиной, нацией, независимым государством, своим языком и национальной культурой, всегда быть готовой и на чеку для их защиты.

Сегодняшняя наша молодежь, то есть поколение периода независимости, коренным образом отличается от прежних поколений своим мировоззрением, уровнем мышления, этикой и моралью, что является предметом нашей гордости.

**Список использованной литературы:**

1.*Закон Республики Таджикистана. «Об ответственности родителей за образование и воспитание детей» Душанбе-2016.*

*2. Эмомали Рахмон. Послание Президента Маджлиси Оли Республики Таджикистан 20 апреля 2014 года*

*3. Эмомали Рахмон. Послание Президента Маджлиси Оли Республики Таджикистан 22 декабря 2016 года.*

***Иброҳимов Г.,***
*н.и.п., дотсент,*
***Исоев С.Қ.,***
*саромӯзгор*
***Зуҳуров Ш.С.,***
*саромӯзгор*
***Мирова С.Х.,***
*саромӯзгор*
***Зоиров С.М.***
*саромӯзгор*
*Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб*

# НАҚШИ ТАРБИЯ ДАР ТАШАККУЛИ ҶАВОНОН

Тарбия – раванди мақсадноку муташаккилест, ки инкишофи ҳамаҷонибаи шахсиятро таъмин намуда, ӯро ба меҳнату фаъолияти ҷамъиятӣ омода месозад. Агар ба чашми таҳқиқ назар намоем, хоҳем дид, ки инсонҳо танҳо тавассути тарбия ба дараҷаи баланди тамаддун расидаанд. Зеро инсон маҳсули тарбия буда, танҳо бо ҳамин восита ӯ ташаккул меёбад. Пушида нест, ки ҳар миллате, ки тарбияро дуруст ба роҳ мондааст, ба дараҷаи баланди тараққиёт расидааст. Оила мактаби аввалинест, ки инсон дар он тарбия мегирад, донишу малакаи рӯзгордориро аз худ мекунад, ҳамзистӣ бо атрофиёнро меомӯзад, ҳамчунин фарзандон, ки ҳамарӯза аз ин дабистон, ки омӯзгоронаш падару модар мебошад, таълим мегиранд. Аён аст, ки гузоштани хишти аввал барои бунёди руҳияи миллии фарзанд ин бошандагони оила алалхусус падарону модарон мебошанд. Чунончи бузурге қайд намудааст:

*Хишти аввал гар ниҳад меъмор каҷ,*
*То ба охир меравад девор каҷ.*

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» омадааст: «Волидайн вазифадоранд, ки барои сиҳатии ҷисмонӣ ва равонии кӯдак пайваста ғамхорӣ кунанд, ӯро ба мактаб омода ва барои инкишофи қобилиятҳои вай шароити зарури муҳайё созанд, фарзандонро дар руҳияи башардӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳисси накӯкорӣ, раҳмдилӣ, муносибати боэҳтиромона нисбати аҳли хонавода, забони модарӣ, адабиёту таърих, эхтиром нисбати арзишҳои миллӣ, таърихи фарҳангии дигар халқҳо тарбия намояд». Қонуни зикршуда оид ба тарбияи ҷавонон вазифаҳои ҳар як волидайнро хуб муайян кардааст. Ҳамаи ин вазифаҳои ба зимаи волидайн гузошташударо танҳо онҳое пурра ба сомон мерасонанд, ки соҳиби маданият, дониш ва илму

фарҳанг буда, аз ахлоқи хонаводагӣ бохабаранд. Яъне барои он ки фарзандони хушсират ба воя расанд, бояд волидони боақлу заковат ва соҳибмаърифат онҳоро тарбия намояд. Ба дунё овардани фарзанд як тарафи масъала, лекин тарбияи он масъулияти баландро талаб менамояд. Саъдии бузургвор оид ба ин масъала хеле хуб гуфтааст:

*Шамшери бад з - оҳани бад чун кунад касе,*
*Одам ба тарбият шавад, эй ҳоким, кас,*
*Борон, ки аз латофати табъаш хилоф нест,*
*Дар боғ лола рӯяду дар шӯрабум хас.*

Дар факултаи «Муҳадисӣ-энергетикӣ»-и ДТМИК раванди таълиму тарбия тибқи низомнома ба роҳ монда, равобити волидайн ба ин муассисаи таълимӣ пурзӯр карда шудааст. Натиҷаи ҳамкориҳо бо волидайни донишҷӯён нишон дод, ки бархе аз донишҷӯёне, ки тибқи талаботи донишкада амал намекарданд, ба танзим даромад. Лек пӯшида нест, ки бархе аз волидон нисбати тақдири фарзандони хеш бетарафӣ зоҳир намуда, ҳамкориро бо муасисаҳои таълимӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба амал намебароранд.

Дар даврони имрӯзаи мо, мутаасифона, баъзе аз оилаҳое ҳастанд, ки худро аз таълиму тарбияи фарзандон дур карда, ин масъулияти гаронро бар дӯши омӯзгор вогузор менамоянд. Ҳоло он, ки кӯдак хислат ва қобилияти эҷодкориву созандагиаш дар оила равнақ мегирад. Муносибати калонсолони оила метавонад ба кӯдак таъсири мусбӣ ва манфӣ расонад, зеро хислату рафтор ва муносибати кӯдак аз оила маншаъ мегирад. Ҳар як оилаи тоҷик дорои хусусият, характер, самимият ва шеваи махсус дорад, ки онҳо дар воқеъ дар тафаккури кӯдак инъикос мегардад. Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ки аз моҳи августи соли 2011 ба тасвиб расида буд, ҳар як падару модар, омӯзгор ва дигар шахсони ба таълиму тарбия вобаста будаоро вазифадор менамояд, ки дар назди ҷамъият масъулияти бештар ҳис намоянд.

Масъулияти волидайн дар назди фарзандон, ин аввал гузоштани номи нек мебошад, зеро номи нек аз назари равоншиносон ба ҳолати руҳиву ақлонии кӯдак таъсири мусбат мерасонад. Агар барои дар рӯҳияи ватандӯстӣ инкишоф додани кӯдак саҳми оила зиёдтар назаррас бошад ҳам, лекин муҳити атроф низ метавонад барои дар ин руҳия инкишоф додани кӯдак мусоидат намояд. Ҳангоми ба мактаб фаро гирифтани фарзандон, волидон масъулияти таълиму тарбияи онҳоро ба зиммаи муассисаҳои таълимӣ ҳавола намуда, дар ҳолати сар задани ҳар гуна қонунвайронкунӣ мактабу донишгоҳҳоро гунаҳгор мекунанд. Яке аз роҳҳои асосии расидан ба мақсадҳои тарбияи оилавӣ таҳким ва устуворсозии мавқеи иҷтимоию иқтисодии

оила мебошад. Махсусан, робитаи доимию устувори оила ба боғча, мактаб ва дигар муассисаҳои соҳаи маориф, ки бояд ҳадафи омӯзиши аниқ ва хусусикунӣ қарор мегирад. Ҳамкории се шохаи тарбия: оила, мактаб ва ҷомеа шарти асосии тарбия ба шумор меравand.

Мо дар ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ зиндагӣ дорем ва таълиму тарбияи ҳамаҷонибаи насли наврас, мақсаду мароми асосии сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат аст. Барои амалишавии ин мақсад дар назди давлату ҷомеа як қатор уҳдадорию вазифаҳо гузошта шуда, давлату ҳукумат барои расидан ба ин ҳадафи бисёр муҳим кӯшиш менамояд.

Барои тарбияи фарзанд ба падару модарон тавсия доданӣ ҳастем, ки асоси кори тарбияи фарзандонро тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд» ба роҳ монанд, ки ин иҷрои шартҳои зерин аз фоида холӣ нест:

1. Ба падару модар зарур аст, ки барои фарзандонашон барномаи фарҳангии тарбиявӣ тартиб дода, аз хурдсолӣ ва замони тифлии онҳо, калимаи Ватан, миллат, падар ва модарро ёд диҳанд ва қиссаҳо аз ҳаёти пешқадамони меҳнат, олимону нависандагони машҳури миллат ба таври мухтасар ҳикоят кунанд.

2. Падару модар кӯшиши худро ба он равона кунанд, ки дар кӯдакони хеш ахлоқи поку ҳамидаи инсониро таълим диҳанд. Масли ба зебогии зоҳирӣ аҳамият додан, одоби салом, одоби сухан, одоби нишасту хез, эҳтироми дигарон, ростгӯӣ ва дигар сифатҳои неки одамиро ба онҳо омӯзанд.

3.Самаранок истифода бурда тавонистани вақт, бо одамони бад ҳамнишин набудан, ба бозиҳои варзишӣ, машқи хат ва ғайра ҷалб намудани онҳо.

4. Ҳисси илмдӯстиро дар дили кӯдакон афзун намудан ва фазои фикррониии онҳоро дар оянда густариш бахшидан ва дар ин ҷода роҳнамоии дуруст намудани онҳо.

5. Мафҳуми ҳалолу ҳаромро ба эшон фаҳмонидан ва онҳоро дар ҳамин руҳия адаб омӯзонидан.

Набояд фаромӯш кард, ки таълиму тарбия ҷузъи фарҳангии миллат буда, ҷавҳарест, ки ба воситаи он худи миллат пойдор ва ҷовидон мемонад.

**Адабиёт:**

1. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ш. Душанбе, 17 уми майи соли 2004 №34.*

*2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» .- Душанбе, 2 августи соли 2011, №762*

3. *Мирзоев Р. Обрӯ аз фойда авлотар аст. – Кӯлоб, 2014. - 30 с.*
4. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, 22 декабри соли 2016.*

**Каримов Р. А.,**
*н.и.и., дотсент мудири кафедраи*
*хадамоти гумруки ДДҲБСТ*

# ЗАРУРАТИ ТАРБИЯИ ИҚТИСОДИИ ҶАВОНОН

**Иқтисодиёт – асп, сиёсат – ароба. Онҳо бояд ҷои лозимаро ишғол намоянд – иқтисодиёт бояд пеш аз сиёсат равад, на баръакс.**
*Муҳаммад ибни Рашид ал-Мактум*

Баъд аз гузариши хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои бозорӣ меҳвари муҳими муносибатҳои ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, манфиатҳои иқтисодӣ баромад карда истодааст. Аз ин лиҳоз, донистани муносибатҳои бозорӣ барои ҳар як инсон муҳим мебошад. Аз бар намудани қонуниятҳои иқтисодӣ, назария ва амалияи он аз ду ҷиҳат мувофиқи мақсад аст: якум, инсон ҳамчун сармоядор ва соҳибкор, аз он ҷумла фаъолияти касбии иқтисодчии кироя; дуввум, инсон ҳамчун истеъмолкунандаи самаранок.

Капиталистон ва соҳибкорон дар шароити иқтисодиёти бозорӣ дар ҷомеа нақши муҳимро бозида, тамоми фаъолияти хоҷагидориро ҳавасманд ва фаъол мегардонанд. Асоси фаъолияти соҳибкорон дар он аст, ки онҳо истеҳсолоти капиталистиро ба роҳ мемонанд. Маҳз капиталистон (сармоядорон) сармоягузориро ба фаъолияти хоҷагидорӣ бештар таъмин менамоянд. Дар ин ҷода Карл Маркс қайд мекунад, ки нақши хоси капиталист дар иқтисодиёт дар он аст, ки пули вай ҳамчун сармоя бефосила амал мекунад (3, с. 529). Яъне капиталист инсоне мебошад, ки воситаҳои молиявии худро истифода карда, даромад мегирад ё сармояаш ба ӯ фоида меорад. Категорияи дигари инсонҳои иқтисодӣ соҳибкорон мебошанд. Маҳз қувва, эҷодкорӣ ва ҳавасмандии соҳибкор барои истеҳсоли моли нав ва самаранок қонеъ гардонидани талаботи ҷамъият дар таъмини рушди иқтисодӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва замони инноватсионӣ асос ва қувваи ҳаракатдиҳанда мебошад.

Тарафи дигари масъала, ки бояд имрӯзҳо ҷомеа, аз он ҷумла ҷавонон, дониш ва тарбия гиранд, ин рафтори самаранокии истеъмолӣ мебошад. Мақсади истеъмолкунанда ин аз истеъмоли молу

хизмат ба даст овардани судмандии ҳадди аксар мебошад. Яке аз маҳдудиятҳои муаммои мазкур дар замони муосир ин ҳадди даромаднокии инсон ба шумор меравад. Бинобар ин истеъмолкунанда мисли истеҳсолкунанда маҳдудияти имкониятро ҳис намуда, интихоби самаранок муаммо мегардад. Рафтори самараноки истеъмолкунанда ин рафтори мулоҳизакоронае мебошад, ки муқоисаи натиҷаи амал ва хароҷотро дар назар дорад. Дар иқтисодиёти ҳукмфармоию маъмурӣ, ки ҷомеаи мо дар ин система хоҷагидорӣ ва зиндагӣ кардааст, амали истеъмолкунанда аз тарафи давлат мустақиман (маъмуран ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо) ба низом дароварда мешуд. Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ бошад, озодии рафтори истеъмолкунанда мустақилияти ӯро дар назар дорад (тарзи таъсиррасонии давлат бо тариқи иқтисодӣ – бо механизми нарх), яъне ҳуқуқи худсарона истифода кардани захираҳоро дорад. Чунин озодӣ ба инсонҳое, ки қонунияти иқтисодиро намедонанд, дар истеъмоли худ самаранокиро таъмин карда наметавонанд.

Далелҳои овардашуда хусусан дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ зарурати тарбияи иқтисодии инсонро ба миён гузошт. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳимияти неруи инсониро қайд намуда, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуданд, ки “Дар панҷ соли оянда фаъолияти Ҳукумат ба баланд бардоштани сифати рушди нерӯи инсонӣ нигаронида шуда, ба масъалаҳои илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, муҳити зист ва шуғл диққати ҷиддӣ дода мешавад ва дар натиҷаи амалӣ гардидани чунин тадбирҳо Тоҷикистон дорои сатҳи баланди рушди инсонӣ мегардад” (1). Инчунин аҳамияти масъалаи мазкурро ба инобат гирифта тарбияи иқтисодии инсонро дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури муҳим қайд карда, зикр карда шудааст, ки тарбияи иқтисодӣ ба шаҳрванд имконият медиҳад, ки дар низоми иқтисоди миллии кишвар ва иҷтимоии ҷомеа мақоми худро дошта бошад (2).

Дар ҷодаи мафҳуми тарбияи иқтисодӣ якчанд адабиёт ва ақидаи муҳаққиқонро таҳлил намуда, ба хулоса омадем, ки онро бояд ҳамчун ташаккули донишҳои иқтисодӣ, малака ва маҳорати инсон, системаи муносибатҳои инсон ба категорияҳои иқтисодӣ, моҳият, раванд, аз он ҷумла сифатҳои аҳамияти иқтисодӣ доштаи шахсият, ки барои татбиқи фаъолияти касбӣ лозиманд, баррасӣ кардан мувофиқи мақсад аст. Бештари ақидаҳо ба масъалаҳои гирифтани таълими иқтисодии инсон бештар шабоҳат доранд. Бешакку шубҳа, баррасии ташаккули инсони иқтисодӣ ҳамчун омили рушди хоҷагидорӣ, аз он ҷумла

таъмини самаранокии меҳнати ӯ аз нуқтаи назари иқтисодиёт мебошад. Вале яке аз муҳимияти масъала дар он аст, ки риоя ва донистани қонунҳои иқтисодӣ ба шахс имконият фароҳам меоварад, ки ӯ дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки аз инсон худкорӣ, эҷодкорӣ ва худинкишофро талаб мекунад, мақоми худро ёбад.

Нисбати натиҷаи ҳаллу фасл нагаштани тарбияи иқтисодӣ мо бо муҳаққиқони рус Н.Е. Попова ва О.С. Кавардакова муттафиқ ҳастем. Онҳо бар онанд, ки надоштани дониш, бемаҳоратӣ ва хоҳиши риояи қонунҳои иқтисодӣ аз тарафи инсон дар ҷомеа тарбияи иқтисодиро мушкил намуда, дар натиҷа инсонро ба мунтазам худвайронкунӣ оварда мерасонад (4, с. 175).

Нисбати оғози тарбияи иқтисодӣ бояд қайд намуд, ки дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст муайян шудааст, яъне тарбияи иқтисодӣ аз оила оғоз ёфта, дар муассисаҳои таълимӣ ва истеҳсолот давом меёбад (2).

Алҳол мо, мехостем, нисбати баъзе хусусиятҳои муҳими тарбияи иқтисодии инсон дар сатҳи мактаби олӣ ибрози ақида намоем.

Ҳоло мактабҳои олии кишвар таълимро дар асоси низоми кредитии таҳсилот ба роҳ мондаанд, ки яке аз шартҳои муҳими он ташаккули шахсияти эҷодкоронаи мутахассис, ки ба худинкишофёбӣ, худтаълимгир ва дорои фаъолияти навоварӣ қодир мебошад. Дар нақшаи таълимии ихтисосҳо ба шакли машғулияти мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии омӯзгор 50%-и соатҳо ҷудо карда шудааст, ки аз донишҷӯён фаъолияти худомӯзӣ ва худташаккулёбиро дар азхуд кардани дониш тақозо менамояд. Инчунин 50%-и соатҳо берун аз аудитория барои худомӯзии донишҷӯён пешбинӣ шудааст. Фаъолнокии омӯзгор дар ин низоми таҳсилот аз 16% то 30%-ро ташкил намуда, боқимонда аз донишҷӯён фаъолнокиро барои андӯхтани дониш талаб мекунад. Далелҳо исбот мекунанд, ки дар соатҳои тарбиявӣ ва фанҳои иқтисодӣ (махсусан назарияи иқтисодӣ) ба донишҷӯён ба масъалаи худинкишофёбӣ ва худтаълимгир аз ҷиҳати иқтисодӣ мусоидат карда шавад.

Дигар ҷиҳати масъала дар он аст, ки донишҷӯёни ихтисосҳои ғайрииқтисодӣ аз фанҳои иқтисодӣ кам бархурдоранд. Бинобарин нисбати масъалаҳои инсонҳои иқтисодӣ ва таълими иқтисодӣ, аз он ҷумла тарбияи иқтисодӣ дар соатҳои тарбиявӣ бо тариқи суҳбатҳо ва дар ҳар гуна маҳфилҳои ҷамъиятию илмӣ ҷоннок карда шавад, аз манфиат холӣ намегашт.

Яке аз далелҳои нангине, ки мушоҳидаҳо тасдиқ мекунад, ин тафаккури хатмкунандагони донишгоҳҳо маҳсуб мешавад, ки ба саволи бо кадом машғулият баъд аз хатми донишгоҳ машғул мешавӣ

ҷавоб ҷустанӣ мешаванд. Аксарияти онҳо, аз он ҷумла мутахассисони соҳаи иқтисодӣ “Кор мекобам, музди меҳнаташ баланд бошад, кор мекунам” – гӯён посух медиҳанд. Бояд қайд намуд, ки ҳамагӣ 10 %-и ҷавонон мактаби олиро хатм мекунанду аз онҳо аксарият чунин тафаккур доранд. Далелҳои дар боло овардашуда тасдиқ менамоянд, ки ташаккули ҷавонони кордон ва худинкишофёбанда ҳоло дар сатҳи кофӣ қарор надорад.

Ба фикри мо, татбиқи тарбияи иқтисодӣ бо роҳи ташаккули кордонии инсон идора карда шавад. Кордонӣ ё салоҳият ин сифат, маҷмуи хусусиятҳои шахсиятии нави хатмкунанда, категорияҳои нави натиҷаи таълим мебошад. Истифодаи усули кордонӣ ин кӯшиши мубаддалгардонии таълим ба талаботи бозори меҳнат, дархости шахсӣ ва ҷомеа мебошад.

Ҳамин тариқ, тарбияи иқтисодӣ ба ҳайси воситаи муҳими баланд бардоштани маданияти иқтисодии шахс ва ҷомеа баромад намуда, ба онҳо имконият медиҳад, ки дар ҳаёт муваффақ гашта, дар ҷомеа мавқеи худро дошта бошанд. Шарти такмилдиҳии раванди таълим ва тарбия бояд бо шароити ҳақиқии иқтисодӣ мувофиқ карда шавад. Инчунин фазои таълиму тарбияи мактабҳои олиро бо воқеият мутобиқ карда, раванди ташкили таълиму тарбияро замонавӣ намуда, дар ин замина, ташаккули шахсият, ки ба фаъолияти пурсамари касбӣ омода мешавад, бояд таъмин карда шавад. Тарбияи иқтисодии инсон, хусусан ҷавонон арзиши беҳамтое мебошад, ки онро доимӣ бо ҳар гуна усулу воситаҳо такмилу тақвият бахшидан воҷиб аст.

**Адабиёт**

1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2016, шаҳри Душанбе [Маводи электронӣ]. – низоми дастрасӣ: http://www.president.tj/node/13739 (санаи муроҷиат ба сомона: 04.02.2017).*

2. *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. – ш. Душанбе, аз 3 – юми марти соли 2006. - № 94.*

3. *Маркс К. Капитал. Критика политической экономии. Том первый, книга 1: процесс производства капитала. – М.: Политиздат, 1983. –737 с.*

4. *Попова Н.Е., Кавардакова О.С. Экономическое воспитание человека начала XXI в // Педагогическое образование* в России. *– 2012. - № 5. – С. 174-176.*

**Каримова М. Д.,**
*магистранти соли якуми*
*ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров*

# АҲАМИЯТИ ИЛМУ МАОРИФ ДАР ТАРБИЯИ ҶАВОНОН

Сарвари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ ибрози ақида намуда, чунин таъкид намуданд: «Имрӯз зарурати таърихие пеш омадааст, ки аз миёни ҷавонону наврасон фардҳои лаёқатмандро ҷустуҷӯ карда, барои ташаккули ҳаматарафаи шахсияти онҳо шароит муҳайё намоем. Нерӯи созандаи онҳоро ба фатҳи қуллаҳои илму техника ва фарҳанг ҳидоят созем».

Ҷавонон худ нерӯи азим, бақои умр ва ҳастии ҷомеа ба шумор рафта, муҳимтарин хусусияти иҷтимоӣ, маънавӣ ва ахлоқии онҳо меросбарист. Ҷавонони бедордил дар ҳама давру замон ҳалқаи мустаҳками наслҳои башар маҳсуб ёфта, қувваи иҷтимоӣ, сарватҳои маънавӣ, арзишҳои ахлоқии гузаштагонро мерос мегиранд. Ягон ҷомеа бидуни насли ҷавон шукуфонии имрӯза ва беҳбудии ояндаро тасаввур карда наметавонад.

Аз ин лиҳоз, ҷавононро рамзи ҳастии миллат ва имрӯзу фардои он меноманд. Имрӯз ин тадбирро қабл аз ҳама, аз таваҷҷуҳ ва ибтикори муҳими сиёсии сарвари давлат дониста, Ҳукумати ҷумҳурӣ ба нерӯи ҷисмонию ақлонии насли умедбахш, ки воқеан чун қувваи созанда ба ҳисоб меравaнд, баҳои баланд медиҳанд.

Ватани азизамон Тоҷикистон кишвари ҷавон мебошад. Дар ҳар Паёми худ Сарвари давлатамон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати ҷавонони мамлакат ақидаи нек баён намуда, барои дастгирии ҷавонон дар рушди илму муориф назар мекунанд. Ғамхориҳои судманд нисбати таҳсил, забономӯзӣ, кору фаъолияти ҷавонони мамлакат сол то сол афзуда истодааст, зеро ҳар як миллат дар ҳар давру замон аз ҷавонони худ умеди неки ояндаи худро мекунад. Боиси сарфарозӣ ва хушнудии ҳар як ҷавон аст, ки соли 2017 “Соли ҷавонон” эълон гардид, ки ин гувоҳӣ аз он медиҳад, ки ғамхории давлату миллат нисбат ба ҷавонон боз ҳам афзун мегардад. Боварӣ дорам, ки бо камоли масъулиятшиносӣ мардуми шарифи Тоҷикистон дар иҷрои ин вазифаҳои муқаддаси худ дар соли ҷавонон кӯшиш ба харҷ дода, ҷомеаи имрӯзро бештару пештар ба сӯи бузургтарин арзишҳои ҳаётан муҳим барои зиндагии шоиста мекашонанд.

Ҷавонон бояд бо зиракии сиёсӣ, эҳсоси баланди ватандӯстӣ, дониши комил ва андешаҳои солиму созанда минбаъд низ барои рушду нумуви кишвари соҳибистиқлоламон саҳми бештар гузоранд.

Дар ҷаҳони муосир рӯ овардан ба масъалаи ҷавонон ва истифода аз имкониятҳои зеҳниву ҷисмонии онҳо яке аз шартҳои ноил шудан ба инкишофи устувори давлат ва ҷомеа мебошад. Нақши илм ва маориф дар тарбияи ҷавонон хеле бузург буда, гувоҳӣ аз он медиҳад, ки ҷавонон ба илмомӯзӣ шуғл варзида, аҳамияти ҷиддӣ диҳанд ва барои рушди он камари ҳиммат банданд. Илмомӯзӣ ин худ як падида аст, лекин ба он ворид гашта, саҳм гузоштан маънии дигар аст.

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ба раванди омода намудани олимони ҷавон вобаста ба талаботи соҳаҳои илм ва маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар давоми солҳои истиқлолият барои дастгирии ҷавонони соҳибистеъдоду лаёқатманд тадбирҳои назаррасро анҷом дода истодааст.

Ҳарчанд солҳои охир маблағгузории давлатӣ ба соҳаҳои илму маориф мунтазам зиёд мегардад ва барои дастгирии давлатии аспирантҳои муассисаҳои илмӣ стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, вале ҷавонон ҳанӯз ҳам ба корҳои илмиву таҳқиқотӣ нисбатан кам таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Ҳамин аст, ки имрӯз норасоии олимони ҷавон дар баъзе соҳаҳои илм бараъло эҳсос мегардад.

Таҳлили ҳолати ба илм машғул будани ҷавонон нишон медиҳад, ки аз 2400 нафар омӯзгорони ҷавони муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат ҳамагӣ 440 нафарашон дорои унвону дараҷаҳои илмӣ мебошанд. Дар Академияи илмҳои мамлакат ҳоло аз 270 нафар олимони ҷавон ҳамагӣ 26 нафар унвони номзади илм доранд. Ҳол он ки тибқи квотаи президентӣ ҳар сол даҳҳо нафар аспиранту докторантҳо ба марказҳои илмии давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон фиристода мешаванд.

Тибқи таҳлилҳо олимони ҷавон бештар ба илмҳои гуманитарӣ, ҳуқуқ ва иқтисод майл доранд. Имрӯз аз унвонҷӯёну аспирантҳо аксарашон доир ба илмҳои гуманитарӣ таҳқиқот мебаранд.

Аз тарафи дигар, баъзе олимону мутахассисони куҳансолу соҳибтаҷриба ба раванди омодасозии кадрҳо аз ҳисоби ҷавонон чандон эътибор намедиҳанд. Ин омил метавонад ба рушди минбаъдаи илм ва соҳаҳои мухталифи мамлакат монеаи ҷиддӣ эҷод намояд.

Ҳамин аст, ки ҳоло синни миёнаи аъзои вобаста ва пайвастаи Академияи илмҳои мамлакат 71 солро ташкил медиҳад. Як сабаби ба вуҷуд омадани чунин вазъ набудани робитаи зарурӣ дар байни мутахассисони собиқадор ва кадрҳои ҷавон мебошад.

Бо дарназардошти аҳамияти таҳқиқ ва истифодаи ҳарчи васеътари канданиҳои фоиданоки мамлакат мо бояд ба рушди илмҳои табиатшиносиву дақиқ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Пӯшида нест, ки Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди табиии кашфношуда мебошад. Олимону мутахассисон бояд ҳамеша кӯшиш намоянд, ки барои

иктишоф ва истихроҷу коркарди канданиҳои фоиданок, инчунин ихтирои техникаву технология ва умуман кашфиёту ихтироъкорӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Вобаста ба ин, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ тақвият бахшидани фаъолияти марказҳои илмиву таҷрибавӣ ва таълимиву истеҳсолӣ талаботи рӯз мебошад.

Ҷавонон бояд ба хотири эътибори бештар пайдо намудани Тоҷикистон дар арсаи байналмиллалӣ аз дастовардҳои муҳимтарини технологияи муосир ва арзишҳои умумибашарӣ ба хубӣ огоҳ гардида, бархурдор гарданд. Маҳз ҷавонон бо дониши комил, зиракии сиёсӣ ва эҳсоси баланди ватандӯстӣ монеаҳои мавҷударо паси сар намуда, дар пешрафти рӯзафзуни кишвари соҳибистиқлоламон саҳми арзанда хоҳанд гузошт. Дар олам чанд муқаддасоти ягона ва такрорнашаванда мавҷуд аст, ки Модару Ватан низ ба он шомил мегарданд. Боиси ифтихор аст, ки имрӯз ҳисси ватандории ҷавонони тоҷик ба дараҷае расидааст, ки хокашро аз тахти Сулаймон ва хорашро аз лолаву райҳон хуштар медонанд. Дар солҳои истиқлолият барои эҳё намудан ва инкишоф додани забони давлатӣ, ки забони шевою шоирона ва ширину шаҳдбори тоҷикӣ мебошад, ҷойгоҳи арзанда ва мақоми шоиста муҳайё сохт. Ва забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои русӣ ва англисӣ бошанд омили муҳими ворид шудани ҳар як фард ба фазои тамаддуни муосир мансуб меёбанд. Забондонӣ имконияти бевосита сару кор доштани шаҳрвандонро бо техникаю технологияи нав васеъ гардонида, дастраси маводи иттилоотии техникаро, ки аксаран бо ин забонҳо таълиф мешаванд, осон месозад.

Ватанро фақат ҷавонони босаводу соҳибкасб, яъне мутахассисони соҳибмаърифату баландихтисос обод карда, ба он шаъну шуҳрат бахшида метавонанд.

Бигзор, ҷавонони мо бо Ватан, миллат, забон ва ниёгони сарбаланди хеш ифтихор намоянд ва ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, тамомияти арзӣ ва амнияту осудагии Тоҷикистони азиз мақсаду мароми зиндагии онҳо бошад!

**Адабиёт:**


1. *Эмомалӣ Раҳмон. Фарҳанг ҳастии миллат аст. – Душанбе: Матбуот, 2001. - 37 с.*
2. *Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолият неъмати бебаҳост. – Душанбе: Шарқи озод. 2001. – 94 с.*
3. *Набиев В. Навниҳоли боғи истиқлол. – Душанбе: Авесто, 2001. – 66 с.*

**Каримова М.И.,**
**Бобоева П.Н.,**
*сармуаллимони кафедраи*
*кори бонкии ДДҲБСТ*

# НАҚШИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАРБИЯИ ҶАВОНОНИ МУАССИСАҲОИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ

Тавре маълум аст, яке аз омилҳои асосии рушди ҳар кишварро дар қатори дигар арзишҳо захираҳои инсонӣ, аз ҷумла, ҷавонон ташкил медиҳад. Ин имкон медиҳад, ки сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун яке аз самтҳои муҳими рушди ҷомеа мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Дар кишваре, ки вазъи демографӣ мунтазам афзоиш меёбад ва беш аз 35 фоизи аҳолиро насли ҷавон ташкил медиҳад, муайян намудани сиёсати давлатии ҷавонон аз нуқтаи назари сиёсӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти калон дорад.

Ба сиёсати ҷавонон, ҳамчун бахши стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар ҳамаи марҳилаҳои рушди ҷомеа таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мегардад.

Стратегияи мазкур ба шаҳрвандони ҷавони Ҷумҳурии Точикистон аз синни 14 то 30 сола, аз ҷумла ҷавононе, ки дар вазъи душвори зиндагӣ карор доранд ва ба оилаҳои ҷавон нигаронида шудааст.

Ҳар як шаҳрванд ҳақ дорад, ки дар ин зиннаи таҳсилот чӣ ба таври ройгон ва чӣ ба таври шартномавӣ вобаста ба хоҳиши худ таҳсил намояд. Ин аз мавҷудияти заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва пуштибонии ҳамаҷонибаи давлату Ҳукумати Тоҷикистон аз насли ҷавони кишвар ҷиҳати таҳсили онҳо дар ин зинаи таҳсилот шаҳодат медиҳад.

Сиёсати давлатии ҷавонон дар сохтори муассисаҳои олии таълимӣ яке аз зинаҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аҳамияти баланди стратегӣ ва ҳаётӣ дорад.

Тоифаи асосии ҷомеа – зиёиён, ки рушду тараққиёт, амният, сулҳу ваҳдат ва мавқеи дилхоҳ давлат дар сатҳи ҷаҳонӣ аз онҳо вобаста аст маҳз дар ҳамин зинаи таҳсилот камол меёбанд.

Субъекти асосии дар амал татбиққунандаи сиёсати давлатии ҷавонон дар сохтори муассисаҳои олии таълимӣ ин шуъбаҳои кор бо ҷавонони донишгоҳҳо мебошанд, ки фаъолияти худро дар асоси Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои ҶТ «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва олии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи миллии тарбия», низомномаҳои муассисаҳои олии таълимӣ ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ба роҳ мемонанд.

Мақсад аз таъсиси ин шуъбаҳо, пеш аз ҳама, таъмин намудани амалишавии сиёсати давлатии ҷавонон ва ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии дар боло номбурда дар ин зинаи таҳсилот мебошад.

Вобаста ба ин, шуъбаҳо и кор бо ҷавонон дар таҳияи ҳуҷҷатҳои вобаста ба тарбияи ҳамаҷонибаи донишҷуён дар сохтори донишгоҳҳо саҳмгузорӣ менамоянд, ки баҳри амалӣ гардонидани иқтидори эҷодии донишҷӯён, рушди ҳамкорӣ, мустаҳкам гардонидани дустӣ, ягонагии ҷавонон ва донишҷӯён, ҳифзи ҳуқуқи донишҷӯён новобаста аз нажод, миллат, эътиқоди динӣ, вазъи иҷтимоӣ ва мавқеи сиёсӣ барои тайёрии касбӣ ва маълумот, ҷалб намудани ҷавонон ва донишҷӯён ба идора ва роҳбарии ташкилотҳо ва итиҳодияҳои ҷавонон, тарбияи ҷавонон ва донишҷӯён дар руҳияи эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, забон ва урфу одати миллатҳое, ки дар Донишгоҳ таҳсил менамоянд, ташкил кардани шӯро, иттиҳодияҳо ва созмонҳои ҷавонон ва донишҷӯён ва ғайраҳо фаъолият менамояд.

Барои ҷалби донишҷӯён ба тарзи ҳаёти солим, зебоипарастӣ ва тарбияи онҳо дар руҳияи худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва миллатҳои дигари дар донишгоҳ таҳсилкунанда сиёсати давлатии ҷавонон дар сохтори муассисаҳои олии таълимӣ маҳз ба воситаи гузаронидани чунин чорабиниҳо ва фаъолияти маҳфилҳое, ки дар боло зикрашон рафт, татбиқ мегардад.

Аз ин бар меояд, ки барои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар сохтори муассисаҳои олии таълимӣ заминаи боэътимод мавҷуд аст.

Вале ҳануз камбудиҳои зиёде дар ин самт ҷой доранд, ки ҳалли онҳо шарт ва зарур мебошад. Мушкилоти асосӣ дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар ин зинаи таҳсилот то имрӯз ин фаро гирифта натавонистани тамоми ҷавонони дар донишгоҳ таҳсилу фаъолияткунанда мебошад. Ин номукаммалӣ ва ба талаботи ҷаҳони муосир ҷавобгӯ набудани сиёсати давлатии ҷавононро дар сохтори муассисаҳои олии таълимӣ нишон медиҳад, ки дар натиҷаи тағйиротҳои куллии дар ин соҳа ба даст омада ва дигар омилҳо ба вуҷуд омадаанд:

Ба сохти бисёрзинагӣ гузаштани таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:

1. Ҷаҳонишавии таҳсилоти олӣ.
2. Дар ин зинаи таҳсилот тоифаи асосии ҷомеа ба камол мерасад.

3. Сиёсати давлатии ҷавонон дар сохтори муассисаҳои олии таълимӣ маблағгузории мунтазамро дар асоси механизмҳои содагардонидашуда талаб менамояд.

Тавре медонем мактабҳои олии ҷумҳурӣ ба сохти бисёрзинагии таҳсилот гузаштаанд, ки дар донишгоҳ ба ғайр аз донишҷӯён магистрантҳо низ таҳсил менамоянд. Магистрантҳо донишҷӯёни курсҳои болоии донишгоҳ ба ҳисоб мераванд ва иштироки онҳо дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар сохтори муассисаҳои олии таълимӣ аҳамияти баланд дар рушди сарвати инсониро доро мебошад. Иштироки онҳо дар ин раванд, натанҳо боиси аз ҷиҳати илмӣ боз ҳам мукамал шудани сиёсати давлатии ҷавонон мегардад, балки боиси ба сатҳи стандарти ҷаҳонӣ баровардани сиёсати давлатии ҷавононро дар ин зинаи таҳсилот таъмин менамояд. Чунки магистрантҳо донишҷӯёне мебошанд, ки натанҳо дониши хубу аъло доранд, балки ба раванди татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон пурра шинос мебошанд. Мутаассифона, то имрӯз дар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ, ки ба сохти бисёрзинагии таҳсилот гузаштаанд, магистрантҳо қариб аз тамоми чорабиниҳои донишгоҳӣ, ки боиси амалишавии сиёсати давлатии ҷавонон дар сохтори мактабҳои олӣ мегардад берун мондаанд. Сабаби асосии омил ин дар мавҷуд набудан ё худ коркард нашудани механизми ҷалби онҳо ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар мактабҳои олӣ мебошад. Бо ҷаҳонишавии таҳсилоти олӣ ва гузаштани мактабҳои олии ҷумҳурӣ ба низоми кредитии таҳсилот, ки низоми ҷаҳонии таҳсилот мебошад, дар назди шуъбаҳои кор бо ҷавонони донишгоҳҳо талаботи нав гузошта мешавад.

Дар донишгоҳҳо новобаста аз он, ки раванди таълим дар кадом сатҳ мегузарад, он аз рӯи стандартҳои ҷаҳонии таҳсилот сурат мегирад. Вобаста ба ин, мутахассисон дар донишгоҳҳо тибқи талаботи бозори меҳнати ҷаҳонӣ омода карда мешаванд, ҳарчанд ин талабот дар бисёр мавридҳо ғайриқаноатбахш ба даст меояд.

Вобаста ба ин, талаботҳо ва стандартҳои ҷаҳонӣ, сиёсати давлатии ҷавонон низ дар сохтори мактабҳои олӣ бояд ҷавобгӯ ба талаботи ҷаҳони муосир таҳия ва амалӣ карда шавад. Тибқи ин талабот ба сиёсати давлатии ҷавонон дар ин зинаи таҳсилот ҳамчун самти стратегии рушди сармояи инсонӣ муносибат намудан лозим мебошад, ки талаботи бозори меҳнати ҷаҳонӣ ва тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ ба он мунтазам баланд мешавад.

Ҷараёни ҷаҳонишавии таҳсилоти олӣ донишҷӯёнро маҷбур месозад, ки дониши баланди сатҳи ҷаҳонӣ дошта бошанд ва бо ҳамсолони худ дар бозори меҳнати ҷаҳонӣ рақобат карда тавононанд. Вобаста ба ин донишҷӯёнро зарур аст, ки имкониятҳо ва қобилиятҳои зеҳниву ҷисмонии худро саривақт дар амал татбиқ намуда, мавқеи

худро дар ҷомеа ёбанд. Донишҷӯёне, ки ба ин имкониятҳо дастрасӣ пайдо намекунанд, дар роҳи дарёфти мавқеи худ дар ҷомеа ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мегарданд, ки дар бисёр мавридҳо сабаби ба корҳои ғайри қобили қабул даст задании онҳо мешавад. Барои ин субъектҳои кор бо ҷавонони тамоми зинаҳои дахлдорро зарур аст, ки механизми замонавии дар амал татбиқ намудани имкониятҳои зеҳниву ҷисмонии донишҷӯёнро таҳия намуда, дар амал татбиқ намоянд. Ҳангоми таҳияи сиёсати давлатии ҷавонон дар сохтори муассисаҳои олии таълимӣ омилҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд:

Таҳсилоти олӣ зинаи баланд ва асосии таҳсилот мебошад, ки бо доштани он шахс имконияти кору фаъолиятро дар тамоми сохторҳои идораи давлативу хусусӣ вобаста ба равияи худ пайдо менамояд. Масъулияти пешпурди сиёсати давлатӣ низ дар тамоми соҳаҳо бар дӯши ҳамин тоифаи аҳолӣ меистад. Яъне меҳвари тамоми гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолиро ҳамин тоифа ташкил менамояд. Ҳамчунин пешрафту тараққиёти ҳамаҷонибаи Тоҷикистон ва муаррифиву нигоҳдошти мавқеи он дар сатҳи ҷаҳонӣ низ аз ҳамин тоифа вобастагӣ дорад.

Даргоҳе, ки ин гурӯҳи аҳолӣ камол меёбад, муассисаҳои олии таълимӣ мебошанд.

Дар сурате, ки ин тоифаи аҳолӣ аҳамияти баландтарини ҳаётиро дар рушду тараққиёти ҷомеа дошта бошад, пас сиёсати давлатии ҷавонон дар сохтори ин муассисаҳо чӣ гуна бояд бошад?

Сиёсати давлатии ҷавонон дар сохтори муассисаҳои олии таълимӣ ин зиннаи аз ҳама асосии сиёсати давлатии ҷавонон буда, аҳамияти баландтарини стратегӣ, ҳаётӣ ва рушди сармояи инсониро доро мебошад, ки дар асоси талаботҳои ҷаҳони муосир, аз ҷумла бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ, ва бо дар назардошти таҳаввулотҳои замони имрӯз таҳия ва амалӣ карда мешавад.

Яъне сиёсати давлатии ҷавонон дар сохтори муассисаҳои олии таълимӣ ин як қисми сиёсати давлатии ҷавонон мебошад, ки тақдири ояндаи миллату давлат аз бисёр ҷиҳат ба сатҳ ва сифати амалишавии он пайвастагии ногусастанӣ дорад. Маҳз ба ҳамин хотир, Президенти Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми суханрониҳои хеш аз тарбияи мутахассисони дорои дониши замонавӣ ва маҳорати баланди касбиву аз ҷиҳати сиёсӣ зирак, ки Ватани азизамон ба онҳо эҳтиёҷ дорад таъкид менамоянд.

Бо дарназардошти ин талабот субъектҳои татбиқкунандаи сиёсати давлатии ҷавононро дар сохтори муассисаҳои олии таълимӣ зарур аст, ки ҷавонон – донишҷӯёнро дар доираи принсипҳои зерин омода намоянд:

- тарбияи мутахассисони аз ҷиҳати касбӣ, равонӣ ва сиёсӣ устувор, ки қобилияти касбии худро дар шароити гуногунии моликият ва ноустувории иқтисодиву сиёсии ҷаҳони муосир татбиқ карда тавонад.

- тарбияи зиёиёни аз ҷиҳати сиёсӣ зираку ҳушёр ва дорои дониши сатҳи баланди касбӣ, ки қобилияти ба ҷомеа таъсиррасонӣ низ дошта бошанд.

- тарбияи мутахассисони дорои ахлоқи ҳамидаи инсониву касбӣ.

Тавре медонем дар асри XXI сармояи асосӣ иттилооти наву тоза мебошад, ки бе дастрасӣ ба он шахс рушди мунтазами маънавии хешро таъмин карда наметавонад. Имрӯз донишҷӯёни тоҷик имконияти комили дастрасӣ ба тамоми сарчашмаҳои иттилоотиро доранд, ки дар рушди ҳамаҷонибаи онҳо мусоидати фаъол менамояд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷавонон – донишҷӯён зери таъсири сарчашмаҳои иттилоотии ҷаҳони муосир ба воя мерасанд, ки мутаасифона бисёре аз онҳо тарғибкунандаи маълумоти ғайри қобили қабул ва ба мафкураи ҷавонон таъсири манфӣ расонанда мебошанд.

Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи сиёсати давлатии ҷавонон дар сохтори муассисаҳои олии таълимӣ ба мушкилоти гуногуни маънавию ҷисмонӣ, ки бо таъсири равандҳои шоу бизнес, ВАО, интернет, шабакаҳои виртуалӣ ва телевизионӣ, ки баъзан аз доираи ахлоқи инсонӣ берун фаъолият менамоянд, аҳамияти аввалиндараҷа додан зарур мебошад.

Дар шароити ниҳоят печидаи ҷаҳони муосир ва таҳаввулоти босуръати солҳои охир такмилу тақвият бахшидан ба фаъолияти тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, таъмин намудани рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ва бо ҳамин роҳ фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста барои ҳар як фарди ҷомеа ҳадафи асосии мо мебошад.

Вазифаи муҳимтарини мо ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф тарбияи шахсияти худшиносу ватандӯст, дорои масъулияти баланди иҷтимоӣ, соҳиби донишу ҷаҳонбинии муосир ва ниҳоят шахсияте мебошад, ки қобилияти шинохти равандҳои мураккаби ҷаҳони имрӯзаро дошта бошад.

**Адабиёт:**


*1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯхтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2016*

*2. «Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо». Дар партави асарҳо, мақолаҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, Душанбе, «Адиб», 2015*

*3. Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020.*

**Каримова М.М.,**
*сармуаллимаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистикаи ДДҲБСТ*
**Ҳомидова М.Ф.,**
*сармуаллимаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистикаи ДДҲБСТ*

## ТАРҲРЕЗИИ БАЪЗЕ ЧОРАҲОИ ТАШКИЛӢ – ҲУҚУҚӢ

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд намудаанд: «Масъалаҳои мустаҳкам кардани пояҳои ахлоқии ҷомеа, ташаккули афкори эҷодиву созандаи халқ ва гиромидошти арзишҳои фарҳанги милливу умумибашарӣ дар сиёсати давлат мавқеи асосӣ дошта, тамоми муассисаҳои фарҳангӣ, воситаҳои ахбори омма, телевизион ва радио, шабакаҳои иҷтимоӣ вазифадоранд, ки фаъолияти худро доир ба ҳалли масъалаҳои зикршуда, пеш аз ҳама, ҳифзи истиқлолият, инчунин, инкишофи тафаккури миллӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифату ҷаҳонбинии аҳли ҷомеа, ҳифзи мероси гаронбаҳои миллати тоҷик ва муаррифии шоистаи он ба ҷаҳониён тақвият бахшанд. Аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса,ояндаи миллат ва давлат мебошанд (1).

Мутобиқи муқаррароти моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 15 июли соли 2004 (бо тағйироту иловагиҳо аз 27 – уми ноябри соли 2014) дар зери мафҳуми ҷавонон гурӯҳи иҷтимоию демографӣ, ки шахсони 14 – 30 соларо дар бар мегирад, фаҳмида мешавад. Қонуни мазкур ба синну соли ҷавонӣ синну соли ноболиғӣ, яъне аз 14 то 18 - солагиро низ дохил намудааст. Дар асоси муқаррароти моддаи 86 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 – уми майи соли 1998 шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят синни чордаҳсолагиро пур кардаанд, вале ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд.

Яке аз самтҳои асосии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ин пешгирии ҳодисаҳои номатлуби иҷтимоӣ, нашъамандӣ, майзадагӣ, экстремизм ва терроризм дар байни ҷавонон аст.

Ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон қисми таркибии ҷинояткорӣ дар Тоҷикистон ба шумор рафта, дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Ин тарзи фаҳмиш ва баҳодиҳӣ ба ҷинояткории ноболиғон ва ҷавонон, бо дарназардошти донишҳои ҳуқуқӣ, криминологӣ ва иҷтимоӣ асос ёфтааст, ки бо дарназардошти онҳо ин намуди ҷиноятҳо ҳамчун муаммои мустақил эътироф карда мешавад.

Ин намуди ҷинояткорӣ дар заминаи асосҳои зерин фарқ карда мешавад: махсусияти вазъи ҳуқуқӣ; вазъи махсуси иҷтимоӣ доштани ноболиғон ва ҷавонон дар сохтори ҳаёти ҷамъиятӣ; ҳангоми ба балоғат расидан (18 солагӣ) ташаккули шахсият ба анҷом намерасад ва шахс ҳамоно дар ҷамъият мавқеи иҷтимоии махсусро дорад (ҷавонӣ то синни 30 - солагӣ).

Нишондодҳои асосии ҷинояткории ноболиғонро таҳлил намуда, ду гурӯҳи синну солиро дар байни ноболиғони ҷҷинси мард ва зан фарқ кардан мумкин аст, ки ин ҳам бошад: синну соли 14-15 ва 16-17 - солагӣ ва дар муносибат бо ҷавонон 18-24 ва 25-29 - солагӣ.

Дуруст ба роҳ намондани корҳои тарбиявӣ дар оила ва муассисаҳои таълимӣ, мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, омӯзишгоҳ ва коллеҷҳо, беназоратии волидон нисбати тақдири фарзандон сабаби содир намудани ҷиноят аз ҷониби наврасону ҷавонон гардидааст.

Содиршавии ҷиноят аз тарафи ноболиғон ва ҷавонон ташвишовар буда, аз ҷониби ноболиғон дар соли 2015 742 (2014 - 800) ҷиноят ва аз тарафи ҷавонон 5 ҳазору 840 (2014 - 5 ҳазору 341) ҷиноят ба қайд гирифта шудааст.

Нисбати падару модарон, шахсони онҳоро ивазкунанда, инчунин масъулини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ўҳдадориҳои худро дар таълиму тарбияи фарзанд иҷро накардаанд, 12 ҳазору 566 протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, тибқи тобеият барои андешидани чораҳои қонунӣ ба мақомоти судӣ ирсол карда шуданд (ниг.:2).

Хусусиятхои хоси ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон аз инҳо иборат мебошад: ангезаи рафтори хоси «наврасона» (ангезаҳои ҳамраъйӣ, худисботнамоӣ дар чашми худ ва дигар наврасони гурӯҳ) дар ҳамбастагӣ бо алоқамандии гурӯҳӣ ва сабукфикрии синнусолӣ; ҷинояткории ноболиғон хусусияти дар вақти холигӣ содиршавандагиро дорад, яъне ба монанди ҷинояткории калонсолон хислати маишӣ ва ё касбӣ надорад; муттаҳидии гурӯҳии ноболиғон бо дарназардошти тақлидкорӣ ва ҳисси ботинии рафиқӣ доштан, ба вуҷуд меояд; афзоиши ҷинояткории ноболиғон, ки самти ғаразнок доранд, ҳамчун оқибати мушкилоти иқтисодӣ ва маҳрум шудан аз сатҳи маишии муқаррарӣ дида мешавад; сохти ҷинояткории

ноболиғон ба ҷинояткории калонсолон монанд шуда истодааст (намудҳои нави ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон, аз қабили фурӯши маводи мухаддир, ҷиноятҳои ғаразноки муқобили моликият зуроварӣ дар байни ноболиғон ва ғайра паҳн гашта истодааст).

Пешгирии ҷинояткории ноболиғон ва ҷавонон ду хусусияти асосӣ дорад: пешгиринамоии умумииҷтимоӣ ва пешгирикунии бармаҳали ҳуқуқвайронкунӣ.

Ба пешгирикунии умумииҷтимоӣ чораҳои зерин шомил мегарданд:

1. пурзӯр намудани риоя ва иҷрои Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» (ниг.:3), «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон» (ниг.:4).;

2. ҳалли масъалаҳои вобаста ба оила ва шуғли ноболиғон;

3. ҳалли масъалаҳои беназоратӣ ва бепарастории кӯдакон дар оилаҳои ба гурӯҳи ба тарбия камаҳамиятдиҳанда шомилбуда;

4. таъминоти моддию маишӣ ва таъмини машғулиятҳои варзишии ройгон барои кӯдакон;

5. пурзӯр намудани корҳои инфиродӣ ва ахлоқӣ-руҳонӣ бо кӯдакони душвортарбия;

6. кӯдаконро тарбия намудан дар руҳияи эътирофи муносибатҳои эҳтиромонаи байниҳамдигарӣ дар ҷомеа, анъанаҳои неки умумиинсонӣ, ҳисси дилсӯзӣ, адолатпарастӣ, кӯмак ба калонсолон.

7. пурзӯр кардани корҳои пешгирикунӣ нисбат ба кӯдакон ва ноболиғоне, ки берун аз меъёрҳои иҷтимоӣ ҳастанд ва ё гирифтори камбудиҳои равонӣ мебошанд.

8. қатъ кардани тарғиби парастиши зӯроварӣ, фасодкории ҷинсӣ, худпарастӣ ва монанди инҳо.

Чораҳои махсуси пешгирӣ асосан аз ҷониби хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо оид ба ноболиғон ва ҷавонони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд, ки дар фаъолияти худ санадҳои меъёрии хусусияти идоравӣ доштаро ба роҳбарӣ мегирад. Дар шароити колонияҳои ислоҳӣ-тарбиявӣ доир ба тағйир додани кор бо ноболиғон, чораҳои куллӣ андешида мешаванд. Пешгирии ҷинояткории аз ҷониби ноболиғон содиршаванда ин масъалае мебошад, ки барои ҳалли он бояд барномаи бо тамоми ҷузъиётҳояш андешидашуда тарҳрезӣ карда шавад.

Паст намудани сатҳи ҷинояткории ноболиғон ва ҷавонон танҳо дар ҳамкории қатъии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, маориф, тандурустӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба даст омаданаш имконпазир мебошад.

Масъалаи шахсияти ҷинояткори ноболиғ яке аз муаммоҳои асосӣ ва бениҳоят мураккаб ба шумор меравад, зеро он барои кор карда баромадани чораҳои тарбиявӣ- пешгирикунӣ ва махсусан, чораҳои хусусияти фардидошта, аҳамияти муҳим дорад, ки бидуни донистани махсусиятҳои ҳуқуқвайронкунанда дар ҳар ҳолати мушаххас интихоб кардани восита ва усули дурусти пешгирикунии рафтори ҷиноӣ хеле мушкил аст.

**Адабиёт:**


1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.12.2016, ш. Душанбе. [Манбаи электронӣ]: URL: Prezident.tj. (санаи муроҷиат 02.02.2017).*
2. *Суханронии Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-лейтенанти милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро дар нишасти матбуотӣ вобаста ба ҷамбасти фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар соли 2015 (25.01.2016с). [Манбаи электронӣ]: URL:* ***http://mvd.tj/index.php/tj.*** *(санаи муроҷиат 02.02.2017).*
3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 15 июли соли 2004 (бо тағйироту иловагиҳо аз 27 ноябри соли 2014). Сомонаи интернетии Маркази миллӣ қонунгузорӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]: URL mmk.tj.com (санаи муроҷиат 02.02.2017).*
4. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011 (бо тағйироту иловагиҳо аз 15 марти соли 2016). Сомонаи интернетии Маркази миллӣ қонунгузорӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]: URL mmk.tj.com (санаи муроҷиат 02.02.2017).*



**Қобилов Б.Қ.,**
*н.и.ҳ., сармуаллими кафедраи ҳуқуқи*
*ҷиноятӣ ва криминалистикаи ДДҲБСТ*


## НАҚШИ КОНСЕПСИЯИ МИЛЛИИ ТАРБИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАШАККУЛИ ҶАВОНОН (УНСУРҲОИ ТАРКИБИИ ТАРБИЯИ МИЛЛӢ)

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба масъалаи ҷавонон ва тарбияи насли ҷавони кишвар диққати махсус зоҳир намуда истодааст. Далели ин гуфтаҳо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» аз ҷониби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

санаи 13 марти соли 1992 мебошад, ки дар миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз аввалинҳо мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар санаи 22 декабри соли 2016 қайд намуданд, ки «Масъалаҳои мустаҳкам кардани пояҳои ахлоқии ҷомеа, ташаккули афкори эҷодиву созандаи халқ ва гиромидошти арзишҳои фарҳанги милливу умумибашарӣ дар сиёсати давлат мавқеи асосӣ дошта, тамоми муассисаҳои фарҳангӣ, воситаҳои ахбори омма, телевизион ва радио, шабакаҳои иҷтимоӣ вазифадоранд, ки фаъолияти худро доир ба ҳалли масъалаҳои зикршуда, пеш аз ҳама, ҳифзи истиқлолият, инчунин, инкишофи тафаккури миллӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифату ҷаҳонбинии аҳли ҷомеа, ҳифзи мероси гаронбаҳои миллати тоҷик ва муаррифии шоистаи он ба ҷаҳониён тақвият бахшанд.

Татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад.

Аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса, ояндаи миллат ва давлат мебошанд». (ниг.: 1)

Сиёсати давлатии ҷавонон мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ин системаи ягонаи тадбирҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва тарбиявӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва шаҳрвандон, бо мақсади таъмини таълиму тарбия, ташаккулу камолоти ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи пурсамари иқтидори онҳо ба манфиати ҷамъият таҳия ва татбиқ мегардад. (ниг.: 2)

Тарбия - раванди мақсадноки ба воя расонидани фарзанд аз ҷониби падару модар, муассисаи таълимӣ, ҷомеа ва ба зиндагии мустақилона омода намудани ӯ мебошад.

Тарбия падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷамъият хизмат менамояд. Он ҳамчун фаъолияти махсуси мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани инсон ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона карда мешавад.

Мақсади тарбия қисми таркибии мақсаду вазифаҳои давлат қарор мегирад, ки барои амалӣ намудани манфиатҳои давлат, ҷомеа ва ҳар як шаҳрванд равона карда мешавад. Давлат чунин тартибу низомро

ҷорӣ мекунад, ки барои ҳаёт ва фаъолияти инсон ва тарбияи миллии шаҳрвандон мусоидат менамояд.

Тарбияи миллӣ дар шаҳрванд сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳуввияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва амсоли онро ташаккул медиҳад. Чунин шаҳрванд қодир аст, ки дар пояи манфиатҳои миллӣ фаъолият намояд, нисбати зуҳуроти манфии ҷомеа аз лиҳози танқид назар кунад, Ватани хешро дӯст дорад ва манфиатҳои онро ҳимоя намояд, ҳамчун соҳиби тафаккури миллӣ ва посдори тамаддуни миллӣ дар пешрафти ҷомеа саҳмгузор бошад.

Мақсаду вазифаҳои ниҳоии тарбияи миллӣ ташаккули инсони комил, соҳиби Ватан, нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ мебошад.(ниг.: 3)

Наврасону ҷавонони моро зарур аст, ки ҷавобан ба ин ғамхориҳо тамоми саъю талоши хешро ба донишандӯзӣ, интихоби касбу ҳунарҳои муосир, ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи Ватан, рушди илму техника ва бунёдкорӣ равона созанд.

Мутаассифона имрӯз баъзе ҷавонон даст ба ҷиноят мезананд, ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ аъзо мешаванд, аз моддаҳои нашъадор истеъмол мекунанд.

Имрӯз ҷавонон бояд дар ҷавоб ба ин шароиту ғамхориҳои давлату ҳукумат аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар санаи 22. 12. соли 2016 бо дарназардошти саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат соли 2017 – ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Соли ҷавонон эълон намуданд.

Ҷавонони мо дар ҳар ҷое, ки бошанд, бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, бо Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошанд.

Ҷавонони имрӯзаи мо, яъне насли замони истиқлол аз наслҳои пешина бо савияи илму дониш, маърифату ҷаҳонбинӣ, сатҳи тафаккур ва одобу ахлоқ фарқи куллӣ доранд, ки ин ҳама боиси ифтихори мо мебошад.

Давлат ва ҳукумат бо қабул намудани Консепсияи миллии тарбия, қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ мехоҳад ҷавононро дар рӯҳияи анъанаҳои миллӣ бо баназаргирии пешравиҳои ҷаҳони муосир тарбия намояд. Бо ин мақсад консепсияи миллии тарбияро бо баназаргирии унсурҳои зерин қабул намудааст: Тарбияи ғоявӣ, тарбияи миллӣ, тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ, тарбияи ватанпарастӣ, тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ, тарбияи маърифат, тарбияи ҳуқуқӣ, тарбияи гуманистӣ, тарбияи зебоипарастӣ, тарбияи меҳнатӣ ва касбинтихобкунӣ, тарбияи сиёсӣ, тарбияи ҳаёти солим.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлатии мустақили тозаистиқлол дар марҳалаи аввали ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона қарор дорад. Рушди минбаъдаи он ба тарбияи шахсиятҳои сатҳи баланди ахлоқӣ, дунёи пурғановати маънавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ дошта, риоягари қонунҳо, ҳуқуқҳо, озодиҳо, заҳматписанду зебопараст, сарфаю сариштакор, ботаҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор вобаста аст. Тарбияи чунин шаҳрвандон вазифаи давлат, ҷомеа ва оила аст.

Дар воқеъ тарбия дар шароити кунунӣ меҳнати дастҷамъонаро талаб мекунад, зеро оила ба муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои таълимӣ ба оила умедвор шуда наметавонад.

Имрӯз дар ҷумҳурӣ тамоми заминаҳои ҳуқуқӣ, шароити мусоиди илмомӯзӣ, дар амал татбиқ намудани нақшаю амалҳои худ барои ҷавонон аз ҷониби давлат ва ҳукумат фароҳам оварда шудааст.

**Адабиёт:**


1. *Паёми, Президенти Чумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
2. *Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе. 03 марти соли 2006. № 2*
3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, № 7, мод. 459; с. 2011, № 6, мод. 429; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с., № 1161)*

**Қаҳорова М.А.,**
*ассистенти кафедраи хадамоти гумруки ДДҲБСТ*
**Мирзоев А.Н.,**
*сармуаллими кафедраи хадамоти гумруки ДДҲБСТ*

# РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ПАДИДАҲОИ НОМАТЛУБ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН

Шароити имрӯзаи зиндагии мо тақозо дорад, ки ба омилҳо, зуҳурот, аз қабили терроризму экстремизм, ки ҳаёти инсониятро доғдор карда, ба суботу амнияти кишвар, ба ҳаёти инсоният таҳдид менамояд, таваҷҷуҳ зоҳир карда, барои ҳалли масоил роҳҳои онро ҷустуҷӯ намуд.

Чи хеле ки Асосгузории сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ таъкид карда буданд, «терроризм» ва «экстремизм» ин хатари глобалӣ буда, таҳдид ба ҷомеаи ҷаҳонӣ аст. Тоҷикистонро дар самти мубориза бар зидди ин падидаҳои номатлуб дар арсаи ҷаҳон ҳамчун иштирокчии фаъол мешиносанд ва эътироф менамоянд (1, с.25).

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали истиқлолият дарк намуд, ки терроризм ва экстремизм ҷинояти махсусан хавфнок буда, он ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ равона карда шудааст. Махсусан, хавфнок будани терроризм дар он ифода меёбад, ки асоси онро кӯшиши ҷиноятҳо оиди дар атрофи он ба вуҷуд овардани ҳиссиёти тарсу воҳима, фалаҷ сохтани фаъолияти фоиданоки иҷтимоии шаҳрвандон, кори мӯътадили мақомоти давлатию идоракунӣ ва бо ҳамин мақсадҳои зидди ҷамъиятии худ ташкил медиҳад (2, с.9).

Яке аз мушкилоти умдаи имрӯза майл пайдо кардан ва шомил шудани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои характери иртиҷоидошта мебошад. Тибқи маълумоти оморӣ шахсони то 30-сола 70 % - и аҳолии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

Намояндагони гурӯҳҳои даҳшатафкан, дар навбати аввал, бо ҷавононе кор мекунанд, ки таҷрибаи кофии рӯзгор надоранд, донишҳои дунявӣ ва диниашон сатҳӣ буда, дар зиндагӣ бо мушкилоте, чун қашшоқӣ, бекорӣ, муҳоҷират ва монанди ин дучор шудаанд [4].

Зикр намудан бамаврид аст, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, бархе аз ҷавонон берун аз кишвар дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, ки яке аз ҷанбаъҳои ҷалби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷиноятҳои дорои хусусиятҳои террористӣ ва

экстремистӣ мебошад. Сабаби дигари шомил шудани ҷавонон ба падидаҳои номатлуб ин паст будани дараҷаи дониши диниву дунявӣ, надоштани фарҳанги сиёсӣ, маърифати баланди ҳуқуқӣ мебошад (5, с.9).

Дигар воситаи таъсиррасон ба шомилгардии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ин истифодаи васеи сомонаҳои интернетӣ мебошад. Созмонҳои экстремистӣ ва террористӣ аз ин усул бо паҳн кардани сабтҳои видеоӣ, наворҳои таблиғотӣ ба равони ҷавонон таъсир карда, тарафдорони худро зиёд намуда, ҳатто ба ҷиҳод ва ҷанг даъват менамоянд.

Дигар омили шомилшавии ҷавонон ба ҳизбҳои иртиҷоӣ надоштани маърифати ибтидоии динӣ мебошад. Ғояҳои асосии дини мубини ислом ба асоси тафаккури инсондӯстона, эҳтиром ба ақидаи ҳамдигар, ҳифзи сулҳу суботи ҷомеа асос ёфтааст, на дар бадбиниву кинаву адоват, ки ҳизбҳои ифротгаро таблиғ мекунанд (6, с.68).

Ҷавонон қишри ҳассос, баландпарвози ҷомеа мебошанд. Ҳангоми мушоҳидаи хурдтарин омили каҷравӣ, дӯғи қалонсолон, иҷро нашудани низоми давлатдории дунявӣ дар маҳалҳо, ҷамоату ноҳияҳо нисбат ба фардои ҷомеа бовариро аз даст медиҳанд ва эътиқоду бовариашон зуд мешиканад. Ана, ҳамин гуна омилҳо, нобовариҳо ва заифии эътиқод ба ояндаи дурахшон сабаби шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои номатлуб, то ҳатто даст задан ба ҷинояту ҷинояткориҳо ва худкушӣ мегардад. Аз ин рӯ, ба муқобили радикализм, ифротгароӣ, терроризм ва дигар зуҳуроти номатлуби иҷтимоии замони муосир, ки барои ҷомеаи мо бегона мебошанд, мубориза бурда, барои пешгирӣ намудани онҳо чораҳои мушаххаси тарбиявӣ андешидан зарур аст. Шароити мусоид барои онҳо ин дараҷаи кофии имконияти иқтисодии ҷомеа мебошад.

Ба ақидаи мо, мубориза ба ифротгароӣ ва дигар равандҳои номатлуби ҷаҳони муосир оила нақши калидиро дорост. Барои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» нақши падару модар назаррас аст. Оила ҳамчун ниҳоди асосии ташаккулдиҳандаи фарзандон вазифадор аст, ки мутобиқгардонии ҷавононро ба ҳаёти иҷтимоӣ дар шароити муосир ва ҳифзи онҳоро аз таъсири гурӯҳҳои гуногуни ифротӣ, экстремистӣ таъмин намояд ва дар ин замина сатҳу сифати таълиму тарбия дар оила, мактаб ва муассисаҳои олӣ **баланд бардошта** шавад.

Барои паст кардани шиддати ифродгароӣ дар байни ҷавонон мавриди омӯзиши доимӣ қарор додани маърӯзаву суханрониҳои Пешвои миллат хеле муҳим аст. Вақти он расидааст, ки дар байни ҷавонон корҳои фаҳмондадиҳиро пурзӯр намоем. Мутолиаи асарҳои бадеӣ ва мустанад, ки моҳияти одамбезории табиати экстремизм (ифротгароӣ)-ро ошкор сохта, барои ташаккули муносибатҳои

дӯстона ба муҳити сермиллат мусоидат менамояд, инчунин таъсис додани марказҳои ёрии равонӣ ба ҷавононе, ки бо мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд, баланд бардоштани нақши ҷавонон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Дар тарбияи ҷавонон баргузории соатҳои тарбиявӣ хеле муҳим буда, бояд мавзӯҳои он масъалаҳои актуалиро дар бар гирад, ки ин ба дараҷаи ҷаҳонбиниву маърифати ҷавонон таъсири мусбӣ мерасонад. Вақти он расидааст, ки ташкил ва гузаронидани чорабиниҳоро дар байни шаҳрвандон, ҷавононе, ки аз таълиму тарбия дур мондаанд, дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок намекунанд, худро аз ҷомеа канор гирифтаанд, пурзӯр карда шавад.

Ҷавонон, ки қувваи пешбаранда ва фаъоли ҷомеаи имрӯза ба шумор меравaнд, сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дастгирӣ намуда, дар кору ободониву созандагӣ, ҳимояи Ватан, бунёдкорӣ нерӯи худро равона сохта, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз фаъолона иштирок намуда, ба рамзҳои давлати соҳибистиқлоли худ - Конститутсия, Парчами миллӣ, Нишони давлатӣ, Суруди миллӣ чун ба муқаддасоти миллати озоду соҳибистиқлоли мо пайваста арҷ гузоранд ва онҳоро гиромӣ доранд, аз шомил шудан ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳо худдорӣ кунанд ва парчамбардори миллати тамаддунофар бошанд.

**Адабиёт:**


1. *Паёми, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.01.2015. – Душанбе: Шарқи Озод, – С. 25-26*
2. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 – уми декабри соли 2003 № 69 «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм». – Душанбе: Қонуният. - 11 с.*
3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». – Душанбе: Адиб, 2012. - 11 с.*
4. *Абдураҳмонов Х. // Ҷавонони Тоҷикистон. № 48 (9474) аз 01.12.2016. – С. 8-9*
5. *Олимӣ Ш. Ифротгароии баъзе ҷавонон. Омилҳо ва роҳҳои пешгирии он // Мароми пойтахт аз 25 – уми ноябри 2015.*
6. *Шохуморов С. Терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии Исломӣ. – Душанбе, 2002. – 68 с.*
7. *Имомназаров М. ВМКБ. Баррасии майли ҷавонон ба ифротгароӣ // Ҷавонони Тоҷикистон аз 29 – уми октябри 2015.*

**Кӯчибоев Ш.И.,**
*сармуаллими кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров*

## МАҚОМИ КОНСЕПСИЯИ МИЛЛИИ ТАРБИЯ ДАР ТАКМИЛИ ТАРБИЯИ ҒОЯВӢ – АХЛОҚИИ ҶАВОНОН

Дар таърихи давлатдории тоҷикон давраи соҳибистиқлолӣ бо дастовардҳои азими оламшумули ҳамаи соҳоти ҳаёти ҷамъиятӣ бесобиқа мебошад. Дар ин давраи кӯтоҳи таърихӣ халқи фарҳангсолору тамаддунофари тоҷик бо сарварии фарзанди фарзонаи худ Эмомалӣ Раҳмон ба дастовардҳои беназир ноил гардид, ки орзуву омоли чандинасраи миллати кӯҳанбунёди мо буд.

Пешвои хирадманди тоҷикон Сарвари давлат, Ҷаноби Олӣ Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати созандаву бунёдкоронаву маорифпарваронаеро пеш гирифт, ки дар он маориф ҳамчун соҳаи афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида, рушду нумув кард ва дар ин соҳаи ҳаётан муҳим муносибатҳои сифатан нав ба вуҷуд оварда шуданд, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ бештар аз 200 ҳуҷҷати ҳуқуқиву меъёрие таҳия гардидаву қабул карда шуданд, ки барои рушду нумӯи соҳаи маориф аз ҷумла, ба беҳбудии сифати таълиму тарбия, беҳтар шудани базаи моддиву техникии макотиби оливу миёна, беҳтар шудани шароит ва ҳифзи иҷтимоии кормандони соҳа мусоидат кардааст.

Яке аз ҳамин гуна ҳуҷҷатҳои муҳим Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 94 аз 3 юми марти соли 2006 қабул гардида, мавриди истифода қарор ёфтааст, ки ин аввалин ҳуҷҷати консепсионӣ дар самти тарбия буда, аз муқаддимаву ҳафт қисм иборат аст.

Он гуна, ки дар муқаддимаи Консепсияи миллии тарбия зикр шудааст, ин ҳуҷҷат “сиёсати кунунӣ ва дурнамои давлатро дар соҳаи тарбияи миллии оммаи васеи аҳолӣ, махсусан насли наврас, муайян мекунад. Он моҳият, мақсаду вазифаҳо ва мазмуни тарбияи миллиро дар марҳалаи нави таърихӣ ба танзим оварда, нақш ва мақоми онро дар ташаккули шахсияти инсони комил муайян мекунад” (1).

Маълум аст, ки миллати фарҳангсолори тоҷик аз қадимулайём ба масъалаи таълиму тарбия аҳамияти аввалиндараҷа додааст, зеро халқи маърифатпарвари тоҷик ба хубӣ дарк намудааст, ки камолоти

маънавию ҷисмонии шахс, ба ин ё он мартаба ноил гардидани ӯ аз таълиму тарбия вобастагии ногусастанӣ дорад.

Ниёгони мо камолоти маънавию ҷисмонии инсонро манбаи саодат медонистанд ва якеро бо дигаре ноқис мешумориданд.

Афкори баланди тарбиявии ниёгони тоҷик дар шакли андарзномаву рисолаву каломи бадеъи нафис имрӯз хазинаи фарҳангии умубашариро ғанӣ гардонида, мавриди пажӯҳишу пайравию истифодаи халқу миллатҳои гуногун гардидааст.

Афкори тарбиявии халқи мо дар "Авасто" ва дигар ёдгориҳои хаттии аҳди бостон инъикос ёфта, то имрӯз яке аз мавзӯҳои марказӣ ба ҳисоб меравад. Мутафаккир, олим ё адиби тоҷикро пайдо кардан ғайримкон аст, ки ба масъалаи тарбия дахл накардаву афкори тарбиявии худро баён накарда бошад, зеро яке аз шартҳои асоситарини камолоти инсон, ба дараҷаи Инсони комил расидани ӯ омӯхтани илму риояи одоб аст. Аз ин рӯ, дар ҳама давру замон динишмандон ба ин масъала эътибори аввалиндараҷа додаанд.

Таълифи асарҳои зиёди тарбиявию ахлоқӣ мисли "Васиятнома"-и Имоми Аъзам, "Қобуснома"-и Унсуралмаолии Кайковус, "Ахлоқи Носирӣ"-и Насриддини Тӯсӣ, "Кимёи саодат"-и Муҳаммад Ғаззолӣ, "Панднома"- и Аттори Нишопурӣ, "Саодатнома"-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ, "Гулистон"-у "Бӯстон"-и Саъдӣ, "Баҳористон"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, "Ахлоқи Муҳсинӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, "Ахлоқи Ҷалолӣ"-и Девонӣ далели гуфтаҳо шуда метавонанд. Яъне дар ин ҷода халқи тоҷик соҳиби таҷрибаи ғанӣ, роҳу равиш, нигоҳ, анъана ва суннатҳои хоси миллӣ мебошад. Ин нукта дар муқаддимаи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон махсус чунин таъкид карда шудааст: "Консепсия бо дарназардошти анъанаву суннатҳои арзишманди миллати тоҷик ва халқу миллатҳои дигари Тоҷикистон таҳия гардидааст. Он имконият медиҳад, ки тамоми аҳолии Тоҷикистон, новобаста аз маҳаллу миллат ва нажод роҳҳои гуногуни тарбияро барои инсони комил будан интихоб ва амалӣ намояд"(1).

Консепсияи миллии тарбия тамоми мардуми Тоҷикистонро вазифадор менамояд, ки "дар бобати тарбияи миллии аҳолии кишвар дар амалӣ намудани барномаҳою тадбирҳои давлатии ин масъалаи муҳими аҳамияти бузурги иҷтимоию ахлоқидошта саҳмгузор бошанд".

Табиист, ки пешрафту тараққиёти ҷамъият ба дараҷаи маърифатнокӣ, аз ҷумла маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ, динӣ, ахлоқиву маънавии ҳар як аъзои ҷомеа вобаста аст. Яъне агар ҳар як фард эҳтирому риояи қонунро ба ҷой оварда, дорои эҳсоси баланди худшиносиву худогоҳиву ватандӯстиву меҳнатдӯстиву зебопарастиву масъулиятшиносӣ дошта бошад, дар он ҷомеа фазои мусоид, амну

субот таъмин гардида, аз файзу баракати ин ҳолривоҷу равнақи бемайлони мамлакат имконпазир мегардад. Зеро мавҷудияти ин гуна эҳсосоти наҷиб фардро ба созандагиву бунёдкор, эҷодкорӣ раҳнамун месозад. Ин нуктаҳо дар қисми якуми Консепсия, ки “Зарурати таҳия ва қабули консепсия” ном дорад, сароҳатан ифода ёфта, таъкид карда шудааст: “Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақили тозаистиқлол дар марҳалаи аввали ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона қарор дорад. Рушди минбаъдаи он ба тарбияи шахсиятҳои сатҳи баланди ахлоқӣ, дунёи пурғановати маънавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ дошта риоятгари қонунҳо, ҳуқуқҳо, озодиҳо, заҳматписанду зебопараст, сарфакору сириштакор, ботаҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу фаъол ва ояндасозу эҷодкор вобаста аст. Тарбияи чунин шаҳрвандон вазифаи давлат, ҷомеа ва оила аст”.

Ҳамчунин, дар ин қисм таъкид шудааст, пас аз қабул шудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои зиёди фарогири масоили таълиму тарбия таҳияву қабул шуда, дар он ҳуҷҷатҳо вобаста ба таълиму тарбия афкори солиму арзишманд баён шудаанд. ”Аммо,- таъкид шудааст дар ин қисм,- илми педагогика собит менамояд, ки тарбия аз рӯйи мақсаду вазифа ва мазмуну мундариҷа нисбат ба таълим муқаддамтару васеътар аст. Мутаассифона, ҳуҷҷате, ки дурнамои тарбияи миллӣ, ҳадаф, вазифа мазмуну мундариҷаи онро вобаста ба сиёсати давлати соҳибистиқлол ва арзишҳои миллию башарӣ муайян намояд, то ҳол таҳия нагардидаст. Консепсияи мазкур таҷрибаи нахустин буда, тарбияи миллии тамоми шаҳрвандони ҷумҳуриро дар назар дорад”.

Тибқи талаботи Консепсияи миллии тарбия асоси методологии тарбияро тафаккури нави сиёсиву фарҳангӣ ташкил медиҳад, ки моҳияти он таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, таъмини амнияти давлату миллат, ҳифзи тамомияти арзӣ ва манфиатҳои умумимиллӣ мебошад.

Муҳтавои ин методология дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Барномаи давлатии ватанпарастии ҷавонон барои солҳои 2006-2010”. Консепсияи миллии инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид ёфтааст”.

Дар қисми сеюми Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми тарбия чунин баён карда шудааст: “Тарбия падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ психологӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷамъият хизмат менамояд. Он

ҳамчун фаъолияти махсуси мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани инсон ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона карда мешавад".

Чуноне ки қайд карда шуд, тараққиёту пешрафти давлат аз сатҳи маърифатнокӣ, аз ҷумла, маърифати сиёсиву ҳуқуқиву ғоявӣ ва ҷаҳонбинӣ, солимии зеҳниву ҷисмонӣ, мавҷудияти ҳисси ватандӯстиву худогоҳӣ, масъулиятшиносиву таҳаммулпазирӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Тарбия намудани шахсияти дорои чунин сифатҳо мақсаду вазифаи тарбияи миллӣ аст, ки он қисми таркибии мақсаду вазифаи давлат аст ва ин нукта дар суханрониҳои Пешвои миллат борҳо таъкид гардида аз ҷумла омадааст: "Мақсаду вазифаҳои ниҳоии тарбияи миллӣ ташаккули инсони комил, соҳиби Ватан, нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ мебашад"(5).

Дар Консепсия қисмҳои таркибӣ ва мазмуни тарбияи миллӣ мушаххасан номбар шудаанд, ки аз инҳо иборатанд:

Дар луғатҳо мафҳуми "ғоя " мақсади ниҳоӣ ва асосӣ азм кардани коре, ақида, фикр, мақсади асосии ягон асар, ки мундариҷаи онро муайян мекунад, маънидод карда шудааст .

Воқеан, ҳар як амал, иқодоме, ки пеш гирифта мешавад, мақсади ниҳоии худро дорад ва барои расидан ба мақсади ниҳоӣ аз роҳу васоиту гуногун истифода бурда мешавад. Ҳар як фард, гурӯҳи ҳамфикрон, иттиҳодияҳои эҷодиву ҷамъиятӣ, ё диниву сиёсӣ барои ба даст овардани мақсадҳои ниҳоӣ барномаеро тарҳрезӣ намуда, аз рӯйи барномаву накшаи корӣ фаъолияти хешро ба роҳ мегузоранд, то ҳадафи ниҳоиро ба даст оранд. Ҳар як гурӯҳи ҷамъиятӣ ё иттиҳодияҳои сиёсӣ, эҷодӣ, ҷамъиятӣ метавонанд ғояи худро дошта бошанд, ки ба ғояи гурӯҳи дагар қисман ё ба пуррагӣ мувофиқат надошта бошад. Аммо ғояи миллӣ барои тамоми аъзоёни ҷомеа новобаста ба манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ, эътиқод, синну сол, ҷаҳонбиниву мавқеи ҷамъиятӣ, ягона мебошад ва ҳамаи намояндагони миллатро барои дастаҷамъона, дар якҷоягӣ барои ба даст овардани мақсади ниҳоӣ, ки бар манфиати миллат хизмат мекунад, муттаҳид месозад.

Мақсади асосии тарбияи ғоявӣ "дар шуури шаҳрванд ташаккул додани ғояи миллӣ мебошад. Вазифаи асосии ин мафҳум ҳимояи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон буда, бунёди манфиатҳои миллии халқҳои Тоҷикистон, ба давлати мутараққии ҷаҳон табдил ёфтани Тоҷикистон мебошад".

Ғояи миллӣ ҳар як шаҳрвандро вазифадор месозад, ки дар ин масъала муносибати худро дақиқан муайян кардаву ҳимояи Истиқлолияти давлатро мақсади асоситарини худ дониста, дар ин

ҷода бо ҳар амали ба он мусоидаткунанда саҳмгузор бошад ва дигаронро низ ба ин амал даъват намояд

Имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули ғояи миллӣ, аз ҷумла, барои таҳкими ҷомеаи демократӣ, эҳёи хусусиятҳои миллӣ, ҳимояи ҳувияту асолати миллӣ тадбирҳои зиёди судманде амалӣ намуда истодааст, ки бешак дар ташаккули ғояи миллӣ мусоидат менамояд.

Дар ин ҷода фаъолияти самарабахши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шоистаи таҳсину пайравию омӯзиш шуда метавонад.

Бешак вохӯриву суҳбату мулоқотҳои озодонаву самимона ташкил намудани Сарвари давлат Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагои аҳли зиё – адибону олимон, занон, ҷавонон, рӯҳониён, омӯзгорону шогирдони макотиби оливу миёнаи касбӣ ва миёнаи умумӣ, варзишгарону сарбозону соҳибкорон, ҳамчунин, бо шаҳомати ба худ хос таҷлил намудани Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар манотиқи мамлакат, бо кишварҳои дӯсту ҳамҷавор дар якҷоягӣ таҷлил намудани Наврӯзи байналмиллалӣ ва дар ин вохӯриҳо бо маърузаҳои пурмуҳтаво баромад намудану ҳидоят намудан ба таҳкими давлати демократӣ ва шукргузорӣ кардан аз Истиқлолияту Ваҳдати миллӣ, даъват намудан ба бунёдкориву созандагӣ, ки ба ҳукми анъана даромадааст, дар ташаккулу таҳкими тарбияи ғоявии миллӣ накши муассир дорад. Аз ин рӯ, чун ҳар фарди тоҷик тариқи ВАО оид ба ин ё он масъала ибрози ақида карданӣ шавад, сухани худро бо шукргузорӣ аз Истқлолияту Ваҳдати миллӣ ва миннатдории самимӣ ба Пешвои миллат оғоз мекунад, ки амри табиист.

**Адабиёт:**


1. *Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2006.*
2. *Лутфуллоев М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин. – Душанбе, 2006. – 164 с.*
3. *Нуров А. Арзишҳои миллию умумибашарӣ, заминаҳои пайдоиш, инкишоф ва нақши онҳо дар тарбияи инсон. – Душанбе, 2003. – 232 с.*
4. *Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ. – Душанбе: Ирфон. - 2010. – 544 с.*
5. *Эмомалӣ Раҳмон. Маориф-омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат / Суханронии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар, Душанбе, 22 -юми декабри соли 2005 // Омӯзгор, 2006.-№ 1. - 10 январ.*

**Лутфуллоев М.Д.,**
*сармуаллими кафедраи*
*системаҳои ахборотӣ-ҳисоббарори ДДҲБСТ*
**Исмоилов Ш.М.**
*омӯзгори кафедраи*
*системаҳои ахборотӣ-ҳисоббарории ДДҲБСТ*

# РОҲУ УСУЛҲОИ ТАШКИЛКУНИИ МАШҒУЛИЯТҲОИ КУРАТОРӢ ДОИР БА МАВЗӮИ ВАТАНДӮСТӢ

Вазифаи ҳар як омӯзгор дар мактаби олӣ ба ғайр аз таълими фанҳои тахассусӣ, боз тарбияи донишҷӯён дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, гуманизм ва сулҳдӯстиву накӯкорӣ мебошад.

Дар Қонун «Дар бораи маориф» оид ба тарбияи насли ҷавон омадааст, ки «Вазифаи таълим ва тарбия ҳамчун ҷузъи таркибии маориф дар шароити давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ аз он иборат аст, ки шаҳрвандони сатҳи маърифаташон баланд, дорои тафаккури эҷодӣ, ҳамаҷониба рушдёфта ва соҳиби дониши амиқ, маҳорат, малакаи касбӣ тайёр намояд, ки онҳо ба ғояҳои сулҳдӯстӣ, инсонпарварӣ, адолати иҷтимоӣ, риояи арзишҳои аз тарафи умум эътирофшудаи инсонпарварӣ, ҳуқуқ ва қонунҳо фаро гирифта шудаанд».

Доир ба масъалаи тарбияи ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар аксарияти баромадҳо, паёмҳо ва дастуру супоришҳояшон ба таври алоҳида истода гузашта, онро вазифаи ҷоноҷони ҳар як волидайн ва омӯзгор маънидод менамоянд.

Ҳар як устоди донишгоҳ, дар рафти ташкил ва баргузории машғулиятҳои тарбиявӣ дар асоси Консепсияи миллии тарбия, нуктаҳои муҳими паёми сарвари давлат ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ корбарӣ намуда, кӯшиш менамояд, ки машғулиятҳо самаранок ва таъсирбахш гузаранд. Дар баробари ин қайд намудан зарур аст, ки осори гаронбаҳои ниёгони мо дар бобати тарбияи насли ҷавон хеле пурарзиш буда, кураторони гурӯҳҳои академӣ метавонанд аз онҳо ба таври бояду шояд истифода баранд.

Дар таърихи адабиёти чандинҳазорсолаи тоҷик асарҳои тарбиявӣ хеле фаровонанд. Чунончи «Калила ва Димна»-и А.Рӯдакӣ, «Қобуснома»-и У.Кайковус, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и С.Шерозӣ, «Хираднома Искандарӣ» - и А.Ҷомӣ, «Калила ва Димна»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Таҳзиб - ус-сибён»-и С.Айнӣ ва ғайраҳо доир ба мавзӯъҳои мухталифи тарбиявӣ шеърҳо, пандномаҳо, ривоятҳо,

ҳикояҳову нақлҳои ҷолиби диққатро фарогиранд. Аз ҳамин нуқтаи назар, истифодабарии ин китобҳо дар машғулиятхои кураторӣ ба манфиати кор аст. Чун мақсади мо бобати ташкилнамоии соатҳои кураторӣ доир ба мавзӯи меҳанпарастӣ аст, мо мехоҳем фақат доир ба истифодабарии асарҳое, ки бахшида ба ватандӯстӣ нигаронида шудааст, сухан ронем. Аслан, дар рафти ташкилкунии машғулиятҳои кураторӣ, ки ба мавзӯъҳои ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, худогоҳӣ ва меҳанпарастӣ бахшида шудааст аз китобҳои хеле бисёр истифода бурдан мумкин аст, ба таври намуна баъзе аз онҳоро қайд мекунем:

- Асарҳои Садриддин Айнӣ: Қаҳрамони халқи тоҷик-Темурмалик, Ятим, Ёддоштҳо;
- Сотим Улуғзода: Восеъ, Ривояти суғдӣ, Марги ҳофиз, Субҳи ҷавонии мо;
- Ҷалол Икромӣ: Духтари оташ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро
- Фотеҳ Ниёзӣ: Ҳар беша гумон мабар, ки холист, Сарбозони бесилоҳ, Димаи диловар.

Лекин намунаи олитарини васфи ватан ва ватандӯстию ватанпарварӣ ин «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ мебошад!

Дар «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ қувваи некӣ таҳти сарварии Аҳуромаздо бар зидди қувваи бадӣ бо роҳбарии Аҳриман мубориза беамон мебаранд (1). Дар «Шоҳнома» мавзӯи ватандӯстӣ аз Сиёмак оғоз ёфта, он то ҷанги арабҳо фақат васф карда шудааст. Ин асари ҳазорсола, сухани олии шоири кабир ҳанӯз ҳам дилангез ва ҳаяҷонбахш аст, вай кӯҳна шудан надорад. Хондани достонҳои «Шоҳнома» ё шунидани он аз забони гӯяндагон дар ҳар кас ҳиссиёти наҷиб ва фикрҳои баландро тавлид менамояд. Қаҳрамонони ин достонҳо Фаридун, Коваи оҳангар, Қорани Кова, Соми Наримон, Золи Зар, Рустами Достон, Гурдофарид, Сиёвуш, Баҳроми Чӯбина, Исфандиёри Рӯинатан, Зарир, Ардашери Бобакон ва дигар паҳлавонон барои озодӣ, истиқлолият, шараф ва номуси ватани худ ва халқи худ меҷанганд, дар паи кори ҳақ талош мекунанд. Достонсарои беҳамто Фирдавсӣ, далериҳои онҳо, разму набардҳо, базмҳо, орзую омол, ишқ, сӯзу соз, ғаму шодии онхонро месарояд. Агарчӣ корнамоиҳо ва саргузашти ин қаҳрамонон гоҳо ранги афсонавӣ мегиранд, лекин дар тасвири Фирдавсӣ онҳо ҳамчун фардҳои ҳақиқии замини арзи вуҷуд мекунанд.

Ин қаҳрамонҳо барои озодӣ, истиқлол, шараф ва номуси ватани худ ва халқи худ меҷанганд, дар паи кори ҳақ талош мекунанд.

Масалан, дар достони шоҳ Нӯзар Абулқосими Фирдавсӣ чунин нақл менамояд:

«Аммо ватандӯстони Эронзамин ба салтанати бегонагон сар нафароварданд. Онҳо ба Зобул назди Золи Зар рафта, ӯро ба сардории мубориза барои озодӣ ва истиқлоли Ватан даъват карданд, гуфтанд, ки ҳозиранд ҳамагон дар зери ливои ӯ ба ҷанги озодихоҳии ватанӣ бархезанд.

Золи Дастон гуфтори ватандӯстонро шунида гӯё аз нав ҷон гирифт. Савганд хӯрд, ки «то истилогаронро наронам ва Эронро озод накунам, шамшер ба наём намениҳам ва зин тахти ман, рикоб пойгоҳи ман аст!» (1).

Ва ё дар достони дигар Фирдавсии бузургвор аз номи қаҳрамони дӯстдоштааш Рустам чунин мегӯяд: "Замон замони ҷанг аст ва ҷои мард дар майдон. Душмани бераҳми хунхор омадааст, ки кишвари моро хароб ва халқи моро асир гардонад. Дар ин вақт ман бо ин қуввату қудрате, ки дорам, агар ба қавли ту нозу шодию базм ҷӯяму ба ҷаҳод барнахезам, номардам, беҳамиятам!»

Мазмуну мундариҷаи «Шоҳнома» аз масоили сулҳ, дустӣ, хирад, ватанпарастӣ ва ғайра иборат аст. Вале мағз андар мағзу ҷавҳари он ва идеяи марказии онро масъалаҳои ахлоқӣ, тарбияи шахс, муттаҳидиву ягонагӣ, ростӣ, ватандӯстию адолатхоҳӣ ташкил медиҳанд.

Умуман, Фирдавсӣ дар шоҳасараш «Шоҳнома» бисёр фикрҳои панду ахлоқӣ, тарбиявиро баён карда, дар ҷавонон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, халқпарварӣ, далерӣ, накӯкорӣ, илму донишандӯзӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳунаромӯзӣ ва монанди инҳоро бо як ҳиссиёти баланд тарғибу талқин кардааст.

Дар рафти ташкили машғулиятҳои кураторӣ омӯзгор метавонад, дар ҳар соат қисм-қисм аз ин достонҳоро ба донишҷӯён нақл намуда, нафақат ба баландшавии ҳисси меҳанпарастӣ, балки ба баландшавии завқи донишҷӯён ба китобхонӣ, рӯ овардан ба мероси ниёгон ва зиёд шудани диққати донишҷӯ ба машғулиятҳои кураторӣ сабаб мешавад.

Барои беҳтар ташкил намудани машғулиятҳои кураторӣ ва баланд шудани завқи донишҷӯён ба дарсҳои кураторӣ вобаста ба мавзуи меҳанпарастӣ чунин роҳу усулҳоро пешниҳод карданием:

1. Вобаста аз мавзӯи дарс ба донишҷӯён нақл кардани достонҳои Шоҳнома. Албатта на ҳар як омӯзгор аз ин достонҳо худаш ба таври бояду шояд бохабар аст. Дар ин бобат ӯ метавонад бо устодони кафедраи забони тоҷикии донишгоҳ ҳамкориро ба роҳ монад. Даъват намудани ин устодон бешак ба манфиати кор буда, ба гуногунрангии машғулиятҳои кураторӣ мусоидат менамояд.

2. Истифода бурдани филмҳои бадеӣ, ки дар асоси «Шоҳнома» ба навор гирифта шудааст. Дар солҳои Шӯравӣ аз тарафи коргардон Борис Кимёгаров дар мотиви достонҳои мухталифи

«Шоҳнома» якчанд филмҳо ба навор гирифта буд. Ин кинофилмҳоро имрӯз аз нуқтаҳои фурӯши дискҳо ба осонӣ дастрас намудан мумкин аст. Истифодабарии ин филмҳо диққати донишҷӯро ба худаш боз ҳам бештар ҷалб менамояд ва исботи мақоми «Шунидан кай бувад монанди дидан» мегардад.

3. То охир нақл накардани достонҳо, яъне ба қуллаи кулминатсионии достон омада, давомашро нагуфтан. Пас аз он, ки куратор дар дарсҳои кураторӣ ду ё се нақлҳои пурраро аз достонҳои «Шоҳнома» ба донишҷӯён мерасонад, маслиҳат дода мешавад, ки дар машғулиятҳои минбаъда достонро пурра нагуфта, дар ҷои аз ҳама аҷибаш таваққуф кунад. Вақте ки донишҷӯи башавқомада аз устод боқимондаи нақлро пурсон мешавад, омӯзгор ба донишҷӯ супориш медиҳад, ки идомаи онро аз сахифаи фалони ҳамин китоб ёфта хонад. Ин донишҷӯро водор мекунад, ки худаш мустақилона идомаи ин асарро хонад.

4. Ба донишҷӯён супориш додан оид ба хондани достонҳои Шоҳнома ва баромад кардани онҳо дар дарсҳои куратории ҳафтаҳои оянда. Ин кор бешак ба манфиати кор буда, фаъолнокии донишҷуёнро дар машгулиятҳои кураторӣ таъмин менамояд.

5. Дар ҳар машғулияти кураторӣ новобаста аз мавзӯъ ифоданок хондани баъзе аз порчаҳои шеърии достонҳои Шоҳнома. Ба монанди

«*Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,*<br>
*Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем*»<br>
ва ё<br>
«*Пароканда лашкар наёяд ба кор,*<br>
*Дусад марди ҷанги беҳ аз садҳазор*»<br>
ва ғайраҳо…

Албатта доири ин мавзӯъ соатҳои зиёд сухан рондан мумкин аст ва он хеле доманадор мебошад. Аммо ба фикри мо татбиқи гуфтаҳои болоӣ дар рафти ташкили машғулиятҳои кураторӣ ба баландшавии самаранокии он оварда мерасонад.

**Адабиёт:**

1. *Сотим Улуғзода. Достонҳои Шоҳнома. Қисми 1. – Душанбе: Ирфон, 1984.*

2. *А. Фирдавсӣ. Шоҳнома. Иборат аз 8 ҷилд. Ҷилди 2. - Душанбе 1984.*

**Луфов М.Т.,**
*сармуаллими кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров*

## *ИВАЗИ ФАЙЛ*
## ПАЙДОИШИ МАШВАРАТИ ПСИХОЛОГӢ ВА ЗАРУРИЯТИ ОН ДАР СОҲАИ МАОРИФ

Дар шароити кунунӣ ин масъала ҳамон вақт ҳалли худро меёбад, ки хонанда дар шароити мўътадили вазъи психологии оила, муассисаҳои томактабӣ, мактаб ва ҷомеа ба воя расад, зиндагӣ кунад ва таълиму тарбият гирад. Дар давлатҳои пешрафта чунин мутахассисон соҳаи психология дар ҳама соҳаҳо кору фаъолият доранд». Аз солҳои 60 - уми асри гузашта аз хизмати равоншиносони мактаб истифода бурда, дар таълиму тарбияи кўдакон дар муассисаҳои томактабию мактаб, хонаҳои кўдакон ва парастишгоҳҳо ба комёбиҳо ноил гардиданд.

Тадқиқот ва озмоишҳои дар солҳои 1982-1987 дар шаҳри Москав гузаронидаи равоншиносони рус зарурияти хизмати равоншиноси мактабро ба миён овард. Хадамот ва Психолог - машваратчӣ дар мактаб ҳанўз дар ШМА солҳои 60 - ум ба вуҷуд омад. Равоншиносони мактабӣ бо ёрии тестҳои стандарти дараҷаи инкишофи қобилияти хонандагонро муайян менамуданд. Мавриди тадқиқоти онҳо бештар қобилияти ақлии хонандагон қарор мегирифт. Ин тестҳо имконият медоданд ки хонандагони зинаи баланди инкишофи ақли дошта муайян карда шавад. Ба ақидаи ин психологҳо қобилияти ақли хусусияти модарзодиро дорад.

Равоншиносони англис Саймон ва Хейсерман чунин ҷудонамоии хонандагонро маҳкум намуданд чунки ба ақидаи онҳо дар ин суръат олами эмотсионали ва муносибати байниҳами хонандагон ба эътибор гирифта намешавад.

Баъд равоншиносони Амрикои Бордон ва Беннест ба хулосае омаданд, ки фаъолияти психологи мактаби набояд танҳо ба гузаронидани тестҳо маҳдуд гардад балки ў бояд инчунин аз машваратҳои психологи низ васеъ истифода барад. Дар мамлакатҳои Аврупои бошад хадамоти психологи ниҳоят дар мактаб хуб ба роҳ монда шудааст. Марказҳои психологии шаҳриву ноҳияви амал мекунанд, ки ба ҳалли муаммоҳои гуногуни инсонҳо сару кор доранд.

Вазифаи асосии машварати психологи дар соҳаи маориф.

Дар охири асри XIX психологияи педагогӣ бо педагогикаи мактабӣ зери фишори талаботҳои ҷамъиятӣ рў ба тараққи оварда

шудааст. Равоншиноси Амрикои Сэнли Холл соли 1981 маҷалаи «Машварати педагогӣ» - ро аз нашр баровард, ки ба масъалаҳои педагогӣ ва психологияи мактаббачагон бахшида шуда буд. Дар охири асри XIX масъалаҳои хизмати психологии мактаби Алферед Бине машғул буд. Ба тадқиқотҳои ин соҳа ӯ соли 1874 сар кард ва соли 1897 бошад зарурияти машварати психологипсихологӣ ва хадамоти он дар мактаби миёна баромад мекард.

Соли 1905 Вазорати Маорифи Фаронса ба А. Бине бо изҳороти гузаронидани тадқиқоти психологии кӯдаконе, ки ба рӯи нақшаи умумии таълим хонда намешаванд мурочиат кард. Равоншинос А.Бине таҷрибаҳои педагогиро таъсис намуд, ки дар он методикаи омӯзиши инкишофи фикрии кӯдакро бо номи «мактаб барои ченкунии интелект» - тести машҳури А. Бине, ки кӯдаконро ба қафомонии инкишофи фикрӣ тадқиқ мекунад, кор карда баромад.

Бисёртар психолог - машваратчӣ дар мактабҳои Англя, ШМА, Фаронса ва Шведсария вуҷуд доштанд. Дар тӯли даҳсолаҳои охир хизматҳои психолог-машваратчӣ дар бисёр давлатҳо рӯ ба тараққи оварда истодааст.

Давраи мактаб дар ҳаёти ҳар як одам фаромӯш ва такрорнашаванда буда, дар ташаккули сифатҳои маънавию-ахлоқии ӯ заминаӣ асосӣ мегузорад. Мактаб кӯдакро ҷисман обутоб медиҳад, дӯстию рафоқатро меомӯзонад, меҳнатдӯстию ҳифз намудани табиатро тарбия мекунад, ифтихор аз ватандорию дарси зиндагиро ёд медиҳад.

Машварати психологӣ яке аз соҳаҳои психологияи амали муайянеро дорад. Моҳияти асосии машварати психологи ин расонидани ёрии психологӣ ба мизоҷонро ташкил медиҳад. Машварати психологӣ аз нимаи дуюми асри XX сар карда, ба таври илмӣ ба роҳ монда шуда аст. То ин давра машварати психологӣ дар ташкили стихиявӣ аз ҷониби одамони алоҳида гузаронида мешуд. Вазифаи асосии машварати психологӣ аз он иборат аст, ки он дастовардҳои илмӣ психологияро дар амалияи машварати психологӣ тадбиқ менамоянд.

Барои тадбиқномаи мутахассисеро тайёр кардан зарур аст ки салоҳияти машваратдиҳии психологиро дошта бошад. Машварати психологӣ ба мизоҷон дар асоси сӯҳбатҳои шахсию байнишахсӣ ва омӯзиши пешакии муаммои мизоҷон сурат мегирад.

Одатан, машварати психологӣ дар вақти пешакӣ муайян кардашуда дар шароити махсуси мегузаронад, ки хусусияти махфӣ нигоҳ доштани мазмуни сӯҳбатро дорад. Бояд гуфт, ки машварати психологӣ зимни якчанд сеансҳо гузаронида мешавад.

Вазифаҳои асосии машварати психологиро ба таври зайл ҷудо мекунанд:

- ёри ба муаллимон дар фардикунонидани мундариҷа ва усулҳои таълим.
- ёри ба бачагон дар интихоби роҳҳо мувофиқ омадани таълим дар мактаб.
- талабот ба шахсияти психологи соҳаи маориф

Психолог-машваратчӣ ба боғчаи кӯдакон ва ё мактаб омадаанд, то, ки онҳоро боз ҳам инсонпарварона кунанду ба тараққиёти шахсияти ҳар як кӯдак, омӯзгор ва роҳбар мусоидат намоянд. Аз ин рӯ, комилан дуруст аст, ки агар дар талаботҳои ба шахсияти психолог пешниҳодшуда чунин тавсия диҳандаҳоро ҷудо намоем. Психолог бояд дорои қобилиятҳои баланди (умумӣ) ақлӣ буда, борикбин, бомулоҳиза, озодаандеш, таҳлилгари дақиқ ва мушоҳидакор бошад.

Психолог - машваратчӣ бо одамон кор карданро дӯст дорад, бо эътирофи иҷтимоӣ шод мешавад, нисбати одамон олиҳиммат аст, ба осонӣ гурӯҳҳои фаъолро ташаккул медиҳад, номи одамонро хуб ба хотир мегирад, меҳрубон, боодоб ва хушмуомила бошад. Ӯ амали якҷояро дӯст медорад, манфиатҳои шахсро ба манфиатҳои гурӯҳ тобеъ менамояд, фарди поквиҷдон, зӯр, боғайрат буда, дорои ҳисси адои вазифа ва масъулият аст.

Ӯ шахси ҷасур буда масъалаҳои амалиро тез ҳал менамояд. Психолог-машваратчӣ фарди аз ҷиҳати эмотсионалӣ устувор, ором, ботаҳаммул буда, ба таври воқеӣ вазъиятро месанҷанд ва нисбати ҳолати эмотсионалӣ устувор бошад. Аз ин рӯ, ин талаботҳо бояд ҳамчун намуда дида баромада шаванду ҳамчун нишондиҳандаи хизмат кунанд.

Имрӯз ба мактаб ду намуди психологҳо омадаанд:

1. Ақлӣ-Ба намуди якум таҳлилгарҳои бомулоҳиза, одамони мустақил ва мумтоз дохил мешаванд. Дар онҳо малакаҳои назариявӣ бартарӣ доранд. Чун қоида, онҳо хатмкунандаҳои донишгоҳҳо мебошанд, киояндаи худашонро на бо мактаб, балки бо фаъолияти илмӣ алоқаманд намудаанд.
2. Иҷтимоӣ - Онҳо одамоне мебошанд, ки дорои чунин хислатҳои характеранд: кӯшиши ёд додану тарбия намудан, аз назари психологи омода будан ба муносибат намудан бо одамон ва ғайра. Ин намуди психологҳо бештар дар байни омӯзгороне вамехӯранд, ки ба факултаи психологҳои амлӣ омадаанд. Мақсаду мароми такмили ихтисоси онҳоро дар аксари ҳолатҳо маромҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳанд.

Принсипи умумӣ ва қоидаҳои кори психолог фаъолияти касбии психологияи амалӣ бо масъулияти махсус дар назди мизоҷон ва озмудашавандагон тавсиф дода мешавад. Психолог- машваратчӣ ҳангоми кор бо мизоҷон принсипи дурусткорӣ, бовиҷдонӣ ва самимиятро ба роҳбари мегирад. Кори психологи амалӣ ба ноил шудан ба мақсаҳои инсониятпарварона равона шудааст, ки бартараф намудани ҳар гунна монеъаҳоро дар роҳи тараққиёти озодӣ ақлӣ ва шахсияти ҳар як одам дар назар дорад. Психолог кори худро дар асоси эҳтироми бечунучарои қадру манзалат ва дахлнопазирии шахсият ташкил медиҳад, ҳуқуқҳои асосии инсониро риоя намуда, фаъолона онҳоро ҳимоя мекунад.

Психолог-машваратчӣ бояд дар интихоби методҳои ташхискунандаю ислоҳкунӣ ва инчунин дар хулосабарорию тавсиядиҳиҳояш ниҳоят эҳтиёткор бошад. Психолог-машваратчӣ вазифадор аст, ки ҳамон ёриҳое расонад, ки доир ба онҳо маълумоти кофи дорад ва мутахассис ба он аст. Психолог-машваратчӣ ҳуқуқи додани метоҳои ташхиси психологӣ, ислоҳкунии психолог ва психотерапевтиро барои истифода ба шахсони бесалоҳият надорад.

Психолог-машваратчӣ ҳуқуқи гуфтани натиҷаҳои омӯзиши фардии психологиро ба шахси сеюм танҳо баъди розигии мизоҷ дорад. Хадамоти психологӣ имконият медиҳад, ки хонанда ба дилхоҳ масъалаҳои ҳалталабаш ҷавоб ёбад. Хонанда чунин масъалаҳои муҳими таълим ва шахсии худ метавонад ба психолог муроҷиат намояд: роҳҳои баланд бардоштани дараҷаи азхудкунии дониш, маҳорат ва малака аз фанҳои гуногуни таълимӣ; роҳҳои самаранок ва давомдор ба хотир гирифтани материали таълимӣ: ислоҳи ҷараёни бахотиргирӣ; воситаҳои ташаккули нутқ, яъне фаъолияти нутқии ӯ, ташхиси шахсият ва дар асоси натиҷаҳои омӯзиш ба роҳ мондани раванди худислоҳкуни, худтарбиякунӣ ва худидоракунӣ ва ғайраҳо метавонад муроҷиат кунад.

Хадамоти психологӣ ба хонандагон дар панҷ шакл мегузарад:

✓ баланд бардоштани дараҷаи маърифатии психологии хонандагон, яъне мусаллаҳ намудани онҳо бо донишҳои муҳими психологӣ

✓ профлактика (пешгирӣ) психологӣ, яъне ёд додани хонанда бо роҳи воситаҳои мақбули пешгирӣ намудани зуҳуроти номақбули психологӣ

✓ ташкили машварати психологӣ дар шакли инфироди ва гурӯҳӣ

✓ таълими ислоҳи психологӣ бо нияти бартараф намудани тамоилҳои номатлубе, ки дар тараққиёти психики ва шахсияти хонандагон ба амал меояд.

Мазмуни асосии хадамот ва машварати психологӣ

- таъмин намудани душвориҳо дар ташаккули шахсияти комил,
- бартараф намудани душвориҳо дар ташаккули шахс,
- масъалаи интихоби касб ва худмуайянамои шахсӣ

Хадамот ва машварати психологи дар мактаб вазифаҳои зеринро соҳиб аст:

➢ Муайян намудани сабабҳои қафомонӣ ва сустхонии хонанда.

➢ Кор бо синфҳои душвор.

➢ Муайян намудани дараҷаи тайёрии психологии кӯдак ба мактаб.

➢ Ёри расонидан ба маъмурият ва муаллимони мактаб оиди ёфтани усули кор бо оилаҳои душвор.

➢ Барқарор намудани алоқамандии муносибати солими психологи мактабу оила.

➢ Ёри расонидан ба муаллимони ҷавон барои соҳиб гаштан ба маҳорату малакаҳои касбӣ.

Волидайнро сустхонии кӯдак, ташаккулёбии хусусиятҳои манфии шахсӣ, ҳолати рӯҳии ӯ ба ташвиш меорад. Онҳо ба психолог барои барқарор намудани алоқа бо кӯдак, беҳтар намудани муносибатҳои оилавӣ, кӯмак мерасонад, ёри мепурсад. Хонандагон аз психолог оиди аз худ намои маҳорату малакаҳои донишомӯзӣ, барқарор намудани дӯстӣ бо ҳамсолон, муносибат бо муаллимон, ташаккул додани ягон хусусият ба худ, оиди интихоби касб ва худмуайянкуни дар оянда ва ғайраҳо маслиҳатҳо мепурсад. Муайян намудани предмети будани илми машварати психологӣ душвор аст.

Хулоса имрӯзҳо қариб тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ мактабу муассисаҳои томактабӣ, вазорату корхонаҳо, оилаҳову фирмаҳо ва ғайра ба хадамоти психологӣ ва машварати психологӣ ниёз доранд. Бояд гуфт, ки хадамоти психологӣ қисматҳои худро дорад ва яке аз онҳо машварати психологӣ ба ҳисоб меравад. Ин қисмати кор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсолаҳои охир диққати мутахассисонро ба худ ҷалб кардааст. Камбудӣ дар он аст, ки мутахассисони варзидаи илми равоншиносӣ бошуморанд ва тайёр намудани онҳо аз масъалаҳои муҳими рӯз ба ҳисоб мераванд. Чунин мутахассисонро танҳо дар ихтисоси «Психология»-и факултаи ДМТ ва факултети педагогии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров тайёр мекунанду халос, ки комилан нокифоя аст.

Яке аз ҳадафҳои асосии пешрафти таълиму тарбияи насли наврас дар шароити имрӯза ба роҳмонии хадамот ва машварати психологӣ дар мактаб мебошад, ки он асоси пешрафти ҷамъиятро тақозо мекунад.


**Адабиёт:**

1. *Абрамова, Г.С. Практикум по психологическому консультированию. - Екатеринбург: Деловая книга, 1995.*
2. *Давлатов М. Раҳнамои ёрии психологӣ ба ҷабрдидагони зӯроварии хонаводагӣ (Дастури таълимӣ-методӣ)Душанбе -2011*
3. *Дастури психологияи амалӣ. Зери таҳрири Н.М. Юнусова - Душанбе, Собириён, 2004.*
4. *Немов, Р.С. Психологическое консультирование. Учебник для студентов вузов - М.: Гуманитарный издательский центр Аладос, 2003.*
5. *Психологическая служба: Детский сад, школа, вуз. / Под ред. И.Б.Катавой, Е.И.Рогова - Ростов Н/Д, 1991.*
6. *Рогов Н. Настольная книга практического психолога Ч1,2.М.: 2005*



**Мансурӣ Д.,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДДҲБСТ*


## МАҚОМИ ВОЛИДОН ДАР ТАРБИЯИ ҶАВОНОН

Оила раҳнамои ҳаёт, асосгузори феълу атвори ояндаи аҳли башар мебошад. Дар оила шахс тарбия меёбад, меъёрҳои ахлоқиро азхуд мекунад ва ба ҳаёти мустақил омода гашта, ба камол мерасад.

Дар дини мубини ислом бунёди оила аз акди никоҳ сар мешавад. Акди никоҳ ихтиёрӣ буда, ба муҳаббату алоқаи байни марду зан асос ёфта, оила барпо мегардад (1). Никоҳ он ҳукмест, ки ду тан, ду ҷинси болиғро дар талқини ақл, тафаккур, ҳиссу муҳаббати том бо ризоияти тарафайн дар шаҳодати ашхоси солимақл бо ҳам ба ҳаёти якҷояи абадӣ мепайванданд. Ин амал дар диёри мо ҳамчунин дар мақомоти давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ низ ба ҷо оварда мешавад (2). Яъне, оила дар шоҳидии давлат барпо мешавад. Ин рӯз як умр дар хотираи ҷавонон мемонад. Ёру дӯстон, хешу табор аз бунёди боз як оилаи нав хурсанд гашта, ба зану шавҳари ҷавон хушбахтӣ, саломатӣ, меҳрубонии бардавом, фарзанду давлати фаровон таманно мекунанд.

Фарзанде, ки бо меҳру муҳаббат дар чунин оила таваллуд мешавад, хурсандии беҳамтои ин оила ба шумор меравад. Вай риштаи меҳру муҳаббати зану шавҳарро мустаҳкам менамояд ва масъулияти онҳоро барои тарбияи фарзанд афзун мегардонад. Ғайр аз ин, оиларо

мустаҳкам намуда, муҳаббати байни ҳамдигар ва эҳтироми падару модаронро пойдор мегардонад. Дар назди волидайн вазифаи асосию муҳим пайдо мешавад, ки ин тарбияи дурусти фарзанд аст. Ягон оила орзу намекунад, ки фарзандаш дар ҷамъият инсони бад, ҷинояткор, бемаданият, бесаводу бадном бошад. Орзуи ҳар волидайн дуруст ва боақлу поквиҷдон, инсонпарвар, меҳнатдӯст, хоксор, ватандӯст, боодобу фозил ба камол расидани фарзанд аст. Имом Муҳаммади Ғаззолӣ дар асари бузурги худ «Насиҳатул-мулук» фармудаанд: “Падару модар ба мисли сарчашмае мебошад, ки агар оби он мусаффо бошад, поёни об низ мусаффо хоҳад буд». Дар ҳадиси Муҳаммад Расулуллоҳ чунин омадааст “Ҳар ҷинс ба ҷинси аслии худ накашида намемонад” (4). Модоме ки ин тавр аст, пеш аз ҳама, худи волидайн таълиму тарбияи дуруст дида бошанд. Маҳз оила аввалин ҷомеа ва мактаби фарзандон ба шумор меравад.

Дар асрҳои миёна тарбияи инсон ва такомули ғановати маънавии он ба ҷойи аввал баромад. «Ин аст, ки баробари инкишофи адабиёти бадеӣ, илмӣ, таърихӣ, фалсафӣ асарҳои сирф ахлоқӣ чун «Насиҳатнома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Бӯстон»-у «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон»-и Ҷомӣ пурра ба насиҳати фарзанд бахшида шуда, як қисмати муҳими таъмини тарбияи ахлоқиро фаро гирифтанд» (3).

Оиди тарбия бисёр маълумотҳо, мақолаҳо, баромадҳо дар конфронсу симпозиумҳо, адабиёти махсус ва соҳавӣ аз ҷониби олимони ватанӣ Х.Раҳимов, О.Усмонов, М.Маҳмудов, Б.Исматов ва олимони хориҷӣ Матвеев Г.К., Ворожейкин Е.М., Рязансев В.А., Веберс Я.Р. ва дигарон ба нашр расидаанд. Мо ақидаҳои олимони ватаниву хориҷиро дастгирӣ намуда, ба чунин хулоса расидаем, ки равиши тарбияи фарзанд, алалхусус ҷавонону наврасон, бо тараққиёти замони муосир, айёми рушди босуръати техника ва технологияи нав пайваста идома меёбад. Тарбияи фарзанд дар замони муосир ба тараққиёти замона таъсир мерасонад. Аз як тараф, ин масъала хуб буда, пешрафти давлатамонро дар ҳамқадамӣ бо кишварҳои пешрафта нишон медиҳад. Аз тарафи дигар, ин ба анъанаҳои миллии халқамон таъсироти мусбат мерасонад.

Бо пешравии ҷомеа волидайн низ донишу малакаи замонавӣ гирифта, аз навовариҳои замона бохабар бошанд ва зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд. То ин ки наврасону ҷавонони замони муосир ба ҳар гуна гурӯҳҳои динӣ, террористӣ, экстремистию ҷиноятӣ ҳамроҳ нашаванд. Аз маълумотҳои се соли охири Суди вилояти Суғд бармеояд, ки қариб 50 % ҷавонону наврасон бинобар содир кардани ҳаргуна ҷиноятҳо аз падару модар, аз оилаҳои худ маҳрум гашта, дар маҳбасхонаҳо қарор доранд. Айни замон ин масъала дар ҷумҳурӣ ташвишовар аст. Масалан, дар соли 2016 дар Тоҷикистон 21 ҳазору

756 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати соли 2015 ин 171 ҷиноят зиёд аст. Аз иттиллои роҳбарияти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки дар соли 2016 4 ҳазору 82 ҷинояти махсусан вазнин ба қайд гирифта шуда, аксарияташон аз тарафи ҷавонон содир карда шудааст. Аз 50 шаҳрвандони Тоҷикистон, ки ба созмони террористии бо номи "Давлати исломӣ" пайваста буданд, тибқи маълумотҳои расмии соли 2016 22 нафарашон аз ин гурӯҳ хориҷ шуда, ба ватан баргаштанд (5).

Мутаассифона, ин далелҳо ва мушоҳидаҳо боз онро нишон медиҳад, ки ҳастанд то ҳол баъзе оилаҳое, ки барои тарбияи фарзандонашон бетарафанд, бе аҳамиятанд.

Педагоги машҳури рус А.С.Макаренко гуфта буд: "Фарзандони мо пирии мо ҳастанд, тарбияи дуруст-пирии хушбахтона, тарбияи нодуруст минбаъд аз обу ранҷ, ашк, ин гуноҳи мо дар назди дигарон аст" (6).

Ҳар як хонаводаи тоҷик хусусият ва тарбияи махсуси худро дошта, ба тафаккур ва ташаккули фарзандаш таъсироти худашро мерасонад. Барои ин хуб мешуд, ҳар шахс тарбияи дурустро аз худаш сар кунад. Зеро, рафтори падару модар ё бобою бибӣ ба тарбияи фарзанд таъсири калон мерасонад. Дар замони муосир аксарияти ҷавонон ба интернет бисёр шавқ дошта, аз он ҷо хабару иттилоотҳои ба худашон маъқулро мегиранд. То ҳатто наврасон ҳам ба ҷои дарсу китобхонӣ ба бозиҳои телефонӣ банданд. Тарбияи ҷавонон ин вазифаи тамоми ҷомеа аст. Дар он танаффус кардан ё ба вақти дигар мондан нест.

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсан бо ибтикории Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон нисбати ҷавонону наврасон, инчунин нисбати оилаҳои камбизоат ва маъюбон бисёр ғамхорию дастгириҳо шуда истодааст. Сарвари давлат дар Паёми навбатиашон қайд намуданд, ки "Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд" (7).

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф на танҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ҳар як сокини Ватанамон кӯшиш ба харҷ доданаш лозим аст. Ҳар оила нисбати тарбияи фарзандаш масъулияти баланд эҳсос намояд, онҳоро ба машғулиятҳои замонавӣ, аз қабили варзиш, мусиқӣ, китобхонӣ, меҳнатдустӣ равона намуда, ба инкишофи комили

онҳо шароити мусоид фароҳам месозад. Дар байни толибилмону донишҷӯён бахшҳое ҷорӣ намудан лозим, ки онҳо бо хоҳиши худашон ба он иштирок намоянд. Дар маҳалҳои истиқоматӣ нисбати либоспӯшию маданияти гуфтор, рафтору кирдори ҷавонон бетарафу канораҷӯӣ насозем. Соатҳои тарбиявӣ мавзуъҳои ҳалталаби замонавиро дар бар гиранд. Оидба масъалаҳои ташвишовари замона ва зуҳуроти номатлуб, ба монанди нашъамандӣ, майнӯшӣ, терроистӣ, ифротгароӣ, одамрабоӣ, хиёнат ба Ватан, ба ҳаргуна ҳизбҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои ифротӣ ҳамроҳ нашудани ҷавонон чораҳо андешем. Ин қарзи волидон дар назди давлату ҷамъият аст.


**Адабиёт:**

1. *Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Сурушан, 2002. – 457с.*
2. *Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 уми - ноябри соли 1998. - Душанбе: Қонуният. - 53с.*
3. *Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯри бахшида ба муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» 18.04.2011с*
4. *Аҳодисул-аъмол (ҳазору як ҳадис) Ба эҳтимоми Ибодуллоҳ Муҳаммад Салимбек бинни Муҳаммад Раҳимбек. - Бухоро 1328 ҳиҷрӣ.*
5. *Маълумоти оморӣ аз Шуъбаи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016.*
6. *Холиқова Ф. Ҳар киро падару модар адаб надиҳанд. //Маърифати омӯзгор № 3-4 соли 2013. – С.93*
7. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 –*
8. *юми декабри соли 2016. // Тирози ҷаҳон, № 102-103 аз 24 декабри соли 2016.*
9. *Абдуманнони Насриддин. Одамият. - Хуҷанд, 1994. - С.5*



**Маҳкамова Д. Ю.,**
*н.и.филол., мудири кафедраи рӯзноманигории*
*ДДҚ ба номи Н. Хусрав.*


## ТАЪРИХИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН САБАҚИ ИБРАТОМӮЗ БОРАИ ҶАВОНОН

Дар таърихи давлатдории тоҷикон масъалаи тарбияи ватандорӣ , шуҷоат баҳри ҳифзи марзу бум, ҷавонмардӣ муҳим маҳсуб меёфт, зеро барои татбиқи сиёсати давлат чун омили асосӣ таъсир дошт. Ҷавонон он қишри ҷомеа мебошанд, ки ба раҳнамоӣ ниёз доранд ва аз сиёсати

нисбати онҳо амалишаванда ба воя расидани ворисони ояндаи давлат вобастагии зиёд дорад.

Дар давлати соҳибистиқлоли мо низ таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақоми ҷавонон дар ҳаёти кишварамон назаррас мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз оғози фаъолияти сарвариашон ба Тоҷикистон ба парвариши эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, ифтихори ватандории ҷавонон диққати ҷиддӣ медиҳанд. Дар аввалин вохӯриҳо, мусоҳибаҳо ва суханрониащон Пешвои миллат ба ҷавонон муроҷиат карда, омӯхтани таърихи ба соҳибихтиёрӣ расидани мардуми тоҷик, арҷ гузоштан ба фидокории фарзандони фарҳехта дар роҳи ҳифзи истиқлолиятро таъкид менамоянд.

Дар аввалин муроҷиаташон, ки мардуми парокандаи тоҷикро ба Ватан даъват карда, ваҳдати миллатро орзу мекарданд, дар қатори калонсолон ба ҷавонон низ бозгашт ба хонаи худ, обод кардани Тоҷикистонро тавсия додаанд.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Хитобия ба сокинони шаҳру деҳаҳои Тоҷикистон барои ҷамъоварии ҳосили пахта ва зироат сентябри соли 1993 аз ҷумла, ба Созмони ҷавонони ҷумҳурӣ, донишҷӯёни донишкадаҳои олӣ ва миёнаи махсус, мактабиён вазъияти ба эътидол овардани хоҷагидорӣ ва ҳарчи зудтар раҳоӣ ёфтан аз бухрони азими иқтисодиро фаҳмонида буданд. Сарвари давлат таъкид карда буданд, ки баъди ҷанги шаҳрвандӣ ин давра «марҳалаи боз ҳам душвортару мураккабтар буда, аз ҳамаи мо сабру таҳаммул ва фидокории ватандӯстонаро талаб мекунад.

Мо дар ин рӯзҳои душвор, вале басо пурифтихори мустаҳкам намудани истиқлолияти иқтисодии Ватан ба ҳамаи одамоне, ки аз дасташон кор меояд, рӯ меоварем» [2,136-137].

Ин даъвати ватандӯстонаро ҳазорҳо ҷавонони тоҷик дастгирӣ карданд ва бо меҳнату талош барои бунёди ҷомеаи навини тоҷикон саҳм гузоштанд. Қувваи муассири сухани публитсистӣ тавонист ҷавононро ба корҳои нек сафарбар намояд.

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Анҷумани якуми ҷавонони Тоҷикистон дар 17 марти соли 1994, ки дурнамои сиёсати давлатро нисбат ба ҷавонон муайян кард, ба ҷавонони тоҷик рӯҳияи нав бахшид. Табиист, ки дар солҳои аввали истиқлолият масъалаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва суроғи роҳҳои сулҳу оштӣ муҳимтар буданд. Пешвои миллат барои ҷавонон бесабаб омилҳои сар задани ҷанги бемаънии ҳаммиллатонро баён накарда буданд:

«Зиндагӣ худаш устоди ҳақиқатнигор аст, неку бадро дар ин давра оқибат ба ҷояш гузошта, симои воқеии мансабталошҳову

сиёсатмадорҳоро мекушояд. Онҳое, ки то дирӯз лофи демократия мезаданд, насли калонсолро таҳқиру таънасор менамуданд, худро «ватанпарвар»-у «ҳомии миллат» метарошиданд, ба Ҳукумати қонунӣ фишор оварда, даст ба хонасӯзиву одамкушӣ, дуздию ғоратгарӣ, таъқиби намояндагони ноҳияву маҳалҳои ҷудогонаи Тоҷикистон заданд, мардумро ба ҷои меҳнати ҳалол дар мавсими кишт ба гирдиҳамойиҳои тӯлонӣ кашида, ба ҷони ҷавонони гумроҳ раҳм накарда, ба тақсими мансабу сарват ва таҳқири шарафи одамӣ пардохтанд,доираи қонун ҳуқуқ ва одоби сиёсиро поймол намуданд, таҳқири намояндаҳои миллатҳои дигар, ки солҳо боз ҳамроҳи мо,тоҷикон фаъолияту зиндагӣ мекарданд, амали рӯйрост гардида, ғорату куштори онҳо низ дар амал ҷой дошт» [2,206].

Ҳадафи ман аз ин суханон ҳушдор додан ба ҷавонон аст. - таъкид кардаанд Пешвои миллат. - Ҷавонон аз хатоҳои гузашта бояд сабақ омӯзанд, дар раванди минбаъдаи таърих муттаҳиду муттафиқ бошанд, ваҳдату якдилиро пеша кунанд. Чунки дар оянда маҳз аз байни ҷавонон пешвоҳои сиёсӣ ,роҳбарони ҳизбу ҳаракатҳо, вазорату муассисаҳо ва ғ. ба камол мерасанд [2,206].

Дар дурнамои сиёсати давлатии ҷавонон барои амалӣ гардидани идеали сиёсии ваҳдати миллӣ, муттаҳидиву ягонагӣ, дӯстию бародарӣ ва пешрафти Ватани азизамон вазифаи аввалиндараҷаи ҷавонон омӯзиши илму ҳунар, ихтисосҳои нав ва техникаи муосир, забонҳои хориҷӣ муайян гардидааст.

Ин андешаро Президенти кишвар Эмомалӣ Рахмон дар маърӯзаашон дар Машварати ҷумҳуриявии намояндагони коллективҳои меҳнатӣ ва аҳли ҷамоати Тоҷикистон, ки 25.04.1994 баргузор гардид, ёдрас шуда буданд. Пешвои миллат изҳор доштанд:

-Ман ба ҷавонони Тоҷикистон рӯ меорам.

Ояндаи ҷумҳурӣ комилан ба таҳсил, дониш андӯхтан ,меҳнати ҳалолу ахлоқи шумоён вобаста аст.Дар ин роҳ ҳисси ватандӯстӣ , шарафу номуси миллии шумоён бояд дар ҷои аввал истад [2,204].

Ба истиқлолияти Тоҷикистони ҳуқуқбунёду демократӣ 25 сол пур шуд . Дар ин давра даҳҳо карору санадҳоимеъёрию ҳуқуқии давлатӣ барои рушди ҷавонон, таҳсил, меҳнат, солимию варзиш, ширкат дар ҳаёти ҷамъиятӣ, ихтироъкорию эҷодкорӣ, тарбияи ҳамаҷонибаи насли истиқлол ба тасвиб расиданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо ба масъалаи қадр кардани дастовардҳои истиқлолият, ҳифз кардани он таъкид менамоянд. Дарвоқеъ, соҳибихтиёрие, ки мо дорем, бар ивази қурбониҳои зиёд ба даст омадааст. Ин фазои орому осоишта , кору пайкори созанда баҳри нумӯи кишвар ба шарофати истиклолияти миллӣ мебошад.

Дар Паёми имсолаашон низ Пешвои миллат иброз доштанд, ки татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо давомдиҳандаи кори фаъолияти насли калонсол, неруи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса, ояндаи миллат ва давлат мебошанд.

Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва неруи бунёдкорона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд. [1]

Барои рушди ҷавонон дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халки Точикистон имтиёзу шароитҳои зиёд фароҳам оварда шудааст. Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон сиёсати ҷадид –ҳарчи бештар ба идоракунии давлатӣ ва сиёсӣ ҷалб намудани ҷавононро пеш гирифтааст, ки имрӯз 42% ҳайати роҳбарикунандаи идораҳои ҷумҳуриро ҷавонон ташкил медиҳанд. Ҳукумати кишвар ба қобилияти роҳбарӣ ва идоракунии кадрҳои ҷавони лаёқатманду соҳибмаълумот , ки кафолати бозсозии кишвар ва рушди бемайлони он маҳсуб меёбад, бовар ва эътимод дорад. [3,23]

Ҷавобан ба ғамхориҳои давлат ҷавонони замони истиқлол ташаббускор , навовару забондон , ҳунарманду эҷодкор , бо дониши технологияи муосир дар раванди мустаҳкам кардани пояҳои давлати мустақили тоҷикон талош доранд.

Ҷомеаи башарӣ дар марҳалаи тезутунди буҳрони иқтисодӣ , рақобати геополитикии абарқудратҳо, инқилобу даргириҳои сиёсиву мазҳабӣ қарор дорад. Ин ба буҳрони маънавии одамон , бештар ҷавонон таъсири манфӣ мегузорад.Дар раванди ҷаҳонишавиии муносибату арзишҳо нигоҳ доштани арзишҳои таърихию фарханги тоҷикӣ яке аз вазифаҳои муҳими давлату ҷомеа ба ҳисоб меравад. Гаравидани ҷавонон ба гурӯҳу ҳаракатҳои ифротгарову экстремистӣ , ки аз бесаводию бетаҷрибагӣ , иродаи суст ва дарк накардани моҳияти озодӣ ва мутеъият боиси ин падидаҳои номатлуб гардида, масъалаи тарбияи ватанпарастиро муқаддамтар мегузорад. Мусаллам аст,ки тарбияи фард дар овони кӯдакию наврасӣ ва ҷавонӣ барои ташаккули шахсияти механпараст, эҳтиром ба анъана ва арзишҳои миллӣ, омода будан ба ҳифзи марзу буми кишвар нақши муассир дорад. Ваҳдати миллӣ , ҳуввият ва худшиносиии миллӣ дар ҷомеа , ба хусус, аз донишу маърифат, ифтихори миллии ҷавонон маншаъ мегирад.

Ободию бунёдкорӣ, фазои сулҳу осоишта дар Ватанамон аз Вахдати миллӣ мебошад.Ҷавонон бояд асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат , сиёсатмадорон ва таърихшиносону публитсистонро дар бораи ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди сулҳсозии тоҷиконро мутолиа намоянд, таърихи истиқлолиятро омӯзанд ва масъулияти ҳифз кардани ин дастоварди миллатро ба дӯш гиранд. Ин осори сиёсӣ барои тарбияи зиракии сиёсӣ , меҳанпарастии ҷавононмусоидат мекунад. Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 тақозо менамояд, ки ҷавонон донишу маҳорат, ирода ва тавони худро барои одоби ин кишвар сарф карда, ворисони сазовори насли калонсол бошанд.

**Адабиёт:**


*1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 декабри 2016 //Садои мардум. 24 декабри соли 2016*

*2. Раҳмонов Эмомалӣ.Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди дуюм. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 512с.*

*3. Худойдодов А. Нақши Пешвои миллат дар тарбияи худшиносии ҷавонон / Шукри он, ки пешво дорем. (Маҷмӯаи мақолаҳо).- Душанбе: Эр-граф, 2016. - 172 с.*



**Маҳмудов М. Қ.,**
*сармуаллими кафедраи аудит ва ревизияи ДДҲБСТ*
**Ашуров У.З.,**
*ассистенти кафедраи аудит ва ревизия ДДҲБСТ*


## МАВҚЕИ ШАХСИЯТ ДАР АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ВА УМУМИБАШАРИИ ТАРБИЯИ ҶАВОНОН

Дар замони гузаштаю ҳозира иқтидори таълиму тарбия, ақлу заковати бепоёни инсон чунон пеш рафтааст, ки башарият дар таърихи ҳазорсолаи муққадам дар ҳайрат мондааст. Ҷараёни инкишофи ин тағйироти миқдор ва сифати ҷисмии инсон аст. Натиҷаи вусъатёбӣ ин ташаккули одам ҳамчун намуди мавҷудоти зиндаи биологӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Тараққиёбӣ ва инкишофи ҷисмонии одам ба хусусиятҳои биологӣ вобаста буда, дар худ дигаргунии морфологӣ, биокимиёвӣ ва физиологӣ мегирад. Лекин инкишофи иҷтимоӣ ба рушди психологӣ, рӯҳӣ, ақлонӣ хос астИнкишофи мафҳуми фалсафӣ буда, гузаштан аз як ҳолат ба ҳолати дигар, ба вуҷуд омадани тағйиротҳои миқдорию сифати пешравиро

мефаҳмонад. Агар одам ба қуллаи рушди иҷтимоӣ расад, онро шахсияти дорандаи шуури воло ва худогоҳ, қобили фаъолияти мустақилона, пешбаранда меноманд. Одам ҳамчун шахсият таваллуд намеёбад, балки дар ҷараёни инкишоф ба он молик мегардад. Шахсият ба андозаи аз худ кардани таҷрибаҳои иҷтимоӣ аз як тараф ва ба андозаи ба қадри ҳол ҳиссаи боздиҳӣ ба ҷомеа, ба хазинаи моддӣ ва арзандагии маънавӣ гузаштан, аз тарафи дигар муайян карда мешавад. Барои шахсият шудан, одам бояд дар фаъолияти амалии худ ноил гардад хусусиятҳои ботинии табиат, шакли ҳаётӣ ва тарбиявиашро интишор диҳад. Инкишофи одам ҷараёни басо мураккаб, давомдор ва боихтилоф аст. Дар ҷисми одам дигаргунӣ тамоми умр давом мекунад, вале хусусан сифатҳои ҷисмонӣ ва олами рӯҳии одам айёми кӯдакӣ ва ҷавонӣ бошиддат тағйир меёбад. Сифати шахсиятро мафҳуми «фардият» пурра мегардонад. Фардият хусусиятҳои ба худ хоси номонандӣ ва фарқияти як одам аз одами дигарро ифода мекунад. Фардият ҳамчун қоида, бо аломатҳои махсус бо мизоҷ, фаъолияти эҷодии иҷтимоӣ ва рафтори оқилонаи худ комилан ба мафҳуми «шахсият» мутааллиқ аст. Барои он ки нисбати инсон ҳамчун мавҷудияти иҷтимоӣ маълумот диҳем, бояд оид ба мафҳуми «фард» таваққуф намоем. Истилоҳи «фард», аслан арабӣ буда, маънои якка, танҳо, як касро ифода мекунад. Он ҳамчун мафҳуми вакили алоҳидаи насли одамиро мефаҳмонад. Яъне ҳар фарди солимфикр шахсият шуда метавонад. Аз ин нуқтаи назар шахсият дар тӯли зиндагӣ инкишофу ташаккул меёбад, аз нигоҳи педагогӣ моҳияти мафҳумҳои «инкишоф» ва «ташаккул» - и шахсиятро ифшо додан зарур аст. Инкишоф пеш аз ҳама раванди дигаргунии миқдории хусусият ва сифатии шахсиятро нишон медиҳад. Инсон таваллуд ёфта, калон мешавад, узвҳо ва системаи организм вусъат меёбад, ба вай нутқ ва сипас захираи луғавӣ пайдо мешавад. Вай хусусиятҳои гуногуни иҷтимоию маишӣ ва маҳорати ахлоқӣ, малакаҳои меҳнатӣ пайдо мекунад.

Ташаккул бошад, натиҷаи инкишофро ифода намуда, ташаккулёбӣ, маҷмӯи хусусият ва сифатҳои устуворона ҳосилкардаи шахсиятро мефаҳмонад. Бар илова, ташаккул ин ба шахсият додани ягон шакл ва ё навъи устувору комили муайян, чунончӣ асосҳои фан, ахлоқи шоиста аз ҷониби ягон шахс ё коллективро низ ифода мекунад. Бахусус барои педагогика ва улуми дигар, ки нисбати инкишофи шахсият баҳс мекунанд, ба назар гирифтани сарчашма ва омилҳои асосии инкишоф ва ташаккули шахсият масъалаҳои умда мебошанд. Нисбати ин масъалаҳо файласуфон, психологҳо, педагогон ақидаҳои мухталиф изҳор менамуданд. Ирсият хусусият ва аломатҳои ҷисми

зинда, ки таърихан ва тадриҷан аз насл ба насл гузориш мекунанд, ирсият ном дорад. Ирсият хусусиятҳои генетикии дар инсон мавҷуд будаеро инъикос намуда, аз волидайн ба кӯдакон гузаштани хусусият ва аломатҳоро ифода мекунад. Илми муосир исбот кардааст, ки организм ба худ рамзи генӣ гирифта, он хислати нигоҳдорӣ ва ба насл гузарониро дорад. Инсон маҳз дар ҷараёни иҷтимои, яъне равобити ҳамкорӣ бо дигар одамон шахсият мегардад.

Ҳаёти воқеӣ, ки дар шароити он одам инкишоф меёбад, муҳит ном дорад. Ба ташаккулёбии шахсият шароити гуногуни берунӣ, аз он ҷумла муҳити ҷуғрофӣ, иҷтимоӣ, мактаб, ҳаёти оилавӣ таъсир мекунанд. Вақте ки гап дар бораи таъсири инкишофи муҳит меравад, пеш аз ҳама меҳнати иҷтимоӣ ва оила дар назар дошта мешавад. Дар фаҳмиши муҳити иҷтимоӣ сохти оммавӣ, муносибатҳои низоми истеҳсолот, раванди иҷтимоӣ ва дигарҳо дохил мешаванд. Муҳити наздик ин оила, хешовандон ва дӯстон ҳастанд. Ба инкишофи инсон хусусан дар айёми кӯдакӣ муҳити оила таъсири калон мерасонад. Дар хонадон, одатан инкишоф ва ташаккулёбии аввалин ҳаёти инсон ҳалли худро меёбад. Кӯдак одатан инъикоси дақиқи оиларо мегирад, ки дар он рушду камолот меёбад.Оила аз бисёр ҷиҳат шавқмандӣ ва талабот, ақида ва ояндаи кӯдаконро муайян мекунад. Оила ин узви кӯчаки ҷомеъа ба шумор меравад. Инсон аз муҳити иҷтимоӣ таҳти робита бо дигарон таҷрибаҳои зиндагӣ, тарзи муомила, ҳарфзанӣ тафаккуру ақидаронӣ ва амсоли инҳоро ёд мегирад. Дар инкишофи инсон воситаҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама оила, муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, воситаҳои ахбори омма ва ғайраҳо нақши муҳим мебозанд. Аммо ба муҳити иҷтимоӣ ҳам, гурӯҳҳои носолим метавонад таъсири манфӣ расонанд, чунончи, қиморбозӣ, майнӯшӣ, нашъамандӣ, ғоратгарӣ, бесаводӣ ва ғайраҳо. Вале бояд дар хотир дошт, ки ҳамаро дар як қолаб донишманди мумтоз тарбия кардан мумкин нест. Ҳар кас бо ҳиссаи муайян кардаи ирсият ва муҳит худ инкишоф меёбад. Тарбия таъсири ирсияту муҳитро саҳеҳу тасҳеҳ мегардонад. Баробари тараққиёти истеҳсолоти ҷомеа ва мураккаб гаштани муносибатҳои иҷтимоӣ мунтазам нақши тарбия меафзояд. Дар шароити кунунӣ будани таълиму тарбияи бардавом ва махсус дар зиндагӣ судманд иштирок намудани инсон мушкил аст. Махсусан тарбия ба сифати воситаи ҳалкунанда баромад мекунад, тавассути он барномаи инкишофи иҷтимоии шахсият, рушди қобилият ва аломатҳои модарзодии ӯ болу пар мекушояд. Ҳамин тавр, инкишофу ташаккулёбии шахсият ва аломатҳои инфиродӣ бо таъсири омилҳои ирсият, муҳит ва хусусан тарбия рушд меёбад. Таълим ва тарбия бо мурури замон мамониятҳои муҳити табиӣ, таъсири иҷтимоӣ ва

ҳамчунин дар тарбияи фарзандон саҳву хатоҳои оилавиро низ рафъ ва ислоҳ мекунад. Тарбия ба мақсади гузоштаи инсон итоат мекунад. Мақсаднок ва системанок таъсирбахшии тарбиятгарон қаблан ба ҳосил кардани иртиботи рефелексҳои шартӣ, ки бо ягон роҳи дигар пайдо намешавад, меоварад. Тарбия ин, пур кардани камбудиҳои барномаи инкишофи инсон. Яке аз вазифаҳои басо муҳими он – дуруст ташкил кардани раванди тарбия ин муайян кардани майл ва қобилияти фикрӣ, инкишоф додани одам мувофиқи хусусиятҳои инфиродӣ, қобилият ва имконияташ мебошад. Тадқиқоти махсус нишон доданд, ки тарбия метавонад фақат ба аломатҳои гузашташудаи табиат такя намуда, сифатҳои муайяни инкишофро таъмин кунад. Таъсиррасонӣ ба инкишофи одам, худи тарбия аз инкишоф вобаста буда, он мунтазам ба сатҳи ноилшудаи инкишоф такя мекунад. Мураккабии диалектикаи муносибатҳои тарафайн, инкишоф ва тарбия ҳамчун мақсад ва восита дар ҳамин дида мешавад. Муфидии тарбия ба дараҷаи омадагии одам ба аз худ кардани таъсири ирсият ва муҳит муайян карда мешавад. Одамон ба тарбия як хел дода намешаванд, сатҳи диапазони «гапдаройӣ» хеле васеъ аз пурра қабулкунии талаботи тарбия то комилан ба итоатмандии идоравии тарбиятгирандагон давом мекунад. Мавҷудияти «муқовимати тарбия» ҳамчун мухолифияти қувваи зоҳирӣ, ки аз тарбиятгирандагон сар мезанад, натиҷаи охиринро муайян мекунад. Барои ҳамин нақши муайянкунии дақиқро вазъият ва муносибати тарафайни одамон ба раванди тарбия мебозад. Таъсири қувваи тарбиявӣ аз чанд шароит ва вазъият вобаста аст.

Вазифаи тарбия аз он иборат аст, ки бояд «минтақаи инкишофи наздик» гузашта шавад. Шахсиятро он тарбияе ташаккул медиҳад, ки аз қафои худ инкишофро мебарад. Ҷараёни таълиму тарбияи донишҷӯён ва хонандагони мактабҳои миёна дар ҳолате бо муваффақият пеш меравад, ки агар муаллимон дар бораи қонуниятҳои тараққиёту ташаккулёбии шахсият маълумоти дуруст дошта бошанд. Инкишофи одам ҷараёни басо мураккаб ва давомдор мебошад. Инкишофи одам бо қисмати ӯ вобастагӣ дорад, ки ҳеҷ кӣ ва ҳеҷ чӣ онро тағийр дода наметавонад. Дар тараққиёту ташаккулёбии шахсият роли тарбия аз ҳама асосӣ аст, зеро тарбия ин ҷараёни мақсаднок, муташакилона ва нақшавӣ аст. Ҳамаи имкониятҳои ирсият ва муҳитро ба як роҳи тараққиёту ташаккулёбии шахсият равона мекунад. Дар зери таъсири тарбия одам аз ҷиҳати фикрӣ, рӯҳӣ, ҷисмонӣ, эстетикӣ тараққӣ карда, дар ӯ чунин сифатҳои баланди ахлоқӣ, аз ҷумла инсондӯстӣ, дӯстдорию рафоқат, масъулиятнокӣ, ҷавобгарӣ, поквиҷдонӣ, ватандӯстию меҳнатдӯстӣ ташаккул меёбанд.

**Адабиёт:**

*1. Лутфуллоев М. Педагогикаи аҷам. – Душанбе, 1997. 2. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. – Душанбе, 2001. 3. Подрасный И.Т. Педагогика. – М., 2000. 4. Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика. – Душанбе: Ҳумо, 2007. 5. Рубинштейн С.А. Человек и мир. Методологические и теоретические проблемы педагогики. – М., 1969..*

**Мирбобоева М. И.,**
*ассистенти кафедраи молия*
*ва қарзии ДДҲБСТ*

## НАҚШИ ИЛМ ВА МАОРИФ ДАР ТАРБИЯИ ҶАВОНОН

«Мо ба ҷавонони кишвар ҳамчун нерӯи фаъолу боғайрат, ташаббускору созанда эътимоди зиёд дорем ва дар раванди бунёди ҷомеаи демократӣ ва ободу пешрафта ба онҳо такя мекунем». ***Эмомалӣ Раҳмон***

Ҷавонон дар ҳама давру замон қувваи пешбарандаи ҷомеа буда,ояндаи миллату давлат ба онҳо вобаста аст. Дар давоми 25 соли истиқлолият дар самти баланд бардоштани нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа, муҳайё сохтани шароти мусоид барои таълиму тарбияи онҳо, илму касбомӯзӣ, азхуд кардани забонҳои хориҷӣ технологияҳои муосири иттилоотию комуникатсионӣ тамоми шароти зарурӣ муҳайё буда, инчунин барои амалӣ намудани ташаббусҳои ҷавонон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам оварда шуд.

Дар ин давра дар самти дастгирии ҷавонон санадҳои муҳими давлатӣ қабул гардида, самтҳои фаъолияти онҳо дар шароити муносибатҳои нави сиёсиву иҷтимоӣ муайян карда шудаанд. Махсусан қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» собит сохт, ки Ҳукумат дар сиёсати худ ба ҷавонон такя карда, тарбия намудан ва ба камол пасонидани насли ҷавону созандаро яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи худ медонад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ як қатор барномаҳои давлатӣ доир ба дастгирии ҷавонон, баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоии ҷавонон қабул карда шуданд, ки ҳар кадоме аз ин санадҳо дар ҳаёти ҷавонони кишвар нақши муҳим бозиданд. Дар ин давра «Барномаҳои миллии ҷавони Тоҷикистон барои солҳои 1999-2000 ва 2001-2003», «Барномаи

давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон», «Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2016-2018 , «Консепсияи милии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ва «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020» қабул гардиданд, ки барои татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон заминаи мусоид фароҳам оварда, мавқеи ҷавононро дар ҷамъият боз ҳам устувор гардониданд. Илова бар ин, ба хотири таҳким бахшидани робита миёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои миллии кор бо ҷавонон таъсис дада шудааст, ки ҳадафи асосии он татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавон ва мусоидат дар амалӣ намудани пешниҳоду ташаббусҳои онҳо мебошад. Аз ҷониби Президенти мамлакат роҳбарӣ намудани Шӯрои мазкур намунаи олии эҳтиром ва эътимоди роҳбарияти олии сиёсии кишвар ба ҷавонон мебошад. Масъалаи сиёсати давлатии ҷавонон нақш ва иштироки бевоситаи онҳо дар ҳаёти ҷомеа, яке аз масъалаҳои асосӣ дар паёми ҳарсолаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ буда ба ин мавзӯъ ҳамчун яке аз масъалаҳои асосии давлатдорӣ ва манбаи муҳимтарини ташаккули захираҳои инсонии кишвар таваҷӯҳи доимӣ зоҳир мегардад. Дар асоси паёмҳои роҳбарӣ давлат, дигар суханрониҳо ва дастуру супоришҳое, ки дар иртибот ба тарбияи насли наврас ва ҷавонони кишвар мунтазам дода мешаванд, рушди пайгиронаи соҳаи маориф таъмин гардида, мактаб ва илму маориф, инчунин рушди инсонӣ дар сиёсати кунунии давлату Ҳукумат ба сатҳи масъалаи аввалиндараҷа бардошта шуд. Ба хотири таъмини шароити донишомӯзии ҷавонон солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҷиҳати сохтмони муассисаҳои таълимӣ, инчунин барои рушди китобхонаҳо аҳамияти зарурӣ дода шуд. Китобхонаи миллӣ ба истифодадода шуд.

Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2008, №502 бо мақсади дастгирии шахсони болаёқат ва бо назардошти талаботи иқтисодиёти миллӣ тайёр намудани мутахассисон дар муассисаҳои хориҷӣ аз ҳисоби Фонди махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тайёр намудани мутахассисон дар давлатҳои хориҷа Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» таъсис дода шуд. Айни ҳол зиёда аз 300 нафар ҷавонони кишвар тибқи Стипендияи байналмиллалии «Дурахшандагон» барои таҳсил ба хориҷи кишвар фиристода шудаанд ва хушбахтона, 86 нафари онҳо баъди анҷоми таҳсил дар соҳаҳои гуногуни кишвар муваффақона фаъолият доранд. Инчунин барои дастгириву ҳавасмандгардонии

ҷавонон дар солҳои истиқлолият як қатор имтиёзҳо, аз қабили стипендияи президентӣ ва номӣ квотаи Президент (барои 1200 хонанда дар як сол), грантҳои Ҳукумати Тоҷикистон барои ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тарбияи ватанпарастии ҷавонон, Ҷоизаи давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон, дастгириҳои давлатӣ оид ба ҷудо кардани манзил ва қитъаи замин муқаррар шуда, ҷалби ҷавонони лаёқатманд ба идоракунии давлатӣ ва пешбарии онҳо ба мансабҳои роҳбарикунанда аз ғамхории доимии Ҳукумати мамлакат нисбатба ҷавонон аст.

Мувофиқи маълумот дар замони шӯравӣ дар Тоҷистон ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла як донишгоҳ ва 12 донишкада фаъолият доштанд, ки дар онҳо ҳамагӣ аз рӯи 82 ихтисос мутахассис тайёр карда мешуд. Ҳоло дар мамлакат 36 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи 300 ихтисос мутахассис омода месозанд. Шумораи умумии донишҷӯёни мактабҳои олӣ зиёда аз 156 ҳазор нафар буда, ҳар сол муассисаҳои таҳсилоти олии кишварро беш аз 30 нафар хатм мекунанд.

Тибқи таҳлилҳо шумораи ҷавонони то 35 сола қариб 50 фоиз ва дар ҳайати кадрҳои роҳбарикунанда 23 фоизро ташкил медиҳад. Ҳукумати мамлакат саҳм ва нақши ҷавононро дар рушди бахшҳои гуногуни ҳаёти кишвар ҳамеша қадрдонӣ менамояд. Ҳамин аст, ки дар давоми солҳои соҳибистқлолӣ қариб 1000 нафар ҷавонон барои фаъолияти самаранок ва меҳнати софдилонаашон бо мукофоти давлатӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Аммо имрӯзҳо ҳастанд ҷавононе, ки мутаасифона аз мактабу донишгоҳ ва фаъолияти сиёсиву иҷтимоӣ дур монда, дар кӯчаю бозорҳо ба беҳудагардӣ машғуланд. Бо сабаби надоштани дониши кофӣ, касбу ҳунар ва баъзан аз рӯи ҳавою ҳавас ин гурӯҳ ҷавонон ба муҳоҷирати меҳнатӣ равона мегарданд. Рӯзҳои охир мо мушоҳида мекунем, аз ҷониби баъзе ҷавононе, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд ва саводи кофӣ доир ба сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ҷумҳурӣ надоранд суханҳои беасос паҳн карда машавад. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар сиёсати пешгирифтаи хирадмандонаю сулҳпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳоҷирати меҳнатӣ, ки ба ҳаёти ҷавонон вобастагӣ дорад, масъалаи муҳими рӯз қарор гирифтааст. Ба хотири танзими масъалаи муҳоҷирати шаҳрвандон ба хориҷи кишвар Хадамоти муҳоҷират таъсис ёфта, дар давлатҳое, ки муҳоҷирони меҳнатии кишварамон нисбатан зиёданд, сохтор ва намояндагии давлатии муҳоҷират ташкил карда шудааст. Бо назардошти ин, ки муҳоҷират як раванди табиии ҷаҳони муосир мебошад, давлату Ҳукумат доири ҳалли масъалаҳои вобаста ба он мунтазам чораҷӯи карда истодааст.

Инчунин мо мушоҳида мекунем, ки Президенти кишвар ҷиҳати коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатӣ пайваста дар суханрониҳои худ ба ҳамаи вазорату идораҳо, сохтору мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи хокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо таъкид менамояд, ки бо истифода аз ҳамаи захираву имкониятҳо ва ҷалби соҳибкорони маҳаллӣ доир ба ташкили шумораи ҳарчи бештари ҷойҳои кори доимӣ барои шаҳрвандон, бахусус ҷавонон дар дохили кишвар, чораҳои мушаххас андешанд. Имрӯз таърихи давлати соҳибихтиёри тоҷикон собит намуд, ки халқи мо дорои чунин Пешвои комилан мардумист. Аз ин хотир, муттаҳидию сарҷамъии ҷавонон дар атрофи Роҳбари давлат гарави сулҳу субот ва рушди ҷомеаи Тоҷикистон аст.

Боиси тасуф аст, ки дар замони пешрафти илму техника, ки ҳар нафари мо бояд танҳо дар фикри омӯхтани дониш ва вусъат бахшидани ҷаҳонбинии хеш бошем, баъзан фирефтаи иғфо ва дасисаҳои беруна мешавем. Яке аз масъалаи дигари ташвишгар ва муҳими рӯз шомил шудани баъзе аз ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстримистиву терористӣ ва дастгир шудану маҳгум гардидани даҳҳо нафари онҳо мебошад. Бояд гуфт, ки ифродгароӣ хуруфотпарастӣ сарчашмаи ҷаҳолату торикӣ буда, ба миллат ва мардуми тоҷик танҳо бадбахтӣ меорад ва барои рушду тараққиёти ҷомеаву давлат монеаи ҷидди эҷод мекунад. Ба ақидаи донишмандон чанд сабаби шомил шудани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифродгаро мавҷуд аст, ки асоситаринаш паст будани савияи дониш ва надоштани саводи кофии динию сиёсии онҳо мебошад. Ҷиҳати пешгирии ин вабои аср бояд сатҳи дониши динию сиёсии ҷавонон баланд бардошта шавад, чунки дар асри XXI яроқи асосӣ дигар тӯпу танк нест, яроқи асосӣ дониш, маҳорат ва илму адаб аст. Ҷавононро зарур аст, ки ба гӯши рафиқу бародарони дуру наздики хеш, ки аз кирдорҳои нопок огоҳ нестанд, расонанд ва ин ҷавонону наврасони ноогоҳро, ки ҳоло зиндагии онҳо дар пеш аст, аз ин роҳи хатар гардонида, ба роҳи рост ҳидоят намоем.

Ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти солим дар байни наврасону ҷавонон низ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад агар ҷавонон солиму бардам бошанд, давлат ва миллат низ ба ҳамон андоза нерӯманд мегардад. Вале чунонки мушоҳида мегардад, баъзе бемориҳо, аз ҷумла нашъамандӣ, тамокукашӣ ва дигар одатҳои номатлуб дар байни ҷавонон рӯ ба афзоиш доранд. Мубтало шудани наврасону ҷавонон ба нашъамандӣ ва тамокукашӣ на фақат ба саломатии худи онҳо, балки ба рушди минбаъдаи ҷомеа низ таъсири манфӣ расонида, дар ниҳояти кор ба генофонди миллат хатар эҷод мекунад. Махсусан ҳолатҳои даст задани ҷавонон ба ҳар гуна кирдору амалҳои номатлуб, аз қабили ҷинояткорӣ, худкушӣ, муомилоти ғайриқонунии моводи

мухаддир ва хариду фурӯши одамон, ки сол аз сол ба мушоҳида мерасанд, боиси нигаронии ҷидди мебошад.

Ватанро дӯст доштан, бо он ифтихор кардан, барои ҳимояи он омода будан, барои ҳимояи он омода будан, ба қадри сулҳу субот, осудагиву ваҳдат ва истиқлолият расидан, ҳифзи дастовардҳои 25 соли истиқлолиятро ифтихор донистан, шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатиро ба ҷо овардан, аз ҷумлаи арзишҳое мебошанд, ки ҷавонон бояд онҳоро дастури зиндагии ҳаррӯзаи худ қарор диҳанд ва итминон дошта бошанд, ки танҳо дар ҳамин сурат метавонем кишвари воқеан ободу пешрафта ва тавоно бунёд намоем.

Ба қадри неъмате чун истиқлолияту давлатдории миллӣ расидан, арзишҳои муқаддастарини давлату давлатдориро дарк намудан ва пос доштани онҳо ҳам қарз, ҳам масъулият, ҳам шарафу номуси ватандорӣ, ҳам ифтихор аз давлату миллати хеш аст. Бинобар ин – ҷавононро зарур аст, ки дар ҷавоб ба дастгириҳои доимии Ҳукумат, махсусан Президенти ҷумҳурӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулияти бузурги таърихӣ ва қарзи пурифтихорӣ фарзандии худро сарбаландона адо намуда, ба хотири рушди рузафзуни кишвари биҳиштосоямон ҳамчун созандагони фардои Ватан хизмати арзанда ба ҷо орем.

**Адабиёт:**


*1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2016)*

*2. Омори соҳаи маорифи вилояти Суғд соли хониши 2015-2016*



**Муҳиддинов М.,**
*дотсенти кафедраи маркетинг- агробизнес*
**Ҷӯраев Ғ.Ғ.,**
*сармуаллими кафедраи маркетинг- агробизнес*

**Қодирова Н.А.,**
*сармуаллимаи кафедраи маркетинг- агробизнес*


## ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ЭКОЛОГИИ ҶАВОНОН

Ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри муҳофизати муҳити зист ва таъсири таъмини аҳолии ҷаҳон бо оби тозаву ошомиданӣ иқдоми хеле бузург мебошад.

Аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли

2003 Соли оби тоза, солҳои 2005-2015 Даҳсолаи байналмиллалии амалиёти «Об барои ҳаёт» ва ҳоло Даҳсолаи байналмилалии амал « Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028 эълон гардид».

занятиях студентам предлагается разнообразная тематика текстов для обсуждения и дискуссий. Специально подобранные тексты способствуют расширению кругозора, воспитанию мировоззрения, развитию эстетических взглядов, нравственных качеств студентов. На материале текста преподаватель имеет возможность организовать такие формы работы, как занятие-диспут, занятие-семинар и пр., что позволит развить у них навыки свободного диалога (полилога), а также содействовать воспитанию важных личностных качеств, такие как толерантность (терпимость по отношению к мнению собеседника), открытость при изложении своей точки зрения и т.п.

Обучение и воспитание должны быть взаимосвязаны. Учебная программа должна быть составлена так, чтобы духовное и нравственное образование пронизывало всю программу, т.е. должна быть тесная взаимосвязь.

Как известно, воспитательная направленность речевого материала на уроках русского языка в значительной мере зависит от тематики и содержания текстов.

Для воспитательного воздействия на студентов решающее значение имеет не только высокая идейность, но и качественное достоинство текста, сочетающееся с его доступностью. Чем текст ярче, экспрессивнее, образнее, с одной стороны, лучше познается студентами, а с другой, тем сильнее он воздействует на их сознание и чувства.

В то же время, известно что, между этими условиями нередко складываются обратно пропорциональные отношения, создающие немалые трудности для авторов УМК в подборе и адаптации текстов. Так как предмет называется «Русский язык по специальности», тексты УМК носят тематический характер (на первом семестре), а также в основном включает тексты по специальности (во втором семестре). Воспитательный процесс студентов актуализируется в основном на духовных и нравственно-мировоззренческих ценностях, которые усиливаются, помимо изучения текстов, правильно и по теме подобранными афоризмами, пословицами, текстами стихотворений и заданиями. С одной стороны, недостаточно высокий уровень русской речи многих студентов из отдаленных районов мешает им воспринимать идейное содержание текстов до каждой узловой жизненной ситуации, но главная задача преподавателя суметь донести до них.    Так, по теме «Русский язык в современном мире» обычно подбираются тексты, которые воспитывают чувство любви и уважения к русскому языку: интерес к изучению русского языка, о главном его назначении, о роли языка в современном обществе, о ее безграничных возможностях, бережное отношение к языку, об истории появления языков («Роль русского языка в современном

мире», «Живые и мёртвые языки», «Родство языков»). О богатстве, красоте, выразительности и развитости русского языка студенты дополняют ранее полученные знания в школе при помощи высказываний А. Куприна, К.Г. Паустовского, И.С Тургенева, А.Дониша и т. д., заучивают наизусть стихотворение С. Абдуллы «Учите русский». Для закрепления материала и выражения собственного мнения студенты готовят сообщение по теме «Русский язык на постсоветском пространстве» с использованием данных Интернет, СМИ.

Определенная структура, имеющая дидактическую и воспитательную значимость, свойственна текстам по различным аспектам патриотической темы. Во многом их построение определяется как жанром текста, так и его идейной направленностью. Так, например тема «Город, в котором я живу». Изучающее чтение текстов «Худжанд», «Город, как душа», чтение стихотворения А. Шукухи «Любимый город». В прозаическом тексте дается информация о том, как появилось название города Худжанд, об истории появления города, о героических и известных жителях этого города, о его культурном и богатом наследии. Основой актуализации нравственно-мировоззренческих ценностей является то, что на примере стихотворных строк А. Шукухи нужно довести до студентов мысль о том, что нет для человека ничего дороже его Родины, родного края, что нужно любить и ценить её красоту и каждую минуту пока ты с ней. Каждый любит то место, где родился и вырос. И никто не забудет дом матери, игры периода своего детства, школу, где он пошел впервые в первый класс, о красотах природы - обо всем этом хорошо говорится в стихотворении Халиуловой Людмилы «Имя моей Родины»:

*Смуглянок круглолицых чёрные глаза,*
*Младой невесты изумрудная слеза,*
*Улыбка старой матери моей*
*Что в мире может быть прекрасней,*
*Что родней?*
*Памирских гор - холодный взгляд,*
*В долине Вахша - хлопка снегопад,*
*Журчащие арыки, полные воды –*
*Что в мире может быть прекрасней*
*Этой чистоты?*
*Всё это вместе - Родина моя*
*Таджикистан - благословенная земля!*

Высокий международный авторитет русской и таджикской литературы обязывает преподавателей не только на занятиях русского

языка, но и на внеаудиторных мероприятиях, на научно-студенческих кружках по русскому языку, на воспитательных часах, научных конференциях вести разговор о созвучии идей русских и таджикских писателей, знакомить их стремлениями, поисками и осмыслением жизни как великой ценности на земле, способствовать формированию нравственности, приобщать к мудрости. В произведениях таких выдающихся мыслителей, как, Рудаки, Фирдавси, Саади Шерози, Хафиза Шерози, А. Джами, Омар Хайяма, Навои, Ибн Сина, Носири Хисрава и др., А.С.Пушкина, Н.В. Гоголя, И.С. Тургенева, Н.А Некрасова, Л.Н. Толстого, А.П.Чехова и многих других содержатся лучшие мысли об общечеловеческих ценностях.

Лидер нации, уважаемый Эмомали Рахмон отмечал: «Ценное и всемирно известное литературное наследие таджиков, являясь сокровищницей и источником воспитания и формирования полноценного человека, в течение столетий играло бесценную роль в духовном воспитании таджикского народа и других народов».

Исследуя взаимоотношения между истиной, добром и красотой, ученые нашли для них как бы единый общий знаменатель – понятие «ценность». И это вполне объяснимо, ведь добро является нравственной ценностью, истина – познавательной, а красота – эстетической. Понятие «ценность» стало одним из наиболее употребляемых в сфере гуманитарного знания.

Исповедовать национальные и общечеловеческие ценности - это значит обеспечить мир, личную неприкосновенность и безопасность, национальное единство, равноправие, свободу, любовь к детям, почитание старших, заботу о близких, патриотизм, гуманизм, честность, дружбу народов и т.п. Осваивать общечеловеческие ценности - это значит научиться уважать и ценить то, что есть у других народов, их вклада в общечеловеческое развитие. Воспитание и развитие у студентов нравственности и высокой культуры таджикского интеллигента является самой важной задачей в процессе становления личности.

## Список использованнойлитературы:

1. *Выступление Эмомали Рахмон на встрече с духовенством от 04.07. 2013г. /ru.wikipedia.org/wiki/ (30.06.15)*
2. *Зарецкая И.И. Нравственное воспитание учащихся. – М.: Просвещение, 1986. - 178с.*
3. *Рахмонов Э.Ш. По пути единства и созидания. – Душанбе: Ирфон,1996.-147с.*
4. *Ходжаева М.Д. Актуализация нравственно-мировоззренческих ценностей художественного текста в условиях интегрированного*

*обучения русскому языку в школах Республики Таджикистан. – Худжанд, 2010.-218с.*

5. *Ходжаева М.Дж., Атоева М. М. Абдуалиева З. У., Негматова М. М., Рахматуллаева М. А., Юсупова З.М. Учебно-методический комплекс по русскому языку для студентов юридического факультета (часть 1) Худжанд, Технологический парк ТГУПБП, 2013. – 197 с.*

**Негматова Ш. Ғ.,**
*омӯзгори ДДҲБСТ*

**Тошматова Р. Қ.,**
*ассистентони кафедраи менеҷменти ДДҲБСТ*

## НАҚШИ ОМӮЗГОР ДАР ПЕШРАФТИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ ҶАВОНОН

***«Маориф дар фаҳмиши васеъ ва имрӯза яке аз проблемаҳои ҳаётӣ ва глобалии асри XXI мебошад ва ҳар яки моро водор месозад, ки ба он таваҷҷӯҳи хос ва бо масъулияти баланд муносибат намоем».***

***Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон***

Дар замони муосири ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати илму технология маориф ҳамчун сарчашмаи бунёдии пешрафти ҷомеа шинохта шуда, дар ҳалли масъалаҳои зиёди иҷтимоӣ нақши бузург дорад ва ба яке аз омилҳои муассири таъминкунандаи некуаҳволии мардум мубаддал гардидааст.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба пешрафти илму маориф ҳамчун пойдевори рушду тараққиёти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, диққати пайваста зоҳир карда шуда, ин солҳо барнома ва консепсияҳои муҳими давлатӣ қабул гардидаанд, ки барои амалӣ намудани ислоҳоти ин соҳаҳо ва дар ин замина беҳтар кардани шароити кори олимону омӯзгорон ва боло бурдани сатҳи таълиму тарбия таъсир мерасонанд.

Танзими ислоҳот дар рушди соҳаи маориф, таҷдиди сохтор, мазмуну мӯҳтавои таҳсилот, таъмини сатҳу сифати таҳсилот, баланд бардоштани сатҳу сифати дониши таълимгирандагон, омода намудани мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй, мутобиқат ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, таъмини раванди таҳсилот бо технологияи навин, инноватсия ва ҳалли масъалаҳои

дигари иҷтимоӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дар таҳияи нав аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст, ки тақозои замон мебошад.

Мушкилоти асосӣ ва рӯзмарраи соҳаи маориф дар шароити муосир ин баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ва беҳтар кардани дараҷаи омода намудани мутахассисони соҳибихтисос, ки аз омӯзгорони донишманду соҳибтаҷриба ва таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ вобаста мебошад.

Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд.

Бо дарназардошти саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат пешниҳод менамоям, ки соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Соли ҷавонон эълон карда шавад[7].

Ҷавонони мо бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, бо Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошанд.

Ҷавонони имрӯзаи мо, яъне насли замони истиқлол аз замони пешина бо савияи илму дониш, маърифату ҷаҳонбинӣ, сатҳи тафаккур ва одобу ахлоқ фарқи куллӣ доранд, ки ин ҳама боиси ифтихори мо мебошад.

Вобаста ба супориши Сарвари давлат дар самти беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, барои рушди соҳаи маориф Барномаи давлатии рушди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои солҳои 2013-2020 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Маориф дар ҷомеаи башарӣ яке аз воситаҳои муҳими тарбия ва баланд бардоштани сатҳи маърифати мардум, махсусан ҷавонон ба ҳисоб рафта, дар ташаккули арзишҳои ахлоқиву маънавии ҷомеа нақши муҳимро дорад. Бо инкишофи ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа

---

[7]Ниг. ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2016.

арзишҳои наве ба вуҷуд меоянд, ки таҷдиди назар кардани онҳоро замони муосир тақозо менамояд.

Барои муваффақ шудан ба ин мақсад бояд тарбияи ҷавононро дар заминаи арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ, ки омили хештаншиносӣ аст, ба роҳ монем.

Дар шароити муосир мушкилоти ҷомеа ин паст шудани сатҳи одобу ахлоқи наврасону ҷавонон дар марҳилаи кунунӣ дар оила, мактаб ва ҷомеа мебошад, ки сабаби асосии ба кирдори номатлуб даст задани онҳо, қонуншиканӣ, афзоиши сафи ҷинояткорӣ дар байни насли ҷавон ба шумор меравад. Дар Паёми Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба амалӣ гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дастур дода шуд, ки механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, роҳҳои амалӣ гардидани қонуни мазкур зери назорат қарор гирифта, барои тарғибу ташвиқ тадбирҳо андешида шаванд.

Баланд бардоштани раванди таълиму тарбия вазифаи муҳим мебошад ва дар ин самт нақши омӯзгор ҳалкунанда мебошад. Тайёр кардани кадрҳои баландихтисос бе омӯзгорони донишманд, пуртаҷриба ва фидокор ғайриимкон аст.

Ҳанӯз дар замони қадим хирадмандро омӯзгор меномиданд. Масалан Платон Суқротро муаллими (омӯзгори) худ меномид, Суқрот гуфта буд: «Омӯзгор на онест, ки ба шогирд дониш медиҳад, балки мисли момодояест, ки ба тавлиди дониш замина мегузорад».

Платон қайд намудааст: “Мо зери тарбия намудан онро дарк мекунем, ки аз овони кӯдаки инсонро ба накӯкорӣ сафарбар намояд, маҷбур созад, ки инсон пурғайратона хоҳиш ва кӯшиши шаҳрванди комиле, ки бо адолатона тобеъ ва бо адолатона ҳукмронӣ карда метавонад, шавад”

Файласуфи Чини Канфутсий низ гуфтааст: «Донишҷӯ ин зарф нест, ки онро пур кунӣ, вай машъалест, ки онро бояд фурӯзон кард». Машъал аз чӣ фурӯзон мешавад? Аз машъали дигар. Он машъал омӯзгор аст.

Муаллим барои толибилмон (шогирдон) намунаи олии инсони комил мебошад. Бешубҳа, омӯзгор он вақт сазовори гуфтанҳои боло шуда метавонад, ки агар фанни худро хуб донад; бе дониши мукаммал ва ё бо дониши нопурра омӯзгор ба муваффақият соҳиб намешавад. Омӯзгор дар фанни худ бояд инкишоф ёбад, ҳама нозукиҳои онро бояд донад, аз ақидаҳои дигарон оид ба фанни худ бохабар бошад, сифати китобҳои дарсии мавҷударо донад, чи тавре, ки мегӯянд бояд мутахассисе бошад, ки кори худро донад.

Омӯзгорони пуртаҷриба мегӯянд, ки омӯзгори ин ҳам илм ва ҳам санъат аст. Ба ақидаи мутахассисони соҳаи илми педагогӣ барои омӯзгори ҳақиқӣ шудан се чиз зарур аст: якум, худро дар касби омӯзгори ва бо фанне машғул шудан, ки ба тафаккури ту, табиати ту, табъи ту ва қобилияти фикрии ту мувофиқ бошад; дуюм, он фаннеро, ки ту интихоб карди ва ба ту маъқул аст ба маънои пурраш то ба ҳадди ниҳоӣ, то ба дараҷае, ки қувва ва қобилияти ту имкон медиҳад аз худ намои; сеюм, он соҳаи илмро, ки интихоб намуди бояд дӯст дорӣ, мухлис шавӣ ва мубталои он шавӣ.

Ман бовари дорам, менависад П.Л.Капитса, - аз лаҳзае, ки ҳатто олими аз ҳама бузург худ меҳнат карданро қатъ мекунад, аз ҳамон лаҳза, вай нафақат инкишофи худро боз медорад, балки умуман олим буда наметавонад. Инсон танҳо он вақт ба муваффақияти асил соҳиб мешавад, ки агар ҳама корҳоро бо дастони худ анҷом диҳад, дар доираи он низ омузгор бояд худкору эчодкор бошад.

Ҷавононро зарур аст, ки дар доираи гуфтаҳои боло фаъолияташонро ба роҳ монанд, дар бунёди давлат саҳми худро гузоранд.

Аз тарафи мақомоти қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд санадҳои меъёри ҳуқуқи оиди соҳаи маориф қабул гардидааст: «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», «Дар бораи адабиёти таълимӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунарҳои бадеии халқӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» ва «Дар бораи фаъолияти волонтёрӣ» таҳия гардида, мавриди баррасӣ қарор доранд ва бешубҳа, чун санадҳои қонунгузорӣ, барои рушди соҳаҳои марбута зарур ва манфиатовар мебошанд.

Бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Таъмини рушди устувори иқтисодиёт ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, тарбияи ҷавонон ва насли аз лиҳози ҷисмониву маънавӣ солим, ҳифзи сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ» таъмин гардида, рушди давлат маҳз ҷавонони саодатманд вобаста буда, иқтидори онҳо дар рушди ҳамаи соҳаҳо бузург хоҳад буд.

**Адабиёт:**


1. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»*
2. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2016.*
3. *Никандров Н.Д. Духовные ценности и воспитание в современной России. Педагогика.- 2010.*
4. *Введенский, В.Н. Непрерывное профессиональное образование / В.Н.Введенский // Социально-гуманитарные знания.*
5. *Вильданова, Ф.З. Образовательное пространство как источник саморазвития личности студентов / Ф.З.Вильданова // Прикладная психология. – 2002.*
6. *Семёнов, В.Е. Ценностные ориентации современной молодежи / В.Е.Семёнов // Социологические исследования. – 2007.*
7. *Сорокина Н.Д. Перемены в образовании и динамика жизненных стратегий студентов / Н.Д.Сорокина// Соц. – 2003.*
8. *Тюкульмина, О.И. Проблемы социальной работы с молодежью: Учебное пособие / О.И.Тюкульмина. – Томск: ТПУ, 2006.*



**Нусратов Б.И.,**
**Ғаниева С.М.,**
*омӯзгорони ДТМИК, Кӯлоб*


## СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ НИСБАТИ ҶАВОНОН

Имсол Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар доир ба сиёсати ҷавонон чунин иброз доштанд: «Татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса, ояндаи миллат ва давлат мебошанд… Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд. Бо дарназардошти саҳми ҷавонон дар рушди

ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат пешниҳод менамоям, ки соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Соли ҷавонон эълон карда шавад» .

Ҷавонон қувваю неруи бузурге ҳастанд, ки истифодаи дурусти он ва равона кардани ин қувва ба самти зарурӣ ҳама гуна ҷамъияту миллатро ба қуллаи мурод мерасонад.

Ҳукумат ғамхориро нисбат ба наврасону ҷавонон минбаъд низ идома бахшида, бо ин нерӯи тавонои кишвар, ки имрӯз марзу буми Тоҷикистонро ҳимоя мекунанд, кишварро ободу зебо мегардонанд ва номи ватани аҷдодиро боз ҳам баланд мебардоранд, ҳамеша такя менамояд. Дар паёми навбатӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон гуфтааст: «Мақсади асосии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фароҳам овардан ва таҳкими шароитҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ барои истиқрори шаҳрвандӣ ва худтатбиқнамоии иҷтимоии ҷавонон иборат мебошад.

Самти стратегии давлатро ҷиҳати таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, дар ҷавонон ташаккул додани ҳисси ватанпарастӣ ва муҳаббат нисбат ба таърих ва фарҳанг, риояи ҳуқук ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд инъикос менамояд. Аз мавқеи ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, боварӣ ба оянда дурахшон ва фаъолнокии онҳо самти рушди Тоҷикистон дар ҷодаи дигаргунсозиҳои демократӣ алоқаманд аст. Маҳз ҷавонон бояд ба муқовимат бар зидди таҳдидҳои глобалӣ омода бошанд».

Барои татбиқи самтҳои афзалиятноке, ки ҷалби ҷавононро ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва иттилоотонии онҳо дар хусуси имкониятҳои имконпазири рушд дар Тоҷикистон дар бар мегирад. Дар ин замина дар ҷумҳурӣ барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон»; барномаи давлатии «Тарбияи ватандӯстии ҷавонони Ҷумҳурии Точикистон»; барномаи «Рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Точикистон»; «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва амсоли инҳо таҳия ва татбиқ гардида истодаанд.

Тарбияи ҷавонон, азҷумла тарбия дар рӯҳияи худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, таъмини иштироки онҳо дар рушди фарҳанги миллӣ ва забони давлатӣ барои пешгирии ҳодисаҳои номатлуби иҷтимоӣ, нашъамандӣ, майзадагӣ, экстремизм ва терроризм дар байни ҷавонон, ба ҳаёти ҷомеа фаъолона чалб кардани ҷавононе, ки дар ҳолатҳои душвори зиндагӣ қарор доранд аз ҳадафҳои асосии «Сиёсати давлатии ҷавонон» мансуб мешаванд.

***Сиёсати давлатии ҷавонон*** - системаи ягонаи тадбирҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва тарбиявӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, иттиҳодияҳои

ҷамъиятии ҷавонон ва шаҳрвандон, бо мақсади таъмини таълиму тарбия, ташаккулу камолоти ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи пурсамари иқтидори онҳо ба манфиати ҷамъият таҳия ва татбиқ гардида истодаанд.

Албатта, мувофиқи матлаб мебуд агар ҷавони имрӯз ин ҳама заҳматҳои роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дуруст дарк намуда, аз фурсати муносиб истифода бурда, сатҳу сифати дониши худро баланд бардошта, ҳамеша дар ҷустуҷӯи илм бошанд, касбу ҳунар омӯзад, лоиҳаҳои инноватсионӣ таҳия намуда, тамоми саъю талоши худро барои рушди илму техника ва ободии Тоҷикистони азиз равона намояд.

**Адабиёт:**


1. *Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, 22.12.2016.*
2. *Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020.*
3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон». ш. Душанбе, 15 июли соли 2004, №52.*



**Обидова М.Р.,**
*сармуаллимаи кафедраи молия ва қарзи ДДҲБСТ*
**Исматов Х.Ҳ.,**
*ассистенти кафедраи молия ва қарзи ДДҲБСТ*


## САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАКОМУЛИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ҶАВОНОН

Роҳи ягонае, ки ҷавонони миллатро пеш мебарад ва арзишҳои миллиро гиромӣ медорад, аз таълиму тарбия ва худшиносиву худогоҳии миллии онҳо вобаста мебошад. Дар ҷомеае, ки ба таълиму тарбияи ҷавонон эътибори хоса дода мешавад, он ҳатман ба пешравиҳо ноил мегардад. Беҳуда нест, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ояндаи давлат ва миллатро ба ҷавонон вобаста ҳисобидаанд. Хушбахтона, сиёсати имрӯзаи давлату ҳукумат бо дастгирии ҷавонон ва таълиму тарбияи онҳо нигаронида шуда, дар он саҳми Пешвои миллат назаррас мебошад. Ҳанӯз якчанд сол қабл бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати тайёр намудани кадрҳои баландихтисос фонди махсуси тарбияи мутахассисон дар хориҷи кишвар таъсис ёфта буд, ки аз ҳисоби ин фонд ҳоло садҳо нафар

ҷавонони кишварамон дар муассисаҳои таҳсилоти олии давлатҳои дигар таҳсил карда истодаанд.Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ 25 апрели соли 2008-ум бо мақсади дастгирии минбаъдаи ҷавонони лаёқатманди мамлакат ба Вазорати молия супориш дода буданд, ки маблағгузории фонди махсуси тарбияи мутахассисон дар хориҷи кишвар барои соли оянда ду баробар зиёд карда шавад. Ин аз ғамхории ҳамаҷонибаи сарвари давлат ба таълиму тарбияи ҷавонон шаҳодат медиҳад.

Дар тамоми Паёмҳо ва суханрониҳои худ Пешвои миллат оид ба такомули сиёсати давлатии ҷавонон суханронӣ ва соҳаҳои дахлдорро вазифадор менамоянд, то ки рушди ҳамаҷонибаи ҷавонон дар ҷомеа таъмин гардад. Пешвои миллат дар Паёми хеш аз 22 декабри соли 2016 қайд намуданд, ки «Бо дарназардошти саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат пешниҳод менамоям, ки соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Соли ҷавонон эълон карда шавад» (1).

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷавонон бояд минбаъд низ бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда дошта, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои Тоҷикистонро ҳифз кунанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, аз ҳама хавфу хатарҳои ҷаҳони муосир худро эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори кишвари азизамон бошанд.

Тадбирҳои дар самти рушди маориф андешидаи Пешвои миллат барои такомули таълиму тарбияи насли ҷавон дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун дастури асосӣ дар барҳам додани муаммоҳои соҳа арзёбӣ мешаванд. Пешвои миллат дар рушди ҳамаҷонибаи ҷавонон ва нерӯи инсонӣ низ қайд менамоянд, ки «Ҳадафи сиёсати давлатии мо дар бахши ҷавонон тарбияи кадрҳо ва мутахассисони донишманду соҳибмаърифат, насли дорои ҷаҳонбинии васеъ ва хислатҳои ватандӯстиву ватанпарастӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат дар бахши ҷавонон мувофиқи талаботи замон таълиму тарбияи дурусти насли ҷавон аст» (2).

Маълум мешавад, ки самти афзалиятноки сиёсати давлат дар бахши ҷавонон дар рӯҳияи баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихор аз давлатдории миллӣ тарбия намудани онҳо буда, ба илму касбомӯзӣ ҳарчи бештар ҷалб намуда, дар миёни наврасону ҷавонон тарзи зиндагии солимро тарғиб намудан мебошад. Албатта, тасдиқи ин гуфтаҳо бо рақамҳо хубтар ва фаҳмотар мебошад. Агар мо ба яке аз самтҳои дастгирии давлатии ҷавонон эътибор диҳем, Пешвои миллат иброз доштанд, ки «зиёда аз 30 ҳазор нафар ҷавонони лаёқатманди мо аз ҳисоби давлат дар

муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ таҳсил мекунанд» (1), ки ин далели гуфтаҳои болост.

Албатта, татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои оғози соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар меҳвари фаъолияти Пешвои миллат қарор гирифтааст. Зеро иштироки фаъолонаи ҷавонон дар ҳаёти сиёсиву идоракунии кишвар аз он шаҳодат медиҳад.

Бо ибтикори Пешвои миллат аз замони оғози соҳибистиқлолии Тоҷикистон барои такомули таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон асосҳои меъёрии танзими таълиму тарбия, васоити таълим, биноҳои таълимии макотиби миёна ва олӣ, мураббиёну омӯзгорон эътибори хоса дода мешавад. Ба назари мо, танзими таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар кишвар пойгоҳҳои қавии меъёрӣ дошта, тибқи талаботи онҳо аҳли ҷомеа барои рушди ҳамаҷонибаи ҷавонон вазифадоранд.

Гарчанде ки Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» амал мекунад, то ҳол ба чашм мерасад, ки баъзе волидоне ҳастанд, ки дар таълиму тарбияи фарзандони худ беаҳамиятӣ зоҳир менамоянд. Зеро, баъзе аз ҷавонон ҳоло низ ба ҳаракатҳои тундрав ва гурӯҳҳои гуногун, ки ҷомеаро халалдор месозад, шомил мешаванд, ҷиноятҳои мухталифро анҷом медиҳанд. Ин ҳама аз волидайн тақозо менамояд, ки ба таълиму тарбияи фарзандони худ эътибори ҷиддӣ диҳанд, то ки онҳо дар оянда номбардори падару модар ва ватану миллат бошанд. Ин камбудӣ тадриҷан ислоҳи худро ёфта истодааст ва аҳамияти волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд ҷиддитар мегардад. Бояд қайд намуд, ки таълиму тарбияи ҷавонон натанҳо вазифаи ҷонии падару модарон ва мураббиёну омӯзгорон, балки тамоми аҳли ҷомеа мебошад.

Маврид ба зикр аст, ки барои ташаккули ҳамаҷонибаи насли ҷавон дар кишвар «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» қабул шудааст, ки барои рушди ҷавонон асоси меъёрӣ мебошад. Баробари ин масъалаи таъмини баробарии гендерӣ соли 2010 ба қатори ченакҳои рушди инсонӣ ва хусусан ҷавонон ворид гардид. Маҳз тавассути ғамхории доимии роҳбарияти олии кишвар тайи соҳибистиқлолии мамлакат сиёсати гендерӣ устувор амалӣ гашта, баҳри баланд бардоштани маърифати ҷавондухтарони деҳот чораҳои амалӣ андешида шуда, ҳоло дар соҳаҳои сиёсӣ ва иҷимоиву иқтисодии Тоҷикистони азизамон озодона фаъолият доранд.

Нақши беназири Пешвои миллат дар рушди таълиму тарбияи ҷавонон бо татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар заминаи устувори меъёриву ҳуқуқӣ, сохториву институтсионалӣ ва дастуриву методологӣ арзёбӣ мешавад. Маҳз бо ғамхориҳои падаронаи Пешвои

миллат имрӯз ҷавонони кишвар фаъолона дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангии мамлакат ширкат варзида, дастовардҳои онҳо ифтихор ва сарбаландии насли калонсол гардидааст.

Гуфтан ҷоиз мебошад, ки Пешвои миллат дар Паёми худ оидба ҷавонони замони муосир ва маҳз замони истиқлол зикр намуданд, ки «Ҷавонони имрӯзаи мо, яъне насли замони истиқлол аз наслҳои пешина бо савияи илму дониш, маърифату ҷаҳонбинӣ, сатҳи тафаккур ва одобу ахлоқ фарқи куллӣ доранд, ки ин ҳама боиси ифтихори мо мебошад» (1).

Ин боварии Сарвари давлат беҳтарин баҳо ба ҷавонон ҳамчун қишри фаъол ва созандаи ҷомеъаи муосир, ояндаи миллат ва давлат арзёбӣ мешавад. Дар ин сурат ҷавонону наврасонро зарур меояд, ки ҷавобан ба ин ғамхориҳо ва боварии ифтихормандонаи Пешвои миллат тамоми саъю талоши худро бо дилу ҷон ба донишандӯзӣ, омӯзиши ҳунарҳои муосир, гиромидошти арзишҳои миллӣ, ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи Тоҷикистони азиз, рушди иқтисодиёти мамлакат, илму техника ва созандагиҳо равона намоянд. Бояд ҷавонони бонангу бунёдкори тоҷик ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ ва дастовардҳои замони истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар баробари ин дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии мамлакати хеш бо тамоми ҷидду ҷаҳд ширкат варзида, амнияти давлату миллатро ҳимоя карда, худро ҳамчун ҷавони арзандаи бовариҳо ва парчамбардори Тоҷикистони азиз сайқал диҳанд.

Ба назари мо, боварии Пешвои миллат ва насли калонсоли мамлакат ба саъю талоши ҷавонон ва имкониятҳои ояндасоз онҳоро водор менамояд, ки барои садоқат ба чунин боварӣ пайваста фаъолият намоянд ва дар оянда ба масъалаҳои зерин аҳмияти ҷиддӣ диҳанд:

- ***дар худ ташаккул додани одат ва завқи мунтазам машгул шудан ба меҳнати фикрӣ,*** зеро яке аз сабабҳои паст будани дониши бархе аз ҷавонон ва хусусан донишҷӯён, маҳз аз надоштани чунин одат мебошад;

- ***омӯзиш ва инкишофи доимии худ дар тамоми умр,*** меҳнати зиёди ҷавонон, алалхусус иқтисодчиён, дар замони муосир ин меҳнати пуршиддати фикрӣ буда, аз онҳо талаб менамояд, ки пайваста омӯзанд, забонҳои хориҷиро донанд ва ба меҳнати пуршиддати оянда тайёр бошанд;

- ***доштани иродаи матин,*** машғул шудан ба меҳнати фикрӣ аз донишҷӯён ва дигар ҷавонон талаб менамояд, ки дар асоси нақшаҳои тарҳрезишуда фаъолият намоянд.

**Адабиёт:**

1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон 22 декабри соли 2016. –Душанбе: Шарқи озод,2016.*
2. *Паёми Президенти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2008 (Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – www prezidtnt.tj).*
3. *Ҳомидов Ҳ.Ҳ. Захира ва имкониятҳои баланд бардоштани сатҳи дониши донишҷӯён.//Ахбори ДДҲБСТ, 2008.*

**Раҷабов Б. Ф.,**
*н.и.п., мудири кафедраи системаҳои автоматикунонии коркарди ахбор ва идораи ДДҚ ба номи Н. Хусрав*
**Мирзоев Ҷ. Х.,**
*омӯзгори кафедраи системаҳои автоматикунонии коркарди ахбор ва идораи ДДҚ ба номи Н. Хусрав*

# БАЪЗЕ МУШКИЛИҲОИ ТАРБИЯИ ҶАВОНОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ТОҶИКИСТОН

*«Наврасону ҷавонони моро зарур аст, ки ҷавобан ба ин ғамхориҳо тамоми саъю талоши хешро ба донишандӯзӣ, интихоби касбу ҳунарҳои муосир, ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи Ватан, рушди илму техника ва бунёдкорӣ равона созанд.*

*Ҷовонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббускор бошанд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд.*

*Бо дарназардошти саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат пешниҳод менамоям, ки соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли ҷавонон» эълон карда шавад».*

***(Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми декабри соли 2016)***

Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ саршор аз меҳру муҳаббат нисбати насли наврасу ҷавон буда, Пешвои муаззами миллатамон дар тамоми самтҳои фаъолияти Ҳукумат баҳри некӯаҳволии ҷавонон, баркамолию соҳибмаърифат будани онҳо ва фароҳам овардани зиндагии шоиста баҳри ин қишри ояндасоз дастуру супоришҳои дахлдор доданд.

Паёми Пешвои миллат, ҳамчун як шоҳкитоби меҳр, садоқат, боварӣ ва умеди басо бузург барои наврасону ҷавонон ироа гардид.

Эълон гардидани соли 2017 ҳамчун «Соли ҷавонон» ин нишонаи олии эҳтирому эътиқоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавонони соадатманди диёр ва дар меҳвари сиёсати иҷтимоии Ҳукумат қарор доштани ин қишри ояндасози кишвар мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо татбиқи пайгиронаи сиёсати давлатии ҷавонон ягон масъалаи ҷавононро аз madди назар дур намегузорад ва дар ин раванд тамоми чораҳоро амалӣ менамояд, то ки ҷавонону наврасони мамлакат ҳамқадами замон ба камол расанд.

Аз ин рӯ, ҷавонон бояд хуб дарк намоянд, ки оянда тақдири халқу давлати Тоҷикистони соҳибистиқлол ба онҳо вогузор мешавад.

Ҳифзу обод кардан ва ба наслҳои оянда бегазанд ба мерос гузоштани сарзамини аҷдодӣ ба Ватани азизи хеш масъулияти бузург дорад ва ҷавононро вазифадор менамояд, ки ҳамеша ба хотири таҳкими ваҳдати миллӣ, пойдориву устувории давлати соҳибихтиёри худ, густариши худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстиву ватанпарастӣ кӯшишу талош намоянд.

Барои тарбияи ҳаматарафаи ҷавон дар ин самт муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ аз назари проблемаҳои мавриди омӯзиш қарор мегиранд, яке аз онҳо дар стансияҳои давлатии таҳсилоти касбӣ ворид намудани фанни таълимии «Андешаи миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ» мебошад.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2008 пешниҳод намуда буд, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Академияи илмҳо ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мудати кӯтоҳ барномаи китоби дарсии «Андешаи миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ» - ро бо назардошти талаботи зинаҳои асосии таълим таҳия намуда, онро ба низоми таълимии кишвар ҳамчун фанни махсус ворид намояд. Асоси методологии китоби дарсиро бояд масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла, моҳияти андешаи миллӣ, меросӣ маънавӣ ва миллии мо, роҳ надодан ба андешаҳои бегона ва бегонапарстӣ, ифротгароӣ ва миллатгароӣ, инчунин талқини тафаккури солими миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, садоқат ба Ватан, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, меҳнати софдилона ба нафъи ҷамъият ва сафарбар намудани нерӯҳои

зеҳнию ҷисмонии ҷомеа ба хотири татбиқи сиёсати пешгирифтаи давлат ташкил диҳанд.

Президенти кишвар бамаврид таъкид намудаанд, ки «Мо аз ҷавонон умеди калон дорем, зеро дар оянда масъулияти давлатдорӣ ва рушди кишвар бар уҳдаи онҳо меафтад».

Аз ин рӯ, мо бояд ҷавононро дар рӯҳияи баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихор аз давлатдории миллӣ тарбия намоем, онҳоро ба илму касбомӯзӣ ҳарчи бештар ҷалб кунем, дар миёни наврасону ҷавонон тарзи зиндагии солимро тарғиб созем.

Ин на танҳо вазифаи ҷонии падару модарон ва мураббиёну омӯзгорон, балки тамоми ҷомеа аст. Танҳо дар ҳамин сурат мо пойдевори давлатдории худро мустаҳкам месозем ва дилпурона пеш меравем.

Ҷорӣ намудани ин фан дар айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар зарурият ба омӯзиш дорад. Зеро фанни мазкур аз нигоҳи сиёсӣ, хештаншиносии ҷавононро ташаккул дода, маърифати пос доштани истиқлоли миллии онҳо рушд меёбад. Ба таъкиди Президенти кишвар Эмомалии Раҳмон: “Андешаи миллӣ натанҳо фаъолияти давлат ва сохтору мақомоти давлатиро раҳнамоӣ мекунад, балки самтҳои асосии фаъолияти шаҳрвандиро муайян карда, онҳоро ба амалӣ гардондани мақсадҳои наҷибу бунёдкоронае ҳидоят менамояд, ки тақдириояндаи халқу Ватан аз ҳаллу фасли онҳо вобаста мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиши амиқи андешаи миллӣ дар ҳамбастагӣ бо арзишу дастовардҳои исқтилолияти давлатӣ ва донистани мазмуну моҳияти он вазифаи ҷонии ҳар як шаҳрванд, наврасон ва ҷавонон алалхусус донишҷӯён мебошад. Чунки андешаи миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ омилҳои муҳиме мебошанд, ки дар ҳифзи ягонагии миллат ва якпорчагии мамлакат, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, инчунин густариш пайдо кардани худогоҳиву худшиносӣ дар ҷомеа нақши муайякунанда мебозанд”.

Сиёсатшинос чунин қайд менамояд, ки: “Вазифаи зиёиён ислоҳ намудан, фаъол сохтан ва ёрӣ расонидан ба одамон, ҷиҳати шаклгирии шуур ва дарки амиқи мавҷудот мебошад”. Омӯзгор дар меҳвари соҳаи маориф қарор дорад ва сатҳу сифати дониши шогирдон ва тарбияи шоистаи онҳо маҳз ба донишу таҷриба, малакаву маҳорати касбӣ, усули таълим ва дигар паҳлӯҳои фаъолияти шахсии омӯзгор вобастагии зич дорад ва аз ин рӯ омӯзгороне, ки дар оянда ба тадриси ин фан дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ машғул мешаванд, новобаста аз дараҷаи илмияшон бояд, курси махсус таълими ин фанро дар шакли бозомӯзӣ ва такмили ихтисос гузаранд.

Зеро, мақсади ниҳоии мактабу маориф дар тамоми зинаҳои таҳсилот таъмин намудани сифати он аст. Имрӯз таълиму тарбия аз тарафи муаллим чунин бояд сурат гирад, ки дар ҷараёни он толибилм на танҳо дониши ҳозиразамон гирифта тавонад, балки вобаста ба ин донишу малакаи ҳаётиеро низ аз худ намояд, то ки ба талаботи зудтағйирёбандаи ҷамъиятӣ мутобиқ гардад. Аз ин рӯ, бо назардошти мақсади ниҳоии мактабу маориф маҳорати касбии омӯзгор бояд сайқал ёбад.

Зеро, рушду такомул ва андӯхтани дониш раванди беохирест, ки пайваста ҷустуҷӯи роҳу усулҳои навин, такмилу маҳорати донишандӯзиро тақозо менамояд. Чунин вақт ҳеҷ гоҳ фаро нахоҳад расид, ки инсон бо эътимод ҷавоби ҳама суолҳояшро пайдо намояд. Ҳамеша зарурияти зоҳиршавии майлу рағбат ба илми муосирро думболагир хоҳанд буд ва ин, табиатан, аз талаботи дастёбӣ ба зиндагии хубу осоишта сарчашма мегирад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи маориф (22-юми декабри соли 2005) қайд намуданд, ки “Агар ба тарбияи ворисони соҳибмаърифату донишманд ва содиқи миллату ватани хеш имрӯз бомасъулият муносибат накунем, ифтихору ғурури миллии мо гирифтори зоҳирпарастӣ шуда, дар доираи ному дастовардҳои гузаштаамон маҳдуд мемонад”.

Донишҷӯи муосир тасдиқ менамояд, ки омӯзгорон ба тавсеаи нуқтаи назари онҳо, муносибат ба одамон, ба муҳит, ба олам, ба худ, ба интихоби касби педагогӣ, ба иҷрои ин ё он фаъолияташон таъсир расонидаанд. Аксари донишҷӯён, ки устодон ба онҳо на мақсаднок, балки ғайриихтиёр ва ғайриидрок таъсир расонидаанд.

Омӯзгор дар раванди таъсири мутақобила бо донишҷӯён, хоҳу нохоҳ аз нуфӯз ва мавқеи касбиаш барои талқини ҳақиқат меъёр, ахлоқ, тарзи тафаккур, нуқтаи назар ва ғайраро ба кор мебарад.

Ин далел амал бебаҳс аст. Лекин муҳимтар он аст, ки ин таъсирот бояд аз рӯйи ахлоқи ҳамида, меъёрҳои гуманистӣ, баҳодиҳӣ ба оқибати рафтор ва имконоти бошууронаи он сурат гирад. Дар ин бобат андешаҳои олимон мухталифанд. Аз ин лиҳоз, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар новобаста аз рӯйи тахассус, фанҳои тадрисшаванда омӯзгорон чанд дақиқаи дарси хешро ба масъалаи тарбияи ҷавонон бахшанд, ин кор хеле судманд мебошад ва ин роҳ ҳам яке аз проблемаҳои тарбияи ҷавононро бартараф месозад.

Масалан, дар низоми кредитии таҳсилот дар дарсҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод омӯзгор ҳар қадар ба умқи олами ботинии донишҷӯ ворид шавад, майлаш ба омӯхтани ақидаҳо, пиндор ва кирдори онҳо зиёд мешавад ва на танҳо фатҳи

сатҳи баланди рушди касбӣ ба ӯ муяссар мегардад, балки ба тарбияи ҷавонон, яъне донишҷӯён таъсири мусбӣ расонида метавонад.

Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ масъалаҳои муҳими соҳаи маорифро дар бар гирифта, сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазифаи муассисаҳои таҳсилоти зинаҳои гуногунро мушаххас кардааст. Тавре, ки аз паёмҳо бармеояд, ба зиммаи омӯзгорони кишвар ҳалли вазифаҳои муҳиме, ки ба рушди соҳаи маориф ва омода сохтани мутахассисони ҷавобгӯйи талаботи замони муосир нигаронида шудаанд, вогузор гардидаанд. Яке аз ҳамин вазифаҳо, ин тарбияи ҷавон дар рӯҳияи истиқлоли миллӣ низ мебошанд.

Дар хулосаи гузориш махсусан бояд қайд намуд, ки ҳар як омӯзгор дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ бояд дар кору пайкори созандагӣ ба хотири шукуфоии Ватан, аз ҷиҳати маънавию ахлоқӣ роҳнамоӣ кардани ҷавонон, парвариши истеъдодҳои ҷавон фаъолона саҳмгузор бошанд ва бояд шахсан ташаббус нишон диҳанд, мушкилоту масъалаҳои ҳалталаби тарбияи ҷавононро ба миён гузоранд ва роҳу воситаҳои ҳалли онҳоро низ пешниҳод кунанд.

**Адабиёт:**


1. *Ҷавонон ва рушди илми муосир. – Қӯрғонтеппа: Эркинҷон, 2016. – 279 с.*
2. *Миралиев К.А. Амалӣ кардани сиёсати давлатии ҷавонон ва нақши он дар мустаҳкам кардани иқтидори ҳаракати ҷавонони Тоҷикистон дар шароити тараққиёти ҳозираи ҷамъият. – Душанбе, 2006. - 14 с.*



**Расулов Б. Р.,**
*н.и.к., сардори шуъбаи илм,*
*аспирантура ва идораи асноди Эъломияи*
*Болони Донишгоҳи давлатии Данғара*


## “ТОҶИКОН ДАР ОИНАИ ТАЪРИХ” – РОҲНАМОИ ҶАВОНОН БАҲРИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

Эътибору манзалати ҳар халқу миллат дар арсаи олам пеш аз ҳама дар таъриху фарҳанг ва маданияту тамаддуни аҷдодӣ таҷассум мегардад. Тоҷикон аз ҷумлаи қадимтарин созандагони тамаддуни башарӣ маҳз бо доштани ҳамин ганҷинаи умумимиллӣ ва умумибашарӣ пазируфта шудаанд, ки мояи ифтихори ҳар як сокини кишвар аст. Аҷдоди мо аз хеш осори бою пурғановати илмию фарҳангӣ ва маърифатию ахлоқӣ боқӣ гузоштаант, ки барои тарбияи

насли ҷавон, огоҳӣ ёфтани онҳо аз илму маърифат, ноил гаштан ба дастовардҳои навин дар соҳаҳои гуногуни фаъолият беназир мебошад.

Дар ин ҷода асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳнамо баҳри ҷавонон дар худшиносии миллӣ ва огаҳӣ ёфтан аз тамаддуни бойи гузаштагон хизмати босазо мегузоранд. Худшиносии миллӣ пеш аз ҳама эътироф кардани маданияту фарҳанги гузаштагон, бо такя ба онҳо сохтани пайроҳаи дуруст баҳри такмили тамаддуни гузаштагон дар замони имрӯза ва гузоштани мероси арзанда баҳри фардоиён мебошад. Маҳаки асосии асарҳои пурарзиши таърихии Эмомалӣ Раҳмон маҳз дар роҳнамоӣ ба ҷавонон барои худшиносии миллӣ ва огоҳӣ аз таърихи ниёгон мебошад, ки мутолиаи онҳо барои ҳамагон басо муҳим мебошад.

Ин ҷо бо овардани чанд нукта аз боби аввали китоби “Тоҷикон дар оинаи таърих” (Китоби сеюм: Аз Ориён то Сомониён), ки ба таърихи тоҷикон бахшида шудааст, иктифо мекунем. Дар дебочаи асари мазкур байти машҳури шайх Саъдии Шерозӣ омадааст:

*Банӣ Одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дар оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*

Асар аз 5 боб иборат буда, бо расму мусавварахои таърихӣ ороста шудааст. Он бо санъату маҳорати баланд ороиш ва нашр гардидааст, ки таваҷҷӯҳи хонандаро аз сатрҳои аввал бо услуби равонӣ навишт ва калимоти мавзун ҷалб месозад.

Боби аввал китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих» «Инсоният дар остонаи хатари глобалӣ» ном дорад, ки он аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал оид ба хатарҳои дар оғози ҳазорсолаи сеюм ба ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдидкунанда маълумоти муфассал ва таҳлили ҳамаҷониба бо истифода аз асноду сарчашмаҳои боэътимод оварда шудааст.

Оид ба маҷрои ҷаҳонишавӣ ва густариши глобализатсия, самтҳои мусбат ва манфии раванди мазкур, густариши раванди баҳампайвандӣ ва вобастагии мутақобилаи давлатҳову кишварҳои ҷаҳон ва миллату тамаддунҳои мухталиф фикру мулоҳизоти ҷолиб баён карда шудааст. Зикр карда шудааст, ки тамаддуни иттилоотӣ, телекоммуникатсия ва дастовардҳои илми муосир, ҷаҳонишавии иттилоот, наздикшавии муносибати халқҳову миллатҳо аз ҷумлаи паҳлӯҳои мусбии раванди бемайлони глобализатсия мебошанд. Вале дар баробари ин амиқтар шудани фарқи байни кишварҳои пешрафта ва ақибмонда, шиддат ёфтани фишор ба сохторҳо ва арзишҳои миллӣ ва фарҳангии халқҳо, возеҳтар гардидани даъвои бартариҷӯӣ аз ҷониби баъзе кишварҳои

пешсаф, хусусияти глобалӣ касб кардани фаъолияти шабакаҳои террористиву ифротгароӣ ва қочоқи ғайриқонунии маводи мухаддиру фурӯши силоҳ иброз карда шудааст.

Дар баробари ин оид ба афзудани хатарҳои табиию экологӣ ва фалокатҳои ғайричашмдошт аз қабили зилзила, обхезӣ, тундбоду тӯфонҳои шадид, баландшавии ҳарорат ва обшавии пиряххо, хушксолӣ ё боронгариҳои аз меъёр афзун, ки дар пайи онҳо хатари гуруснагӣ, нарасидани оби нӯшокӣ, коҳиш ёфтани масоҳати заминҳои кишт ва захираҳои ғизо, сол то сол хароб шудани вазъи муҳити зист ва ифлосшавии ҳаво, афзудани бемориҳои сироятӣ ва ғайраҳо ба миён меоянд таҳлили ҳамаҷониба анҷом дода шудааст.

Тавре ки мо огаҳӣ дорем, солҳои охир, хусусан тайи 50 сол тағйирёбии глобалии иқлим ба назар мерасад, ки оқибатҳои он дар пасту баланд шудани ҳарорат, боришоти бемаврид, хушкӣ, чангу ғубор, селу обхезиҳо ҳис карда мешавад. Чунин ҳолат дар навбати худ ба соҳаи кишоварзӣ, саломатии инсон сифати маҳсулот таъсири манфӣ мерасонад. Паҳн шудани касалию зараррасонҳои зироатҳои кишоварзӣ, шӯршавии заминҳо, паҳн гаштани алафҳои бегона дар заминҳои кишоварзӣ бар асари тағйирёбии иқлим ба амал омаддаст, ки имконияти бартараф кардани он рӯз аз рӯз мушкилтар шуда истодааст. Хатари тағйирёбии иқлим ба якчанд оқибатҳои ҷиддӣ оварда мерасонад, ки дар сурати саривақт ва ботадриҷ пешгирӣ накардани онҳо мушкилоти зиёд ба миён меояд.

Муаллиф нуқтаи назари хешро басо бамаврид иброз намудааст, ки «*дар оғози ҳазорсолаи сеюм яке аз вазифаҳои муқаддаси башарият эмин доштани сайёра аз ҷангҳои нави ҷаҳонӣ, сар задании фалокатҳои ядроӣ, экологӣ, демографӣ, ҷиноятҳои трансмиллӣ, амалиётҳои доманадори террористию экстремистӣ ва дигар хатарҳои мудҳиши глобалӣ мебошад*». Дар пайи андешаи мазкур иқдому чорабиниҳои муҳим ва бисёр бамавриди кишвари мо дар бораи маърифати ҷомеа, ба хусус пешниҳод дар бораи эълони «**Соли ахлоқи ҳамида**» дар сатҳи байналмилалӣ, ташаббусҳо ҷиҳати оби тоза ва «**Об – барои ҳаёт**» ва амсоли инҳо баён гардидаанд.

Дар зербанди дуюми боби аввал доир ба «Ташаккули истиқлолияти миллӣ ва ҳадафҳои тақдирсози Тоҷикистон дар шароити хатарҳои глобалӣ» фикру ақидаи муаллиф оварда мешавад. Дар оғоз оид ба моҳият ва ҳадафҳои ҷашнҳои бузурги таърихии Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, 2700-солагии Кӯлоби бостонӣ ва 15-солагии Истиқлолияти миллии Тоҷикистон сухан ронда мешавад.

Сарвари кишвар оид ба сарнавишти рангину шигифтангези ориёиҳо, ки мо тоҷикон «яке аз меросдорони асили он ҳастем», бо ифтихору сарбаландӣ ёдовар шудааст. Гуфта мешавад, ки фарҳанги ориёӣ ба башарият китоби муқаддаси «Авасто» ва нахустин намунаи

тамаддуни башардӯстонаро тақдим намуд. Тамаддуни гузаштаро инкор кардан, нақши таърихӣ ва асолати зиндагисозиашро нодида гирифтан раво нест, баръакс ҳусну қубҳи онро дар мизони дастовардҳои навини замони нав баркашидан, беҳтарин падидаҳои ҳаётбахшашро дар хидмати миллатҳову давлатҳо ва умуман башарият қарор додан вазифаи муқаддаси наслҳои имрӯзу оянда аст.

Дар ҳошияи пуштибонӣ аз таҷлили бузургдошти фарҳангу тамаддуни ниёгон даъвои нодурусту ғаразноки баъзе таҳлилгарон зери шубҳа қарор дода шуда, огоҳӣ аз таъриху фарҳанги куҳан боиси ифтихори баланди миллӣ ва мусоидати он баҳри таҳкими робитаи тамаддунҳо ва халқҳои гуногун дар шароити мураккаби дунёи муосир ва заминагузор дар густариши сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ қаламдод шудааст.

Сарвари давлат тамаддуни ориёиро яке аз қадимтарин ва бонуфузтарин тамаддунҳои башарӣ ба қалам додааст, ки ҳангоми давлатдории мутамаркази Ҳахоманишиён – шоҳаншоҳи ориёӣ шӯҳрати ҷаҳонӣ ёфта, бо решаҳои таърихӣ, арзишҳои маънавӣ ва асолати забониаш аз сарзамини Ҳинд то канораҳои Юнон доман густурдааст.

Куруши Кабир ба нахустин империяи мутамаддини ориёӣ бунёд гузоштааст, то замони лашкаркашию кишваркушоиҳои Искандари Мақдунӣ дар таърихи тамаддуни башарӣ назире надошт. Империяти таъсисдодаи ӯ мутобиқи маълумоти катибаҳои Дорои Бузург ва муаррихони Юнони қадим чандин давлатҳои ҷаҳони куҳан – Порсу Мод, Бобулу Ошур, Мисру Финиқия, Лидияву Урарту, Парфияву Гиркания, Бохтару Суғд ва ғайраро дар қаламрави 22 вилоят муттаҳид намуда, дар ҳудуди се қитъаи олам – Осиё, Аврупо ва Африқо доман густурда будааст. Эъломияи таърихии Куруш бошад, аз ҷониби олимону муаррихон ҳамчун нахустин эъломияи ҳуқуқи башар эътироф шудааст.

Дар идомаи ин асари таърихӣ муборизаҳои истиқлолхоҳии Спитамен бар муқобили лашкари бешумору шикастнопазири Искандари Мақдунӣ, шӯришу муборизаҳои пай дар пайи фарзандони бонангу номус ва баруманди миллати мо – Сумбоди Муғ, Деваштич, Ғурак, Муқаннаъ, Бобак, Темурмалик, Маҳмуди Торобӣ, Шаҳбол дар зинаҳои гуногуни таърихи ориёӣ ба қалам дода мешавад.

Ҳамчунин аз подшоҳони шуҷоъу ватанпарвари миллати мо – Куруши Кабир, Дорои Бузург, Спитамен, Вахшуварт, Канишкои Бузург, Хусрави Анӯшервон, Тоҳир ибни Ҳусайн, Абдуллоҳи Тоҳир, Яъқуби Лайс ва бахусус Исмоили Сомонӣ ҳамчун таҷассумгари барҷастаи рӯҳи тавоною бешикаст назари таҳлилгаронаи муаллиф баён карда шудааст.

Дар ҳошияи таърихнигорӣ ва ёдоварӣ аз ниёгони хеш сарвари давлат таъкид бар он месозад, ки «манбаъ ва асосҳои бунёдии ваҳдати миллӣ ва таҳкими давлатдорӣ дар Тоҷикистон аз муттаҳидии халқ ва пойдории сулҳу суббот, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву ватанпарварии мардум, тақвият бахшидан ба мақоми давлат ҳамчун ҳомӣ ва кафили ҳифзи манфиатҳои халқ, афзоиши нерӯи иқтисодии кишвар ва нуфузу эътибори байналмилалии он иборатанд».

Умуман, асари мазкур хело пурарзиш буда, дар баробари аҳамияти таърихӣ доштанаш барои муайян кардани роҳу равиши минбаъда ва таҳким бахшидан ба пояи давлатдории навини тоҷикон хизмати арзанда дорад. Дар асар таъсири тамаддуни бою ғании ориёӣ аз лиҳози давлатсозию давлатдорӣ, фарҳангсолорию тамаддунорӣ, ки ба насли башарият хизмати арзанда карда истодааст, ба пешрафти давлатдорию тамаддуни дигар халқу миллатҳо инъикос ёфтааст. Мутолиа ва дарки моҳияти он барои ҳар фарди ватандӯсту худогоҳ, бахусус ҷавонон хело муҳим мебошад. Омӯзиш ва таҳлили муфассали асар дар муассисаҳои олии таълимӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар дарсҳои амалию назариявӣ ва иҷрои корҳои мустақилона, дар семинару мизҳои мудаввар вобаста ба соҳаи таъриху фарҳанги миллӣ ҳамаҷониба манфиатовар мебошад.

**Адабиёт:**


1. *Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих / Китоби сеюм: Аз Ориён то Сомониён. –Душанбе: Ирфон, 2006. - 228 с.*



**Раҳимова Н.Ш.,**
**Аҳмадбекова Н.М.,**
*ассистентони кафедраи молия*
*ва қарзи ДДҲБСТ*


## МАЪРИФАТИ СИЁСӢ ВА ХУДОГОҲИВУ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН

Дар шароити дигаргунсозиҳои ҷаҳонӣ муқаррар кардани меъёрҳои муносибат нисбат ба қишрҳои муайяни ҷомеа, бахусус ҷавонон, ки ояндасозанд, тақозои замон баҳисоб меравад. Зеро Тоҷикистони азиз кишвари ҷавон буда, ҳиссаи бештари аҳолиро ҷавонон ташкил медиҳад ва муайян намудани ҷанбаъҳои фаъолият ва дурномо нисбат ба ҷавонон мувофиқи мақсад аст.

Яке аз ҷиддитарин баҳсҳои ҷории ҷомеаи мо баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, худшиносии миллӣ ва ҳифзи истиқлолияти давлатӣ дар шуур ва тафаккури мардум, бахусус насли наврасу ҷавонон

мебошад. Масъалаи маърифати сиёсӣ ва худшиносии миллии ҷавонон дар раванди таҳкими ваҳдату ягонагӣ ва истиқлолияти кишварамон саҳми арзандае дорад.

Маърифати сиёсӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарии одамон, гурӯҳҳо ва умумиятҳои иҷтимоию сиёсӣ гуногун сурат мегирад. Ба ҳисоб нагирифтани арзишҳо ва рӯовариҳои сиёсӣ, ки хоси умумиятҳои сиёсӣ ва фардҳои алоҳида мебошад, метавонад сабаби халалдор гардидани инкишофи мутаассили ҷомеа гардад. Масалан, як гурӯҳи ҷавонон дар натиҷаи сатҳи пасти фарҳанг ва худшиносии хеш ба корҳои номатлуб даст мезананд. Онҳо заифии худро ҳис намуда, роҳу воситаи осони масъаларо меҷӯянд, чунки эшон дорои дониши кофии сиёсӣ набуда, ба ақлу хирад ва мавқеи ҷамъиятии худ боварӣ надоранд. Аз ин рӯ, қурбони амалҳои номатлуби худ дар ҷомеаи пуртпечутоб мегарданд. Ба монанди нашъамандӣ, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ва шомил гардидан ба гурӯҳҳое, ки амният ва солимии ҷомеаи моро халалдор месозанд.

Айни замон гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистиву террористӣ ва дастгир шудану маҳкум гардидани бархе аз онҳо ҳодисаи ташвишовари ҷомеа маҳсуб меёбад.

Бо вуҷуди он, бемасъулиятӣ ва риоя накардани муқаррароти Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз ҷониби гурӯҳи муайяни шаҳрвандон эҳсос мегардад.

Аз ин рӯ, омилҳои зикргардида воситаҳои асосии заифгардии меъёри ватандӯстӣ худшиносии миллӣ ва маърифати сиёсии ҷавонони кишварамон гардидааст. Ватандӯстӣ аз андешаи миллӣ ва ҷузъиёти инфиродӣ бунёд ёфта, дар маҷмӯъ худшиносии миллиро ташкил медиҳад. Худшиносии миллӣ ҳамеша аз худшиносии инфиродӣ замина мегирад. Баъди истиқлолияти давлатӣ бори нахуст дар таърихи тоҷикон замимаи воқеии рушди фарҳанги нави сиёсӣ ва худшиносии аслии миллӣ ба вуҷуд омад. Шарти асосии бақои миллату давлату ватан ва халқ ваҳдат, худшиносии миллӣ, ифтихор аз ин арзишҳост.

Худшиносии миллӣ ва ҳифзи хотираи таърихӣ, бузургдошти забон ва мероси фарҳангӣ бояд ба он равона карда шавад, ки симои миллат, суннатҳои давлатдорӣ ва расму оинҳои аҷдодӣ ҳарчӣ бештар ташаккул ёбанд. Таҷлили ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён, 2500-солагии шаҳри Истаравшан, 2700 - солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, ҳазораи «Шоҳномаи»-и безаволи Фирдавсӣ, 1000-солагии Носири Хисрав, 650 - солагии шоир ва орифи шаҳир Мирсаид Алии Ҳамадонӣ, 675-солагии классики назми форсу тоҷик, ғазалсарои бузурги машриқзамин Камоли Хуҷандӣ, соли бузургдошти тамаддуни

Ориёӣ, 800- солагии Ҷалолиддини Румӣ, 1150-солагии поягузори адабиёти форсу тоҷик Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 100-солагии зодрӯзи академик Б.Ғафуров, 1310-солагии Имоми Аъзам (Абӯҳанифа) нишонаи дурахшони эҳтиром гузоштан ба таърихи тайкардаи миллат, бузургдошти шахсиятҳои оламшумули илмӣ ва фарҳангӣ ба шумор меравад.

«Забон дар ҳақиқат асоси ҳастӣ ва бақои умри миллат аст» (1) - таъкид кардаанд Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти худ бо аҳли зиёиёни мамлакат: «Ифтихор аз ватану ватандорӣ, таъриху фарҳанг, ифтихор аз миллат ва ҳувияти миллат афзалтар аз ҳама дар поку бегазанд нигоҳ доштани забони модарӣ ифода меёбад. Таърих гувоҳ аст, ки баъди гум кардани забони модарӣ давлат низ дер ё зуд тафаккур ва ҳатто давлату давлатдории миллии худро аз даст дода, забон ва унсурҳои фарҳанги бегонаро мепазиранд. Дар ҳамин замина Сарвари давлат ба рушди забони давлатӣ диққати махсус медиҳанд. Забони асосии адабиёти бадеӣ ва илмӣ, нашриётҳо, васоити ахбори омма тоҷикӣ бошад ҳам, фаъолияти забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва ғайра манъ карда намешавад. Онҳо озодона амал мекунанд. Такмили таълим ва омӯзиши забонҳои англисӣ, русӣ ва ғайра қабл аз ҳама аз он ҷиҳат зарур аст, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вусъати робитахои байналхалкӣ, ҳамкорӣ бо кишварҳои дигар, ҳамгироӣ бо фазои ягонаи таҳсилот манфиатдор аст. Сатҳи кунунии технологияи иттиллоотию коммуникатсионӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоӣ, муносибатҳои нави муоширати инсониро тақозо дорад, ки дар ин раванд забон мақоми махсусро ишғол менамояд.

Фармони Президенти кишвар аз 4 апрели соли 2003 «Дар бораи такмили таълим ва омӯзиши забонхои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сиёсати давлатиро дар боби забономӯзӣ муайян намуд. Дар иртибот ба ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоиҷкистон бо қарори худ аз 2 декабри соли 2003 «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004- 2014»-ро кабул намуд. Мутобиқи барномаи мазкур миқдори соатҳо барои омӯзиши забони русӣ аз 22 то 25 соат дар як ҳафта зиёд карда шуда, барои мактабҳои тахсилоти умумӣ барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ аз фанҳои «Забони англисӣ» ва «Забони русӣ» таҳия гардиданд.

Қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» аз 13 марти соли 1992, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 майи соли 1997 «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон» ва дар ҳамин замина таъсис дода шудани Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабул гардидани Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 1999-2000 (5 октябри соли 1998), Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2001-2003» (соли 2001), таъсис додани Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ (20 марти соли 1998), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи таъсиси стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ - техникӣ, техникумҳо ва коллективҳо» (26 феврали соли 1998), баъди танаффуси сесола боз аз нав эҳё шудани рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» (23 феврали соли 1998), 23 май эълон гардидани Рӯзи Ҷавонони Тоҷикистон, доир гаштани фестивалҳои ҳамасолаи дӯстии ҷавонон - соли 1997 дар вилояти Суғд, соли 2000 дар Бадахшон, соли 2001 дар шаҳри Душанбе, соли 2002 дар вилояти Хатлон, соли 2003 фестивали дӯстии ҷавонони Тоҷикистону Қирғизистон, соли 2004 дар шаҳри Душанбе, соли 2004 фестивали дуюми дӯстии ҷавонони Тоҷикистону Қирғизистон дар Ҷумҳурии Қирғизистон, соли 2005 дар вилояти Бадахшон, соли 2006 дар шаҳри Душанбе, соли 2007 дар вилояти Суғд шаҳодати раднопазири дар солҳои истиқлолият ба амал омадани тағйироти куллӣ дар ҳаёти ҷавонони кишвар мебошанд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯриҳои чандинкаратаи худ бо ҷавонон: -2 феврали соли 1993, 4 сентябри соли 1993 ба муносибати дуввумин солгарди Истиқлолияти Тоҷикистон, 17 марти соли 1994 дар нахустанҷумани Иттифоқи Ҷавонони Тоҷикистон, 23 майи соли 1997, қабл аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, 16 майи соли 1998 вохӯрӣ бо ҷавонони лаёқатманди ҷумҳурӣ, 21 майи соли 2005 вохӯрии навбати бо ҷавонони ҷумҳурӣ, 30 августи соли 2005 вохӯрӣ бо ҷавонони фаъол ва донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси вилояти Суғд дар варзишгоҳи Хуррамшаҳри шаҳри Хуҷанд муҳимтарин муаммову проблемаҳои ҳаёти ҷавононро баррасӣ намуданд. Ин вохӯриҳо рамзи ояндасозиву ояндабинӣ ва дарки рисолати баланди ҷомеашиносӣ, инсонгароӣ ва худшиносиву худогоҳии ҷавонони кишвар гардид(6).

Ҷавонони кишвар аз ҳар вохӯриву мулоқотҳои бо Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Ҷаноби Олӣ баргузоргардида барои худ сабақи судманд гирифтаву дар роҳи ба ҳаёт татбиқ намудани он ҳамеша садоқату фидокорӣ зоҳир мекунанд, ки мо онро дар мисоли ҳаёти ҷавонони вилояти Суғд бо рӯшанӣ ҳис мекунем.

Тайи солҳои охир дар вилояти Суғд бо ташаббуси ҷавонон чорабиниҳои мухталифи сиёсиву фарҳангӣ, оммавию варзишӣ, маърифатию ахлоқӣ ва илмию маданӣ аз қабили Фестивали ҷавонони

Тоҷикистон дар вилояти Суғд (соли 1997), Фестивали дӯстии ҷавонони гуногуни манотиқи кишварҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон (соли 2003), Форуми ҷавонони вилоят таҳти унвони «Ҷавонон зидди нашъамандӣ», Форуми ҷавонони вилоят доир ба тарбияи ватанпарастии ҷавонон, озмунҳои вилоятии шашмакомсароёни ҷавон, шабҳои эҷодии шоирону нависандагони ҷавон, конфронси илмии ҳамасолаи олимон ва муҳаққиқони ҷавони вилоят, таъсиси маҳфили мубоҳисавӣ - сиёсии ҷавонони вилоят, намоиши маҳсули рассомони ҷавони вилоят, таҷлили ҳамасолаи Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, дар вилоят «Ҳафтаи ҷавонон», «Даҳ рӯзи ҷавонон», «15-Рӯзи ҷавонӣ», таъсиси махфилҳои «Сарбози оянда», «Адиби ҷавон», Стипендиатҳо, Маркази пешгирии нашъамандӣ ва ВИЧ/СПИД «Майл», ихтиёриёни «Фурӯғ», қабули Барномаҳои рушди иҷтимоии ҷавонони вилоят барои солҳои 2004-2006, 2006-2009, тарбияи ватанпарастӣ барои солҳои 2007-2010 ва ғайра амалӣ карда шуд, ки нақши онҳо дар тарбияи хештаншиносиву худогоҳии ҷавонон беназир аст.

**Адабиёт:**


1. *Эмомалӣ Раҳмон. Фарҳанг ҳастии миллат аст.-Душанбе; Матбуот- 2001.-37с.*
2. *Эмомалӣ Раҳмон. Душанбе- шаҳри дустӣ ва бародарӣ.- Душанбе; Ирфон, 1998.-32с.*
3. *Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолият неъмати бебаҳост.- Душанбе; Шарқи озод. 2001.-94с.*
4. *В.Набиев. Навниҳолони боғи истиқлол.- Душанбе; Авесто, 2001.66с.*
5. *Партии и движения Таджикистана. -№10. 1999. с.4-7.*
6. *М.М. Муинова. Талқини ҳисси худшиносиву худогоҳии миллӣ дар байни ҷавонон / Ахбори ДДҲБСТ-2009, №2. с.114 .*



**Ризоева Р. Б.,**

*муаллимаи кафедраи назария*
*ва методикаи фанҳои тахассусии*
*ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров*


## ҶАВОНОН – НЕРӮИ ПУРИҚТИДОРУ БУНЁДКОР

*«Ҷавонони мо нерӯи пешбаранда, ворисони асилу арзандаи миллату давлат ва созандагони имрӯзу фардои Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд».*

*Эмомалӣ Раҳмон.*

Татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад.

Қадамҳои аввал дар роҳи ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвари мо бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 13 марти соли 1992 гузошта шуд. Хато намекунем, агар гӯем, ки сиёсати давлатии ҷавонон ҳамқадами истиқлолияти кишвар аст ва аз татбиқи он дар ҷумҳурӣ 25 сол пур мешавад.

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ халқи шарифи Тоҷикистон ба эъмори давлати демократӣ мушарраф гардид. Хиради воло, нангу ори миллӣ дар қалби ҳар тоҷики худшинос роҳ ёфта ва эшон даст ба дасти ҳам дода, хоки аҷдодӣ, таърихи пурғановат ва миллати соҳибтамаддунро бо роҳбарии Пешвои миллат аз вартаи маҳвшавӣ раҳониданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷавононро ояндаи ҷомеаю давлат ном мебаранд, ки дуруст аст. Онҳо бояд зери назари калонсолон бо маслиҳату машварати онҳо фаъолият намуда, барои пешрафти ҷомеа саҳми муносиби худро гузоранд. Бахусус, дар замони гирудорҳои муосир дурӣ ҷустан аз ҳар гуна тӯҳмату бӯҳтон ва канорагирӣ аз пайроҳаҳои хатарнок хеле муҳим аст. Як андешаи ботил, каҷравию гумроҳӣ ҳаёти инсонро барбод хоҳад дод. Бинобар он, ҷавононро зарур аст, ки ҳамеша ҳушёр бошанду ба доми фиребу найранги душманон наафтанд. Андешаи солим он аст, ки баҳри пешрафти ҷомеа амал намоем, зеро бе ташаббуси нек ва ақидаҳои солим созандагӣ басо душвор аст. Дар ин роҳ дасту дили гарм доштану ба арзишҳои миллӣ содиқ мондан ҷавонони моро ба кӯйи мурод хоҳад расонд.

Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон яке аз омилҳои асосии рушду инкишоф ва мустаҳкамии миллату давлатро омӯзиш дониста, баҳри баланд бардоштани савияи дониши ҷавонон тамоми шароиту имкониятҳоро фароҳам овардаанд. Барои ҳавасманд кардани ҷавонони болаёқат дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишгоҳу донишкадаҳо Стипендияи президентӣ таъсис дода шудааст, ки садҳо ҷавонони фаъол аз он бархурдоранд. Натиҷаи ҳамин аст, ки толибилмони мо дар олимпиадаҳои сатҳи ҷаҳонӣ бештар аз фанҳои дақиқ иштирок намуда, соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ мешаванд.

Дар бахши варзиш низ як қатор ҷавонони соҳибистеъдоди мо бо пирӯзиашон Парчами ҷумҳуриамонро дар гӯшаҳои олам баланд мебардоранд. Пешравӣ дар соҳаи илм ва варзиш маҳз тавассути дастгириҳои пайвастаи Пешвои миллат ба даст омадааст. Ба кадом

самте, ки назар афканем, хизматҳои ин марди хирадро баръало мушоҳида мекунем. Ҷаноби Олӣ бо қалби пур аз меҳру муҳаббат ва самимияти хос баҳри шукуфоии ин сарзамин ҳамеша кӯшиш мекунанд ва ин ҷавонони кишварро водор менамоянд, ки ба кору амали эшон пайравӣ намоянд.

Ҷавонони моро лозим аст, ки аз пайи илму маърифат шуда, созандагони фаъоли давлати ҳуқуқбунёду дунявию демократӣ бошанду Ватани хешро дар ҳама давру замон муҳофизат намоянд. Онҳо бояд ҳеҷ гоҳ рӯҳафтода нашуда, аз ҳеҷ як нобаробариву мушкилот наҳаросанд, балки бо ақлу дониш, саводи рӯзафзунашон монеаҳоро бартараф намоянд.

Таваҷҷуҳи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба рушду ташаккули ҷавонон – ҳамчун сарвати миллӣ, нерӯи тавонои созанда ва як рукни инкишофи ояндаи кишвар хеле бузург аст.

Баҳри рушду ташаккули ҷавонон тадбирҳои муайяну мушаххасе ба нақша гирифта шуда, зина ба зина амалӣ шудаанд. Аз ҷумла, ҷиҳати фароҳамоварии шароити мусоиди таълиму тарбияи ҷавонон, ҷалби онҳо ба маҳфилҳои илмиву озмунҳои фаннӣ, дастгирӣ ёфтани соҳибистеъдодҳо, навҷӯиву навоварӣ, ихтироъкориву кашшофӣ, интихоби роҳи дуруст ва касбу ҳунар, ташаккули нерӯи зеҳнии дорои ҷанбаи эҷодӣ, илмӣ ва навҷӯидошта, муҳайё сохтани фазои мусоиди иҷтимоӣ ва амсоли инҳо тадбирҳое мебошанд, ки дар ин давра ба нақша гирифта шуда, ҷиҳати амалӣ шудани онҳо тадбирҳои мушаххас андешида шудаанд.

Дар яке аз мулоқотҳои худ бо ҷавонони кишвар Сарвари давлат иброз дошта буданд, ки «Давлат мавқеи муҳими ҷамъиятии ҷавонони лаёқатмандро ба инобат гирифта, барои рушди ҳамаҷониба, ташаккули истеъдод ва нерӯи эҷодии онҳо фароҳам овардани шароити мусоидро зарур мешуморад».

Пешвои миллат ба рушду ташаккули тафаккури маънавӣ, ба мазмуни тарбияи миллӣ ва унсурҳои таркибии он, ба бархӯрдории ҷавонон  аз воситаҳои муосири илму техникаи муосири иттилоотиву коммуникатсионӣ, баҳрабардорӣ аз бартариҳои низоми таҳсилоти ҷаҳонӣ, ҷалби онҳо ба марказҳои инноватсионӣ, навҷӯиву навоварӣ ва кашфиёту ихтироъкорӣ, дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ, тарбия ёфтани ҷавонон диққати махсус додаанд.

Дар заминаи ғамхориҳои пайвастаи Сарвари давлат як қатор тадбирҳои мушаххас андешида шудаанд. Аз ҷумла, андозаи Стипендияи президентӣ барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чор маротиба зиёд карда шуда, теъдодаш ба 300 адад расонида шуд.

Ҷиҳати таъмини ноҳияҳо ва деҳоти дурдасти кишвар бо мутахассисон, теъдоди ҷавондухтарону ҷавонписарони тибқи Квотаи Президентӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ таҳсилкунанда сад дар сад зиёд карда шуда, вобаста ба эҳтиёҷоти баъзе аз минтақаҳои дурдасти кишварамон ба мутахассисони даркорӣ солҳои минбаъда он ҳатто то ба 300-400 дарсад расонида шуд.

Ҷиҳати дастгирии ҷавонони лаёқатманде, ки аз ҷониби маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил ба кишварҳои хориҷӣ фиристода мешаванд, Фонди махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Дурахшандагон» тавассути Муассисаи давлатии Маркази Барномаҳои байналмилалӣ таъсис дода шуд.

Бахри ташаккули ҳадафмандонаи ҷавонон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул карда шуд, ки он масъулияти на ин ки волидайн, балки ҷомеаро ба рушду ташаккули тарбияи ҷавонон зиёд намуд.

Бо маблағгузориҳои пайвастаи Ҳукумати ҷумҳурӣ ва ҷалби маблағҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, сармоягузорон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимиятӣ давлатӣ аксари мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар бозсозӣ ва ё таъмиру тармим карда шуда, мактабҳои нав сохта шуда, бо таҷҳизоти муосири замонавӣ таъмин карда шуданд. Дар масъалаи таъмини таҳсили ҷавонон бо ихтисосҳои муосири замонавӣ низ диққати махсус дода шудааст. Оид ба ин масъала, яъне таъмини таҳсили ҷавонон бо ихтисосҳои муосири замонавӣ, ки аксар дар муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар тайёр карда мешуданд, филиалҳои як қатор муассисаҳои бонуфузи таҳсилоти олии хориҷи кишвар махсусан, Федератсияи Россия таъсис дода шуд.

Сиёсати давлатии ҷавонон чи тавре қонунгузорӣ муқаррар кардааст, - Системаи ягонаи тадбирҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва тарбиявӣ мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва шаҳрвандон, бо мақсади таъмини таълиму тарбия, ташаккулу камолоти ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи пурсамари иқтидори онҳо ба манфиати ҷамъият таҳия ва татбиқ мегардад.[2]

Дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», ки ҳадафи он мусоидат ба инкишофи маънавӣ, фарҳангӣ, иҷтимоию ҷисмонӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо, муҳайё сохтани шароит барои мустақилона ва бо ҳисси масъулият ширкат кардани ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва дастгирии моддӣ, молиявӣ ва иҷтимоии ҷавонон мебошад, барномаҳои давлатӣ қабул ва татбиқ гардида истодаанд.

Ҷавонон бояд куллан ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда, вақти бештари худро дар муассисаҳои таълимиву тарбиявӣ ва фарҳангиву варзишӣ гузаронанд. На камтар аз ду забони хориҷиро баробар ба забони модарии худ донанд ва озодона муошират карда тавонанд. Дар шууру фаҳмиши онҳо на андешаву мафкураҳои бегонаи экстремистиву иртиҷоӣ, балки андешаи солими худогоҳиву хештаншиносӣ, ифтихори миллӣ, садоқат ба Ватану арзишҳои миллӣ, пойдорӣ ва устувории соҳибистиқлолии кишвар ва амсоли инҳо ҷилвагар бошад.

Чи хеле ки Пешвои миллат Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонон қайд кардаанд: «Ояндаи ҳар як давлати соҳибистиқлол ба кӯшишҳо дар роҳи устувор намудани рукни сохторҳои давлатдорӣ вобаста аст. Дар ин самт вазифаи аввалиндараҷа таълиму тарбия ва омода намудани коршиносиву муттахассисони варзида барои тамоми соҳаю риштаҳои ҳаёти ҷомеа аз ҳисоби насли наврас ва ҷавонон мебошад».

Ҷумҳурии мо аз кишварҳоест, ки 70 дарсади аҳолии онро ҷавонон дар бар мегирад. Дар воқеъ, бойигарии асосии ҳар як кишвар аҳолии он, хоса, ҷавононаш аст ва имрӯз кишвари моро низ дар ҳама самтҳо ин бойигарӣ ба пеш мебарад.

Дар бунёди давлати демократию дунявӣ мақоми ҷавонон бағоят бузург аст. Зеро дар тамоми кишварҳои дунё ҷавонон ба сифати як нерӯи ниҳоят пуриқтидори бунёдкор ва пешбарандаи ҳаёти ҷомеа шинохта ва эътироф шудаанд. Ҷавонони солим ва соҳибкасбу ихтисосманд давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи созанда ва иқтидори воқеии пешрафи ҷомеа мебошанд. Муҳимтарин хусусияти иҷтимоӣ, маънавӣ ва ахлоқии онҳо меросбарист. Азбаски онҳо халқаи ногусастании пайванди наслҳои башар маҳсуб меёбанд, қомати рости ҷомеа низ онҳоянд. Ҷавонон ҳастанд, ки иқтидори иҷтимоӣ, сарватҳои маънавӣ арзишҳои ахлоқии гузаштагонро ба мерос мегиранд. Ин аст, ки ҷавонон рамзи ҳастии миллат ва давлат мебошанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронӣ дар маҷлиси ботантана бахшида ба 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон ба самтҳои асосии марҳилаи имрӯзаи рушди давлатдорӣ ибрози ақида намуда, гуфта буд :«Самти панҷумро метавон сиёсати «Рӯ овардан ба ҷавонон» номид. Моҳияти асосии ин самт аз он иборат аст, ки барои беҳбудии шароит рушди маънавию ахлоқӣ ва таҳсилу кори ҷавонон имкониятҳои муносиб фароҳам оварда шавад.

Мо бояд дар замири насли ҷавон ҳисси баланди миллӣ эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида, сабру таҳаммул, омӯзиши илм ва касбу ҳунарҳои муосир, ҷиддияту меҳнатдӯстӣ ва эҳтироми

волоияти қонунро талқин намоем, то онҳо тавонанд дар оянда ҳамчун намояндагони сазовор ва шоистаи миллати хеш Ватани азизамонро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ намоянд».

Вазифаи муҳим пеш аз ҳама ба ҷавонон фаҳмонидани мазмуни моҳияти ***Истиқлолият*** буд. Дар ин ҷода Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид менамояд: «…Бояд пеш аз ҳама ҷавонони мо мазмуни моҳияти Истиқлолият, худшиносӣ, ифтихори миллӣ ва Ваҳдату ягонагии миллатро дарк намоянд». Зеро инҳо мафҳумҳое мебошанд, ки ҳар як ҷавон дер ё зуд барои фаҳмидани аслии онҳо мекӯшанд.

Қадамҳои аввал дар роҳи ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар мамлакат бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» 13 марти соли 1992 гузошта шуд. Яъне, сиёсати давлатии ҷавонон ҳамқадами Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар ин давра кишвари мо дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба дастовардҳои зиёд ноил гардид. Бахусус, дар раванди фаъолгардонӣ ва маърифатнокии ҷавонон баҳри бунёди давлати соҳибистиқлол корҳои назаррас ба анҷом расиданд.

Яке аз дастовардҳои муҳим барои ҷавонон таваҷҷӯҳи бевосита ва падаронаи Президенти мамлакат ба насли ҷавони кишвар мебошад.

Дар тӯли соҳибистиқлолии мамлакат Сарвари кишвар чандин маротиба бо ҷавонон мулоқоти бевосита баргузор намуд, ки дар онҳо масъалаҳои зиёди мубрами ҳаётии наврасону ҷавонон баррасӣ ва ҳал гардиданд.

Дар баробари ин, Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурӣ дар ҳама сафарҳои корӣ хоҳ дар хориҷ, хоҳ дохили кишвар пайваста бо ҷавонон вохӯриҳо анҷом дода, аз кору пайкор ва мушкилоти ҳаёти онҳо пурсон мешавад ва аз ҷиҳати бартараф гардидани онҳо ва мусоидат ба рушду такомулёбӣ дар ҷаҳони муосир дастурҳо медиҳад.

Дар яке аз мулоқоташон Пешвои миллат бевосита таъкид менамоянд, ки «Ҷавонон бояд сабақҳои Истиқлолиятро ҳаматарафа омӯзанд, аз раванди солиму носолими сиёсати имрӯз огоҳ бошанд, таърихи гузаштаву ҳозираи халқи худро гаштаву баргашта варақ зананд ва аз Ватан, миллат, забон ва фарҳанги худ ифтихор намоянд».

Сарвари кишвар дар роҳи бунёди давлати соҳибтамаддун ва нигоҳ доштани Истиқлолияти давлатӣ нақши ҷавононро хеле муҳим арзёбӣ менамояд ва ҳамин буд, ки то имрӯз баҳри худташаккулёбӣ ва рушди ҷавонон тадбирҳои зиёде татбиқ гардидаанд.

Президенти кишвар сиёсати давлатии ҷавононро самти афзалиятноки рушди мамлакат дониста, чунин таъкид мекунад: «Мо бояд сиёсати давлатии ҷавононро дар қатори масъалаҳои стратегии

давлатӣ ва амнияти миллии кишвар ҳисобида, авзои иҷтимоӣ ва иқтисодии насли наврас, аз қабили ҷараёни демографӣ ва муҳофизати ҷавонон, сатҳи саводнокии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, танзими оила, афзудани иллатҳои нашъамандӣ, зӯроварӣ дар байни ҷавонон ва ғайраро мавриди таҳлилу омӯзиши ҷиддӣ қарор диҳем».

Дастоварди дигаре, ки хусусияти муҳим дорад ва асоси татбиқи сиёсати давлатии ҷавононро дар ҷумҳурӣ ташкил медиҳад, созмон ёфтани мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон мебошад, ки тамоми фаъолияти ҳамбаста ба ҷавононро ҳамоҳанг месозад, хадамоти алоқамандро таҳия ва барои татбиқ мусоидат менамояд.

Ҳамчунин, яке аз дастовардҳо, ки хусусияти миллӣ дорад, ташаккул ёфтани заминаи меъёрию ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон мебошад.

Имрӯз дар кишвар вобаста ба татбиқи афзалиятҳои сиёсати давлатии ҷавонон асноди меъёрию ҳуқуқӣ, аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020,» Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон (аз соли 2002), Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон» (аз соли 1999), Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 2006) амалӣ мегарданд.

Ҳамасола дар ҷумҳурӣ даҳҳо макотиби таҳсилоти умумӣ, литсею гимназия ва филиали коллеҷу макотиби олии мамолики хориҷӣ ифтитоҳ меёбанд. Ҷавонони боистеъдод тибқи Квота ва ба тариқи озмун ба кишварҳои хориҷӣ ба таҳсил мераванд. Дар баробари гирифтани ихтисос ҷаҳонбинии ҷавонон васеъ мешавад.

Ҷопониҳо мақоле доранд, «Агар ғами яксоларо хӯрӣ, шоликорӣ кун, агар даҳсоларо мадди назар дошта бошӣ, боғ бунёд кун ва агар андешаи садсоларо карданӣ бошӣ, соҳаи маорифро пурқувват намо». Ҷопон кишваре мебошад, ки аз захираҳои табиӣ чандон бой нест. Вале онҳо бо такя ба нерӯи зеҳнӣ ва рушди соҳаи маориф ба пешрафт ноил гаштанд. Аз ин рӯ, сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти ҷумҳурӣ доир ба рушди соҳаи маориф ва тарбияи кадрҳои болаёқат ояндаи дурахшони ҷомеаро таъмин мекунад.

**Адабиёт:**

*1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-ноябри соли 1994. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе; 1994*

*2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз 22-декабри соли 2016.*

*3.Низомномаи Шӯрои миллии кор ба ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015.*

*4. Набиев. В. М. Президент Эмомалӣ Раҳмон ва ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2013. – 48 с.*
*5.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон”; аз 27-уми. 11.2014с, №1161, Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷискистон.-№7 с.459. 2011; №6-с.429.*
*6.Раҳмонов.Э.Ш. Ҷавонон – оядаи миллат. – Душанбе: Ирфон, 1998.*

**Саидов Ш.Ш.,**
*н.и.с., дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ*

## ТАРБИЯ ЯКЕ АЗ САМТҲОИ МУҲИМИ ФАЪОЛИЯТИ ОМӮЗГОР

Омӯзгорон дар ҳама давра баробари омӯзонидани илму дониш дар тарбияи инсони хештаншинос, худогоҳ, меҳнатдӯсту меҳанпараст саҳми босазо доранд. Наврасону ҷавонон дар давраи таҳсили дар мактаби миёна ва баъдан дар мактабҳои олӣ аз муаллимон ҳам аз рӯи ин ё он ихтисос касб меомӯзанд ва ҳамзамон аз тарбияи онҳо бархурдор мегарданд. Ҳоло ҳам дар мактабҳои миёна ва ҳам дар донишгоҳҳо барои дуруст ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ дар як ҳафта соати алоҳида муқаррар карда шудааст, ки дар он омӯзгорон ба таври алоҳида ба мавзӯи тарбиявӣ мепардозанд. Ин соатро дар донишгоҳ дарси кураторӣ ном мебаранд, ки омӯзгорон дар ин ё он гурӯҳи академӣ ҳафтае як соат дарси тарбиявӣ мегузаранд.

Асоси фаъолияти дарсҳои куратoриро дар ин давра пеш аз ҳама мавзӯҳои тарбиявӣ ва корҳои берун аз аудиторӣ (ҷамъиятӣ) дар бар гирифта, ҳамзамон дар соли якум қисми дарсҳои кураторӣ ба баррасии қонуну қоидаҳо ва низомномаҳои зерин, ки барои фаъолият ва тарбияи донишҷӯён аҳамияти муҳим доранд, бахшида шуда буданд: Низоми дохилии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Қоидаҳои донишҷӯ барои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаҳои донишҷӯ барои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Қонуну дастурамалҳои зикр шуда, ки танзимкунандаи фаъолияти тарбиявии омӯзгорон мебошанд, ҳамчун дастури роҳнамо барои пешбурди корҳои тарбиявии омӯзгорон дар

самти тарбия намудани донишҷӯён дар руҳияи худшиносӣ, меҳанпарастӣ ва камолоти инсонӣ хизмат менамоянд.

Фаъолияти дарсҳои тарбиявии куратор дар донишгоҳ (ДДҲБСТ) дар як сол 75 соатро ташкил медиҳад, ки як қисми он дарсҳои аудиторӣ ва қисми дигар иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ, сиёсӣ, шанбегиҳои донишгоҳӣ ва шаҳриву вилоятиро дар бар мегирад. Донишгоҳ барои иҷрои соатҳои мазкур ба омӯзгорон ба ғайр аз маоши моҳона, маблағи алоҳида пардохт менамояд.

Бояд қайд намуд, ки соли равон бо дастгирии ректори донишгоҳ маблағи соатҳои кураторӣ 25% баланд карда шуд. Агар қаблан ассистентон барои як соат 7,5 сомон мегирифтанд, инак он ба 10 сомонӣ расид, ки ба устодони соҳибунвон аз ин ҳам бештар маблағ пардохт карда мешавад. Чунин иқдом ва дастгирӣ аз таваҷҷӯҳ ва ғамхориҳои раёсати донишгоҳ барои беҳтар намдудани корҳои тарбиявӣ ва ҳамзамон баланд бардоштани вазъи иҷтимоии омӯзгорон равона гардидааст.

Баробари ин ғамхориҳо омӯзгорон фаъолияти тарбиявии худро ҷоннок менамоянд. Омӯзгор-куратори гурӯҳ ба ғайр аз дарсҳои тарбиявӣ, ки ҳафтае як маротиба муқаррар шудааст, дар як соли хониш маҷлиси падару модарон ва дарси кушоди тарбиявӣ ташкил менамояд. Ҳар ду ин чорабинии тарбиявӣ ба чигунагии раванди тарбияи донишҷӯён таъсири муайяни худро мегузорад.

Дарси кушоди тарбиявиро на куратори гурӯҳ, балки худи донишҷӯён мегузаронанд ва дар он намояндагони шӯъбаи тарбияи донишгоҳ, декани факултет, мудири кафедра, омӯзгорон ва волидайни донишҷӯён иштирок менамоянд. Дарси мазкур ҳам сатҳи фаъолияти тарбиявии омӯзгор ва ҳам фаъолнокии донишҷӯёни гурӯҳро то ба андозае маълум менамояд. Мавзӯҳои дарс одатан бо масъалаи тарбиявӣ алоқаманд интихоб мегардад ва дар асоси он саҳнача, қироати шеър, суруд ва боз навъҳои дигари ҳунарнамоӣ намоиш дода мешавад.

Маҷлиси падару модарон низ яке корҳои муҳим дар самти тарбия ба шумор рафта, он соле ду маротиба гузронида мешавад. Дар маҷлис одатан ҳам ба таври хаттӣ ва ҳам тариқи телефон падару модарони донишҷӯён даъват карда мешаванд. Вале мутаасифона бо сабабҳои гуногун баъзе аз волидайн дар ин маҷлисҳо иштирок намекунанд ва ба ҷои хеш бародари донишҷӯ ва ё наздикони ӯро мефиристанд. Чунин муносибати онҳо то ба андозае аз бепарвоии падару модар нисбати фаъолияти фарзандонашон шаҳодат медиҳад ва он ба сатҳу сифати раванди тарбияи донишҷӯён таъсири худро мерасонад. Хушбахтона, падару модароне ҳастанд, ки ба серкориву серташвишии зиндагӣ нигоҳ накарда, мунтазам ба маҷлисҳо иштирок мекунанд ва аз ҳоли фарзандонашон бохабар мешаванд. Ва онҳо ба

ин боваранд, ки чунин муносибат барои беҳтар шудани таълиму тарбияи фарзандонашон мусоидат менамояд, зеро аз наздик ошно шудан бо шароити хониш, дарсҳои устодон, гуфтугӯи рӯбарӯ бо омӯзгорон имкон фароҳам меорад, ки  ба таври кофӣ аз сатҳи иштироку фаъолнокии фарзандашон дар машғулиятҳо ва корҳои дигари ҷамъиятӣ ошно гарданд. Дар ҳақиқат, он падару модароне, ки мунтазам аз ҳоли фарзандашон огоҳ мешаванд, он донишҷӯён нисбат ба ҳамсабақонашон фаъол буда, интизоми намунавӣ доранд.

Яке аз корҳои дигаре, ки кураторон дар самти тарбия ба анҷом мерасонанд, ин дар ҷамъбасти ҳар як нимсолаи хониш баъди он, ки донишҷӯён имтиҳонҳои худро месупоранд, фиристодани мулоҳизоти ҷамъбастӣ оид ба фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ ва илмиву эҷодии донишҷӯён ба падару модарони онҳо мебошад. Ин иқдом бо мақсади иҷроиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» сурат мегирад. Дар маҷмӯъ мулоҳизот қисматҳои зеринро дар бар мегирад: натиҷаи давомоти донишҷӯ, натиҷаи ҷамъбасти сессия тибқи фанҳои таълимӣ, риояи фармони Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №322 ва №394 ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониш, пешгирии ҳодисаҳои номатлуби бо мошинҳои шахсӣ, телефонҳои мобилӣ ва сару либоси ғайрирасмӣ ҳозир гардидани донишҷӯ ба донишгоҳ, иштироки донишҷӯ дар чорабиниҳо,  иштироки донишҷӯ дар маҳфилҳои илмӣ, олимпиада, мусобиқаҳои варзишӣ, тавсияҳо барои беҳтар намудани пешрафти донишҷӯёнро дар бар мегирад. Падару модарон бо роҳи дарстас намудани мулоҳизот оид ба вазъи донишазхудкунӣ, одобу рафтор ва умуман аз сатҳи фаъолнокии фарзандашон дар донишгоҳ ошно мегарданд. Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани робитаи волидайни донишҷӯён бо омӯзгорон ва беҳбудӣ бахшидани корҳои тарбиявӣ хуб мешуд, падару модарон баъди дастрас намудани мулоҳизот фикру андешаҳои хешро роҷеъ ба фаъолияти фарзандашон ба омӯзгорон мактуби ҷавобӣ мефиристоданд.

Дар баробари дигар корҳо омӯзгор-куратор ҳафтае як маротиба дар асоси мавзӯҳое, ки дар нақшаи нимсола ва ё солонаи соати тарбиявӣ нишон дода шудааст,  соати тарбиявӣ мегузаронад. Дар умум мавзӯъҳои соатҳои тарбиявиро метавон ба категорияҳои зерин тақсим намуд:

А) Масъалаҳои марбут ба истиқлолияти давлатӣ ва давлатдорӣ;

Б) Эҳтироми арзишҳои миллӣ ва гуманистӣ;

В) Ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ;

Г) Рушди шахсияти донишҷӯ;

Ғ) Риоя намудани тартиботу қонунҳои амалкунанда.

Тамоми мавзӯъҳои дарси тарбиявие, ки омӯзгорон дар давоми сол мегузаронанд, дар асоси  Консепсияи миллии тарбия, қонунҳои дар соҳаи тарбия амалкунанда, мавзӯъҳои тавсиявии донишгоҳ оид ба гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ, нақшаи тарбиявии факултет ба нақша даровардa мешавад.

Ба ғайр аз дарсҳои кураторӣ ҳар як омӯзгор дар вақти дарсҳои фаннӣ, ки дар ин ё он гурӯҳ дарс мегӯянд, бевосита ба ҷанбаи тарбиявии дарс диққат дода, дуруст тарбия намудани донишҷӯёнро ба эътибор мегиранд, зеро дар низоми имрӯзаи таълим тарбия баробари илм ва таълим яке аз самтҳои муҳими фаъолияти донишгоҳ ва омӯзгорон ба ҳисоб меравад.  Ба назари мо, вазифаи муаллим танҳо лексия хондан нест ва агар кор танҳо лексия хондан бошад, бисёри фанҳоро донишҷӯён метавонанд ба таври инфиродӣ аз худ кунанд. Дар асл ба андешаи мо, вазифаю рисолати устод аз ин кор басо бештару болотар аст. Ҳеҷ гоҳ таъсири рӯҳиву равонии устодро дигар воситаҳои таълимӣ иваз карда наметавонанд. Сарфи назар аз рушди технологияи компутерӣ нақши устод дар камолоти маънавию гуманистии донишҷӯён боқӣ хоҳад монд.

Бояд қайд намуд, ки дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти кураторон ва қадрдонӣ намудани меҳнати онҳо ҳамасола озмуни «Беҳтарин куратори сол» баргузор мегардад, ки дар он аз ҳар факултет як куратор ширкат менамояд. Натиҷаи озмун аз тарафи ҳайати ҳакамон ҷамъбаст гардида, ба се ҷои аввал диплом ва тӯҳфаи молиявӣ такдим карда мегардад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки озмуни мазкур ба баланд гардидани фаъолияти тарбиявии омӯзгорон таъсири мусбии худро расонида истодааст.

Хулоса, барои сазовор шудан ба шарафу номи воқеии омӯзгорӣ, меҳнату ранҷи зиёд лозим аст. Аз як ҷониб ин аз заҳмату талоши бевоситаи омӯзгор вобаста бошад, аз тарафи дигар шароити иҷтимоиву иқтисодии онҳо дар анҷом додани корҳои таълимиву тарбиявӣ таъсири муайяни худро мерасонад. Ба ин нигоҳ накарда омӯзгор бояд худ идеал ё худ намунаи гуфторҳои хеш бошад, то дарсҳои ӯ ба рафтору кирдор ва омӯзиши донишҷӯён таъсир расонад. Чи тавре ки мебинем, дар кишвар ҳазорҳо муаллимон дорем, аммо на ҳамаи онҳо сазовори ин ному шараф ҳастанд. Чуноне ки яке аз нависандагони барҷастаи немис Гёте гуфтааст: **«Дар назди онҳое, ки мо таҳсил мекунем дуруст аст, ки онҳоро муаллимони мо мехонанд, аммо на ҳамаи онҳое, ки ба мо дарс медиҳанд, сазовори ин ном ҳастанд».**

Ба андешаи мо чунин сифатҳо барои дуруст анҷом додани корҳои тарбиявӣ аз тарафи омӯзгорон таъсири назаррас мегузорад:

1. *Аз сидқи дил дӯст доштани касби худ;*

2. *Дуруст дарк карда тавонистани рисолати хеш;*
3. *Намуна будан дар гуфтору рафторе, ки ба шогирдон омӯзонида мешавад;*
4. *Принсипнок будан дар фаъолият;*
5. *Содиқ будан дар касби пешанамуда;*
6. *Эҳтиром кардани донишҷӯён;*
7. *Серталаб будан нисбати хеш ва шогирдон;*
8. *Пайваста такмил додани донишу малакаи касбӣ.*

**Саидҷонов С.Ш.,**
*сармуаллими кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии ДДҲБСТ,*
**Ашӯров У.З.,**
*ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи ДДҲБСТ*

## ҒОЯҲОИ ТАҲДИДКУНАНДАИ ТЕРРОРИСТӢ ВА ЭКСТРИМИСТӢ БА ТАФАККУРИ ҶАВОНОН

Имрӯзҳо ҷомеаи ҷаҳониро ифротгароӣ, экстремизм ва терроризм ба ташвиш овардаааст ва онҳо барои амнияти миллӣ ва давлатдории ҳар як мамлакат ва тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ хатар эҷод мекунад.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо вазъият ба куллӣ тағйир ёфта, дар кишварҳои Шарқи наздик ҷангу хунрезиҳоро ба миён овард.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки «Солҳои охир терроризм ва экстримизм ба хатари глобалӣ табдил ёфта, ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст. Афзоиши ҷиноятҳои хусусияти эктримистӣ ва террористӣ дошта ба вусъат ёфтани терроризми байналмилалӣ, фаъолшавии унсурҳои тундраву ифротгаро, ҷалби ҷавонон ба сафи созмонҳои эктримистиву террористӣ ва иштироки онҳо дар низоъҳои мусалаҳонаи давлатҳои хориҷӣ мусоидат менамояд».

Вобаста ба вазъияте, ки имрӯз дар ҷаҳон ба амал омадааст, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати сарони давлатҳо, ин мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм мебошад. Имрӯз дар як қатор давлатҳо ҷангҳои харобиовар идома дошта, боиси афзоиши шумораи

фирориёни иҷборӣ, бекорӣ, гуруснагӣ ва шиддат гирифтани проблемаҳои дигари иҷтимоӣ гардидаанд. Терроризм ва ифротгароӣ беш аз ҳарвақта авҷ гирифта, бо оқибатҳои даҳшатбору бераҳмонаи худ ба муаммои ҷиддитарини инсоният табдил ёфтааст".

Шаклҳои зиёди экстремизм вуҷуд дошта, яке аз он экстримизми наврасон ва ҷавонон маҳсуб меёбад. Экстремизми наврасон ва ҷавонон назар ва навъи рафтори ҷавонон аст, ки аз рӯйи принсипи қувва, хушунат нисбати дигарон, то ба таҷовуз ва куштор асос ёфтааст. Ӯ адоват ба гуногунандешӣ (махсус нисбат ба ҳаракатҳои муайяни ҷавонон), инчунин хоҳиши бунёди ҷомеаи тоталитариро дар асоси тобеият пешниҳод менамояд.

Экстремизм ва терроризм дар маҷмӯъ хатари воқеӣ ҳам ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳам барои кишвари мо ба ҳисоб меравад. Сабабҳои пайдоиши экстремизмро ҳамчун сатҳи пасти дониши динӣ ва дунявӣ, маърифати ҳуқуқӣ, моддӣ, идеологӣ, хоҳиши табадулот ва норозигӣ аз вазъи воқеӣ, пайдо намудани шавқ ба фаъолияти нав, ҷой доштани камбудиҳо дар тарбияи оилавӣ, коҳиш ёфтани сатҳи зиндагӣ, хусумати шахсии роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ ва байни шахсиятҳои сиёсӣ, поймол намудани ҳуқуқҳои динӣ ва этникӣ, дар сатҳи паст қарор доштани фарҳанги иттилоотӣ, фаъолияти динии мубаллиғони хориҷӣ ва ғайраҳо арзёбӣ намудан мумкин аст.

Ҷавонон, ки яке аз қишри осебпазири ҷомеа ба ҳисоб меравbooth, бештар, ҳадафи асосии гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ мегарданд. Барои фаҳмиши дурусти ин масъала бояд худи мафҳуми «ҷавонон» ва сабабҳои шомил гардидани онҳо ба ин ҳизбу ҳаракатҳо мавриди таҳлилу қарор гирад.

«Ҷавонон – ин гурӯҳи иҷтимоию демографӣ мебошанд, ки дар асоси маҷмуи хусусиятҳои синну сол ҷудо карда шуда, аз хусусиятҳои вазъи иҷтимоӣ ва аз дигар хусусиятҳои иҷтимоӣ-равонӣ вобастагӣ дорад. Ҷавонӣ ҳамчун марҳалаи муайяни давраи зиндагии биологӣ гуногунпаҳлӯ аст, вале доираи мушахасси синнусолии он, ки бо мақоми иҷтимоӣ ва хусусиятҳои иҷтимоӣ-равонӣ алоқаманд аст, дорои хусусияти иҷтимоӣ-таърихӣ буда, аз сохтори ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва қонуниятҳои ҷомеакунонии он вобастагӣ дорад». Муҳити ҷавонон бо хусусиятҳои иҷтимоии худ ва дарки муҳити атроф яке аз қисми ҳассоси ҷомеа маҳсуб меёбад, ки дар он иқтидори манфӣ барои эътироз босуръат ба амал меояд. Таҳти таъсири омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайра дар муҳити ҷавонон онҳое, ки бештар ба ин таассурот гирифтор дучор мешаванд, ташаккули ақидаҳои радикалиро ба вуҷуд меорад. Ҳамин тариқ, шаҳрвандони ҷавон сафи созмонҳои экстремистӣ ва террористиро зиёд менамоянд, ки дар ин раванд ҷавонони тоҷик ҳам истисно нестанд. Ҳамаи гурӯҳҳои экстремистии ҷавонон характери ғайрирасмӣ дошта, дар бораи

заминаи идеологӣ доштани ин гурӯҳҳо ва ҳаракатҳои ифротӣ тасаввурот надоранд.

Яке аз хислатҳои ҷавонон ҳамчун субъекти муносибатҳои сиёсӣ ин хусусияти вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад, ки аз ноустувории нисбӣ, тағйирёбии мавқеи ҷавонон дар сохтори ҷамъиятӣ, мақоми иҷтимоии начандон баланди онҳо, маҳдудияти алоқаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иштироки сиёсӣ муайян карда мешавад. Ҳолати зерин ҷавононро бо мавқеи нобаробар бо дигар гурӯҳҳои бештар ташаккулёфтаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мегузорад ва бо ин муҳити мусоиди низоъҳои гуногуни иҷтимоӣ, таъсири омилҳои идеологии беруна дар тафаккури сиёсии ҷавонон пайдо шуда, аксар вақт тобиши сиёсиро мегирад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати демографӣ дар ҳоли рушди доимӣ қарор дошта, аз нисф зиёди аҳолӣ, яъне қувваи асосии пешбарандаи онро ҷавонон ташкил медиҳанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсола ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017-ро соли ҷавонон эълон намуданд. Ба таъкиди Сарвари давлат, ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд.

Сарвари давлат, масъалаи наврасону ҷавонон ва ҳалли мушкилоти ҳаёти онҳоро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон намудааст. Ба хотири таъмини шароити донишомӯзии наврасону ҷавонон солҳои охир аз тарафи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёде ба сомон расонида шуданд. Таъмиру таҷдиди мактабҳо, сохтмони муассисаҳои таълимии наву замонавӣ, сифати чопи китобҳои дарсӣ ва дастрасии онҳо, компютерикунонии муассисаҳои таълимӣ амалӣ гардонида шуда, Китобхонаи миллӣ бо таҷҳизоту технологияи пешрафтатарин ба истифода дода шуд. Ҳоло дар 39 муассисаҳои таҳсилоти оли кишвар 170 ҳазор нафар донишҷӯён таҳсил доранд.

Ташкили кор оид ба пешгирӣ намудани ҷавонон аз шомилшавӣ ба гуруҳҳои экстремистӣ зина ба зина якчанд марҳаларо дар бар мегирад. Ба андешаи мо, хуб мешавад, ки дар асоси барномаҳои махсус бо ҷавонон ва наврасон дар муасиссаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ, чорабиниҳо ва вохӯриҳо, маҳфилҳо, мизҳои гирд бо иштироки

намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони ҷомеаи шаҳрвандӣ гузаронида шаванд.

Дар ин робита, мувофиқи мақсад шуморида мешавад, ки амалҳо оид ба паст намудани зуҳуроти экстремистӣ дар муҳити ҷавонон ба самтҳои зерин равона карда шаванд:

- ба муносибгардонӣ ва беҳтар намудани муҳити иҷтимоии ҷавонон, дар он ташкил намудани фазои мусоид барои ҳамкориҳои созанда, тарғиби эҳсосоти мусбат аз иштирок дар амалишавии лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва ҳавасманд гардонидани ҷавонон аз натиҷаи ба даст овардаи он, инчунин аз таҷрибаи ҳалли масоили насли ҷавон;
- ташаккули механизмҳои таҳлили ифротгароии ҷавонон, коркард намудани усулҳо барои нест кардани он ва дар ҷои он ташкил намудани соҳаҳои иҷтимоии созанда;
- ба вуҷуд овардани механизмҳои пурмаҳсули таъсир ба раванди сотсиаликунонии ҷавонон ва ворид намудани онҳо ба фазои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа;
- баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар оила, мактаб ва муассисаҳои олӣ.

Сулҳе, ки Пешвои миллат, Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Тоҷикистон овард, нодиртарин ва қиматтарин наъмат мебошад. Ба мо зарур аст, ки ин ваҳдати миллӣ ва сулҳро чун гавҳараки чашм ҳифз намуда, дар муқовимат ба афкори экстремистӣ, террористӣ муташаккилона мубориза барем.

**Адабиёт**:


*1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, 22 декабри соли 2016.*

*2. Пособие по профилактике религиозного экстремизма в молодежной среде. Учебное пособие. // Сост. и ред. В.В.Митрофаненко, С.Ш.Шакирова, А.В.Шаповалов. – Ставрополь, 2014. – 306 с.*

*3. Кон И.С. Социология личности. – М., 1967. – 387 с.*



**Сатторова М.,**
*мутахассиси шӯъбаи аспирантура ва докторантураи ДДҲБСТ*
**Кӯзиева Н.,**
*унвонҷӯ*


## РИСОЛАТИ ДЕРИНАИ АҶДОДӢ

Дар таърихи фарҳангу тамаддуни тоҷик андарзгӯиву насиҳатнома навиштан таърихи беш аз ҳазорсола дорад ва дар

тарбияи ахлоқии ҷомеа то имрӯз муассир аст. Дар пайравии гузаштагони соҳибназару соҳибқалами тоҷик дар замони муосир низ ашхоси фозилу хирадманд аз таҷрибаи зиндагиву рӯзгори хеш ба фарзандону шогирдонашон насиҳатнома менависанд. Ин гуна насиҳатномаҳо гоҳо бо унвони "Нома ба фарзанд", "Нома ба духтар", "Насиҳатнома" навишта мешаванд ва аксари онҳо дар доираи оилаву дӯстони наздик мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар давоми даврони истиқлолият баъзе аз ин насиҳатномаҳо тавассути расонаҳо ва ё дар шакли китоб нашр ёфтанд, ки ошноӣ бо ин гуна таълифот аз арзиши тарбиявии онҳо дарак медиҳад.

Яке аз ин гуна насиҳатномаҳое, ки таҳти унвони "Андарзи рӯзгор" тавассути нашриёти "Ношир" соли 2004 интишор шудааст ба қалами як нафар фарди деҳқон вале босавод Абдуғанӣ Саидов тааллуқ дорад. Муаллифи ин китоб бо муҳаббату ихлоси гарм, дили бедору аз рози ирфону ҳикмат огоҳ, вуҷуди ҳакимона китоберо эҷод кардааст, ки дар замони муосир, ки арзишҳои ахлоқӣ тағйир пазируфта истодааст аҳамияти бештар пайдо кардааст. Саидов Абдуғанӣ яке аз собиқадорони ҷанг ва меҳнат буда, дар деҳаи Сойчаи ҷамоати деҳоти Ёва, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба дунё омадааст. Ӯ соли 1942 ба сафи Армияи Шӯравӣ даъват мешавад. Хатти ҷангии Саидов Абдуғанӣ аз муҳорибаҳои сарзамини Қрим оғоз ёфта, то шаҳри Симферопол, Севастопол ва ғайра идома ёфтааст. Вай дар дивизияи 128 ҳамчун тирандоз хизмат кардааст. Соли 1944 Қримро озод намуда, барои муҳофизати хоки кишварҳои Полша, Чехословакия, Руминия, Булғория, Венгрия сафарбар карда мешавад. Абдуғанӣ Саидов ҳамроҳи дивизия ғалабаро дар Чехословакия ҷашн гирифтааст. Дар рафти ҷанг чандин корнамоиҳо нишон додааст.

Абдуғанӣ Саидов баъди бозгаштан ба Ватани худ дар хоҷагии ба номи Раҳмон Набиев меҳнат карда, ҳамчун ветерани меҳнат, инсони кордону хайрхоҳ дар ёди мардум боқӣ мондааст. Вай хонадор шуда, соҳиби 9 фарзанд – 4 писар ва 5 духтар гардидааст. Ӯ соли 1989 аз олам гузаштааст, аммо дар дилу дидаи фарзандон ва дӯстон абадӣ боқӣ мондааст.

Пандномаи «Андарзи рӯзгор» мероси маънавию ахлоқии Абдуғанӣ Саидов буда, он аз лиҳози мавзӯву мундариҷа, забон ва сабку услуб барои хонандаи имрӯз фаҳмо ва дастрас мебошад. Муаллифи китоб ба фарзандонаш аз гузашти рӯзгор, воқеаҳои аз сар гузаронидааш ва дидааш сухан карда, пастиву баландии рӯзгорро нишон медиҳад ва ба фарзандон барои бо сари баланд ва бешикасту рехт зиндагӣ кардан раҳнамоӣ менамояд. Муаллиф бо забони содда

вале муассир аз маънии зиндагӣ ва гузашти умр ҳикоят мекунад.Насиҳатнома бо ин суханони таъсирбахш оғоз меёбад:
**“Эй фарзанд, синнам ба шаст расидааст. Шаст сол инҷониб дар арсаи олам ҳаёт ба сар мебарам, аммо дар хиёбони хаёлот афтодаам, давраи ҷавониро аз сар бадар кардам, ба саҳрои пирӣ қадам ниҳодаам. Умри азизи худро гузаронидаам, агар ба забони мисол гӯям, хуршеди оламоро намоён гардиду ниҳон рафт, тире аз камон баромаду ба хок хӯрд, меҳмоне ба даргоҳ омаду баромада рафт, ба санге менишастам, аз канораҳои олам корвоне намудор мегашту нопадид мерафт. Ман дар сарзамини олам ҳастиро бақо надидам. Айём хоҳ талх буду хоҳ ширин, мегузарад, хоҳ тавонгар бошиву хоҳ камбизоат умр дармегузарад. Ту забардаст будӣ, ё ки зердаст мондӣ, мегузарад. Рӯзе дар фароғат, дар тӯю тамошо ва рӯзе дар мусибат мегузарад. Шахсе тамоми умр сиҳату саломат, тану ҷонаш солим, мегузарад, дигаре тамоми ҳастии умр бемор, риёзат мекашад, умр мегузарад, чунон тез мегузарад, ки ту бехабар хоҳӣ монд.”**
Муаллиф даъвои нависандагӣ намекунад, ҳадафи ӯ худро ҳамчун нависанда муаррифӣ кардан нест,балки аз фарзандонаш хоҳиш дорад, ки агар дар навиштаҳои ӯ саҳве бубинанд ислоҳ намоянд ва сабаби навиштани онро тавзеҳ диҳад:

**“Дар «Васиятнома» хатоҳо бинӣ, ислоҳ кун, зеро ки ман дар ягон донишкада таҳсил накардаам, устод ва муаллиме надорам. Дар асоси васиятҳои ман амал кун, суд мебинӣ, зиён нахоҳӣ дид.Ман дар тӯли мавҷудияти худ дар ин сарзамин умр ба сар бурдам. Имрӯз навбати туст.**

**Расму оини ҷаҳон аст, ки пирони куҳан ба писарон васият мекунанд. Шояд ту мепурсӣ, - чаро васият мекунанд, ҳаёт, рӯзгор ва замони онон дигар буду аз они мо дигар аст? Бале, ин саволи баҷост, ки ман ба он ҷавоб мегӯям. Ҳамеша замонҳо нав ба нав меоянд ва расму оинҳои навро мепарваранд. Вале ҳамаи замонҳо накӯкорӣ, хоксорӣ, озодагӣ, меҳнатдӯстӣ, ширинзабонӣ, хушодобиро мепарастанду бадкирдорон, мутакаббирон, бадзабонон, бадхоҳон, меҳнатгурезонро меронанд, мардуд мекунанд, лаънат мекунанд.”**

Муаллифи “Андарзи рӯзгор” , китобро ба бобҳо қисмат карда, дар ҳарбоб сари як мавзӯи мушаххас андешаронӣ кардааст. Ин усули баёни муаллиф дар пайравии китобҳои пешини суханварони тоҷик буда, тартибу танзими китоб ва маърифати хонандаро ифода мекунад. Аз ҷумла бобҳои “Хушодобӣ”, “Падару модарон”,”Хоҳар ва бародарон”, “Илму дониш”, “Меҳмон ва меҳмондорӣ”,”Қаҳру ғазаб” , “Хушзабонӣ”, “Некӣ ва некномӣ “, “Оиладорӣ” ва ғайра ба хонанда маводҳои муфиди ҳаётиро пешниҳод мекунад.Дар китоб қиссаву ривоят, воқеаҳои таърихӣ, порчаҳои манзум сухани муаллифро

қавитару таъсирбахш намудааст. Дар порчаҳо манзум, ки бо сабки хоси муаллиф иншо шудааст зимнан матлабҳои муҳими тарбиявиро баён месозад:

*Некӣ кун бо аҳли олам, некиро мепарваранд,*
*Некномони ҷаҳон қиматбаҳо аз гавҳаранд.*
*Мор аз бадзаҳрияш гардид сабаб бар марги хеш,*
*Обу оташ мухталифу душмани якдигаранд.*
*Неку бад мерос мемонад туро андар ҷаҳон,*
*Ноки нек мепарваранд хурду калон андар забон.*
*Шер аз бадхашмиаш гардид гирифтори қафас,*
*Реша мекобад дарахти бесамарро боғбон.*

Муаллифи китоб бо овардани ҳикояҳои воқеӣ ба фарзанд пандҳои ҷолиброро медиҳад, ки он дар осори гузаштагон собиқа надорад:

**“Шахсе дӯст пайдо кард. Ҳамчун ду паллаи тарозу бо ҳамдигар анису меҳрубон буданд. Ҳамчун фарзанди як падару модар ҳаёт ба сар мебурданд. Рӯзе яке аз онҳо бемор гашт, дар бемористон мехобид. Аммо дӯст бо сабабҳои узрдор ба дидани дӯст омада натавонист, вале саломатии дӯсташро мешуниду хотир ҷамъ медошт. Бемор аз ҳолати ӯ бехабар ба шахсе шикояти вазнин кард. Ғаммозе ба дӯст расонид. Дӯст аз дӯсти бемор даст бишуст, риштаи дӯстӣ баркашид.**

**Эй фарзанд, оқибати корро нафаҳмида, аз дӯст шикоят макун, то ки дар хиҷолат намонӣ.”**

Яке аз бобҳои ҷолиби китоб, ки аз лиҳози мавзӯву мундариҷа собиқа надорад ”Насиҳат ба духтарону наварӯсони хона” мебошад. Дар ин бахши насиҳатнома метавон матлабҳоеро дарёб кард, ки барои наварӯсони имрӯза донистан ва аз рӯи он амал кардан ҳатмист. Муаллиф аз ҷузъиёти зиндагонӣ сухан мекунад ва ҷавондухтарону наварӯсонро ба усули дурусти зиндагӣ раҳнамоӣ менамояд:

**“Эй фарзанд, духтарро падару модар аз писар кам набинанд, балки зиёдтар дӯсташ медоранд. Духтарро падару модар ҳамчун қонуни табиат ба хонадонҳои ноозмуд таваккал ба шавҳар медиҳанд. Орзу, умедҳои неки падару модар он аст, ки фарзанди нури дидаашон ба хонадони нек фарояд, муросо кунад, бахт, иқбол, давлати безавол ёраш гардад....**

**Эй фарзанд, ҳар як хонадоне, ки дар рӯи замин вуҷуд дорад ба монанди як давлати муқаддас мебошад, сарҳади мустаҳками устувор, қонунҳои раднопазири худро дорад ва ба он амал мекунад, яке ба дигаре монандӣ надорад, яке аз дигаре фарқ мекунад.”**

**Дар идома муаллиф якчанд навъи хонадонҳоро номбар мекунад ва аз фарзанд таманно мекунад, ки ту бояд ба ҳар навъе,ки фуруд оӣ бояд мувофиқ шавӣ:**

**“Хонадонҳое вуҷуд доранд, ки паст-паст ва бо оҳистагӣ сухан меронанд. Якдигарро ҳурмату эҳтиром мекунанд. Муаммоҳои сарбастаро, ки рӯзафзун ба сари оила меояд, бо маслиҳат хушӣ ба хушӣ ҳал мекунанд. Бо каломи ширин, бо чеҳраҳои кушод, бо табассуму хандаҳои беғаразона сухан мегӯянд, овози онҳо ба кӯча намебарояд, ҳаёти ширин ба сар мебаранд.**

**Эй фарзанд, оилаҳое ҳастанд, ки мунтазам доду фарёд мезананд, ҷангу мунокиша мекунанд, аз водии одоб дур мебошанд, яке дигареро ҳурмат намекунад, айби худро намебинанд, айби касонро мегӯянд, ҳасад мехӯранд, такрор мекунанд. Онҳо ҳам рӯи замини саховатманд меҳмон буда, муқим намебошанд.**

**Хонадонҳое боз вуҷуд доранд, ки тавонгаранд, ба симу зари бисёр мағруранд. Аз давлати зиёда кибру таманно доранд. Онҳо пул, молро аз одам беҳтар медонанд. Камдастии падару модари ту ва туро таъна мезананд. Айбҷӯиро дӯст медоранд, хатои худро намебинанд, туро назару писанд намекунанд, аз гардиши чархи кинавар бехабаранд. Ту сабру тоқат кун, гарчи косаи сарат лабрез аст, рӯзе сазовори эҳтироми онҳо мегардӣ.**

**Хонадонҳое боз вуҷуд доранд, ки хоксорона умр ба сар мебаранд. Некхоҳи мардумон мебошанд, хатои туро намебинанд, туро ҳурмату эҳтиром мекунанд, аз фарзанди хеш туро азиз медоранд. Худро ҳамеша аз дигарон кам мегиранд, анису меҳрубони мардумон мебошанд, ба буду нобуди рӯзгор тоқат мекунанд.**

**Акнун ба сари мақсад меоем.**

Я понимаю, что ЕГЭ служит цели демократизировать образование. Но зачем вбивать в голову справочные знания по тестам ЕГЭ, если любую справочную информацию можно получить по Интернету почти всегда и везде? Лично для меня ЕГЭ склонно к зазубриванию. Сегодня требуют знать, а не понимать. Хотелось бы, чтобы требовали понимать. Школа должна помочь человеку найти себя, понять своё предназначение, научить учиться. Образование служит ещё и цели воспитания. Школа должна учить универсальным законам жизни и таким вечным ценностям как дружба, товарищество, взаимопомощь. В школе мы приобретаем не только знания, а иногда и друзей на всю жизнь. Знания забудутся и устареют, а вот школьная дружба никогда! Сегодня в нашем обществе нет высоких нравственных идеалов. Рост благосостояния не может быть целью жизни человека.

Основная проблема в том, что наше общество не имеет нравственной основы. Сейчас уже никто не скажет, что правильный поступок это бескорыстный поступок. Раньше в школе ещё хоть как-то занимались воспитанием, была пионерская организация, комсомол. Теперь детей «воспитывает» Интернет. Извечный конфликт отцов и детей в информационную эпоху это очевидное превосходство «детей» над «отцами» в плане освоения новых возможностей. Уже не старики

учат молодёжь, а молодёжь учит своих родителей обращению с мобильными телефонами и компьютерами.

Раньше главенство старших обосновывалось наличием у них опыта и знаний. Сегодня надо учить профессиям, которые ещё реально не существуют, но появятся в недалёком будущем. Надо не штамповать послушных исполнителей (которые часто наиболее востребованы работодателем), а выявлять и лелеять нестандартных творцов – новых Эйнштейнов. Нашу страну называют страной возможностей. К сожалению, Таджикистан во многом страна упущенных возможностей. Какое же будущее ждёт нас?

В то время как безумные политики подготавливают очередную войну, мы простые люди живём в страхе перед будущим. Некоторые всерьёз боятся мировой паутины, полагая, что Интернет – рассадник порнографии, наркотиков, киберпреступности и терроризма. Наш Президент, Лидер Нации, основатель мира и единства Эмомали Рахмон признал, что самое дорогое для родителей это образование их детей. Оно поистине дорогое, если учесть, сколько приходится выкладывать за платное образование.

Все со страхом ожидают, будет ли платным среднее образование; хотя, по сути, оно уже отчасти платное. 60% получающих высшее образование вынуждены платить за обучение. Если в советские времена взращивание одного ребёнка до совершеннолетия обходилось семье в среднем по стоимости автомашины «волга», то сегодня сумма затрат составляет чуть более 140 тысяч долларов; причём государство вкладывает лишь десятую часть необходимого. Современную молодёжь на патриотизме не проведёшь. Они предпочитают жить и работать там, где больше платят и комфортней быт. Их лозунг: здесь и сейчас. Цель оправдывает средства, и все средства хороши. Благополучие страны зависит не от природных ископаемых, а прежде всего от «человеческого капитала» – наличия умных людей в стране. Именно люди делают настоящее и будущее страны! И от того, сколько в стране умных людей, зависит прогресс общества и страны в целом.

Сталкиваясь с реальностью, молодые начинают понимать, что жизнь управляется по совсем иным законам, нежели те, о которых им рассказывали в школе и дома.

## Список использованной литературы:

*1. Реестр молодежных и детских общественных объединений, негосударственных организаций, оказывающих поддержку молодежи, пользующихся государственной поддержкой Санкт-Петербурга в 2011 году.*

*2. Сидорова А. В. Современные студенты КНР: гарант стабильности политического режима или сила коренных изменений.*
*3. Проблемы молодёжи [электронный ресурс]// Режим доступа:http: //subscribe.ru /group/formula-schastya/1438962 (дата обращения 10.03.2014)*

**Сирочиддинов И. Ё.,**
*докторанти PHD соли таҳсили*
*2-юми ихтисоси 6D030100 - (03)*
*ДДҲБСТ*

## ТАРБИЯИ МЕҲНАТИИ ҶАВОНОН ҲАМЧУН АРЗИШИ МИЛЛӢ ВА УМУМИБАШАРӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Тарбияи меҳнатии ҷавонон яке аз ҷабҳаҳои асосию муҳими ҳаёти ҷомеаи демократию, ҳуқуқбунёд мебошад. Нисбати тарбияи меҳнатӣ дар байни ҷавонон дар замони рушди муносибатҳои ҳуқуқӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқии бисёр қабул карда шудааст ва амал менамояд.

Тарбияи меҳнатии ҷавонон ҳамчун арзиши миллӣ ва умумибашарӣ дар Тоҷикистон соҳисбистиқлол асоси худро аз меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Тавре аз мазмуни банди 3 – юми моддаи 1-уми Конститутсияи Тоҷикистон бармеояд, Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон (1). шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад Бештар аз ин, дар асоси моддаи 35-уми Конститутсия ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад.

Меҳнат моҳияти ҷамъиятии инсон ва шаҳрвандонро ташкил мекунад. Малакаҳои корӣ дар инсон ҳанӯз аз оила ва кӯдакистон оғоз ёфта, аз содда ба мураккаб ва аз каммаҳсул ба самаранок табдил меёбад.

Тарбияи меҳнатӣ махсусан байни ҷавонон ва интихоби касб имконият фароҳам меоварад, ки шаҳрванд корро дӯст дорад, ошноӣ намояд ва мушоҳида ба намудҳои зиёди шуғл инсонро пайдо намуда бошад, водор месозад, ки аз байни онҳо барои худ беҳтаринашро интихоб намоянд. Мақсади асосии тарбияи меҳнатӣ ин интихоби касб мебошад.

Қайд кардан лозим мебошад, ки дар замони имрӯза нисбати тарбияи меҳнатии ҷавонон ҳамчун арзиши миллӣ ва умумибашарӣ Сарвари давлат, Ҳукумати кишварамон ҳамавақта диққати махсус зоҳир намуда истодаанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз санаи 22 - юми декабри соли 2016 ишора намудаанд: «Татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад.

Ҷавонони имрӯзаи мо, яъне насли замони истиқлол аз наслҳои пешина бо савияи илму дониш, маърифату ҷаҳонбинӣ, сатҳи тафаккур ва одобу ахлоқ фарқи куллӣ доранд, ки ин ҳама боиси ифтихори мо мебошад.

Ҷиҳати ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ гардонидани сатҳи касбияти шаҳрвандон ҳар сол беш аз 100 ҳазор нафар ҷавонон ва калонсолон ба омӯзиши касбҳои гуногун ва бозомӯзӣ фаро гирифта мешаванд» (2).

Ҷавонон қувваи пешбарандаи ҷомеаи муосир мебошад. Ҷолиби зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати масъалаҳои тарбияи меҳнатии ҷавонон ҳамчун арзиши миллӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вуҷуд дорад, ки муносибатҳои ҳуқуқии соҳаи мазкурро ба танзим даровардааст. Яке аз ин санади ҳуқуқӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №52 аз 15 июли соли 2004 «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» (3) мебошад. Дар партави ин санади муҳим таҳия ва қабул шудани як қатор ҳуҷҷатҳои тақдирсоз аз ҷониби Ҳукумати кишвар пешбарӣ гардид, ки маҳз нисбати тарбияи меҳнатӣ, пешбурди фаъолияти мустақили хоҷагидории ҷавонон равона шудааст.

Дар меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон оид ба тарбияи меҳнатӣ самтҳо асосӣ пешбинӣ карда шудааст. Аз ҷумла, мувофиқи моддаи 16-уми Қонун ҷавонон ба меҳнат, интихоби касбу кор ва ҳифзи меҳнат ҳуқуқ доранд. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот маҳаллӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҷавонон:

– маблағгузории чорабиниҳоро, ки ба мақсади ташкили ҷои кор барои ҷавонон андешида мешаванд, таъмин менамоянд;

– ба фаъолияти ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, оид ба таъмини шуғл, тамоюли касбӣ ва тайёрии касбии шаҳрвандони ҷавон мусоидат мекунанд;

– илова ба тадбирҳое, ки мақомоти идораи меҳнат ва шуғли аҳолӣ, маориф ва тандурустӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон амалӣ менамоянд, имкон доранд ташкилотҳои махсусро, ки ба шуғл, тамоюли касбӣ, тайёрии касбӣ, бозомӯзии кормандони ҷавон, ташкили кори мавсимии онҳо мусоидат мекунанд, таъсис диҳанд ва ташкилотҳои мазкурро бо бино, таҷҳизот ва маблағ таъмин намоянд;

– омӯзиши касбу ҳунар, асосҳои қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва

таълими забонҳои хориҷиро ташкил менамоянд;

– корфармоёнеро, ки ба хизмати иҷтимоӣ, шуғли ҷавонон дар соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ, илму техника, маориф, фарҳанг, тандурустӣ мусоидат мекунанд, ҳавасманд мегардонанд.

Корфармоён вазифадоранд, ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ, шахсонеро, ки ба синни 18-солагӣ нарасидаанд ва ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷанд, дар раванди дарёфти ҷои кор танқисӣ мекашанд (наврасони ятиму бепарастор, маъюбон, шаҳрвандони ҷавон, аз ҷумла собиқ аскарони Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқадорони амалиёти ҳарбӣ), бо роҳхати мақомоти давлатии идораи меҳнат ва шуғли аҳолӣ фиристода мешаванд, бо кор таъмин намоянд. Ҳиссаи (квотаи) марбута ҳар сол ба талаботи бо кор таъминкунӣ мувофиқ карда, ба маълумоти корфармоён на дертар аз анҷоми соли таҳсил расонида мешавад.

Татбиқи иҷрои қоидаҳои ҳиссаи (квотаи) бо кор таъминкунии маъюбонро, нисбати маъюбони ҷавон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шуғли аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоии маъюбон анҷом медиҳанд.

Нисбати шаҳрвандони ҷавон, ки муассисаи таҳсилоти умумиро хатм карда, синну солашон ба 16 расидааст ва бори аввал ба кор мераванд, инчунин нисбати ноболиғоне, ки синну солашон ба 14 расида, берун аз вақти таҳсил дар мактаб кор мекунанд, тадбирҳои афзалиятноки давлатии таъмини ҷавонон бо ҷои кор татбиқ мегарданд.

Ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат барои бо кор таъмин намудани шаҳрвандони ҷавон ҳиссаи (квотаи) ҷойҳои корӣ муайян мекунанд (4, 4). Муносибатҳои меҳнатӣ бо шартномаи меҳнатие, ки байни шаҳрвандони ҷавон ва ташкилотҳо (корфармоён) баста мешавад, муайян карда мешаванд.

Баробари ҳамин, тибқи 15-уми Қонун ҳуқуқи ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ асоснок карда шудааст. Яъне, давлат ҳуқуқи ҷавононро ба моликият ва фаъолияти соҳибкорӣ кафолат медиҳад (5,13).

Мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомоти идораи давлатӣ:

– фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкории ҷавононро дар доираи татбиқи барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҷавонон дар асоси озмун аз ҷиҳати моддию техникӣ ва молиявӣ дастгирӣ менамоянд;

– ҷойгиронии фармоиши давлатиро дар асоси озмун оид ба таҳвили мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва

ҷавонон дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон таъмин мекунанд;

– ба ташкилотҳои тиҷоратӣ, ки 75 фоизи ҳайати онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд ва ба истеҳсоли мол (кор, хизматрасонӣ) барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷавонон машғул мебошанд, субвенсия (мусоидати молиявӣ) медиҳанд. Маблағи чунин мусоидат аз 50 фоизи хароҷоти воқеии ташкилотҳои мазкур оид ба истеҳсоли мол (кор, хизматрасонӣ) барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷавонон зиёд буда наметавонад;

– ташкилотҳои мазкурро инчунин тавассути иҷораи имтиёзноки биноҳо ва таҷҳизот, пешниҳоди ройгони иттилооти тиҷоратӣ, паст кардани нархи ҷойгиронии реклама, андозҳои имтиёзнок мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ менамоянд.

Ҳамин тариқ, нисбат ба масъалаҳои тарбияи насли наврас, тарбияи меҳнатии ҷавонон ҳамчун арзиши миллӣ ва умумибашарӣ дар меъёрҳои қонунгузории кишварамон меъёрҳои дақиқ ҷой дода шудааст. Татбиқи ин меъёрҳо пеш аз ҳама, аз кӯшишу ғайрат, ташаббуси худи ҷавонон вобастагӣ дошта ҳамарӯза дастгирии давлатро тақозо дорад.

**Адабиёт:**


1. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, Қонуният, 2016.*

2. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 22.12.2016с. //www.president.tj*

3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, № 7, мод. 459; с. 2011, № 6, мод. 429; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с., № 1161.*

4. *«Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.2006, № 94 тасдиқ карда шудааст. // www.mmk.tj*

5. *Самадов Б. О. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Васоити таълим, қ. 1. – Хуҷанд, «Ношир», 2013.*



**Собирова М.А.,**

*муаллимаи калони кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия*


## МУБОРИЗОНИ МАЙДОНИ СОЗАНДАГИЮ ОБОДӢ

**Ҷавонон, ки ҳафтод дар сади аҳолии ҷумҳурианд, нерӯи такондиҳанда ва пешбарандаи ҳаёти ҷамъият буда, ҳама чиз вобаста ба**

**он аст, ки аз ин нерӯи азим чӣ тавр истифода бурда мешавад. Ин нерӯ метавонад ҳам созанда бошад ва ҳам сӯзанда.**

**Эмомалӣ Раҳмон (6,87).**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои маҳбуби миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бар ҳақ, ки шахсияти нотакрор ва сиёсатмадори пурхираду пурдон аст, ӯ аз рӯзҳои аввали сарвари давлат таъин шудан ба ҳалли мушкилоти ҷавонони мамлакат диққати ҷиддӣ зоҳир менамояд. Зеро қисми бештару пурнерӯтари аҳолии Ватани соҳибистиқлоламонро ҷавонон ташкил дода, рушди ояндаи мамлакат аз бисёр ҷиҳат ба онҳо вобастагӣ дорад. Сарвару раҳбари дурбин будани ин марди бунёдкору созанда ҳанӯз аз мулоқотҳои нахустин ва пайвастаи ӯ бо намояндагони ҷавонон ва ҷавонони болаёқати кишвар, ки моҳи феврали соли 1993 барпо гардидаву ба ҳукми анъанаи сиёсии хиранмандонаи ӯ даромадааст, зоҳир гашта буд. Аз ин ҷост, ки дар Паёми навбатии сарнавиштсози худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаи 22. – юми декабри 12.соли 2016 ба ҷавонони мамлакат ва масъалаҳои ба эшон дахлдор, таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуда, соли ҷорӣ -2017-ум ҳамчун «Соли Ҷавонон» аз минбари баланд бо як умеду ифтихор эълон карда шуд. Ин падидаи неку умедбахш ба аҳли ҷавонони кишвар буда, бовари Сарвари мамлакатро ба нерӯи созандаи онҳо бори дигар нишон медиҳад.

Дар хусуси ҷавонони кишвар, ва масъулияти онон дар назди Ватану ҷомеаи имрӯза дар Паёми охир суханҳои хеле волову нерӯбахш садо доданд. Аз ҷумла қайд карда шуд, ки имрӯзҳо дар тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар, ҳамчунин дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ҷавонони бонангу номус содиқона кору фаъолият доранд ва дар ҳифзи осоиштагиву оромии мардуми меҳнатпеша ва рушди иқтисодии миллӣ саҳми босазо мегузоранд.

Ҳамзамон, ҷавонон дар бахшҳои мухталифи ватаниву хориҷӣ таҳсил карда, соҳиби касбу ихтисосҳои замонавию барои кишварамон зарур шуда истодаанд.

«Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд» (1).

Ҷавонони кишвар вазифаи таърихии худро фақат ҳамон вақт хуб ба анҷом расонида метавонанд, ки аз дастгириву ғамхории Пешвои муаззами миллат баҳра бардошта, инсонҳои бомаърифат,

мутахассиони варзидаву обрӯманд, ашхоси хушахлоқ ва дорои тафаккури созанда гашта, масъулияти ватандорию созандагиро ба ӯҳда гиранд (6,88).

Имрӯз набояд фаромӯш кард, ки сарзамини мо ва модари тоҷик дар тӯли таърихи пурпечутобаш басо фарзандони озодипараст, ватандӯст ва ғаюру маърифатпарварро ба дунё овардааст. Миллати мо дар ҳама давру замон фазлу хирад, озодманишӣ, донишандӯзӣ, сарбаландӣ ва зиндагии поку беолоишро пеша карда, чун кӯҳсоронаш асоратнописанд буд, мисли арчаҳои сарсабз дар дили санг реша давонда, умри ҷовидон ёфтааст. Байти шоир, ки аз номи халқу миллати тоҷик хитобан гуфта шудааст, баёнгари ҳамин фикр аст:

*Ҷавшани ман дафтар асту ханҷари ман хома аст,*

*Ман намемирам, ба номам ҷовидонӣ нома аст (6,4).*

Саҳми фарзандони донишманди миллати мо дар равнақи тамаддуни олам низ хеле назаррас аст. Дар китоби илму адаби дунё номҳои одамушуаро устод Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз, Ҷалолиддини Балхӣ, Носири Хусрав ва дигарон бо хатти тиллоӣ ҷовидона сабт шудаанд. Тӯли асрҳост, ки илмҳои ситорашиносӣ, ҳандаса, кимиё, табиатшиносӣ, фалсафаву илоҳиёт ва кашфиётҳои беназири тибро бе шоҳкориҳои ибни Сино, Умари Хайём, Ал-Берунӣ, Ал-Хоразмӣ, Имом Тирмизӣ, Закариёи Розӣ, Форобӣ ва ғайраҳо тасаввур намекунанд. Номҳои ин нобиғаҳои илму адаб асрҳо боз дар радифи бузургтарин шахсиятҳои ҷаҳон ҷилва мекунанд (5,125).

Аз ин рӯ, мавзуъҳои ба дараҷаи стандартҳои ҷаҳонӣ аз худ кардани илмҳои матлуби муосир ва бахусус забондонию забономӯзӣ аз тарафи ҷавонону мутахассисони соҳаҳои гуногуни мамлакатамон ҳамасола дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода мешаванд. Бахусус ба рушду такомули соҳаи маориф таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудани сарвари оқил, огоҳиву дилсӯзии ин шахси наҷибро нисбат ба саводнокии аҳли мамлакат, бори дигар собит месозад. Дар Паёми навбатӣ низ баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, дар тамоми зинаҳои таҳсилот, диққати ҷиддӣ зоҳир намудан ба сифати он ва тарбия намудани мутахассисони ҷавобгӯи талаботҳои замони муосир қайд карда шуданд.

Вобаста ба ин устодону омӯзгорон ва ҳамчунин падару модарон вазифадор карда шуданд, ки диққати наврасон ва хонандагону донишҷӯёнро барои аз бар намудани донишҳои муосир ҷалб намоянд, ба сатҳи азхудкунии фанҳои дақиқ бештар таваҷҷӯҳ зоҳир кунанд, забонҳои хориҷӣ ва омӯзиши технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро ба роҳ монанд ва ба касбомӯзии шогирдону

фарзандон эътибори ҷиддӣ дода, онҳоро дар рӯҳияи донишомӯзиву меҳнатдӯстӣ тарбия намоянд.

Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки имрӯзҳо аз рӯи барномаҳои давлатии қабулкардаи Ҳукумати Ҷумҳурӣ минбаъд ба сӯи мамлакати саноативу кишоварзӣ қадам гузошта истодааст, дар ояндаи наздик ба мутахассисони сатҳи баланди касбҳои техникӣ ва технологӣ хеле зиёд эҳтиёҷ пайдо мекунад.

Бинобар ин, вазифадор карда шудани вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, телевизион ва радио, кор бо занон ва оила, Академияи илмҳо, академияҳои соҳавӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷиҳати рафъи камбудиҳои ҷойдошта, тадбирҳои иловагӣ андешида, бо мақсади дарёфти истеъдодҳои ҷавон ва боло бурдани тафаккури техникии наврасон озмунҳо ва мусобиқаҳои илмиву эҷодиро роҳандозӣ намудан, хеле дурбинонаву бомаврид мебошад.

Зеро, илму дониш дар шароити муосир нақши калидӣ дошта, ба рушду тараққиёти давлат мусоидат менамояд. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки мутаассифона, дар кишвари мо ихтироъкорӣ ва навоварӣ ҳанӯз кам буда, бозёфтҳо дар илмҳои дақиқ ва техникиву технологӣ назаррас намебошанд ва ин ҳолат боиси нигаронист.

Дар замоне, ки илму технология бо суръати кайҳонӣ пеш меравад, дар илми тоҷик навгонӣ ва ташаббусҳои илмӣ кам ба мушоҳида мерасанд, афроди лаёқатманд, ихтироъкор ва навҷӯ ба ҷодаи илмҳои дақиқ ҷалб карда намешаванд ва мавзуъҳои фармоишӣ барои талаботи давлат равона намегарданд, ки ин ҳама бар хилофи нишондодҳои таърихи пурғановати миллати бофарҳанги мост. Зеро бақову пойдории давлатии Тоҷикистон ва истиқлолияти илмиву фарҳангии он аз кӯшишу ғайрат, кордониву корнамоӣ ва азму иродаи устодону омӯзгорон дар ҷодаи таълиму тарбияи ҷавонону наврасон низ вобастагии калон дорад (1).

Имрӯз ҳама боварӣ доранд, ки бо сарварию раҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои мӯътабари миллат, Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистони азизу маҳбубамонро ояндаи неке дар пеш аст (3,327). Ва ин ҳама хубию некӣ аз мутахассисони баландихтисосу кордони соҳаи маориф ва ҷавонони бонангу номуси миллат низ вобастагии бузурге дорад. Вазифаҳои қувваҳои солимфикри ҷамъият ва созмонҳои гуногуни ҷавонон аз он иборат аст, ки маҳз ба ҷавонони ҳалим ва ба номус такя карда, гурӯҳи писарону духтарони роҳгумзадаро ба тарафи худ ҷалб намуда, ба майдони созандагию ободӣ, ба сӯи инсондӯстӣ, донишандӯзӣ ва ватанпарварӣ, ба ҷониби дунёи мутамаддин ҳидоят намоянд. Агар дар иҷрои ин вазифа таъхир карда, бепарво бошем, меваи басо талху заҳрогинро чашидан лозим меояд.

Агар имрӯз аз мушкилӣ наҳаросида, барои босаводиву тарбияи ватандӯстии насли наврас дар ободиву осудагии Ватан талош варзем, агар ҷаҳолату бесаводиро аз синаҳо дур карда, дар симои ҷавонону наврасон –олимон, ихтироъкорон, навоваронро ва бунёдкорони созандаи ояндаи Тоҷикистонро бинем, пойдевори зиндагии неки фардо, рушди илми тоҷик ва давлати соҳибистиқлоламонро мустаҳкам хоҳем гузошт. Метвонем, бори дигар хирадмандии мардуми тоҷикро бо рушди илму маърифат манзури ҷаҳониён гардонида бошем (6,59). «Мо бо тамоми кишварҳои ба мо хайрхоҳ робитаҳои дӯстона ва ҳамкориро идома дода, дар навбати аввал муносибатҳоямонро бо ҳамсояҳои наздики худ дар асоси усулҳои эътирофгардида ва пазируфташудаи эҳтироми муқобил ва ҳусни ҳамсоягӣ тавсиа ва тақвият мебахшем» (4,51).

Фақат насли ҷавони мамлакат бо таълиму тарбияи дуруст ба роҳмондашуда, қодир аст, ки забонҳои хориҷӣ ва технологияи муосирро аз худ карда, усулҳои хоҷагидории иқтисодиёти бозориро мукаммал омӯхта, корҳои фалаҷгаштаро дубора барқарор намуда, фаъол гардонад. Ҷавонону наврасон танҳо вақте ташаккул ёфта, ба камол мерасад, ки барои ҳаёти худаш ва волидонаш ҷавобгариро ҳис намоянд. Он ҷавоне, ки дар кори пурарзиши ҷомеа дар ватандорию такомули он иштирок надорад, чунин масъулияту ҷавобгариро дарк карда наметавонад (2).

Ғояи ватандӯстии ҷавонону наврасон муҳимтарин фишанги ҳаракатдиҳандаи пешрафти ҷамъияти мутамаддин аст. Вале Ватану ватандӯстӣ ду ҷиҳати муассир дорад. Яке сарзаминест, ки дар он кору зиндагӣ мекунӣ ва дигараш миллатест, ки ба он тааллуқ дорӣ. Дар аксарияти давлатҳои демократии ҷаҳон ғояи асосии ватандӯстӣ аз муҳофизати арзишҳои миллие, иборат аст, ки бақо ва махсусияти нодирии миллатро кафолат медиҳанд. Аз ин рӯ, агар Тоҷикистон Ватани ҳамаи тоҷикистониён аст, пас ватандӯстии шаҳрвандони мо тақозо мекунад, ки аввалтар аз ҳама дар бораи рушду такомул ва пешрафти Ватани ягонаи худ андеша ва ғамхорӣ намоем.

Дар фарҷоми сухан аз забони сарвари оқилу пурхирад, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтаниям:

«Фақат шахсият қодир аст ба ташаккул ва пешрафти шахсияти дигар таъсир расонад. Фақат муҳити ободи метавонад фазои ахлоқии ҷомеаро солим, мукаммал ва устувор гардонад» (6,95). Бигузор, симоҳои тавонои бузургони мо, симои покизаву ҷовидонии Исмоили Сомонӣ, ки дар синни 25 солагиаш барои муттаҳид намудани Ватан камар баста, ба орзуяш расид, симои фархундаи Рӯдакиву Фирдавсии ватандӯст, ақлу хиради Абӯалӣ ибни Сино ва Носири Хусрави ориф ба мо намунаи ибратбахш бошанд (5,114). Пас, биёед аз шахсияти чунини сарвари оқилу хирадманди муосири худ, ки дар ибтидои

фаъолияти хеш ба ҷавониаш нигоҳ накарда, дар арсаи сиёсии ҷаҳонӣ ба дастовардҳои бузурги давлатдорӣ сазовор гашт, баҳравар гардему баҳри ободии Ватани азизамон камари ҳиммат бандем.

**Адабиёт:**


**1**.*Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2016с.*

**2**.*Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба МаҶлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.04.2013с.*

**3**.*Абдуфаттоҳ Шарифзода, Заробиддин Қосимӣ. Бунёдкор (Бо забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ). – Душанбе: Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2013. -336 с.*

**4**.*Абдуфаттоҳ Шарифзода, Нақиб Муродзода. Савганди Президенти Тоҷикистон (Бо забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ). – Душанбе: Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2014. - 277с.*

**5**.*Намоз Ҳотамов, Давлатхоҷа Довудӣ, Сайфулло Муллоҷонов. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе: “Эр-граф”, 2011с-645с.*

**6**.*Эмомалӣ Раҳмонов. Тоҷикон дар оинаи таърих. – Душанбе: “Ирфон”, 1997.-136с.*



**Солиев Ш. Х.,**
*ассистенти кафедраи*
*сиёсатшиносии ДДҲБСТ*


## ОМИЛҲОИ БОЛО БУРДАНИ АНГЕЗАИ ДОНИШҶӮЁН

Дар соҳаи омӯзишу парвариш яке аз масъалаҳои муҳимро ангезаи (мотиватсияи) донишомӯзон ва худтакмилдиҳии онҳо ташкил медиҳад. Масъалаи мазкур мавриди таваҷҷӯҳи соҳаҳои мухталифи таҳсилот, аз он ҷумла равоншиносии омӯзишӣ* қарор гирифтааст. Саҳми тарбияи равонии донишҷӯён дар боло бурдани ангезаи омӯзишии онҳо аз ҷониби муҳаққиқони зиёд мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аксари муҳаққиқони соҳаи омӯзишу парвариш тарбияи равониро дар самти ангезаи омӯзишӣ ва худтакмилдиҳии онҳо муҳим талаққӣ намудаанд.

Барои мисол назарияи худмуайянкунӣ (self-determination theory) тарбияи мухториятро дар самти ангезабахшии донишҷӯён хеле муҳим донистааст (2). Чуноне ки муҳаққиқони равоншиносии омӯзишӣ Риен ва Деси ошкор намудаанд, дорои ҳисси масъулият будан метавонад

* Educational psychology

ангезаи ботиниро боло барад (3). Ба андешаи муҳаққиқони равоншиносии омӯзишӣ, ангезаи ботинии донишҷӯён дар раванди омӯзиш натиҷаҳои беҳтаре назар ба ангезаи зоҳирии онҳо дошта метавонанд (3, 4).

Муҳаққиқони соҳаи равоншиносии омӯзишӣ ҳамчунин бунёди муҳити аз ҷиҳати равонӣ мусоидаткунандаро барои донишҷӯён тавсия кардаанд. Дастгирии равонӣ метавонад дар бунёди муҳити гуворо ва хушбинона (оптимизм) дар синфхона мусоидат кунад, ки дар он донишҷӯён барои баёни худ хешро озод ҳис мекунанд ва эҳсосу шубҳа ва саволҳову масъалаҳояшонро баён мекунанд. Ба андешаи муҳаққиқон Риен ва Диси доштани муносибати мусбат бо омӯзгор низ метавонад, шавқи донишомӯзонро ба омӯзиш бештар гардонад. Чунин ҳисси «алоқамандӣ» бо омӯзгор ба беҳтар шудани ангезаи ботинии донишҷӯ метавонад, мусоидат намояд (3). Умуман муҳаққиқони зиёде муҳиммияти тарбияи равониро дар рушди ангезаи донишҷӯён ва худтакмилдиҳии онҳо мавриди баррасӣ қарор додаанд (5).

Ба андешаи мо, дар муҳити таҳсилоти олии Тоҷикистони муосир масъалаи рушди ангезаи донишҷӯён ва худтакмилдиҳии онҳо яке аз масъалаҳои муҳим мебошад. Зеро, дар омода намудани мутахассисони варзида ва ҷавобгӯ ба талаботи муосир нақши ин омил метавонад муассир бошад. Хусусан, рушди нерӯи инсонӣ дар кишвар, ки нақши муассисаҳои таҳсилотӣ дар он барҷаста аст, аз бисёр ҷиҳат ба дурустии ҳалли ин масъала вобаста аст. Дар шароити кунунӣ танҳо бо омода намудани мутахассисони варзида ва ҳирфаӣ мо метавонем, ба рушди нерӯи инсонӣ дар кишвар мусоидат намоем, ки натиҷаи он, албатта, муҳаррики пешрафти ҷомеаи мо мегардад.

Ҳамон гунае ки аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз санаи 22 декабри соли 2016 бармеояд, дар панҷ соли оянда фаъолияти Ҳукумати кишвар ба баланд бардоштани сифати рушди нерӯи инсонӣ нигаронида мешавад (1). Дар ин маврид нақши муассисаҳои олӣ ва омӯзгорони он метавонад, аз тарбияи мутахассисони худшиносу масъулиятшинос ва ҳирфаӣ иборат бошад. Аз ин рӯ, дар мақола тасмим гирифта мешавад, ки баъзе фикру мулоҳизаҳо перомуни нақши тарбияи равонии донишҷӯён дар ангезаи омӯзишӣ ва худтакмилдиҳӣ баррасӣ гардад.

Пеш аз ҳама, дар меҳвари тарбияи равонии донишҷӯён ангезаи ботинии онҳо ба омӯзиш қарор мегирад. Ангезаи ботинӣ дар ҳоле мушоҳида мешавад, ки донишҷӯён ба фаъолияти омӯзишӣ ва худтакмилдиҳӣ аз рӯи хостаҳои худ ва худмуайянкунӣ рӯ меоваранд. Дар раванди омӯзиш ва худтакмилдиҳӣ нақши ангезаи ботинӣ хеле барҷаста аст, ки аксаран чунин навъи ангеза аз дараҷаи тарбияи

равонии донишҷӯён вобастагӣ дорад. Гуфтори муҳими равоншиносии омӯзишӣ он аст, ки донишомӯзон шахсиятҳо ҳастанд ва бояд ба онҳо чунин бархӯрд карда шавад, агар мо хоста бошем, ки ангезаи онҳоро ба омӯзиш самаранок гардонем. Аз ин рӯ, тамоми кӯшишҳо дар самти тарбияи равонии донишҷӯён бояд ба рушди ангезаи ботинии онҳо равона сохта шавад.

Дар шароити имрӯза зарур аст, ки корҳои тарбиявӣ қисми таркибӣ ва ё пурракунандаи самти таълимӣ ва омӯзишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар бошанд. Зеро аксари ҳолат аз рафтор ва раванди таҳсилу омӯзиши донишҷӯён ба мушоҳида мерасад, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи мо аз ӯҳдаи тарбияи равонии донишомӯзон ба хубӣ набаромадаанд. Дар шароити имрӯза тарбияи равонии донишомӯзон дар зинаҳои поёнии маълумотгирӣ хеле паст аст ва ба мақсад мувофиқ намебошад. Аксари ҳолат ба масъалаи тарбияи равонии донишомӯзон дар муҳити таҳсилотии мо таваҷҷӯҳи назаррас намуда намешавад ва аз ин рӯ, аксари донишҷӯён аз сабаби надоштани таълим ва тарбияи равонии мувофиқ ба хониш ва худтакмилдиҳӣ ангезаи муносибро нишон намедиҳанд. Дар ҳамин ҳол яке аз вазифаҳои муҳими сарпарастони гурӯҳҳои академӣ ва дар умум устодони муассисаҳои олии кишварро тарбияи равонии донишҷӯён ба хотири боло бурдани ангезаи онҳо ташкил медиҳад. Барои тарбияи равонии донишҷӯён ва ангезабахшии онҳо ба омӯзиш зарур медонем, ки ба якчанд ҷиҳатҳо таваҷҷуҳ намуда шавад:

***Бунёд намудани муҳити аз ҷиҳати равонӣ таъсиркунанда дар аудитория.*** Дар муҳити аудитория омӯзгоронро зарур аст, чунин шароите фароҳам оваранд, ки ба кӯшишҳои ангезабахшии донишҷӯён мусоидат дошта бошад. Хусусан муҳити аудитория чунин ташкил намуда шавад, ки аз ҷиҳати равонӣ ҷолиб ва барои ангезабахшӣ ва худтакмилдиҳии донишомӯзон ҳамеша созгор бошад. Омӯзгорон метавонанд, аз шеъру таъбирот ва ҳикматҳои таъсирбахши шахсиятҳои барҷаста лавҳаҳо омода намуда, дар аудитория насб намоянд. Ҳамчунин дар гӯшаҳои гурӯҳҳо ҷой додани қисмати «Ҳикмати рӯз»-ро мувофиқи мақсад мешуморем. Зеро, омӯзгор ва донишҷӯён ҳамарӯза метавонанд, каломи таъсирбахшро дар он ҷой диҳанд, ки бо иваз шудани навиштаҳо ва мӯҳтавои он донишҷӯён иттилооти зиёди равониро аз бар менамоянд. Чунин муҳит метавонад, ҳамарӯза ба донишҷӯён таъсири визуалӣ дошта бошад ва дар рушди ангезаи онҳо мусоидат намояд.

***Таваҷҷӯҳ намудан ба хударзёбии донишҷӯён.*** Ҳамчун сарпарасти гурӯҳи академӣ омӯзгорро зарур аст, ки ба масъалаи хударзёбии донишҷӯён таваҷҷӯҳи хоса дода бошад. Зеро аз рӯи хударзёбии донишҷӯён муайян намудан мумкин аст, ки сатҳи худбаҳодиҳӣ ва худшиносии онҳо ҳамчун донишомӯз ва мутахассиси оянда дар чӣ

зина ва ҳолат қарор дорад. Мутаассифона, дар миёни донишҷӯёни муассисаҳои олии кишвар дар ин самт низ мушкилиҳо ба назар мерасанд. Мушкилии асосӣ он аст, ки аксари донишҷӯёни муассисаҳои олӣ дар пайи хударзёбии хеш нестанд. Чанд сол қабл дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ миёни донишҷӯён озмуни кори хаттӣ дар мавзӯи «Чӣ гуна худро арзёбӣ мекунам?» ташкил ва баргузор карда шуд. Ба донишҷӯён як моҳ мӯҳлат дода шуд, то сари хударзёбияшон биандешанд ва кори хаттие иншо кунанд. Мутаассифона, дар тӯли як моҳ танҳо панҷ нафар корҳои хаттии хешро дар ин мавзӯъ пешниҳод доштанд, ки аксаран мӯҳтавои он корҳо низ умумӣ буданд ва нуктае дар мавриди ҳуввияти донишҷӯӣ ваояндабинӣ, чун мутахассиси соҳа, надоштанд. Чунин ҳолатро имрӯз миёни аксари донишҷӯён мушоҳида намудан мумкин аст. Албатта, қайд намудан бамаврид аст, ки хударзёбӣ рӯҳияи шинохти худии донишҷӯро боло бурда, дар як вақт ангезаи ӯро ба омӯзиш ва худтакмилдиҳӣ бедор месозад. Вазифаи омӯзгор дар ин самт метавонад аз он иборат бошад, ки усулҳои хударзёбиро ба донишҷӯён омӯзад ва дар ин мавзӯъ бо онҳо сӯҳбатҳо баргузор намояд. Ба донишҷӯён омӯхта шавад, ки ҳамеша ба таҷзияву таҳлили худ машғул бошанд ва фаъолияти худро арзёбӣ кунанд. ***Баргузор намудани мавзӯъҳои тарбиявии ҷиҳати равонидошта.*** Сарпарастони гурӯҳҳои академиро зарур аст, ки ҳангоми таҳияи нақшаи тарбиявӣ ва баргузор намудани машғулиятҳо ба ҷиҳати равонии мавзӯъҳо таваҷҷуҳ намоянд. Омӯзгорон метавонанд, дар шаклҳои гуногун дар ҳар мавзӯе ҷиҳати тарбияи равониро истифода намоянд ва ё ба пуррагӣ мавзӯи тарбиявии худро ба тарбияи равонии донишҷӯён бахшида бошанд. Барои мисол дар солҳои охир дар дарсҳои тарбиявӣ аз ҷониби муаллиф чунин номгӯи мавзӯъҳои тарбиявии хосияти равонидошта ба нақша гирифта, баргузор карда шудаанд: «Ҷиҳатҳои тарбиявии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», «Мақоми инсон дар осори Ҷалолуддини Румӣ», «Ихтисоси ман интихоби ман аст!», «Зиндагӣ саҳнаи яктои ҳунармандии мост!», «Рушди тафаккури давлатдории миллӣ миёни донишҷӯён», «Технологияи фикру андеша», «Чӣ гуна касбияти худро рушд медиҳам», «Чӣ гуна худро арзёбӣ мекунам», «Зиндагиро аз китоби рӯзгор омӯхтаам», «Ҷавонон – нерӯи ояндасози миллату давлат», «Стратегия ва тактикаи ман кадом аст!», «Принсипҳои муваффақият (баргирифта аз китоби Наполеон Ҳилл)», «Ангезаи ман дар таҳсил чист», «Хударзёбӣ чун заминаи рушди худшиносии инсон», «Сирри муваффақият» (Сӯҳбат оид ба китоби Дейл Карнегӣ «Чӣ гуна дӯст ёбем ва ба дигарон таъсир гузорем»), «Худро такмил диҳем ва омодаи ҳаёти мустақил гардем», «Саҳми ман дар пешрафти ҷомеа чӣ метавонад бошад».

***Тавсияи мутолиаи китобҳо дар соҳаи технологияи андеша ва ангезаи равонӣ.*** Имрӯз китобҳои зиёди дастрасе дар мавриди технологияи андеша вуҷуд доранд, ки шумори зиёди онҳоро бо забонҳои русӣ ва англисӣ метавон дар шабакаи Интернет пайдо намуд. Омӯзгорро зарур аст, ки якчанд номгӯ аз чунин китобҳоро барои хондан ба донишҷӯён тавсия карда бошад. Зеро, аксари донишҷӯён аз мавҷудияти чунин мавод ва мӯҳтавои он бехабар мебошанд. Мутолиаи китобҳои технологияи андеша ба донишҷӯён илҳом мебахшад, ки сари шахсияти худ ва имрӯзу ояндаи хеш биандешанд ва амал намоянд.

***Истифода аз таҷрибаи дигарон дар тарбияи равонӣ.*** Таҷрибаҳои зиндагии дигарон барои таҳрики ангезаи омӯзишӣ ва худтакмилдиҳии донишҷӯён муҳим аст. Дар ин маврид омӯзгор метавонад, вохӯрӣ ва сӯҳбати нафарони муваффақ, рӯзгордида, дорои мавқеи муайян дар ҷомеа ва кордонро бо донишҷӯён ташкил ва баргузор намояд. Сӯҳбат дар мавриди таҷрибаи онҳо метавонад, таъсири муҳими равонӣ ба донишҷӯён расонида бошад ва онҳоро ба самти омӯзиш ва худтакмилдиҳӣ ҳидоят намояд. Чуноне ки таҷрибаи инсонҳои муваффақ нишон медиҳад, ҳамагуна дастовардҳо ҳосили кӯшиши пайгирона, худбоварӣ ва фаъолияти эътимодноки онҳо мебошад. Яъне, муваффақият ҳосили беҳаракатӣ ва беаҳамиятӣ буда наметавонад. Ҳамчунин дар ин ҷода барои таҳрики равонии донишҷӯён омӯзгор метавонад, ба онҳо мутолиа ва омӯзиши асарҳои шарҳиҳолиро тавсия диҳад, то донишҷӯён бохабар аз он гарданд, ки чӣ гуна инсонҳо дар саҳнаи таърих дурахшидаанд, муваффақ шудаанд ва ё худ обутоб ёфтаанд. Асарҳои шарҳиҳолӣ донишҷӯёнро бо таҷрибаи инсонҳои шарафманд ошно намуда, метавонанд, дар тағйири рафтор, ангезабахшӣ ва худтакмилдиҳии онҳо муассир бошанд.

Дар якҷоягӣ бо донишҷӯён омӯхтани таҷрибаи зиндагии шахсони барӯманд ва машҳури соҳаҳои гуногун ва хусусан шарҳу тарҷумаи ҳоли онҳо ба донишҷӯён нишон медиҳад, ки бузургон зода намешаванд ва балки бузургон ҳама сохта мешаванд. Омӯзиши таҷрибаи дигарон ҳамеша дар зиндагӣ муҳим аст.

***Таваҷҷӯҳ намудан ба ҷиҳатҳои ҳуввиятии донишҷӯ.*** Дар тарбияи равонии донишҷӯён ва ангезабахшии онҳо ба эътибор гирифтани ҳуввияти гуногуни онҳо метавонад, самараи хуб оварад. Донишҷӯён дорои ҳуввиятҳои мухталиф, аз қабили ҳуввияти ҷинсӣ, синну солӣ, миллӣ, сиёсӣ, динӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Аз ин рӯ, ба омӯзгор зарур аст, ки ба ҳар ҷиҳати ҳуввиятии донишҷӯён дар тарбияи равонии онҳо эътибори хоса диҳад. Вобаста ба ҷиҳатҳои мухталифи ҳуввиятии донишҷӯён баён намудан ва овардани фармудаҳои фарҳангӣ,

таълимотҳои миллию динӣ ва ҳамчунин ҳикмату андешаҳои мутафаккирон ва шахсиятҳои барҷаста зарур мебошад.

***Дар рӯҳияи ғолибият тарбия намудани донишҷӯён.*** Омӯзгор ҳамеша кӯшиш дошта бошад, ки донишҷӯёнро дар рӯҳияи ғолибият тарбия намояд. Дар донишҷӯён тарбия намудани чунин фаҳме муҳим аст, ки аксаран муваффақият дар омӯзиш, рушди касбӣ ва дар умум дар ҳаёту зиндагии ояндаашон аз худи онҳо вобастагӣ дорад. Махсусан шароити имрӯзаи рушди ҷомеаҳо, бозори ҷаҳонии меҳнат, арзишҳои сармоядорӣ ва рақобатнокӣ нафарони ғолиб ва муваффақро меписанданд. Дар шароити кунунии рақобатнокӣ ва рушди арзишҳои ҷомеаи сармоядорӣ танҳо шахсоне муваффақ мешаванд, ки худро бо талабҳои бозори корӣ, чун мутахассиси арзанда ва соҳибтахассус, омода менамоянд.

Ҳамчунин дар ин замина омӯзгорро зарур аст, ки ҳисси худбовариву худогоҳӣ ва масъулиятшиносии донишҷӯёнро рушд бахшад.

***Донишҷӯёни шумо чӣ барномарезӣ доранд?*** Омӯзгорро зарур аст, ки ба барномарезии донишҷӯёни худ таваҷҷуҳ намояд. Масъалаи барномарезии донишҷӯён хеле муҳим дар муҳити омӯзишии мо мебошад. Чунин мушоҳида мегардад, ки аксари донишҷӯёни мо барномарезӣ надоранд ва нақшаи фаъолияти худро барои якчанд сол таҳия накардаанд. Албатта, дар ҳолати надоштани барномарезӣ ва мақсади муайян ҳолати номуайянӣ дар ҳаёти донишҷӯён зуҳур мекунад, ки аз ҳар ҷиҳат ангезаи онҳоро ба таҳсил нобуд месозад. Набудани барномаи мушаххаси амал донишҷӯёни моро ба фазои яъсу ноумедӣ, худнобоварӣ ва худгумшудагӣ ворид мекунад, ки, албатта, паёмадҳои нохостанӣ барои рушди касбии онҳо дошта метавонад. Имрӯз ҳолати нобоварӣ, беҳуввиятӣ ва бешахсиятӣ миёни қисми зиёде аз донишҷӯён ба назар мерасад. Омӯзгорро зарур аст, пайгири он бошад, ки донишҷӯёни ӯ чӣ барномае барои оянда доранд. Онҳо кадом стратегияҳоро барои амалӣ намудани барномаи худ истифода мекунанд? Дар ин самт омӯзгор метавонад, ба донишҷӯёни худ тавсияҳои амалӣ диҳад, то дар амалисозии нақшаҳои барномавии худ муваффақ бошанд ва ангезаҳои омӯзишии онҳо боз ҳам рушд ёбад.

***Бедор намудани боварии олии донишҷӯён аз худ.*** Аслан муҳити таҳсилоти олии муосир, хусусан дар шароити низоми таҳсилоти кредитӣ ин боварсозии донишҷӯён бар он аст, ки онҳо худ омӯхта метавонанд ва омӯзгор танҳо нақши раҳнаморо ба иҷро мерасонад. Боварсозӣ дар муҳити омӯзишӣ аз бисёр ҷиҳат муҳим аст. Боварсозӣ ва ҷазби хубиҳо ба донишҷӯён фазои мусбатандеширо фароҳам мекунад, то онҳо бовари олӣ аз худ, аз устодон, аз муассиса, аз ҷомеа, аз зиндагӣ, аз низоми идорӣ, аз кайҳон ва муҳити иҳотанамудаашон дошта бошанд. Дар донишҷӯён рушд бахшидани он андешае зарур

аст, ки муҳим нест, дар кадом соҳае бошӣ, балки муҳим он аст, ки мутахассиси беҳтарин бошӣ.

Дар умум моро зарур аст, ки миёни донишҷӯён ҳисси худшиносӣ, худогоҳӣ, худбоварӣ, масъулиятшиносӣ ва мустақилиятро парвариш намуда бошем. Донишҷӯёнро зарур аст, бидонанд, ки онҳо худ холиқи сарнавишти ояндаи худ ҳастанд ва чӣ гуна будани ояндаи онҳо танҳо аз фаъолият ва кӯшиши имрӯзаи онҳо вобастагӣ дорад. Аслан муҳити омӯзишии муосир аксаран тамоюл ба самти ангезабахшӣ ва боварсозӣ аст, то донишҷӯ сари масъалаи худтакмилдиҳияш ба хотири рақобатпазир будан дар бозори кору фаъолият дар оянда биандешад.

**Адабиёт:**


*1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 22 декабри соли 2016 // www.president.tj*

*2. Deci, E., & Ryan, R. Intrinsic motivation and self-determination in human behavior. New York: Plenum, 1985.; Deci, E., & Ryan, R. Handbook of self-determination research. Rochester, NY: University of Rochester Press, 2002.*

*3. Ryan R., Deci E. Self-determination theory and facilitation of intrinsic motivation, social development and well-being. Am Psychol. 2000b, 55(1):68–78.*

*4. Ryan R., Deci E. Intrinsic and extrinsic motivations: Classic definitions and new directions. Contemporary Educational Psychology, 2000a, 25:54–67.*

*5. Jere Brophy, Motivating Students to Learn, Second Edition, Michigan State University, 2004.*



**Султонова А.Д.,**

*сармуаллимаи кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ*


## ҶАВОНОН – НЕРӮИ СОЗАНДА

Тавре ки мусаллам аст, ҷавонон қувваи созанда ва неруи пешбарандаи ҷамъият, ояндаи давлату миллат ва идомабахши кору пайкори насли калонсол маҳсуб меёбанд. Дар Тоҷикистони муосир ҷавонон аксарияти аҳолиро ташкил медиҳанд, аз ин лиҳоз онҳо дар тамоми самтҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиву маданӣи кишвар саҳмгузор ҳастанд. Ҷавонони тоҷик чӣ дар дохили кишвар ва чӣ берун аз он таҳсили илм менамоянд, сатҳи дониши худро баланд мебардоранд ва дар шукуфоии кишвари маҳбуб саҳми босазо мегузоранд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ саҳми ҷавононро дар тараққиёти ҷомеа ва ширкати онҳоро дар ҳаёти

сиёсиву иқтисодии мамлакат ба назар гирифта, соли 2017-ро соли ҷавонон эълон намуданд. Дар баромад аз ҷумла қайд гардид: «Ҳукумати Тоҷикистон ташаббусу пешниҳодҳои созандаи ҷавононро ҳамеша дастгирӣ намуда, барои амалӣ гардидани онҳо имконият фароҳам меорад. Наврасону ҷавонони моро зарур аст, ки ҷавобан ба ин ғамхориҳо тамоми саъю талоши хешро ба донишандӯзӣ, интихоби касбу ҳунарҳои муосир, ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи Ватан, рушди илму техника ва бунёдкорӣ равона созанд».

Иқдоми мазкур бори дигар ҷавононро вазифадор менамояд, ки дар рушду шукуфоии кишвар камари ҳиммат банданд ва Тоҷикистонро ба кишвари пешрафта, ободу зебо мубаддал гардонанд.

Дастовардҳо ва комёбиҳои Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати дохилӣ ва байналхалқӣ дар асри XXI аз бисёр ҷиҳат бо ҳаллу фасли проблемаи насли наврас алоқамандӣ дорад. Масъалаи ҷавонон имрӯз таҳти назорати махсуси давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон қарор дорад. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон нақши созандаи ҷавононро қайд намуда, гуфтаанд: «Ҷавонони мо дар ҳар ҷое, ки бошанд, бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, бо Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошанд».

Асарҳои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон «Бунёдкорониояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол», «Ҷавонон-ояндаи миллат» ҳамчун барномаи стратегии сиёсати давлатии ҷавонон арзёбӣ гаштааст.

Истиқлолият барои миллати мо дастоварди беназир ва неъмати бебаҳост, зеро барои ноил гардидан ба ҳадафҳои олии мардуми кишварамон шароити мусоиди таърихӣ фароҳам овард. Яъне, дар замони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон ба пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, аз ҷумла рушди соҳаи илму маориф муваффақ гардид. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар баромади хеш ба муносибати Рӯзи Дониш таъкид карданд, ки соҳаи маориф чун соҳаи муҳим ва омили асосии таъмини амнияти миллӣ боқӣ мемонад.

Ғамхориву дастгирии пайвастаи Давлату Ҳукумат доир ба рушди соҳаи маориф ҳар як корманди соҳа, пеш аз ҳама устодону омӯзгорон, инчунин падарону модаронро водор месозад, ки ба таълиму тарбияи насли наврас, диққати ҳамаҷониба дода, бароиояндаи неки насли ҷавон, яъне фардои ободу осудаи ҷомеа заминаҳои боэътимод гузоранд.

Устодону омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва бо ҷалби ҳар чӣ бештари падару модарон ва фаъолону зиёиён корро дар самти

татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» беҳтар ба роҳ монанд.

Омили муҳими саводнокии муҳассилин дар сатҳи аъло донистани забони модарӣ ва хуб аз худ намудани забонҳои хориҷӣ мебошад. Донистани забонҳои хориҷӣ ба ташаккул ва тавсеа ёфтани мафкураву ҷаҳонбинии наврасону ҷавонон мусоидат менамояд ва барои онҳо дар самти азхудкунии техникаву технологияҳои навтарин, аз ҷумла технологияҳои иттилоотӣ роҳи васеъ мекушояд.

Ҳалли масъалаҳои умумибашарӣ аз бисёр ҷиҳат ба тарбияи насли наврас ва ҷавонон вобаста буда, аз мавқеи ишғолнамудаи онҳо дар ҷомеа иборат мебошад.

Ҳоло ҷавонон дар тамоми самтҳои ҳаёти иҷтимоиву иктисодӣ, сиёсиву фарҳангӣ ва варзишӣ саҳмгузор ҳастанд.

Аз ҷумла, дар самти варзиш гурзандози маъруфи тоҷик Дилшод Назаров дар Бозиҳои XXXI тобистонаи олимпӣ дар шаҳри Рио-де-Жанейрои Бразилия, ки 19 августи соли 2016 баргузор гардид, ғолиб дониста шуда, соҳиби медали тилло гашт. Нахустин бор аст, ки дар даврони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон варзишгари тоҷик сазовори медали тиллои бозиҳои олимпӣ шуд. Ӯ бо ин ғалаба шаъну шарафи Тоҷикистонро ҳимоя намуда, парчами миллиро боло бардошт, ки ин ифтихори мардуми шарафманди тоҷик аст.

Дар баробари пешравиҳо дар самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа дар замони муосир ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ пайвастани ҷавонон масъалаи доғи рӯз ба шумор меравад.

Пас аз он, ки давлати абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ барҳам хӯрд, таъсири дин ба ҳаёти ҷамъиятӣ хеле пурзӯр шуд. Авҷгирии экстремизм ва терроризм, таассуби динӣ, кӯшиши Ҳизби наҳзати ислом ва Ҳизбуттаҳрир дар кори ташвиқу тарғиби барпо намудани давлати исломӣ ва хилофати мусулмонон, гумроҳ намудани оммаи халқ, хусусан ҷавонон ва ба мақсадҳои сиёсии худ истифода бурдани дин хеле зиёд гардидааст.

Кӯшишҳои барпо намудани давлати исломӣ, ҳодисаҳо дар кишварҳои Ироқ ва Сурия, иштироки ҷавонони тоҷик дар амалиёти террористӣ масъалаи меҳварии замони муосир маҳсуб меёбад.

Аз ин лиҳоз, ҷавононро лозим аст, ки ҳамеша соҳиби ҳисси баланди ифтихори миллӣ бошанд, Ватану миллат, давлат, забону фарҳанги хешро муқаддас донанд, бахри ҳифзи марзу буми он омода бошанд, зираку ҳушёр бошанд, то худро аз хатарҳои ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд .

**Адабиёт:**

1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,*

*шаҳри Душанбе, 22 декабри соли 2016// Рӯзномаи «Ҷумҳурият» №252 (23074) аз 22 декабри соли 2016,( саҳ.3)*

*2. Пушти ҳар қаҳрамоние модар меистад// Рӯзномаи «Минбари халқ» №34 (1066) аз 24 – уми августи соли 2016 (саҳ.4.)*

**Тоатов Ҳ.,**
*н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДҲБСТ*
**Мансурова М.А.,**
*унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДҲБСТ*

# САБАБҲОИ БА РАВИЯҲОИ НОМАТЛУБ МАЙЛ НАМУДАНИ ҶАВОНОН ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРӢ НАМУДАНИ ОН

Муҳаққиқон ва коршиносон бар ин назаранд, ки зуҳуроти номатлуби бунёдгароӣ (фундамитализм), тундгароӣ (радикализм), ифротгароӣ (экстремизм) ва даҳшатафканӣ (терроризм) дар маҳрумиятҳои фикрӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ реша дошта, қишрҳои камфаъол ва камзарфияти иҷтимоӣ бо ин гурӯҳҳо шомил мегарданд ва дар натиҷа, миёни ҷомеа, бахусус қишрҳои осебпазири иҷтимоӣ, зӯроварию бадбинӣ, истибдод ва хушунат тавлид мекунанд.

Одатан ҷавононе, ки аз лиҳози зеҳнӣ ва ақлонӣ рушд наёфтаанд,осебпазиртар буда, зуд ба ин ҷараёнҳо ҷалб мешаванд. Дар зеҳни онҳо, ки мисли «лавҳи сафед» (таъбири файласуфи англис Ҷон Локк) тозаю покиза аст, ифроту хурофот пур карда мешавад ва азбаски ҷавонон сахт ҳассосанд (чун хунашон дар ҷӯш аст), бегумон, шефтаю мутамоили ягон ақидаи бебунёд мешаванд. Муҳимтар аз ин онҳо фикр мекунанд, ки дар пешгоҳи Худованд иззат доранд ва бо ин гумон ҳар кореро, ки «миёнҷиёни худо» дар қолаби ҷиҳоди динӣ мефармоянд, қатъиян иҷро карда, ба биҳишти ваъдагӣ мерасанд. Бозӣ кардан бо зеҳни насли ҷавон, мутаассибон ва эҳсоси мардуми хурофотӣ аз мушахассоти кори хадамоти махсус маҳсуб меёбад.

Сабабу омилҳои гароиши босуръати бархе аз ҷавонон ба ин ҷараён зиёд аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тайи солҳои гузашта паст будани сатҳи огоҳии ҷавонони мусулмон аз мазмун ва моҳияти дини мубини ислом, коҳиши асосҳои ахлоқӣ, бештар шудани тафовут ва сатҳи зиндагии қишрҳои ҷомеа, талош барои ҷустуҷӯи адолати иҷтимоӣ аз ҷумлаи омилҳои рушди ин раванд будааст.

Бархе аз коршиносон бар он ақидаанд, ки нақши муҳимро дар ин ҷо назарияи ҷаҳонишавӣ дар мафкураи ҷавонон мебозад. Назарияи ҷаҳонишавӣ пешниҳоде аз ҷониби намояндагони тамаддуни Ғарб ба оламиён аст, ки бо ҳадафҳои сиёсӣ, акнун хеле ошкору васеъ барои аз байн бурдани марзҳои сиёсӣ, идорӣ ва тағйири ҷуғрофии кишварҳо истифода мешавад.

Тарафи дигари масъала он аст, ки муҳоҷирати шаҳрвандони зиёди Тоҷикистон ба Русия боиси афзоиши шумораи фарзандони дур аз назорат шудааст, ки дар оянда эҳтимоли зиёд шудани ҳиҷрат ва пайвастан ба гурӯҳҳои ифротиро бештар мекунанд. Аз тарафи дигар он ҷавононе, ки дар тӯли зиндагии худ шаҳрвандии Русияро гирифтаанд, метавонанд озодона ба кишварҳои дигар, аз ҷумла ба Ироқу Сурия раванд.

Коршиносон бар ин назаранд, ки ба доми террористҳо бештар ҷавонони муҳоҷир ва ё мухассилини кишварҳои арабӣ гирифтор мешаванд. Барои ҷалб кардани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ ба таври васеъ истифода мебаранд. Барои ҷалби ҷавонони минтақаҳои Осиёи Марказӣ сомонаҳои мухталифи интернетӣ василаи асосӣ мебошад (1).

Ҳамзамон омили дигаре, ки гурӯҳҳои тундгарои исломӣ аз он ба таври васеъ истифода мебаранд, ин муҳоҷирати танзим ношудаи ҷавонони тоҷик ба Русия мебошад, зеро дар ин кишвар ҷавонони тоҷик, ки синни аксарияташон аз 18 то 30 аст, бо роҳҳои гуногун фирефтаи макру ҳиллаи эмиссарҳо мегарданд.

То ҷое муссалам аст, дар Русия гурӯҳҳои тундгарои исломӣ ва ифротӣ фаъолият менамоянд, ки онҳо асосан аз ҳисоби намояндагони мардумони қафқозӣ созмон дода шудаанд ва ин гурӯҳҳо ҷавононеро фирефтаи худ мегардонанд, ки онҳо аз лиҳози ахлоқӣ ақидавӣ заиф буда, зудбоваранд, аз маърифати исломӣ садҳо фарсах дуранд ва иродаи қавӣ надоранд. Ин ҷавонони гумроҳ, ба ҷангҳои Шарқи Наздик – Сурия ва Ироқ кашида мешаванд.

Барои ҷилвагири намудан аз ин зуҳуроти манфӣ Хадамоти муҳоҷирати кишвар ва Шӯрои уламоро лозим аст, ки фаъолияти худро тақвият бахшида бо муҳоҷирони меҳнатӣ ҳар чи бештар вохӯрию сӯҳбатҳо анҷом диҳанд. Ҳамчунин, ташаккул ва тақвият додани идеологияи миллӣ, ки асоси онро сулҳ ва ваҳдати миллӣ ташкил менамояд яне аз омилҳои муҳими ҷилавгирии ҷавонон аз гаравидан ба гурӯҳҳои ифротию тунгарои исломӣ шуда метавонад.

Сабаби дигари ба гурӯҳҳои ифротӣ пайвастани ҷавонони тоҷик ба омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, бекорӣ фақр ва коррупсия вобаста мебошад.

Дигар омилҳое, ки ҷавонони тоҷикро тӯъмаи гурӯҳҳои ифротию тундгарои исломӣ мегардонад, ин дур будани ҷавонон аз маърифати исломӣ, бесаводии динӣ, яъне надонистани асолати исломӣ, суннатӣ, инчунин таблиғоти шадиди гурӯҳҳои ифротӣ таввассути васоити ахбори омма, хусусан шабакаҳои интернетист, ки ин таблиғот ба муқобили арзишҳои маънавӣ ва динии мардум нигаронида шудааст.

Ҳамзамон ба андешаи сарвари маркази тадқиқотӣ стратегии кишвар Худойбердӣ Холиқназар, мавҷудияти омилҳои марзӣ ҳам яке аз зарфиятҳои пайвастани ҷавонон ба ин гурӯҳҳои тундгаро маҳсуб меёбад, зеро Тоҷикистон бо Афғонистон, ки яке аз минтақаҳои ноороми дунё маҳсуб меёбад, 1400 км марзи давлатӣ дошта, баъзе аз зуҳуроти хатарафзо маҳз аз убур намудани марзи давлатӣ сурат мегирад.

Марзбонони тоҷик дар ҳифзи сарҳади давлатӣсодиқона хизмат намуда, ҳушёриро аз даст намедиҳанд ва нахоҳанд гузошт, ки эмиссарҳо ва дигар аъзои гурӯҳҳои ифротӣ марзро убур карда, вориди кишвари мо гарданд (2).

Тамоюл ва гароиши баъзе ҷавонон ба ҳаргуна ҳизбу равияҳо боиси ихтилоф, тафриқа ва ноороми ҷомеа мегардад. Дар ин ҷо тарбияи дурусти динии фарзандон дар айёми ҷавонӣ бисёр муҳим аст. Агар дар ҳамин давра маълумоти лозим ва дурусти динӣ ба онҳо дода нашавад, эътиқоди онҳо имкон дорад ноқис монад. Натиҷа чунин мешавад, ки ҳар инсон ё гурӯҳи ғаразнок бо гуфтани чанд ҷумлаи зебо дар зоҳир онҳоро фиреб диҳанд.

Сабаби дигар он аст, ки фаҳмиши нодурусти озодӣ, демократия боиси он гардид, ки баъзе гурӯҳҳои ҷомеа, алалхусус баъзе ҷавонон, аз паи ҳавою ҳавасҳо ва лаззатҳои моддӣ (молу сарват) ба амалҳои ношоиста, ҷиноят даст мезананд, ба доми фиреби фарҳангу динҳои сохтаву бегона кашида мешаванд.

Дар иртибот ба ин масъала омили дигар, аз қабили паст будани сатҳи зиндагиро набояд сарфи назар намуд. Мусаллам аст, ки нафарони зиёде аз сокинони Тоҷикистон, асосан ҷавонон, бо сабаби набудани ҷойи кор, ба хотири таъмини ризқу рӯзии аҳли оила зодгоҳи худро тарк намуда, дар Русия ва кишварҳои дигар кор мекунанд. Дар байни онҳо шахсоне ҳастанд, ки барои таъмини молиявии оилаи худ ба ҳама кор, аз ҷумла содир намудани ҷиноят ва шомил шудан ба ҳама гуна равия ва ташкилотҳои экстремистӣ иқдом менамоянд.

Омӯзиш ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз фориғболии баъзе падару модар ва роҳбарону кормандони муассисаҳои таълимӣ истифода намуда гурӯҳҳои тундраву ифротгаро ба муассисаҳои таълимӣ роҳ ёфта, кӯдакону ҷавонони бетаҷрибаро ба кирдорҳои

номатлуб ҷалб менамоянд. Мутаассифона, падару модароне ҳастанд, ки нисбати тақдиру ояндаи фарзандони худ бетафовут мебошанд. Баъзе падару модар, ҳатто фарзандони ноболиғи худро бо роҳҳои ғайриқонунӣ барои таҳсил ба хориҷи кишвар мефиристоданд. Ва намедонанд, ки фарзандонашон ба ҷои таълим ба чӣ корҳо машғул мешаванд. Ҳамаи инро ба назар гирифта Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бахшида ба муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (марти соли 2011) чунин изҳор намуд: «Рӯирост изҳор менамоям, ки баъзе аз ин муассисаҳо ҷавононро дар рӯҳияи ифротгароӣ ва экстремистӣ омода менамоянд. Бинобар ин ман соли гузашта ба мақомоти дахлдор супориш додам, ҷавононе, ки ғайриқонунӣ барои таҳсил ба хориҷи кишвар рафтаанд, баргардонида шуда, дар муассисаҳои таълимии кишвар ба таҳсил фаро гирифта шаванд. Имрӯз қисми эиёди онҳо ба ватан баргаштанд ва дар муассисаҳои таълимии кишвар таҳсил намуда истодаанд» (3, с.16).

Таҳсили ғайриқонунии ҷавонони тоҷик дар бархе аз марказҳои исломии давлатҳои хориҷӣ ба хусус кишварҳои арабӣ мояи нигаронист, зеро онҳо ҳангоми таҳсил дар ин донишгоҳу марказҳои исломӣ эмиссар гардида, баъди бозгашт ба ватан барои амнияти кишвари мо хатар эҷод менамоянд.

Тадбирҳои солҳои охир андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бозгардонидани чунин ҷавонон аз хориҷи кишвар ба маврид ва саривақтист.

Мутобиқи маълумоти қобили эътимод то моҳи июни соли 2015 аз 4166 нафар толибилмони ба давлатҳои исломӣ сафарбар шуда 3178 нафари онҳо ба ватан баргардонида шудаанд. Аз шумораи умумии толибилмон 5% наврасони то 15 – сола, 20% ҷавонони то 20 – сола, 55% ҷавонони то 25 – сола ва 22% аз 25 – сола боло мебошанд. 5% баргаштагонро духтарон ва ҷавонзанон ташкил медиҳанд (4).

Таҳлил нишон дод, ки аксари толибилмонро нафароне ташкил медиҳанд, ки дониши дунявӣ надошта, ҷаҳонбинии онҳо дар заминаи ғояи таассуб ташаккул ёфтааст.

Бархе аз ҷавонони хиёнаткор низ ошкоро ба шабакаҳои иҷтимоӣ, ба хусус дар «Одноклассники», ғояҳои «Давлати исломӣ»-ро тарғиб мекунанд ва аз ҳамсолонашон мехоҳанд, ки ба хотири ҷанг барои ислому таъсиси хилофат ба сафи ҷангиёни «Давлати исломӣ» пайванданд.

Бузургони миллат ибтидои Ватанро аз гаҳвора ва шири поки модар медонанд. Мардуми шарифи Тоҷикистон рафтори хоинонаи ин гуна ашхоси хиёнаткорро маҳкум намуда, ба онҳо шадидан нафрат доранд. Сабабҳои пайдоиши терроризму экстремизм гуногунанд.

Омилҳои асосӣ аз ҷумла сатҳи пасти дониши динӣ ва дунявӣ, маърифати ҳуқуқӣ, хоҳиши табаддулот ва норозигӣ аз вазъи воқеӣ, пайдо намудани шавқ ба фаъолияти нав, ҷой доштани камбудиҳо дар тарбияи оилавӣ, коҳиш ёфтани сатҳи зиндагӣ, поймол намудани ҳуқуқҳои динӣ ва этникӣ, дар сатҳи паст қарор доштани фарҳанги иттилоотӣ, фаъолияти динии мубаллиғони хориҷӣ ва ғайра ба шумор меравaнд.

Дар робита ба ин, барои пешгирии зуҳуроти экстремистӣ ва террористӣ ба масоили ташаккули шахсияти таҳаммулпазир, тавсияи корҳои равонӣ, ки барои пешгирии хушунат мусоидат менамояд, маҳдудияти иҷтимоии гурӯҳҳои террористӣ, маҳдуд намудани онҳо аз дастгириҳои дохилӣ ва берунӣ, ошкор ва нест кардани сарчашмаҳои маблағгузорӣ, рушди сиёсати давлатии мубориза бо терроризм ҳамчун зуҳуроти номатлуби иҷтимоию сиёсӣ, ҳамоҳангсозии нерӯи сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, идораи марказонидашуда оид ба тамоми фаъолият барои пешгирӣ ва мубориза бар зидди терроризм бояд таваҷҷӯҳи бештар зоҳир карда шавад.

Барои муборизаи мақсаднок ва пайваста бар зидди падидаҳои номатлуб, аз қабили радикализм, зуҳуроти он дар шакли экстремизм ва методи амалисозии он, яъне терроризм дар байни наврасон ва ҷавонон аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дастгирии тамоми сохторҳои ҳукуматӣ ва ғайриҳукумати таҳияи як барномаи муштараки ҷадиду мукаммал таҳти унвони «Ҷавонон ва масъалаҳои радикализм» хеле муҳим хоҳад буд.

**Адабиёт**:


1. *Гадоев С. Терроризм сарҳад надорад.//Минбари халқ.-2016. 16 март*
2. *Саидзода Марзия. Омилҳои гароиши ҷавонон ба тундгароӣ.// Сухани халқ.-2015. 6 май.*
3. *Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2 августи соли 2011)-Душанбе.-2012. С.12.*
4. *Тоҳир И. Оқибатҳои хатарноки ифротгароии салафӣ. //Минбари халқ.-2015.-3 июн.*
5. *Олимов С. Хиёнаткор ватан надорад.//Минбари халқ. – 2015.-17 июн.*

**Темиров К.О.,**
*ассистенти кафедраи молия ва қарзи ДДҲБСТ*

**Бобоҷонов Д.Р.,**
*ассистенти кафедраи молия ва қарзи ДДҲБСТ*

# МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМУ ЭКСТРЕМИЗМ ВАЗИФАИ ҲАР ЯКИ МОСТ!

***Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хатари терроризм ва экстремизмро аз хатарҳои аввалиндараҷаи ҷаҳони муосир номида, гуфтанд, ки он ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатаре на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст (1).***

Сарвари давлат таъкид намуданд, ки мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд. Гузашта аз ин, зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм, ки аксаран таҳти шоирҳои диниву мазҳабӣ сурат мегирад, ба дини мубини Ислом иртиботе надорад, баръакс аз ҷониби душманони ин дини муқаддас роҳандозӣ шуда, аз ваҳшонияти асри миёнагии террористӣ, пеш аз ҳама, кишварҳои исломӣ ва мусулмонони сайёра зарар мебинанд.

Ин гуфтаҳо моро водор месозанд, ки барои пешгирии ин вабои аср тадбирҳои судмандро роҳандозӣ намоем, ҷаҳду талоши худро барои сари вақт ошкор намудани аъзо, нақшаву мақсадҳои гурӯҳҳои ифротгарой, диниву мазҳабӣ бо камоли масъулият равона намоем. Таҳлилҳо шаҳодат медиҳанд, ки таи солҳои охир дар қисме аз давлатҳои дунё, аз ҷумла дар Тоҷикистон ҷараёну гурӯҳҳои нави динӣ - ифродгарой пайдо шуда, дар зери ниқоби дини Ислом фаъолият мекунанд. Мақсади асосии ин ҳаракату ҷараёнҳо ҷудоиандозӣ дар байни ҷомеа, махсусан ҷавонон мебошад.

Терроризм, яъне содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ аз яроқи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул

намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо(2).

Экстремизм аз калимаи фаронсавӣ *«экстремус»* гирифта шуда, маънои аслиаш ифродгароӣ, тундравӣ, фикру амалҳои тундравона ва аз ҳад гузаштан, аз андоза гузаштан аст. Экстремист шахсест, ки дар фаъолияти худ ҷонибдори амалҳои якравию тундравӣ аст. Ин амалу зуҳурот метавонад дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон, дар дин, сиёсат, идеалогия, илм ва ҳатто дар варзиш низ ба миён ояд. Дар Паёми Сарвари давлат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид шудааст: «Муттаассифона дар олами ислом равияҳое арзи вучуд карданд, ки баъзе амалҳояшон ба фитнакориву тафриқаандозӣ равона гардиданд. Ин ба моҳияти дини мубини Ислом мухталиф аст ва ба он иснод меорад» [3].

Экстремизм ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати нооромӣ, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабӣ мебошад.

Маводҳои экстремистӣ - ин интишори иттилоот ё ҳуҷҷатҳое, ки барои амалӣ гаштани фаъолияти экстремистӣ даъват карда мешаванд ё ногузирии ин фаъолиятро асоснок менамоянд, нашрияҳо, ки ногузирии бартарии миллӣ ё нажодиро талқин менамоянд ё таҷрибаи ҷиноятҳои ҳарбӣ ва дигар ҷиноятҳоро, ки ба несту нобудкунии пурра ё ҷузъии ягон намуд гурӯҳи этникӣ, иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ равона карда шудааст, асоснок мегардонад.

Дар шароити имрӯза мубориза бар зидди экстремизм бо самтҳои зерин амалӣ мегардад:

- андешидани employed чораҳои пешакӣ барои пешгирии фаъолияти экстремистӣ, аз ҷумла ошкоркунӣ ва бартараф намудани шарту сабабҳое, ки барои амалӣ гаштани фаъолияти экстремистӣ мусоидат мекунанд;
- ошкоркунӣ, огоҳкунӣ ва пешгирии фаъолияти экстремистии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ.

Воқеаҳои ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки айни замон бузургтарин таҳдид ин фақат экстремизм не, балки экстремизми динӣ мебошад. Оғози онро мо дар мисоли фаъолияти ба ном Давлати исломии Ироқу Шом, ки тамоми Ховари Миёнаро бахусус: Ироқ, Сурия, Либия, Яман ва ҳоло бошад таҳдиди вай ба Афғонистон ва давлатҳои ҳамсарҳади Осиёи Миёна дида мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузорӣ фаъолияти чунин созмонҳои экстремистӣ, мисли «Давлати исломӣ», «Ал-Қоида», «Толибон», «Бародарони мусалмон», «Ҳаракати исломии

Ӯзбекистон», «Ҳизб-ут-таҳрир», «Салафия», «Ҷамоати таблиғ», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», «Ҷабҳат Ан– Нусра», «Гурӯҳи-24» ғайриқонунӣ эълон карда шуда, фаъолияти онҳо дар қаламрави кишвар манъ карда шудааст.

Тоҷикистон аз назари демографӣ дар ҳоли рушди доимӣ қарор дорад ва аз нисф зиёди аҳолӣ, яъне қувваи асосии пешбарандаи онро ҷавонон ташкил медиҳанд. Бинобар ин, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, масъалаи наврасону ҷавонон ва ҳалли мушкилоти ҳаёти онҳоро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон кардааст.

Ба хотири пешгирии шомилшавӣ ба гурӯҳҳои ифротгаро ва таъмини шароити донишомӯзии наврасону ҷавонон солҳои охир аз тарафи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёде ба сомон расонида шуданд: ба монанди таъмиру таҷдиди мактабҳо, сохтмони муассисаҳои таълимии наву замонавӣ, сифати чопи китобҳои дарсӣ ва дастрасии онҳо, компутерикунонии муассисаҳои таълимӣ амалӣ гардонида шуда, Китобхонаи миллӣ бо таҷҳизоту технологияи пешрафтатарин ба истифода дода шуд.

Аммо новобаста ба кӯшишу дастгириҳои ҳамаҷонибаи давлат ва ҳукумат ҳоло ҳам мушкилоти ҷавонон, яъне ба мазҳабу равияҳои бегона шомил гардидани баъзе аз онҳо ҷой доранд.

Бинобар маълумоти Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар мубориза бо ҷиноятҳои созмонёфта, то имрӯз аз сӯйи ин ниҳод 85 нафар барои узвият бо Ҳизби Исломии Узбакистон, 64 нафар узви Ҷамоати ансоруллоҳ, 3 нафар узви Толибон, 4 нафар узви Ҷабҳат ан-нусра, 10 нафар – Давлат-ул-Ислом, 7 нафар – Мусалмонони солеҳ, 11 нафар – Ҳизб-ут-Таҳрир, 35 нафар Салафия, 2 нафар – Гурӯҳи 24, 14 нафар барои ҳамкорӣ бо Ҷамоати Таблиғ боздошт шудаанд (5) .

Ташкили кор оид ба пешгирӣ намудани ҷавонон аз шомилшавӣ ба гурӯҳҳои экстремистӣ зина ба зина якчанд марҳаларо дар бар мегирад. Ба андешаи мо, хуб мешавад, ки дар асоси барномаҳои махсус бо ҷавонон ва наврасон дар муасиссаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ, чорабиниҳо ва вохӯриҳо, маҳфилҳо, мизҳои гирд бо иштироки намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони ҷомеаи шаҳрвандӣ бештар гузаронида шаванд.

Дар ин робита, ба андешаи мо мувофиқи мақсад шуморида мешавад, ки амалҳо оид ба паст намудани зуҳуроти экстремистӣ дар муҳити ҷавонон ба самтҳои зерин равона карда шаванд:

¬ ба муносибгардонӣ ва беҳтар намудани муҳити иҷтимоии ҷавонон, дар он ташкил намудани фазои мусоид барои ҳамкориҳои созанда,

тарғиби эҳсосоти мусбат аз иштирок дар амалишавии лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва ҳавасманд гардонидани ҷавонон аз натиҷаи ба даст овардаи он, инчунин аз таҷрибаи ҳалли масоили насли ҷавон;

¬ ташаккули механизмҳои таҳлили ифротгароии ҷавонон, коркард намудани усулҳо барои нест кардани он ва дар ҷои он ташкил намудани соҳаҳои иҷтимоии созанда;

¬ ба вуҷуд овардани механизмҳои пурмаҳсули таъсир ба раванди сотсиаликунонии ҷавонон ва ворид намудани онҳо ба фазои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа;

¬ баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар оила, мактаб ва муассисаҳои олӣ;

¬ ба ҷои кор ва музди хуб таъмин кардани ҷавонон;

¬ баланд бардоштани ҳамкории мақомоти давлатӣ бо ҷавонон;

¬ таъсис додани марказҳои ёрии равонӣ ба ҷавононе, ки бо мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд;

¬ баланд бардоштани нақши ҷавонон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ.

**Натиҷаи ин кор бояд чунин бошад:**

• ташаккули шахсияти таҳаммулпазир, пурмасъул, бомуваффақият, ки ба пос доштани арзишҳои миллӣ, шаҳрвандӣ ва ватандустӣ нигаронида шудааст;

• рушди корҳои равонӣ, ки барои пешгирии хушунат равона карда шудааст, ташаккули маҳорати ҳамгироии иҷтимоӣ, малакаи таҳаммулпазирии рафтор, баромадан аз пайравӣ ба динҳо ва созмонҳои харобиовар;

• баланд бардоштани таъсири шуури иҷтимоии зиёиёни пешқадам, боистеъдод, асарҳои бадеӣ ва мустанад, ки моҳияти одамбезории табиати экстремизм (ифротгароӣ)-ро ошкор сохта, барои ташаккули муносибатҳои дӯстона ба муҳити сермиллат таъсири мусбат мерасонанд;

• танзими сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳамаҷонибаи чораҳои пешгирикунанда, бо усулҳои сиёсӣ,
ҳуқуқӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маъмурӣ дар ҳамбастагии мураккаби онҳо;

• маҳдудияти иҷтимоии гурӯҳҳои террористӣ, маҳрум намудани онҳо аз дастгириҳои дохилӣ ва берунӣ, ошкор ва нест кардани онҳо аз сарчашмаҳои маблағгузорӣ, аз ҷумла даромадҳои қонунӣ ва ҷиноятии террористон ҳам дар дохил ва ҳам хориҷи кишвар, аз ҷумла, маҳдуд кардани террористон аз манбаъҳои пурра кардани силоҳ ва воситахои техникӣ, воридот ва фурӯши яроқ;

• ошкор ва бартараф намудани сабабҳо ва шароитҳои пайдоиши терроризм, рушди сиёсати давлатии мубориза бо терроризм ҳамчун

падидаи иҷтимоию сиёсӣ, ҳамоҳангсозии қувваҳои сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, идоракунии марказонидашуда оид ба тамоми фаъолият барои пешгирӣ ва мубориза бар зидди терроризм, инчунин дастгирии ҳамаҷонибаи амалишавии чорабиниҳои ҳарбӣ, махсус ва идеологӣ.

Ҳамин тариқ, стратегияи пешгирии фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ бояд ба таҳким ва ҳамгироии таъсири тарбиявии оила, мактаб, муассисаҳои таълимии касбии сатҳи гуногун, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва васоити ахбори омма равона карда шавад.

**Адабиёт:**


1. *Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе 22.12.2016с.*
2. *Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе, 13.11.1998с.*
3. *Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 20.01.2016с.*
4. *Терроризм ва экстремизм – зуҳуроти номатлуби замони муосир(Матн): Тавсияи методӣ барои китобдорон/Мураттибон: Ш.Муҳаммадиева; О. Мирзоева; Муҳаррир Ҷ. Валиев; Зери назари умумии Г.Маҳмудов – Душанбе – 2016с.- 20с.*
5. *Пособие по профилактике религиозного экстремизма в молодежной среде. Учебное пособие. Сост. и ред. В.В.Митрофаненко, / Камолова М.Р., номзади илмҳои сиёсӣ, муовини сардори Раёсати омӯзиши масъалаҳои амнияти минтақавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*



**Тюряев Д. А.,**
*старший преподаватель*
*кафедры мировая экономика*


## АНАЛИЗ ПРОБЛЕМ, СВЯЗАННЫХ С ВОВЛЕЧЕНИЕМ МОЛОДЁЖИ В РАДИКАЛЬНЫЕ И ЭКСТРЕМИСТСКИЕ ГРУППИРОВКИ И МЕТОДЫ ИХ РЕШЕНИЯ

Проблема вовлечения молодых людей в различные радикальные и экстре мистически настроенные организации стоит очень остро, особенно в условиях нестабильной экономической ситуации, которая сложилась в последнее время на территории РТ в связи с мировым экономическим кризисом.

Молодые люди не получают достойного образования в школах, что в дальнейшем отрицательно сказывается на их поступлении в ВУЗы.

Отсутствие рабочих мест и неопределенность в жизни молодежи так же подталкивает различные радикально настроенные организации к вовлечению в свои ряды молодых людей.

Хотелось бы отметить информационный вакуум, в котором находятся молодежь в районах. Доступ к интернету очень ограничен, отсутствие своевременного поступления газет и других печатных изданий, так же отсутствие каналов местного, областного и республиканского телевидения в отдалённых районах нашей страны приводит к тому, что молодежь не получает объективной информации о происходящих изменениях в области законодательства и права, не имеет представления о происходящем в республике и в мире.

К сожалению, молодые люди, школьники старших классов и студенты не в полной мере имеют представления о существующих законах РТ, а так же о существующих правах и обязанностях, предоставляемых со стороны государства и государственных органов.

В рамках решения проблем вовлечения молодежи в различные экстремистские и радикальные группировки был реализован совместный проект «MYPAR»,который реализовывали Международная организация «Alert international» и национальная Общественная организация «Ассоциация научно-технической интеллигенции Таджикистана». В рамках реализации проекта были проведены встречи в сообществах с молодыми людьми и их родителями. Всего были охвачены 2 района и 6 джамоатов Согдийской области (Б.Гафуров и Ашт)

| **Район** | **Джамоаты** | **Количество школ** | **Количество участников** |
|---|---|---|---|
| Ашт | Шайдон | 5 | 31 |
| | Камышкурган | 6 | 26 |
| | Понгоз | 12 | 27 |
| Гафуров | Гафуров | 5 | 25 |
| | Унджи | 7 | 28 |
| | Костакоз | 8 | 25 |
| **Итого** | | **43** | **162** |

**Талица №1. Охват школьников**

Проведенные встречи в сообществах наглядно отразили ситуацию неудовлетворительного уровня знаний молодёжи о существующих правах и обязанностях, о существующих мировых и национальных религиях. Ведь не секрет, что специфика вовлечения молодёжи в странах средней и центральной Азии строится на религиозных чувствах.

Наши молодые люди получают скудную информацию не из достоверных источников о нашей религии, чем непременно пользуются различные организации и различные неформальные лидеры, трактуя ситуацию в благоприятном и выгодном для себя свете, подвергая при этом опасности молодежь. Ведь не всегда всё может хорошо закончиться, чаще всего итогом становится привлечение молодых людей к административной и уголовной ответственности, а иногда заканчивается и фатальными исходами.

Одной из основных причин возникновения радикализма, экстремизма и насилия является низкое социально-экономическое положение людей, особенно проживающих в сообществах, отдаленных от центров. Практически в каждой четвёртой семье глава семьи находится на заработках в соседних государствах, в основном в Российской Федерации. И соответственно вся тяжесть в вопросе воспитания молодых людей ложится на плечи женщин. Помимо того, что женщинам приходится вести хозяйство, которое отнимает у них огромную массу времени, им так же приходится стараться успевать в вопросах воспитания детей. Если младшие дети, не достигнувшие подросткового возраста, не вызывают особых хлопот, то дети постарше, достигшие 12 лет и старше практически не поддаются воспитательному процессу со стороны матерей и предоставлены сами себе.

Вопросы образования в школе так же являются очень важными в процессе воспитания молодых людей. После распада СССР, таджикская образовательная система постоянно проходит процесс реформации, но так и не достигла окончательного уровня образования. До сих пор нет чётко разработанных методик обучений. В основном используют методики, которыми пользовались 30-40 лет назад в советское время. Но ведь время не стоит на месте и диктует каждый день все новые и новые требования и условия. В связи с этим, Президент страны, выступая на собраниях и совещаниях, постоянно отмечает несовершенство существовавшей системы образования в советское время и требует безотлагательного вмешательства реформ в образовательную систему Республики Таджикистан.

По словам женщин- матерей на сегодняшний день в школах катастрофически не хватает профессиональных учителей, особенно по точным наукам и предметам. Сами школы нуждаются в модернизации

и укомплектовании материально-технической базы. Практически во многих школах отсутствуют лабораторные классы по физике и химии. Так же отсутствуют элементарные библиотеки, как в школах, так и в районах. А если и есть таковые, то в них нет достаточного количества литературы.

Следующей немаловажной причиной вовлечения молодых людей в различные радикальные, экстремистские и террористические организации является отсутствие спортивных секций в сообществах и отсутствие спортивных залов. Ведь если бы молодые люди в свободное от учебы время имели возможность посещать спортивные секции, то это резко бы снизило уровень вовлеченности в различные группировки. По словам родителей у их молодых людей есть огромное желание и потенциал заниматься спортом, но к сожалению, отсутствие материально технической базы и профессиональных тренеров приводит к тому, что дети постепенно отдаляются от спорта и у них появляются 2 крайности:

1. Либо молодые люди попадают под различные религиозные и радикальные влияния и впоследствии вовлекаются в группировки

2. Либо молодые люди напротив приобщаются к спиртным напиткам и наркотикам.

После отъезда отцов и братьев в трудовую миграцию у матерей практически не остается времени на общение с детьми, т.к. матерям приходится работать не покладая рук, как дома, так и на своих рабочих местах. Большинство матерей не имеют представления, чем заняты их дети в течение дня. Утром, проводив из дома своих детей в школу, матери видят своих детей поздно вечером по приходу с работы.

Вот тут и возникает вопрос: А, чем был занят их сын в течение дня?

Следующим немаловажным этапом в жизни молодых людей является этап становления их как личностей, и он протекает параллельно с окончанием школы и получением среднего, профессионально-технического и высшего образования. Для получения достойного высшего образования на сегодняшний день не достаточно иметь хорошего среднего образования, так же необходимо иметь финансовые средства, для оплаты образования в ВУЗе. К сожалению, далеко не все семьи могут позволить себе оплату образования своих детей.

Следующим важным вопросом, возникающим, в процессе становления молодых людей является вопрос трудоустройства. На сегодняшний день практически каждый молодой человек в сельской местности мечтает после окончания школы сразу уехать в трудовую миграцию в Российскую Федерацию. Вопрос безработицы очень

остро стоит в обществе. Многие молодые люди не могут найти себе работу с достойным заработком. Около 80 процентов молодых ребят, не поехавших в трудовую миграцию, работают продавцами на рынках.

Многие молодые люди получают средне-техническое (профессиональное) образование по невостребованным профессиям и им необходимо перепрофилироваться для получения предложения на работу. По мнению родителей, необходимо еще в школах открывать кружки по разным направлениям работы, такие как кондитерское дело, швейное ремесло, курсы сварщиков, каменщиков, штукатурщиков и т.д. Эти кружки позволят, молодым людям, еще в школе получать профессиональные навыки и в дальнейшем будут способствовать приобретению работы с хорошим заработком. Ведь когда молодые люди имеют хорошее образование и хорошую работу, то их очень тяжело будет вовлечь в различные группировки.

Следующей причиной вовлечения молодых людей в религиозные радикальные и экстремистские группировки является отсутствие достаточных знаний о существующих религиях и в частности о религии Ислам.

Не секрет, что за последние 100 лет наша страна 70 лет из них пребывала в советском строе, который категорически отвергал наличие Бога и религии. В течении 70 лет нам были навязаны атеистические взгляды. Соответственно, несколько поколений людей выросли вдали от понимания религии и Бога. После развала СССР на территории нашей страны активизировались религиозные лидеры и ячейки, которые не всегда правильно доводили до людей каноны Ислама. Так же появились множество различных группировок, которые под прикрытием религии и религиозных чувств начали вовлекать молодых и не состоявшихся людей, с низким уровнем образования и с низким социально-экономическим уровнем в свои ряды.

По словам родителей было бы хорошо организовать в школах уроки по основам религии, которые давали бы достоверные понятия об Исламе и вообще о всех существующих религиях. Ведь не секрет, что отсутствие достоверных знаний об Исламе играет на руку различным неформальным лидерам, которые используют ценности Ислама в своих интересах. Немаловажным фактором является то, что сами родители не обладают соответствующим представлением о существующих религиях и в частности религии Ислам. Ведь первые к кому обращаются дети это их родители и если родители не знают ответов, то на «помощь» приходит улица и различные неформальные лидеры.

Предложения родителей:

-больше внимания уделять развитию спорта и туризма среди молодёжи

- проводить различные мероприятия по предотвращению терроризма, экстремизма, радикализма и различных движений и обучать этому преподавателей

- проводить олимпиады среди школьников по различным дисциплинам

- распространять информацию о борьбе против радикализма посредством телевидения и радио

- организовать образовательные лагеря для школьников и студентов

- проводить конкурсы на подобные темы между школьниками и студентами

- организовывать различные кружки в школах, и сообществах (бесплатно)

- изучать опыт других государств и использовать его в своем государстве

- создать условия для проведения образовательных мероприятий (ток-шоу, КВН)

- создание рабочих мест для молодых людей в соответствие с образованием и их выбором

- размещать в СМИ информацию о подрастающем поколении и молодежи

- проводить обход в сообществах и разъяснять, как бороться с радикализмом, показывая при этом сценки и проводить игры о предотвращении терроризма

- привлечь молодежь к современной технике

- проводить для молодежи различные творческие вечера, дискуссии для того, что бы остановить тех, кто под маской ислама входят в различные партии и движения, так как их основная цель создать исламское государство

- создавать библиотеки

- показывать на телевидении социальные ролики

- повышать уровень информированности женщин и девушек

- устанавливать дружеские взаимоотношения между школами и университетами

- в СМИ создавать образовательно-развлекательные программы с участием как молодых людей, так и их родителей

- вводить понятия и темы радикализма и сети Интернет

- организовывать места отдыха рядом с местом жительства

- проводить встречи с лидерами сообществ

- усилить работу Центров Дополнительного Образования (дома пионеров)

- размещать в газетах статьи о подрастающем поколении и молодежи

- проводить различные интересные игры, конкурсы, спортивные мероприятия среди школьников и студентов, лагерей, краткосрочные курсы по привитию специальности

- вести воспитательную работу с молодежью (в школе и семье)

- проводить консультационную работу и беседу особенно с молодежью, которая поддерживает такие мысли

- организовывать компьютерные курсы, театральные постановки, семинары по подобным темам для родителей, различные конкурсы на лучшее сочинение или молодой художник

- преподавателям разъяснять на уроках темы религии и прав человека

- усилить роль родительского комитета и кураторов

- организовывать спортивные площадки, компьютерные курсы и курсы обучения профессиям в сообществах

- прививать молодежи желания читать больше книг

- проводить воспитательные часы на темы «Предотвращение радикализма и экстремизма среди молодёжи»

**Турсунов Х.М.,**
*докторанти PHD соли таҳсили*
*2-юми ихтисоси 6D030100-(03)*
*ДДҲБСТ*

## САМТҲОИ ТАТБИҚИ ҲУҚУҚИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд гурӯҳи ҳуқуқҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодӣ мақоми махсусро ишғол менамояд. Он чунин самтҳои муҳими ҳаёти инсонро, ба монанди моликиятдорӣ ва меросгузории он, муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ, таъминоти иҷтимоӣ, истироҳат, саломатӣ ва таҳсилро дарбар гирифта, ба таъмини эҳтиёҷоти моддӣ, ҷисмонӣ ва маънавии шахс равона карда шудаанд.

Низоми ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон ва шаҳрванд давраи нави муносибатҳои молу мулкӣ, моликиятдорӣ, тағйирёбии сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии давлат, ҳарчи бештар фаъол гардидани нақши инсонро дар пурзӯр шудани кафолати онҳо инъикос мекунад (6, с. 532).

Тарбияи иқтисодӣ ба ҷавонон, умуман шаҳрванд дар низоми иқтисоди миллии кишвар ва иҷтимоии ҷомеа мақоми худро дорад.

Тарбияи иқтисодӣ аз оила оғоз ёфта, дар муассисаҳои таълимӣ ва истеҳсолот давом меёбад.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодии ҷавонон ва самтҳои асосии он пешбинӣ карда шудааст. Асосҳои ҳуқуқии тарбияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар меъёрҳои Конститутсия, Кодекси гражданӣ ва қонунҳои қабулкардашуда инъикос ёфтаанд.

Қайд кардан лозим мебошад, ки самтҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон ҳамавақта зери сиёсати давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дода шудааст. Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 22 – юми декабри соли 2016 қайд намудаанд: «Аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса, ояндаи миллат ва давлат мебошанд.

Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд» (2).

Баробари ҳамин, самтҳои асосии татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷавонон дар Тоҷикистони соҳибистиқлол мувофиқи қонунгузории ҷорӣ муайян ва пешбинӣ карда шудааст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» (3) №52 аз 15 - уми июли соли 2004 чунин меъёрҳои сари вақтӣ ва муҳим асоснок пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла, тибқи моддаи 19 - уми Қонун, дастгирии давлатии ҷавонони соҳибистеъдод қисми таркибии сиёсати давлати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бо роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад:

– муқаррар намудани стипендия, мукофот, пешниҳоди грантҳои давлатпи таҳсилотӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– бунёд ва рушди марказҳо оид ба муҳайё ва тайёр намудани ҷавонони соҳибистеъдод;

– ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо бо мақсади муайян ва паҳн намудани дастовардҳои илмӣ ва эҷодии ҷавонон;

– таъмини дастрасии ҷавонони соҳибистеъдод ба барномаҳои таълимотӣ, такмили ихтисос ва коромӯзӣ дар дохил ва хориҷи кишвар дар асоси озмун;

– муҳайё намудани шароит ба олимони ҷавон, кормандони ҷавони соҳаҳои маориф ва фарҳанг баҳри амалӣ намудани фаъолияти илмию эҷодӣ, мусоидат ба амалӣ гаштани дастовардҳои олимони ҷавон;

– ҳавасмандгардонии маънавии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ҷавононро соҳибистеъдодро дастгирӣ менамоянд.

Ғайр аз ин, мувофиқи қонунгузорӣ дастгирии иқтисодию иҷтимоии ҷавонон маҷмуи тадбирҳоест оид ба таъминоти моддӣ, молиявӣ ва пешниҳоди хизмату имтиёз, ки он аз ҳисоби манбаъҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ бо мақсади худинкишофёбӣ ва худтаъминкунии ҷавонон, татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон маблағгузорӣ мешавад.

Дар асоси муқаррароти моддаи 22-уми Қонун дастгирии иҷтимоии ҷавонон бо роҳҳои зерин амалӣ мегардад:

– маслиҳат доир ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, психологӣ, омӯзишӣ, тарбияи эстетикӣ, оилавӣ ва мавзуъҳои таносулӣ;

– ёрии психологӣ, тиббӣ, наркологӣ ва дигар шаклҳои ёрӣ ба ҷавонон ва падару модарони онҳо ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда;

– хизматрасонии муташаккили тиббӣ (патронажӣ) ба оилаҳои ҷавон;

– касбу ҳунаромӯзӣ, омӯзиши забонҳо ва технологияи муосир, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси ҷавонон, таъмини онҳо бо иттилоот дар бораи ҷойи кор ва вазифаҳои холӣ, ёрии муассисаҳои давлатии шуғл барои интихоби муносиби ҷойи кор ва бо кор таъмин кардани ҷавонон;

– ташкили истироҳат ва солимгардонии тобистонаи ноболиғон аз оилаҳои камбизоат ва серфарзанд;

– дигар хизматрасониҳои иҷтимоӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз бандҳои пешбинӣ кардаи қонунгузории ҷорӣ маълум мегардад, ки самтҳои асосии татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ амалгардонии меъёрҳои қонунӣ мебошад. Дар ин ҷода ҳадду ҳудуди татбиқи ҳуқуқҳои ишорагардидаро санадҳои меъёрию ҳуқуқии давлат тарҳрезӣ намудааст. Бахусус, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №1107 аз 26 – уми июли соли 2014 «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» (4) муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷамъиятиро вобаста ба ҳимоя, дастгирии давлатӣ ва рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон танзим намуда, кафолатҳои давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкориро таъмин мекунад.

Меъёрҳои ба ҳамҳаволакунандаи қонунгузорӣ ишора менамояд, ки тибқи моддаи 15 - уми Қонун дар бораи дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон, ҳуқуқи ҷавононро ба фаъолияти соҳибкорӣ

асоснок кардааст. Яъне, давлат ҳуқуқи ҷавононро ба моликият ва фаъолияти соҳибкорӣ кафолат медиҳад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ки соҳибкорӣ чунин низоми хоҷагидориест, ки субъекти асосии онро соҳибкор ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳанда ва миёнарав ишғол менамояд. Захираҳои моддӣ ва инсониро ҳарҷӣ самаранок муттаҳид менамояд, ҷараёни истеҳсолотро ташкил намуда, дар асоси таваккалии соҳибкорӣ, ҷавобгарии иқтисодӣ барои натиҷаҳои соҳибкорӣ, яъне фоида ба даст овардан идора менамояд.

Соҳибкорӣ ҳастии умум, мустақилона, нотакрор, гуногунҷабҳаи ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии шахс мебошад ( 5, с. 7)

Оид ба самтҳои муҳими татбиқи ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодии ҷавонон қонунгузорӣ инчунин татбиқи ҳуқуқи ҷавонон ба истироҳат ва ҳифзи саломатӣ (моддаи 17-уми Қонуни №52), татбиқи ҳуқуқи ҷавонон ба таҳсил (моддаи 18-уми Қонуни №52), қабули қарорҳои дахлдор, аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ доир ба дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ мутобиқи барномаи ҳудудии рушди соҳибкорӣ (моддаи 17-уми Қонуни №1107) ва ғайраро мустаҳкам намудааст.

Пайваста ба ин ташкили истироҳат ва ҳифзи саломатии ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон ба шумор меравад. Ҳуқуқи ҷавонон ба таҳсил бо қонунгузории соҳаи маориф муқаррар карда шуда, давлат барои таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари ҷавонон ба таҳсил шаҳрвандони ҷавон, хусусан аз оилаҳои камбизоат ва серфарзанд, духтарони деҳот, ҷавонони соҳибистеъдодро бо тартиби афзалиятнок дастгирӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол нисбат ба татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии ҷавонон ҳама асосҳо пеш оварда шудааст. Дар ин татбиқнамоӣ нақш ва мавқеи субъектони асосии ҳуқуқӣ шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ ва пеш аз ҳама ҷавонон аҳамияти калон мебозад.

**Адабиёт:**

*1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, Қонуният, 2016.*

*2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 22.12.2016с. //www.president.tj*

*3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, № 7, мод. 459; с. 2011, № 6, мод. 429; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с., № 1161.*

4. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» // www.mmk.tj*

5. *Самадов Б. О. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Васоити таълим, қ. 1. – Хуҷанд: Ношир, 2013.*

6. *Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. / Зери таҳр. проф. Маҳмудов М. А. – Душанбе: ЭР-граф, 2012.*

**Умарова С.И.,**
**Раупова Ш.М.,**
*унвонҷӯёни кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДДҲБСТ*

## ҲАДАФУ МАҚСАДҲОИ МАНФИИ ГУРӮҲҲОИ ЭКСТРЕМИСТИЮ ТЕРРОРИСТӢ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА РУҲИЯИ ҶАВОНОНИ ҶОМЕА

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳимтарин масоили марбут ба ҳаёти давлату давлатдорӣ, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат мушаххасу муайян ва доир ба сиёсати давлатии ҷавонон андешаҳои ҷолиб баён гардиданнд.

Паёми Пешвои миллат барои ҷавонони мамлакат дастур ва ҳуҷҷатҳои раҳнамо мебошад, ки амалӣ намудани он муфиду самарабахш хоҳад буд. Дар он Пешвои миллат таъкид карданд, ки "Татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, неруи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа ва ояндаи миллат мебошанд"(1). Ҷавҳари сиёсати давлатии ҷавононро дар Тоҷикистон ҷонибдорӣ аз иқдому ташаббусҳои созандаи ин неруи пешбарандаи ҷомеа ташкил медиҳад. Роҳбари мамлакат дар ин самт ҳамеша дастгир ва ғамхори ҷавонон мебошанд. Бинобар ин, наврасону ҷавонони моро зарур аст, ки ҷавобан саъю талоши хешро ба донишандӯзӣ, интихоби касбу ҳунарҳои муосир, ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи Ватан, рушди илму техника ва бунёдкорӣ равона созанд.

Ҳукумати мамлакат масъалаҳоеро, ки ба сиёсати давлатии ҷавонон алоқаманд мебошад, дар маркази диққати худ қарор медиҳад ва барои дастгирии иқдомоти бунёдкоронаи ҷавонони кишвари соҳибистиқлоламон тамоми чораҳои зарурӣро амалӣ мегардонад.

Бояд барои ҷавонон чунин шароите муҳайё сохта шавад ва онҳоро тарзе тарбия дода шавад, ки фарзандони мо дар зиндагӣ роҳи

дурустро интихоб намоянд, илму донишҳои муосирро азхуд кунанд, касбу ҳунарҳои замонавиро омӯзанд ва оянда мақоми арзандаи худро дар ҷомеа соҳиб шаванд, зери мувофиқи маълумоти омории шумораи аҳолии доимӣ дар соли сипаригашта ба микдори 2340, 2 ҳазор ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 1181 ҳазор мардҳо ва 1159,2 ҳазор занҳо ба ҳисоб гирифта шудаанд, аҳли ҷомеа бо чавонони созандаи худ ифтихор мекунад, чунки ҷавонони даврони соҳибистиқлолии Ватанамон имрӯз бо нангу номуси миллӣ, ташаббусҳои шоиста ва эҳсоси баланди ватандорӣ дар рушди Тоҷикистони азиз ҳиссаи арзишманд мегузоранд ва ба Модар - Ватани худ содиқона хизмат мекунанд. Инчунин басо ҳалталаб будани ҳолати масъалаи зерин аз он иборат аст, ки наздик 30%-и таркиби умумии аҳолии мамлакатро ҷавонон ташкил медиҳанд. Қобили қайд аст, ки соли 2017-ро Сарвари кишвар дар паёмашон "Соли ҷавонон" эълон кардаанд.

Дар ин росто, кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, дигар сохтору мақомоти дахлдор, аз ҷумла роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки ба масъалаи истифодаи самараноки нерӯи созандаи ҷавонону бонувон, тарбияву интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои хизмати давлатӣ аз ҳисоби ҷавонон ва духтарону бонувони лаёқатманд ва донишманду соҳибмаърифат, инчунин ташвиқи онҳо ба донишандӯзӣ, азхуд кардани касбу ҳунарҳои замонавӣ ва ташвиқи тарзи ҳаёти солим эътибори аввалиндараҷа бояд дода шавад.

Дар шароити ташаннуҷи рӯзафзуни авзои сиёсии чаҳон ва тағйиру таҳаввулоти босуръати он, торафт вусъат гирифтани низоъҳои байнидавлативу байнимазҳабӣ ва авҷи ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ ҳимояи марзу буми кишвар ва ҳифзи амнияти давлату миллат барои мо масъалаи аввалиндараҷа ва ҳаётан муҳим ба шумор меравад.

Вазъи имрӯзаи минтақа ва ҷаҳон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, амнияти миллӣ ва сохторҳои низомиро водор месозад, ки фаъолияти худро ба таври ҷиддӣ тақвият бахшида, барои иҷрои вазифаҳое, ки имрӯз дар назди онҳо қарор доранд, ҳамеша омода бошанд.

Роҳбарони сохтору мақомоти зикршуда вазифадоранд, ки дар баробари омодагии ҳаматарафаи ҳарбӣ ва касбии ҳайати шахсӣ ва кормандону хизматчиёни ҳарбӣ ба масъалаи тарбия ва обутоби ҷисмониву маънавии онҳо бояд диққати доимӣ диҳанд.

Роҳбарон ва ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ бояд дар иҷрои вазифаву ӯҳдадориҳои хизматиашон доим ҳушёру зирак бошанд, барои таъмини волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи суботу оромии ҷомеа бар зидди таҳдиду хатарҳои муосир - терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи

мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ қотеъона мубориза баранд.

Дар баробари ин, авзои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва зарурати таъмини амнияту суботи кишвар баланд бардоштани сатҳи таъминоти моддиву техникӣ ва маблағгузории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишварро ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани тайёрии касбӣ ва омодабошии ҷангии онҳо тақозо менамояд. Барои ҳамин ҳам, ба Ҳукумат зарур аст, ки маблағгузории сохтору мақомоти зикршударо аз буҷети давлатӣ ҳар сол зиёд карда, таъминоти моддиву техникии онҳоро тибқи талаботи рӯз ва вазъи сиёсии ҷаҳон ба роҳ монад.

Рӯйдодҳои охири ҷаҳон, яъне боз ҳам тезутунд гардидани вазъ дар Шарқи Наздик, Осиё, Африкои Шимолӣ, Аврупо ва дигар минтақаҳои дунё нишон медиҳанд, ки терроризм ва экстремизм ба хатарҳои аввалиндараҷаи ҷаҳони муосир табдил ёфтаанд.

Доманаи фаъолияти созмонҳои террористон торафт васеъ шуда, фаъолшавии онҳо, аз ҷумла дар ҳамсоякишвари мо - Афғонистан вазъиятро боз ҳам мураккабтар гардонидааст.

**Хулоса,** имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст.

Мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд. Ҳаминро бояд қайд кард, ки истифодаи «сиёсати дугона» нисбат ба терроризм ва экстремизм самаранокии кушишҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар муборизаи муштарак бо ин зуҳурот ҷиддан коҳиш дода, баръакс, мухолифатҳои наверо байни эътилофҳои ҳарбиву сиёсӣ эҷод мекунад ва авзои ҷаҳонро боз ҳам ноором месозад.

Аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдат Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чандин маротиба аз минбарҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ таъкид карда буд, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад.

Гузашта аз ин, зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм, ки аксаран таҳти шиорҳои диниву мазҳабӣ сурат мегирад, ба дини мубини ислом иртиботе надорад, баръакс, аз ҷониби душманони ин дини муқаддас роҳандозӣ шуда, аз ваҳшонияти асримиёнагии террористон, пеш аз ҳама, кишварҳои исломӣ ва мусулмонони сайёра зарар мебинанд, ки шомили ин рафтору кирдорҳои ноинсонона мутаасифона қисми асосиашро ҷавонон ташкил додаанд.

Боиси таассуф аст, ки баъзе созмонҳои байналмилалӣ аз ҷониби як қатор доираҳо ва давлатҳову фондҳо ошкоро маблаггузорӣ гардидани созмонҳои террористиву ифротгаро, поймолшавии ҳуқуқи

инсон, аҳволи тоқатфарсо ва дар роҳи муҳоҷират дар баҳрҳо ғарқ шудани ҳазорон нафар гурезаҳо, аз ҷумла занону кӯдаконро нодида мегиранд. Бар асари истифодаи қувва ва зурӣ дар равобити байналмилалӣ дар ҳифзи манфиатҳои хеш рӯ ба рӯ омадани қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, зери фишори нерӯву унсурҳои бегона амалан аз байн рафтани низоми давлатдории як силсила кишварҳо ва вусъати торафт афзояндаи терроризму экстремизм вазъи ҳуқуқии байналмилалӣ хеле заиф шуда, истиқлолияти давлатҳои миллӣ осебпазир гардидааст, ки намуна ва пайомадҳои чунин вазъро мо дар мисоли Сурия, Ироқ, Либия, Яман ва Афғонистон мебинем.

Ислоҳи ин вазъ таҳкими пойгоҳи ҳуқуқии мубориза бо терроризм ва экстремизм, аз ҷумла дар санадҳои байналмилалӣ муқаррар намудани муҷозоти кишварҳои ба терроризм мусоидаткунанда, роҳандозӣ намудани тафтиши байналмилалии зуҳуроти терроризм ва мавриди муҳокимаи Суди байналмилалӣ қарор додани роҳбарони сиёсӣ ва ҳарбӣ, фондҳои ба ном хайрия, соҳибкорон ва дигар ашхоси ба терроризм мусоидаткунандаро тақозо менамояд.

Тоҷикистони азизи соҳибистиқлоламон, ки ҳанӯз солҳои навадуми асри гузашта даврони фоҷиабори муқовимат ба экстремизм ва терроризмро аз сар гузаронида, дар ин роҳ даҳҳо ҳазор талафоти ҷонӣ дода буд, ҳамеша дар сафи пеши мубориза бо ин зуҳуроти даҳшатноку нафратовар қарор дорад.

Воқеаҳои нангини аввали моҳи сентябр, яъне суиқасди табаддулоти мусаллаҳонаи давлатӣ, ки бо маблағгузориву сарпарастии бевоситаи роҳбарияти собиқ Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон сурат гирифтанд, бори дигар нишон доданд, ки баъзе доираҳои сиёсии хориҷӣ то ҳанӯз аз ниятҳои бадхоҳонаи худ нисбат ба миллати тоҷик даст накашидаанд ва мехоҳанд мақсадҳои харобкорона ва хоинонаи хешро бо дасти зархаридону гумоштагонашон амалӣ гардонида, ба сари мардуми мо низоми бегонаро таҳмил намоянд.

Вале хоинони миллати тоҷик фаромӯш кардаанд, ки мардуми шарафманди Тоҷикистони соҳибистиқлол дигар намегузоранд, ки касе зиндагии орому осудаи онро мисли солҳои навадуми асри гузашта бо фитнаангезиву дасисабозӣ халалдор намояд ва халқи ободгари моро аз маҷрои созандагиву бунёдкорӣ берун созад.

Ҳамин буд, ки бо дастгирии фаъолонаи мардуми кишвар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар муҳлати кӯтоҳтарин тавонистанд нақшаҳои ҷинояткоронаи террористонро барҳам зада, оромии Ватани азизамонро ҳифз ва таъмин намоянд. Ҳодисаҳои зикршуда, равандҳои муосири сайёра ва вазъи минтақа ҳушдор медиҳанд, ки ҳаргиз зиракии сиёсиро аз даст надиҳад ва барои ҳимояи амният, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, волоияти қонун ва оромиву

осудагии кишвари маҳбубамон ҳамеша омода буданро талаб мекунад. Вазъияти бамиёномада фароҳам овардани заминаҳои дахлдори ташкиливу ҳуқуқӣ ва фазои оштинопазирро бо экстремизм ва терроризм дар сатҳи барномаи стратегии давлат тақозо дорад.

Дар доираи тақвияти мубориза бо терроризм ва экстремизм бояд номгӯи субъектҳои бо онҳо муборизабаранда васеъ ва дақиқ гардонида, дар баробари ин ҷавобгарӣ ва ҷазо барои содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, ҷиноятҳои хусусияти террористиву экстремистӣ дошта ва хиёнат ба Ватан, шарики дар чунин ҷиноятҳо, аз ҷумла нисбат ба ташкилкунандагон ва шахсони ба онҳо мусоидаткунанда пурзӯр карда шавад.

Бояд ки ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани муқовимат ба истифодаи шабакаи интернет бо мақсадҳои экстремистона ва террористона Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Прокуратураи генералӣ ва дигар мақомоти марбутаро зарур аст, ки доир ба масъалаи таъсиси маркази мубориза бар зидди ҷиноятҳо бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва кибертерроризм корбарии ҷоннокро талаб менамояд (1).

**Адабиёт:**


1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, 20 январи 2016с.*
2. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, 22декабри 2016с.*
3. *Аҳмадзода О. Паёми Пешвои миллат – ҳидоятгари ҷавонон.// Садои мардум, “ 7 (3644). 24.01.2017. С. 2.*
4. *Ҳоҷизода Т. Муборизаи беамон алаёҳи салафия.//Тирози ҷаҳон, № 2, 4.01.2017. С. 2.*
5. *Ҷӯразода Ғ. Истиқлолият чӣ дод? // Илм ва ҳаёт, 2012, №7-9. С.7-9*
6. *Терроризм ва ифротгароӣ – роҳҳои пешгирии он. - Душанбе: Маориф, 2015.- 250с..*

**Хайдарова М. Х.,**
**Валиева Д. М.**
*ассистенты кафедры аудита и ревизии*
*ТГУПБП*

# ВОСПИТАНИЕ СТУДЕНЧЕСКОЙ МОЛОДЕЖИ В ВУЗАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Целенаправленная, систематическая работа по воспитанию навыков и привычек культурного поведения начинается с приходом студентов в учебное заведение.

***С***туденчество является наиболее интеллектуальной, творчески развитой и прогрессивной частью молодежи, важнейшим фактором политического, духовного и экономического преображения таджикского общества.

Главным противоречием студенческого возраста является естественное стремление к самопознанию и самореализации и в то же время отсутствие опыта и внутренней готовности для осуществления этого. В результате личность студента попадает в критическую ситуацию смены и выбора жизненных смыслов, требующих новых ценностных ориентации, социальных установок, мотивов поведения.

На студенчество приходится период активного жизненного и духовно-нравственного становления молодых людей, когда они, оказавшись вне привычного домашнего круга, впервые лицом к лицу сталкиваются с неизведанным миром сложных отношений и более всего нуждаются в направляющей руке и верных ориентирах.

Из-за отсутствия устойчивых жизненных ценностей молодому человеку трудно самому сформировать свои долговременные жизненные планы. В учреждении среднего профессионального образования важное место, поэтому занимает комплекс вопросов, связанных с подготовкой учащейся молодежи к вступлению в социальные отношения, то есть с ее воспитанием.

Цель воспитания - формирование гармоничной личности, сочетающей в себе высокий профессионализм и богатую культуру, честную конкурентоспособность и гуманизм, стремление к духовному и физическому развитию.

***Задачи воспитания:***

- ✓ Формирование личностных качеств, необходимых для эффективной профессиональной деятельности;
- ✓ Формирование у студентов гражданской позиции и патриотического сознания, правовой и политической культуры;
- ✓ Формирование у преподавателей отношения к студентам как к субъектам собственного развития (педагогика сотрудничества);

- ✓ Воспитание нравственных качеств, интеллигентности;
- ✓ Развитие ориентации на общечеловеческие ценности и высокие гуманистические идеалы культуры;
- ✓ Прививание умений и навыков управления коллективом в различных формах студенческого самоуправления;
- ✓ Приобщение к университетскому духу института, формирование чувства институтского корпоративизма и солидарности;
- ✓ Укрепление и совершенствование физического состояния, стремление к здоровому образу жизни, воспитание нетерпимого отношения к наркотикам, пьянству, антиобщественному поведению.

Принцип единства обучения и воспитания предполагает присутствие в учебном процессе как обучающего, так и воспитательного элементов, а также наличие как учебных, так и внеучебных форм воспитательной работы.

Основные формы воспитательной работы в ВУЗе:

•***Нравственное воспитание:*** воспитание сознательной дисциплины, выполнение правил внутреннего распорядка, устава университета; проведение субботников.

•***Проведение культурно-массовых мероприятий*:** автобусные экскурсии по Согдийской области; посещение театра им. Камоли Худжандӣ, исторических музеев, исторические места; кинотеатров; новогодние праздники; студенческие вечера; день Учителя; выпускной вечер; конкурсы, фестивали студенческого творчества, вечера встречи выпускников.

•***Патриотическое воспитание:*** воспитание любви к своему Отечеству; воспитание политической культуры, ответственность за будущую культуру Таджикистана, изучение государственной символики; цикл бесед, посвященных государственным праздникам и международным дням: Международный день защиты детей, Праздник Навруз, День Государственной Независимости, День Победы, Международный женский день.

•***Формирование общей культуры обучающегося:*** развитие навыков самостоятельного труда, самообразование; воспитание творческого отношения к учебе, бережного отношения к университету; встречи с выдающимися выпускниками ВУЗа; воспитание здорового образа жизни.

•***Культура поведения*** во многих случаях тесно связана и с нормами нравственности. Так, в основе многих конкретных правил вежливости, внимательности, такта, точности лежит моральный принцип нашего общества: гуманизм, коллективизм, дружба, товарищество, ответственность за свои поступки и поведения.

Подросток постепенно начинает осознавать и оценивать необходимость выполнения правил с точки зрения нравственности. Единство знания, навыки и привычки способствует приобретению устойчивого поведения, формированию определенных качеств личности. Всегда быть вежливым, обязательным, точным - значит приобрести такие качества, как вежливость, точность, обязательность. Осознание подростка своего поведения происходит постепенно под руководством педагогического коллектива, под влиянием общественного мнения коллектива, родителей.

Внеучебная воспитательная работа весьма разнообразна, лабильна и сложна. Этот вид работы эффективно выполняют кураторы студенческих групп.

Внеучебная воспитательная работа включает в себя систему мероприятий проводимых постоянно и проводимых один раз в год или в несколько лет.

К первым относится работа студенческих студий, клубов по интересам, спортивных секций, музыкальных коллективов, органов студенческого самоуправления и др., а также профилактика наркомании.

К мероприятиям второго типа относятся: «День знаний», «День науки», «День пожилого человека», «День здоровья», «День студента», «День борьбы со СПИДом», конкурсы студенческих научных работ, олимпиады по различным дисциплинам, концерты к праздничным дням, конкурсы красоты, фестивали студенческого творчества, благотворительные акции, спортивные соревнования, турпоходы и др.

Нужно помнить, что обучение и воспитание взаимно стимулируют друг друга, связаны положительной обратной связью: улучшение обучения способствует лучшему воспитанию, и наоборот, совершенствование воспитания приводит к повышению эффективности учёбы. Хорошо воспитанный человек, обладающий ответственностью, дисциплинированностью, организованностью, чувством долга, жаждой познания, широким кругозором и гибким мышлением, естественно, добьётся более значительных успехов в учёбе по сравнению с менее культурным человеком.

Ведущая роль в воспитании студентов принадлежит преподавательскому составу. Сегодня воспитание может и должно быть понято не как одновременная передача опыта от старшего поколения к младшему, но и как взаимодействие и сотрудничество преподавателей и студентов в сфере их совместной учебной и внеучебной деятельности.

Одним из наиболее важных субъектов воспитания, оказывающих на студенческую молодежь опосредованное влияние, является вся

ВУЗовская атмосфера, поэтому воспитательная среда формируется силами всех сотрудников университета.

**Ҳакимов Т.А. ,**
*сармуаллими таърихи халқи тоҷики ДДҲБСТ*
**Шерматов А.А. ,**
*ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДҲБСТ*

# НАҚШИ КОНСЕПСИЯИ МИЛЛИИ ТАРБИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН» ДАР БОЛОРАВИИ ҲИССИ МАСЪУЛИЯТШИНОСӢ ВА МЕҲАНПАРАСТИИ ҶАВОНОН

Рушду нумуви ҷомеаи муосирро дар шароити ҷаҳонишавӣ бе истифодаи муассири захираҳои инсонии кишвар ва баландбардории сатҳу сифати захираи зеҳнии онҳо таъмин намудан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар оид ба ин масъала як қатор чораҳои мушаххас, аз қабили қабули Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро роҳандозӣ намудааст, ки амалӣ намудани он дар ҳалли мушкилоти дар ин самт ҷой дошта, нақши калидӣ ва муассир хоҳад дошт. Бо назардошти аҳамият ва афзалияти ин мавзуъ дар сиёсати дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат, муҳтарам Э. Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 – юми декабри соли 2012, аз ҷумла таъкид намуда буд, ки «дар панҷ соли оянда фаъолияти Ҳукумат ба баланд бардоштани сифати рушди нерӯи инсонӣ нигаронида шуда, ба масъалаҳои илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, муҳити зист ва шуғл диққати ҷиддӣ дода мешавад ва дар натиҷаи амалӣ гардидани чунин тадбирҳо Тоҷикистон дорои сатҳи баланди рушди инсонӣ мегардад» (3 с.23).

Лозим ба ёдоварист, ки бо мақсади тарбияи оммаи васеи аҳолӣ ва бахусус, наврасону ҷавонон дар марҳилаи нави таърихӣ санаи 3 – юми марти соли 2006 таҳти № 94 бо қарори Ҳукумат и ҷумҳурӣ «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуда буд, ки ҳадафи асосии он фарогирии шаҳрвандони ҷумҳурӣ новобаста аз маҳаллу миллат ва эътиқодашон ба тарбияи шоиста мебошад.

Зеро татбиқи ин консепсия, ба хусус дар муассисаҳои соҳаи маориф дар кори ҳар чи бештар ҷалб намудани наврасону ҷавонон ба ҳаёти солим, тарбияи онҳо дар руҳияи ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, ҳифзи дастовардҳои соҳибистиқлолии кишвар ва

инчунин пешгирии гароиши онҳо ба ҳизбу созмонҳои экстремистии исломӣ мусоидат хоҳад кард.

Қобили зикр аст, ки шахси дар руҳияи ватандустию хештаншиносӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллию умумибашарӣ тарбияёфта барои ҳар як кишвар захираи тиллоӣ ба шумор рафта, он дар оянда тамоми ҳастии хешро барои ободии диёр ва рушду нумуи он мебахшад, ҳамзамон онро ҳамчун гавҳараки чашм ҳимоя менамоянд. Бо назардошти ин дар Консепсияи мазкур омадааст, ки «Шаҳрванди масъулиятшинос фонди тиллоии ҳар як ҷомеаро ташкил менамояд. Ӯ дорои виҷдони пок, шаъну шараф, нангу номус ва сифатҳои дигари миллист. Шаҳрванди масъулиятшинос вазифаю уҳдадориҳои худро дар сатҳи баланди сифатӣ ва касбӣ иҷро менамояд» (2,с17).

Бо назардошти гуфтаҳои боло «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» фарогирии тамоми унсурҳои таркибии тарбияи миллӣ, аз қабили тарбияи ғоявӣ, тарбияи миллӣ, тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ, тарбияи ватанпарастӣ, тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ, тарбияи маърифатӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, тарбияи гуманистӣ, тарбияи зебоипарастӣ, тарбияи меҳнатӣ ва касбинтихобкунӣ, тарбияи иқтисодӣ, тарбияи экологӣ, тарбияи сиёсӣ, тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи тафаккури интиқодӣ, тарбияи таҳаммул ва таҳаммулпазирӣ, тарбияи масъулиятшиносӣ тарбияи ҳаёти солим ва амсоли инҳо буда, татбиқи амалии онҳо минбаъд дар кори тарбияи насли муҷаҳҳаз ба донишҳои муосир мусоидат хоҳад кард. Аз ин рӯ ҳадафи ниҳоии консепсияи мазкур ташаккули инсони комил, соҳибватан, дорои нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари гуманистии инсонӣ мебошад (4, с.12).

Дар Паёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 – юми декабри соли 2016 махсус таъкид гардида буд, ки «Аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса,ояндаи миллат ва давлат мебошанд» (3, с.28). Бо назардошти ин Асосгузори сулҳу Ваҳдат Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуда буд, ки танҳо шахси худшинос, худогоҳ, масъулиятшинос ва ватандӯст, воқеан, метавонад дилсӯзона ва бо тамоми ҳастӣ ҳифзи амният ва ободии Ватани худро таъмин созанд. Дар руҳияи миллатдӯсти тарбияи ҷавонон дар ташаккули тафаккури миллии онҳо инъикос мегардад. Ин ифтихор аз миллати хеш, эҳтиром ва гиромӣ доштани таърих ва мероси фарҳанги ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, пайвастани таърихи гузашта ба воқеияти имрӯзаи миллат, аз нав эҳё намудани

урфу одат ва анъанҳои арзишманди миллӣ, дар заминаи хусусиятҳои миллӣ ривоҷ додани забон, илм ва фарҳанги миллӣ ва эҳтироми миллатҳои дигарро фаро мегирад».

Лозим ба ёдоварист, ки тарбияи миллӣ пеш аз ҳама ташаккули тафаккури миллии шаҳрвандонро дар назар дорад, ки он аз ифтихор аз миллати хеш, эҳтиром ва гиромӣ доштани таърих ва мероси фарҳангии ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, пайвастани таърихи гузашта ба воқеияти имрӯзаи миллат, аз нав эҳё намудани суннатҳои арзишманди миллиро дар назар дорад. Маҳз тавассути тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ шаҳрванд бояд мутааллиқи миллат, давлати соҳибистиқлол, соҳиби Ватан ва ҳуқуқу озодиҳо будани худро дарк кунад ва онҳоро эҳтиром намояд ва инчунин дарк намояд, ки вазифаи ӯ дар назди давлату ҷамъият ва оила аз чӣ иборат аст ва барои иҷрои онҳо ҷидду ҷаҳд намояд.

Қобили зикр аст, ки новобаста аз мавҷудияти баъзе мушкилоти ҷойдошта дар миёни ҷавонони мамлакат, аз қабили муҳоҷирати меҳнатӣ, бо кор пурра таъмин нагардидани хатмкунандагони макотиби олии кишвар ва ғ. нақши онҳо дар рушди соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи мамлакат, таъмини амният ва соҳибистиқлолияти он басо муҳим аст. Бо назардошти ин яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати мамлакат ва сохторҳои марбутаи он ба ҷавонон фароҳамсозии шароити мусоид барои гирифтани донишҳои босифат, таъмин намудани онҳо бо ҷои кори муносиб ва ба ин васила таъмини сатҳу сифати арзандаи зиндагии онҳо мебошад, ки барои татбиқи онҳо «Консепсияи милли тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ мусоидат хоҳад кард..

Ҳамин тавр, қабули «Консепсияи милли тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» заминаи мусоид барои тарбияи насли наврасро дар руҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ ва арҷгузорӣ ба таърихи бою рангини халқамон фароҳам сохта, имрӯзҳо ҳамчун барномаи амали сохторҳои мухталиф, аз ҷумла соҳаи маорифи ҷумҳурӣ мебошад.

**Адабиёт:**


1. *Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикон дар оинаи таърих - Душанбе, 1996*
2. *Консепсияи миллии тарбия – ифодагари арзишҳои миллӣ – ДДҲБСТ. – Душанбе, 2014.*
3. *www. President.tj – Паёми соли 2016.*
4. *www. mmk.tj – матни «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».*

**Ҳасанов М.М.,**
*мудири бахши технологияи инноватсионии ДДҲБСТ.*
**Ҳасанов М.М.,**
*сармуаллим муовини декан оид ба корҳои тарбияи факултети инноватсия ва телекоммуникатсияи ДДҲБСТ.*

# СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

**«Ҷавонон – идомадиҳандаи таъриху фарҳанги қадимаи ватани худ, сарчашмаи ташаббусҳои бузург, манбаи ғояҳои нав, эҷодкори тақдири имрӯзу ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд».**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Боиси шодмонист, ки маҳз бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз ҷавонони кишвар дар муҳити сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ, дар ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд ба камол расида, дар рушду нумуви ватани азизамон – Тоҷикистон саҳми ҳаррӯзаи худро мегузоранд.

Имрӯзҳо ҷавонон дар ҳама соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ кору фаъолият бурда, 70 фоизи аҳолии кишвари офтобии моро ташкил медиҳанд ва ҳамчун муҳаррики асосии ҳаракатдиҳандаи ҷамъият маҳсуб меёбанд.

Соли 2017-ро соли ҷавонон эълон кардани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси боз ҳам руҳбаландтар шудани ҷавонон ва ҷалби бештарин онҳо ба сиёсати пешгирифтаи ҳукумат гардид.

Ҷавонони ҳар кишвар сармоя ва муҳимтарин нерӯи он миллат ба ҳисоб мераванд, ки агар ин нерӯ ба хубӣ парвариш дода шавад, оянда метавонад ҳосил ва натиҷаи хубе барои он миллат ва кишвар бошад (1).

Дар Паёми навбатии хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин нуқтаро таъкид кардаанд: «Татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Ҳукумати Тоҷикистон ташаббусу пешниҳодҳои созандаи ҷавононро ҳамеша

дастгирӣ намуда, барои амалӣ гардидани онҳо имконият фароҳам меорад. Наврасону ҷавонони моро зарур аст, ки ҷавобан ба ин ғамхориҳо тамоми саъю талоши хешро ба донишандӯзӣ, интихоби касбу ҳунарҳои муосир, ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи Ватан, рушди илму техника ва бунёдкорӣ равона созанд» (2).

Ба таъкиди Сарвари давлат, ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд.

Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки Президенти мамлакат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавононро нерӯи ниҳоят пуриқтидори бунёдкор ва пешбарандаи ҳаёти ҷомеаи навини мо мешуморанд ва ба сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзи аввали истиқлолият диққати ҷиддӣ медиҳанд. Ҷавобан ба ин ғамхориҳо ҷавонони тоҷик бояд тамоми саъю талоши хешро ба донишандӯзӣ, интихоби касбу ҳунарҳои муосир, ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи Ватан, рушди илму техника ва бунёдкорӣ равона созанд. Дар ин самтҳо ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд.

Дар тӯли 25 - соли Истиқлолият дар қаламрави мамлакат дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёту иҷтимоиёт, фарҳангу маънавиёт ба амал омада, мардумро ба роҳи дӯстиву рафоқат, хештаншиносиву худогоҳӣ ва созандагиву бунёдкорӣ равона месозад. Дар ин ҷода ҳиссаи ҷавонон низ кам набуда, ҷавонони кишвари тозаистиқлол ба ҳайси роҳбар, сиёсатмадор, вакили мардумӣ, табиб, олим, соҳибкор, варзишгару мураббӣ, муҳандис ва технолог дар тамоми соҳаҳо фаъолият бурда, дар рушду нумуви ватани азиз саҳми босазое гузошта истодаанд.

Мавриди қайд аст, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонони тамоми қишрҳои ҷомеа ғамхории бевосита зоҳир мегардад. Имрӯзҳо ҷавонон тибқи квотаи призидентӣ таҳсили худро ҳам дар дохил ва хориҷи кишвар давом дода истодаанд. Инчунин барои сазовори мукофотҳои давлатӣ, стипендияҳои байналмилалию маҳаллӣ, ҷоизаҳо имтиёзҳои гуногун пешбарӣ мегардад ва ин шаҳодати ғамхории давлату хукумат нисбати ҷавонон аст.

Аз рӯзҳои ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани нақши ҷавонон дар ҷомеа, фаъолгардонии мақоми онҳо дар ҳаёти иҷтимоиву

иқтисодии кишвар тадбирҳои амалӣ андешида истодааст. Дар ин муддати кӯтоҳ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҷавонон, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои муҳими ҳаёти онҳо, инчунин татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 13 марти соли 1992 (тасдиқ бо тағйиру илова 15 - июли соли 2004, таҳти №52), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 – юми майи соли 1997 «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон» ва дар ҳамин замина таъсис дода шудани Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабул гардидани Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 1999 – 2000 (5 октябри соли 1998), Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2001 – 2003» (соли 2001), таъсис додани Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ (20 марти соли 1998), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи таъсиси стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони мактабҳои таъсилоти ҳамагонӣ, литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касби – техникӣ, техникумҳо ва коллеҷҳо» (26 феврали соли 1998), Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2018, баъди танаффуси сесола боз аз нав эҳё шудани рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон», (23 феврали соли 1998), 23 - юми май эълон гардидани Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, доир гаштани фестивалҳои ҳамасолаи дӯстии ҷавонон соли 1997 дар вилояти Суғд, соли 2000 дар Бадахшон, соли 2001 дар шаҳри Душанбе, соли 2002 дар вилояти Хатлон, соли 2003 фестивали дӯстии Ҷавонони Тоҷикистону Қирғизистон, соли 2004 дар шаҳри Душанбе, соли 2004 фестивали дуюми дӯстии ҷавонони Тоҷикистону Қирғизистон дар Ҷумҳурии Қирғизистон, соли 2005 дар вилояти Бадахшон, соли 2006 дар шаҳри Душанбе, соли 2007 дар вилояти Суғд, қабул гардиданд, ки татбиқи онҳо боиси хеле боло гардидани нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа гардид. Ин шаҳодати раднопазирӣ, дар солҳои Истиқлолият ба амал омадани тағйиротҳои куллӣ дар ҳаёти ҷавонони кишвар мебошанд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯриҳои чандинкаратаи худ бо ҷавонон: 2 – юми феврали соли 1993, 4 сентябри соли 1993 ба муносибати дуввумин солгарди Истиқлолияти Тоҷикистон, 17 марти соли 1994 дар нахуст Анҷумани Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, 23 майи соли 1997, қабл аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, 16 майи соли 1998 вохӯрӣ

бо ҷавонони лаёқатманди ҷумҳурӣ, 21 – уми майи соли 2005 вохӯрии навбатӣ бо ҷавонони ҷумҳурӣ ва дигар вохӯриҳо муҳимтарин муаммову проблемаҳои ҳаёти ҷавононро баррасӣ намуданд. Ин вохӯриҳо рамзи ояндасозиву ояндабинӣ ва дарки рисолати баланди ҷомеашиносӣ, инсонгарой ва худшиносиву худогоҳии ҷавонони кишвар гардид.

Ҷавонони кишвар аз ҳар вохӯриву мулоқотҳои бо Пешвои миллат баргузор гардида, барои худ сабақи судманд гирифтаву дар роҳи ба ҳаёт татбиқ намудани он ҳамеша садоқату фидокорӣ зоҳир мекунанд.

Ҷавононро зарур аст, ки ҷавобан ба ин ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми саъю талоши хешро ба донишандӯзӣ, интихоби касбу ҳунарҳои муосир, боз ҳам ободу зебо гардидани сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи Ватан, рушди илму технологияи инноватсионӣ, соҳаи варзиш, сайёҳӣ ва бунёдкорӣ равона созанд.

**Адабиёт**:

1. *Нашрияи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон «Минбари халқ». №5 (1089) – Душанбе, 01.02.2017. – С. 13.*
2. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, – С. 40.*

**Ҳасанов М.М.,**
*муовини декан оид ба корҳои тарбияи*
*факултети инноватсия ва телекоммуникатсияи*
*ДДҲБСТ.*
**Ризоев Э.С.**,
*муовини декан оид ба корҳои илми*
*факултети инноватсия ва телекоммуникатсияи*
*ДДҲБСТ.*

# ҶАВОНОН – ОЯНДАИ МИЛЛАТ ВА ДАВЛАТ

Татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса, ояндаи миллат ва давлат мебошанд.

Дар фарҷоми соли сипаришуда Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид.

Боиси ифтихори ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017-ро соли ҷавонон эълон намуданд. Ин шоҳиди таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намудани Сарвари давлат нисбат ба ҷавонони давлати соҳибистиқлоли ҷавонамон мебошад [1, с. 28-30].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид менамоянд, киояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар дасти ҷавонон аст. Зеро маҳз ҷавонони худогоҳу ватанпараст, ватандӯст, маорифпарвар ва сиёсатмадор метавонанд кишвари ҷавонро боз ободу гул – гул шукуфон гардонида, дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ намоянд. Масъалаҳои мустаҳкам кардани пояҳои ахлоқии ҷомеа, ташаккули афкори эҷодиву созандаи халқ ва гиромидошти арзишҳои фарҳанги милливу умумибашарӣ дар сиёсати давлат мавқеи асосӣ дорад.

Аз суханони Сарвари давлат бармеояд, ки он касояндаи рушду нумӯи давлати тоҷиконро дар иттифоқӣ, ҳамдастӣ, таҳаммулпазирии ҷавонони даврони соҳибистиқлол мебинанд.

Баҳри амалӣ гардидани суханони Сарвари давлат ҷавонони бонангу номус якдилона ва сарҷамъона саҳми худро нисбат ба ҳифзи истиқлолият, инчунин, инкишофи тафаккури миллӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифату ҷаҳонбинии аҳли ҷомеа, ҳифзи мероси гаронбаҳои миллати тоҷик мегузоранд, давлатамонро ба ҷаҳониён бештару беҳтар муаррифӣ менамоянд.

Ҷавонони имрӯза, яъне насли замони истиқлол аз наслҳои пешина бо савияи илму дониш, маърифату ҷаҳонбинӣ, сатҳи тафаккур ва одобу ахлоқ фарқи куллӣ доранд.

Бояд қайд намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусу пешниҳодҳои созандаи ҷавононро ҳамеша дастгирӣ намуда, барои амалӣ гардидани онҳо имконият фароҳам меорад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба пешбурди фаъолияти сиёсӣ, илмӣ ва ҷамъиятии ҷавонон санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба тасвиб расидаанд. Яке аз санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки санаи 15 июли соли 2004, таҳти №52 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ёфтааст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» мебошад.

Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодии тарбия, ташаккул ва камолоти ҷавононро муқаррар намуда,

принсипҳо ва тадбирҳои татбиқи сиёсати давлатро дар соҳаи истифодаи пурсамари иқтидори зеҳнӣ ва маънавии онҳо, ки ба манфиати ҷамъият равона мешавад, муайян мекунад.

Дар моддаи якуми қонуни мазкур чунин омадааст:

- **ҷавонон** – гурӯҳи иҷтимоию демографӣ, ки шахсони 14-30-соларо дар бар мегирад;
- **сиёсати давлатии ҷавонон** – системаи ягонаи тадбирҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва тарбиявӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва шаҳрвандон, бо мақсади таъмини таълиму тарбия, ташаккулу камолоти ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи пурсамари иқтидори онҳо ба манфиати ҷамъият таҳия ва татбиқ мегардад [2, с. 1].

Ҷавононро зарур аст, ки ҷавобан ба ин ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми саъю талоши хешро ба донишандӯзӣ, интихоби касбу ҳунарҳои муосир, боз ҳам ободу зебо гардидани сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи Ватан, рушди илму технологияи инноватсионӣ, соҳаи варзиш, сайёҳӣ ва бунёдкорӣ равона созанд.

Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз намоянд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон ширкат варзида, амнияти давлат ва шаъну шарафи ватандориамонро ҳимоя бисозанд. Инчунин худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир, аз ҷумлаи терроризм, экстремизм, нашъаҷаллобиву нашъамандӣ, ҳаргуна ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд.

Боиси ташвиш аст, ки имрӯз олами ислом ба қатлу қитол, талаву тороҷ, ваҳшонияту даҳшат гирифтор шудааст ва аҷибтар аз ҳама он аст, ки тамоми корҳои ғайришаръӣ, балки аъмоли куфр аз номи дини мубини ислом анҷом дода мешавад. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ (аз 20 январи соли 2016) ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намудаанд: «Паёми имсола ба мақоми олии қонунгузори мамлакат ва мардуми шарифи Тоҷикистон дар шароити торафт мураккаб гардидани вазъи ҷаҳони муосир, густариш пайдо кардани зуҳуроти ниҳоят хатарноки асри нав – терроризм ва экстремизм, вусъати бесобиқаи бархурди манофеи қудратҳо барои аз нав тақсим кардани

ҷаҳон вобаста ба ин, боз ҳам печидаву муташанниҷ гардидани вазъи сиёсии сайёра, инчунин шиддат гирифтани бӯҳрони молиявию иқтисодӣ дар бисёр кишварҳои олам пешниҳод мегардад». Ҳамаи ин воқеаву рӯйдодҳо ҳақиқатеро таъкид менамоянд, ки мушкилоти аср ва таҳдидҳои нав ба тамаддуни башарӣ мунтазам афзоиш ёфта, амнияти давлатҳои хурду бузурги олам ва ҳатто тақдири тамоми аҳли башарро ба хатари ҷиддӣ рӯбарӯ сохтаанд. Ин ҳодисаҳо бори дигар исбот намуданд, ки терроризм ва экстремизм, аз як ҷониб, чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст. Ин зуҳуроти фалокатбор ҳеч умумияте ба дин, аз ҷумла дини мубини ислом надорад ва бо истифода аз номи ислом ба хотири ҳадафҳои сиёҳу ғаразноки сиёсӣ содир карда мешавад. Терроризм ва экстремизм яке аз проблемаҳои асосии имрӯза буда, махсусан ҷавононро бо ҳар гуна ваъдаҳои бардурӯғи динию дунявӣ ҷалб намуда, онҳоро ба ҷараёнҳои террористӣ сафарбар менамоянд [3, с. 1].

Дар ин ҷода ҳар ҷо ҷавонон бояд ҳисси баланди миллӣ нисбат ба Ватани худ дошта бошанд. Бо Ватан, миллату давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳушёрию зиракиро аз даст надода, ҳамеша барои пешрафти давлатамон саҳмгузор бошанд.

**Адабиёт:**


4. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, – С. 40.*
5. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон». – Душанбе, 2004. – С. 14.*
6. *Маълумот аз сомонаи http://javonon.tj/news/youth/avonon-va-ta-did-oi-asri-nav/ Ҷавонон ва таҳдидҳои асри нав. 24 Январ, 2017.*



**Ҳасанов М.С.,**
*сармуаллими кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи ДДҲБСТ*


## МАВҚЕИ ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ ДАР ТАШАККУЛИ ШУУРИ ҲУҚУҚӢ

Ҳуқуқ аз ҷумлаи муҳимтарин масоили ҳаёти ҷамъятиву сиёсӣ мебошад. Дар тӯли таърихи бисёрасраи ҷомеаи сиёсӣ маҳз ҳуқуқ

муайянсозандаи равандҳои сиёсӣ, омили инкишофи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ буд.

Тавассути соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз навсозии тамоми пояҳои ҳуқуқие, ки дар асоси онҳо ҳаёти давлати соҳибихтиёру ҳуқуқбунёд ташаккул ёфта амал мекунад, ба миён омад. Дар ҳалли ин масъала корҳои зиёде, анҷом расонида шудаанд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде, ки ба танзими ҳаёти нави ҷамъиятии мамлакат равона шудаанд, қабул гардида, ба ҳаёт татбиқ шуда истодаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи нав сохтмони давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи худтанзимшавандаи шаҳрвандӣ қадамҳои устуворро гузошт. Созмон додани давлати демокративу ҳуқуқбунёд ҳамчун ҳадафи олии халқи тоҷик дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардид. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар паёмҳои оид ба ҳадафи олии халқи тоҷик сухан намуда, чунин қайд намудаанд: «Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибистиқлол ҳанӯз дар ибтидои шоҳроҳи бузурге қарор дорад, ки ҳадафи халқи он бунёди давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд, ташкили ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ, таъмини зиндагии орому осуда ва ҳамгирои бо ҷомеаи мутамаддин мебошад»(1:1).

Роҳи бунёди давлатдории демокративу ҳуқуқӣ мураккабу душвор буда, вуҷуд доштани муаммоҳо ва масалаҳои гуногунро тақозо мекунад. Ҳаматарафа ва самаранок амалӣ шудани меъёрҳои ҳуқуқ аз бисёр ҷиҳат ба маърифати ҳуқуқӣ ва донишҳои ҳуқуқии аҳолии мамлакат вобаста мебошанд. Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ба яке аз масъалаҳои асосӣ дар роҳи бунёди давлатдории демокративу ҳуқуқбунёд табдил ёфтааст.

Бо мақсади таъмини волоияти қонун ва баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии аҳолии мамлакат ва гирифтани пеши роҳи қонуншиканиҳо дар ҷомеа ҳанӯз 9 апрели соли 1997 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997 «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» қабул шуда буданд, ки нахустин маротиба масъалаи зарурати омӯхтани ҳуқуқ ва таълими ҳуқуқӣ ба дараҷаи муҳими давлатӣ бардошта шуд.

Мутаассифона ҳоло дар ҷумҳурии мо сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва дониши ҳуқуқии аҳолӣ паст аст. Як қисми зиёди мардум ҳанӯз ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худро бо таври кофӣ дарк карда наметавонанд.

Ҳамчунин аҳолӣ ҳоло ба нуктаҳои нозуки қонунҳо кам сарфаҳм мераванд. Бинобар ин бесабаб нест, ки дар ҷумҳурӣ барои ислоҳи ин вазъи ногувор чораҳои зарурӣ андешида шуда, барои фароҳам овардани заминаҳои омӯзиши ҳуқуқии аҳолии ҷумҳурӣ гузаронидани семинару конференсияҳо, ҷамъомаду маҷлисҳо ба роҳ монда шудаанд.

Тарбияи ҳуқуқӣ чун ҷараёни мукаммал ва мақсаднок дахолат ба шуури инсон аст, ки мақсади он инкишоф додани дониш ва арзишҳои ҳуқуқӣ, таъмини рафтори қонунии ҳар фарди ҷомеа мебошад. Вусъати оммавии таҷрибаи ҳуқуқии ҷомеа таъмини волоияти қонун, таъмини ҳифзи ҳуқуқи касбӣ ва ба ин васила муҳайё намудани шароит барои беҳдошти зиндагии мардум истифодаи тамоми имкониятҳои мавҷударо тақозо дорад. [2:2] Мақсади тарбияи ҳуқуқӣ инкишоф додани шуури ҳуқуқии инсон ва умуман маърифати ҳуқуқии аҳли ҷамъият мебошад.

Тарбияи ҳуқуқӣ – ин фаъолияти мақсадноки мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ оид ба ташаккулёбии шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон ва шахсони мансабдор аст. Тарбияи ҳуқуқӣ таъсиррасонии махсус ба шуур ва рафтори инсон бо мақсади пайдо намудан ва мустаҳкам кардани рафторҳои ҳуқуқӣ мебошад. [3:3]

Дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи он нақши муҳимро тарбияи ҳуқуқӣ мебозад.

Шуури ҳуқуқӣ – ин маҷмуи тассаввурот ва эҳсосот, баҳогузорӣ ва ченакҳо, ки муносибати инсонро ба ҳуқуқҳои амалкунанда ё дилхост баён карда мешавад.

Тарбияи ҳуқуқӣ бо таълими ҳуқуқӣ алоқаи зич дорад: тарбия бе таълим намешавад, таълим бошад ба ин ё он андоза таъсири тарбиявӣ ҳам дорад. Дар ин ҷо таъфриқа гузоштан мумкин аст, вале боз ҳам шартан, дар самти таъсиррасонӣ, тарбия асосан ба идроки эҳсосию иродавӣ, ҷаҳонбинӣ таъсир мерасонад, таълим бошад, мақсади ба одам гузаштани таъсири ахборотию шиносоӣ дорад.

Тарбияи ҳуқуқӣ шаклҳои худро дорад: 1) таълими махсуси (касбии) ҳуқуқӣ, яъне тайёр кардани ҳуқуқшиносон дар муасисахои таълимии олӣ ва миёнаи махсус, аз қабили факултетҳои ҳуқуқшиносӣ, донишгоҳҳо, донишкадаҳои ҳуқуқӣ, техникумхо, колеҷҳо ва ғайра - ин шакли баланди тарбияи ҳуқуқӣ буда, аз ҷониби олимону устодони соҳаи ҳуқуқ, ки шуури ҳуқуқии илми - назариявӣ доранд гузаронида мешавад. Дар натиҷаи он ҳуқуқшиносон тайёр карда шуда, дорои шуури ҳуқуқии касбӣ мегарданд, 2) тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ, ки аз ҷониби доираи васеъи мақомоту ташкилотҳо ва шахсони мансабдор нисбати тамоми аҳолӣ бидуни тақсими он ба табақаву гурӯҳҳои муайян гузаронида мешавад, он мақсади тарбияи шуури ҳуқуқии

касбӣ надорад ва дар раванди он донишҳои махсуси ҳуқуқиро истифода намекунанд. 3) тарбияи ҳуқуқии шахсони ҳуқуқвайронкунанда, ки аз ҷониби мақомотҳои ҳуқуқтатбиқкунанда ва ҳифзи ҳуқуқ (суд, прокуратура, мақомоти корҳои дохила, адлия, адвокатура ва ғайра) ба амал бароварда мешавад. Ин тарбия нисбати ҳуқуқвайронкунандагон равона гашта, дар ҷараёни он аз тарзу воситаҳои махсус истифода бурда мешавад.

Фақат шахсе, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худро дарк менамояд, метавонад ҳуқуқҳои худро пуштибонӣ намояд.

Воқеан, ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд маҳз ба онҳое такя мекунад, ки аз нигоҳи ҳуқуқӣ бомаърифат ва қодир ҳастанд адолатро ҳифз намоянд. Давлати тозабунёду мустақили тоҷикон низ ин сифатҳоро ба сифати зербинои пешрафти ҷомеа эътироф намуда, барои инкишофи ҳамаҷонибаи ҳар фарди он мусоидат мекунад.

Дар раванди демократикунонӣ ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳуқуқ воситаи муҳим ва самараноки танзими муносибатхои ҷамъиятӣ дар ҷомеа мебошад, зеро муносибатҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ тавассути ҳуқуқ ва донишҳои ҳуқуқӣ ба низом дароварда мешаванд.

Пояи ҳуқуқи ҷомеаи ҳуқуқбунёдро волоияти қонун, воқеъӣ будани ҳуқуқу озодиҳои шахс, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, баробарҳуқуқии ҳамаи аъзоёни ҷомеа дар назди қонун ва шууру маданияти баланди ҳуқуқӣ ташкил медиҳад.

Аз ин рӯ, давлат барои баланд бардоштани нуфуз ва волоияти қонун бояд шароити мусоид фароҳам оварад.

Барои дар амал татбиқ намудани ин мақсад ба ҷомеа фаҳмонидани моҳият ва нақши ҳуқуқ зарур аст. Ин нуқтаро вобаста ба сатҳи шуурнокӣ ва маърифатнокии ҷомеа зина ба зина ба роҳ мондан лозим аст.

Волоияти қонун рисолати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тамоми ҷомеа аст. Бинобар он, ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа ба таълими ҳуқуқӣ такя карда, аҳолиро бо дастурҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ шинос намудан лозим аст. Аҳолиро бо намунаҳо ва идеалҳо, таҷриба ва анъанаҳои ҳуқуқии он мамлакатҳое шинос бояд кард, ки дараҷаи ҳифзи ҳуқуқии шахсият, дараҷаи маърифати ҳуқуқӣ дар онҳо нисбатан баланд бошад. Инро, алалхусус, ба ҳуқуқшиносони ояндаи соҳибкасб таълим додан муҳим аст, то ки онҳо аз худсариҳои ҷамъият ва давлат муҳофизат кардани ҳуқуқ ва озодии инсонро мақсади асосии фаъолияти худ донанд, яъне заифро аз зӯр ҳифз кунанд, ки ин яке аз фазилатҳои марказии ахлоқу одоб, маънавиёт ва умуман маърифати умумии ҷаҳони умумибашар мебошад.

Дар роҳи баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии кормандони

роҳбарикунандаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, адлия, судяҳо, муассисаю корхонаҳо таъсиси амалии институти такмили ихтисоси кормандон мақомоти мазкур назаррас мебошад.

Эҳтироми қонун ва риояи ҳатмии он ҳамчун тафаккури оштинопазир нисбат ба қонуншиканӣ бояд бошад ва дар дилу шуури ҳар як шаҳрванд ҷой гирад. Барои ин, бояд сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷомеа баланд бардошта шуда, эҳтиром ба қонун дар ҳар як оила аз кудакӣ тарбия карда шавад. Падару модар ва омӯзгорон бояд дар ниҳоди фарзандон ва шогирдони худ ақидаеро ҷой намоянд, ки мувофиқи он дар ҷомеаи мо ҳар як шаҳрванд ба ғайр аз ҳуқуқҳои муайян боз ӯҳдадориҳо низ дорад, ки иҷрои онҳо ҳатмист. Зарур аст, ки насли наврас дар руҳияи эҳтиром ба қонун ва итоати бечунучарои он тарбия ёбад.

Дар шароити имрӯза, ки эҳтиёҷоти мардум ба донистани ҳуқуқҳои худ вобаста ба тағйироту иловаҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд шуда истодааст, мутобиқ намудани онҳо ба ҳаёти нав, созмон додани як барномаи мукамаллу рангини телевизионӣ оид ба ҳуқуқ ва масъалаҳои ҳуқуқӣ ба нафъи кор аст.

Бо назардошти фикрҳои дар боло зикрёфта умед ба он дорем, ки раванди ба роҳ мондани тарбияи ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии ҷомеъа хусусияти доимӣ ва оммавӣ гирад. Мураббиён, устодон, олимон, мутасаддиёни соҳаи ҳуқуқ чун як занҷири мустаҳкам танзимгари тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон бошанд.

Дар шароите, ки ҷумҳурии мо дар давраи гузариш ба низоми нави сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ қарор дорад, дар раванди беҳдошти тарбияи ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, ба устодони муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ, ки дар ин ҷода сару кор ва ҷидду ҷаҳд доранд, дараҷаи баланди таъмини таълиму тарбияро умед бастан мумкин аст. Аҳамиятнокии ин масъала бо он алоқаманд аст, ки ҳуқуқ ва қонун чун арзишҳои бузурги ҳастии ҳар як инсон бояд шинохта ва дарк карда шаванд, шахс бояд бечунучаро ба қонун итоат кунад ва нисбати он эҳтиром пайдо кунад, моҳият ва нақши онро хуб омӯзад ва дарк намояд ва дар ин замина шуур ва маърифати ҳуқуқиашро баланд намояд. Дар самти боло бардоштани тарбия ва маърифати ҳуқуқӣ бояд аз сарчашмаҳои гуногун, аз ҷумла, адабиёти таърихӣ-ҳуқуқӣ, махсуси ҳуқуқӣ, васоити ахбори умум, адабиёти бадеӣ ва дигар маводҳо васеъ истифода карда шуда, дар ин самт тамоми аҳли ҷомеа таҳти роҳбарии давлат мунтазам фаъол бошанд.

**Адабиёт:**


1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон*

*ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш.Душанбе, 23 юми апрели соли 2014 // www.mmk.tj*

*2. Теория государства и права: Учебник/ В.Л.Кулапов, А.В.Малько. – М: Норма, 2008.*

*3. Ҳомидов Х. Тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон- кафили ҷомеаи солим // Садои мардум, соли 2002*

**Ҳодибоев Ф.А.**
*н.и.ф., мудири шӯъбаи тарбияи*
*ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров*

## ҶАВОНОН ЧУН ТАРКИБИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕА

Ҷавонон ҳамчун гурӯҳ ё таркиби муайян дар сохтори иҷтимоии ҷомеа бо фарогирии як нерӯи пешбарандаву пешрав ва аз ҷиҳати фикрӣ тозаандеш мақому манзалати хосаеро дарёфта, бо касби қобилияти меҳнати ҷисмониву фикрӣ ба пешрафти ҷомеаи худ таъсиргузор мебошанд.

Дар ҳама давру замон муайянкунии низоми иҷтимоӣ аз равиш ва меъёрҳову методҳои мухталиф бархӯрдор буд. Ҷомеашиносон аз давраҳои дури таърихӣ бо воситаи меъёрҳои муайян ба таснифи табақаҳои иҷтимоӣ пардохтаанд. Бештари ин муайянкуниҳо аз рӯи нуфуз ва мақоми ҷамъиятии табақаҳои иҷтимоӣ мушаххас гардидааст. Равиши муайян кардани табақаҳои иҷтимоӣ бо усули ба худ хос ҳанӯз дар китоби муқаддаси Авасто дида мешавад. Академик, Бобоҷон Ғафуров бо такя ба маводи Авасто ва тадқиқоти анҷомёфта дар бораи китоби нахустини аҷдоди тоҷикон менависад, ки дар «Авесто» гурӯҳҳои «иҷтимоӣ-касбӣ» ба монанди рӯҳонӣ, сарбозу дучархасавор, деҳқони чорводор ва (як бор) ҳунарманд номбар мешаванд. Баъзе олимон ақида доранд, ки ин тақсимоти иҷтимоӣ ба давраи умумияти ҳиндуэронӣ дахл дорад ва аз ин сабаб қобили таваҷҷӯҳ нест. Дигарон бошанд, ба таври асоснок мӯътақиданд, ки он инъикоскунандаи ҳақиқати (дар замони пайдоиши «Авесто» ва баъдтар) вуҷуддоштаи таърихӣ мебошад.

Дар баробари мардуми оддӣ ҷамъият дорои «родмардон» ва «ашрофон» буд. Яке аз истилоҳот ба маънии «родмард», «ашроф»– «азата» («асилзода») аст. Аксаран вай сарвари виса (қабила) ва оилаи худ мебошад. Таҳлили таҷзияи комили этимология ва эволютсияи калимаи «азата»-ро Г.Бейли анҷом додааст. Дар забони форсии миёна – паҳлавӣ он маънои «зодаи хонадони шоҳ», «родмард», «озодасл»-ро

дошт (1, 953-955). Аз ин ҷо маълум мешавад, ки меъёрҳои муайякунандаи табақаҳои иҷтимоӣ аз нигоҳи ҷомеаи авастоӣ вобаста ба мақоми диниву фикрӣ сурат гирифтааст.

Аз ҳамин ҷо маълум намудан мумкин аст, ки ҷамъият аз нигоҳи китоби Авасто ба авом, яъне халқи оддӣ родмардон ва ашрофон ҷудо карда шуданд. Аммо меъёри дигаре вобаста ба пешаву касбу кор ҳам вуҷуд дорад, ки он ҷамъиятро ба сарбозон, ҳунармандону деҳқонон тақсим кардааст. Ҳамин гуна, китоби муқаддаси Авасто ё ҷомеаи тоисломӣ ду методи тақсим намудани низоми ҷамъиятиро аз рӯи мансубияти динӣ ва касбӣ муқаррар кардааст. Дар низоми исломии иҷтимоӣ низ мансубияти динӣ ба ҳукми методи муҳими таҷзияи табақаҳои иҷтимоӣ ҷараён гирифтааст. Вобаста ба ин, тартиби тақсимоти қишрҳои иҷтимоӣ дар назарияҳои ҷомеашиносии аксари муҳаққиқон, файлассуфону ҳакимони ин даврон бештар дар ду самт мушаххас шудааст.

Якум, муқаррар намудани табақаҳои иҷтимоӣ вобаста ба мақоми динӣ (масалан, пайғамбар, ки роҳбари аслии ҷомеаи мусалмонӣ ба шумор меравад. (Ғаззолӣ дар китоби «Китоб дар қоидаҳои рафтор ва ахлоқи паёмбарон» моҳияти мақоми ҷамъиятии пайғамбарро муайян кардааст) (2). Баъд аз мақоми пайғамбар дар низоми ҷамъиятии ҷомеаи мусулмонӣ халифа қарор дорад. Баъд аз он имом ва баъд аз он авом, ки мардумро ба вуҷуд меоварад.

Аз рӯи меъёри дуюми тақсимоти низоми иҷтимоӣ, ки то андозае ҳамрадиф ба ҳамин система ҷараён мегирад, тақсимбандӣ аз мақоми султон шурӯъ мешавад, ки мақоми вай ба мақоми халифа баробар мебошад. Ҳамин гуна, дар низоми сиёсӣ-иҷтимоии тақсимоти ҷамъияти мусалмонӣ усулҳои идоракунии салтанат ва имомат дар қисмати болоии ҷамъият дар асоси ҳамин гуна мақоми иҷтимоӣ ба вуҷуд омаданд. Баъдтар мақоми баландтарини ҷамъиятии султон дар мамлакатҳои Шарқи форсизабон ба шоҳ ё амир табдил ёфт. Дар кишварҳои арабӣ бошад, мақоми маликро соҳиб шуд.

Вобаста ба худи низоми иҷтимоии ҷомеа табақаҳоро дар асоси меъёрҳои касбӣ низ Ғаззолӣ ҷудо намудааст. Файласуф, А.Шамолов бар асоси китоби «Эҳё улум-аддин»-и Ғаззолӣ тансифоти касбии табақаҳои иҷтимоиро ба таври зерин муқаррар кардааст: «Аз ҳамин сабаб дар ҷомеаи одамӣ панҷ касби асосӣ, ки усули дигари касбҳо мебошанд, дар ибтидо пайдо шудаанд: кишоварзӣ, чупонӣ, иқтинос (шикор», ҷавлоҳагӣ (сохтмон) ва розӣ (бофандагӣ) (3, 179) (Шамолов 179).

Дар қарни XX бошад, вобаста ба тағироти сохторӣ дар ҷомеа меъёрҳои нави тақсимбандии ҷамъият ба вуҷуд омад. Олимони ҷомеашинос равияҳои тозаи ба истилоҳ сохтгаройӣ ҳамчун меъёрҳои тақсимоти ҷамъият зоҳир шуд, ки асоси онро таълимоти олимон

Э.Дюркгейм, Б.Малиновский, К.Леви–Строс муқаррар намудаанд. Барои ташаккули ин назария хидматҳои олими ҷомеашинос Т.Парсонс бузург мебошад. Мувофиқи таълимоти вай ҷамъият на аз шахсиятҳои алоҳида, балки аз низоми ҷузъҳои алоқаманде иборат мебошад, ки мавҷудияти онҳо вобаста ба болоравии имконияти назораташон аз рафтори одам аст.

Вобаста ба муайянкунии таркиби иҷтимоӣ дар замони Шӯравӣ метавон ба як масъала ишорат намуд, ки дар ин давра меъёри асосӣ пеш аз ҳама ба худи сохтори давлати Шӯравӣ пайванд дошт, ки ғояҳои он аз таълимоти асосгузорони таълими марксистӣ сарчашма мегирифт. Масалан, Карл Маркс ва Фридрих Энгелс дар китоби худ «Ғояи олмонӣ» мафҳуми ҷавононро ҳамчун насли наве маънидод кардаанд, ки бо камолоти худ анъанаҳои насли калонсолро идома медиҳад. Ҳар яке аз ин насл дар навбати аввал фаъолияти пешинагонро дар ҳолатҳои комилан шароити тағйирёфта давом медиҳад ва аз ҷониби дигар, шароитҳои кӯҳнаи мавҷударо ин насл бо роҳи тағйир додани фаъолияти худ зоҳиран иваз мекунад» (4, 44-45). Аммо аз ин муайянкунӣ маълум мегардад, ки дар таълимоти ин ҷомеашиносон муайянкунии ҷавонон ҳамчун фаҳмиши иҷтимоӣ ба мушоҳида намерасад. Ба ҷавонон пеш аз ҳама аз рӯи муносибати онҳо ба фаъолияти ҷамъиятӣ ва таъсиргузорӣ барои тағйирёбии сохтори ҷамъият назар афканда шудааст на ҳамчун таркиби иҷтимоӣ.

Баъдтар ин назария аз ҷониби асосгузори низоми Шӯравӣ В.И.Ленин давом дода шуд ва назарҳову муайянкуниҳои дигаргунае ворид карда шуд. Дар таълимоти ӯ ба мавҷудияти якчанд гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар таркиби худи ҷавонон, ки хусусиятҳои низоми иҷтимоии ҷамъиятиро ифода мекунанд, равшан нишон дода шудааст. Махсусан, назарияи тарбияи коммунисти ҷавон ҳамчун таркиби иҷтимоии ҷомеа аз таълимоти В.И.Ленин оғоз ёфта, заминаҳоро барои ташкили ташкилотҳои ҷавонон пеш овард, ки ин ташкилот бо номи комсомол шӯҳрат ёфт.

Ҳамин тавр, дар ҷомеаи Шӯравӣ солҳои тӯлонӣ, махсусан тӯли солҳои 60-уми асри XX мақоми ҷавонон асосан ҳамчун маҳсулоти истеҳсолоти низоми иҷтимоӣ-синфии ҷомеаи муайян шинохта мешуд. Баъдтар дар солҳои 70-ум ва 80-уми ҳамин аср аллакай маҳдудиятҳо дар шинохти мавқеъ ва мақоми иҷтимоии ҷавонон муқаррар шуда, масъалаи мустақилият, худфаъолиятӣ, иқтидор ба рушди мустақилона, нақши ҷавонон дар истеҳсолот, махсусан фаъолияти босамари иҷтимоии онҳо муайян карда шуд.

Вобаста ба ин метавон гуфт, ки сохтори ҷомеа ҳамеша дар тағйир мебошад. Дар ин ҳолат омили асосии дигаргуншавиҳо арзишҳои фарҳангӣ, маълумотнокӣ, мақоми гурӯҳ дар тақсими захираҳои инкишоф ба шумор меравад. Дар низоми ҷамъиятии шӯравӣ, ки

сарчашма дар таълимоти марксистӣ дорад, омили асосӣ барои ин дигаргуншавӣ истеҳсолоти ҷамъиятӣ башумор меомад.

Ҳамин гуна, меъёрҳои нави тақсимоти ҷамъиятро ба табақаҳо ва гурӯҳҳои зерин метавон ҷудо намуд:

а) шуғл;

б) даромад;

в) маълумот;

г) синну сол

Аз рӯи ин тақсимбандӣ асосан омили чорум барои таъини ҷавонон ҳамчун таркиби иҷтимоӣ хидмат мекунад. Вақте ки табақаи ҷавонон вобаста ба синну сол ҷудо карда шаванд, омилҳои дигар барои тақсимбандии ҳамин табақаи иҷтимоӣ, яъне ҷавонон хидмат карда метавонанд. Масалан, ҷавонон аз рӯи шуғл, пеш аз ҳама ҷалб гардидан ба шуғл ё бешуғлӣ ва монанди ин.

Назарияи табақабандии иҷтимоӣ дар заминаи ташаккули назарияи марксистӣ-ленинӣ ва муборизаи синфӣ пайдо шуда, минбаъд ривоҷи тамом пайдо намудааст. Яке аз ҳадафҳои асосии омӯзиши сохтори иҷтимоии ҷомеа ин кӯшиши дарёфти заминаҳои ба табақаҳо ҷудо шудани аъзоёни ҷомеа ва хусусиятҳои дар ин заминаҳо пайдо шудани муносибатҳо дар байни онҳо аст. Аз ин баҳсҳои илмӣ муайян мегардад, ки гурӯҳҳои иҷтимоӣ аз рӯи се омил мушаххас карда мешаванд:

**Омили мансубият ба меҳнати фикрӣ ва ҷисмонӣ**. Дар асоси ин гурӯҳҳои иҷтимоии синфӣ пайдо мешаванд, ки асосан хоси ҷомеаҳои синфӣ мебошад. Нобаробарии тақсимоти меҳнат ба сифати омили асосии ба вуҷуд омадани синфҳо ҳамчун гурӯҳҳои иҷтимоӣ мегарданд.

**Омили иҷтимоӣ - демографӣ**, ки дар канори синну сол ба сифати муайянкунандаи ҷойи ҷавонон дар низоми иҷтимоии ҷомеа хидмат мекунад. Дар ин ҳолат ҷавонон ҳамчун таркиби демографии низоми иҷтимоии ҷамъият баромад мекунанд ва ҷавононро дар муносибат ба дигар таркибҳои номбаршудаи демографии сохтори иҷтимоии ҷамъият баррасӣ мекунанд.

**Омили сеюм ба умумиятҳои миллӣ** такя мекунад, ки дар ин ҳолат шабоҳат ва ягонагиҳои миллӣ, этникӣ сабаби зуҳури таркиби низоми иҷтимоии ҷамъият шудааст. Вобаста ба ҳар се омили ёдшуда метавон дар таркиби ин гурӯҳҳои ҷавононро баррасӣ намуд, зеро гурӯҳи иҷтимоии ҷавонон дар муносибат ба омили фикрӣ ва ҷисмонӣ, энтикӣ, демографӣ фаъолият доранд. Муқаррароти синну соли аз 14 тол 30 сола барои ҷавонон аллакай худ метавонад, ки онҳоро ба ин гурӯҳҳо шомил созад. Маълумотҳои оморӣ муқаррар намудаанд, ки дар муносибат ба замони Шӯравӣ имрӯз шумораи ҷавононе, ки рисолаи илмии хешро то синни 30-солагӣ ба дифоъ расонида,

рубтаҳои илмӣ касб кардаанд, сол аз сол зиёд мегардад. Ин нукта ишорат ба он мекунад, ки аз рӯи муносибат ба меҳнати фикрии ҷавонон фаъолнокии бештар зоҳир карда, симои худро ҳамчун гурӯҳи иҷтимоии фаъол аз нигоҳи мансубият ба меҳнати фикрӣ мушаххас менамоянд. Ин муносибат дар дигар соҳаҳои меҳнати фикрӣ низ ба мушоҳида мерасад, ки таҳлили фаъолияти ҳамасолаи дастовардҳои ҷавонон дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз ҷумла, ҳунар, санъат, варзиш ва монанди ин гуфтаҳои болоро ба исбот мерасонад. Омилҳои дигаре чун мансубияти ҷинсӣ ё ба истилоҳи муосир гендерӣ низ мавҷуданд, ки дар аксари маводи оморӣ ва матолиби дигар ин меъёр риоя шудааст. Дар канори муайян намудани таркиби иҷтимоии ҷомеа ва муқаррар кардани ҷавонон аз нигоҳи мансубияти ҷинсии онҳо маълум мегардад, ки бештар шумораи занону духтарон нисбати ҷавонони ҷинси мард зиёд ҳастанд ва ин омил бесабаб нест.

Ҳамин тавр, тақсимбандии иҷтимоии ҷомеа аз даврони дури таърих вобаста ба меъёрҳои мухталиф ба зуҳур расида, дар асоси он омилҳои демографӣ, синну солӣ, ҷинсият, шуғл ва дар ниҳоят солҳои охир меъёри ҷуғрофӣ ва тақсим намудани ҷомеа ба аҳолии шаҳрнишину деҳот нақши ҳалкунанда мебозанд. Меъёри аз ҳама асосии таъиноти таркиби иҷтимоии ҷомеа бевосита синну сол бо дар назар гирифтани иқтидори иҷтимоии наслҳо маҳсуб мешавад, ки ба сифати унсури асосӣ ва меъёри ҳалкунанда нақши муассир мегузорад.

**Пайнавишт:**


*1. Bailey H.W., 1959, p. 95-101; 1960, p. 953-955.*

*2. Шамолов А.А. Философия теологии Мухаммада Газали/ А.А. Шамолов. – Душанбе: Пайванд, 2008.*

*3. Шамолов А.А. «Эхѐ-улум-аддин»-и Газоли / А.А. Шамолов. – Душанбе: Анис, 1999. – С. 179.*

*4. Маркс К. Немецкая идеология / К. Маркс, Ф. Энгельс. –2-е изд. Т. 3. - С. 44-45.*

**Ҳафизова П.А.,**
*сармуаллимаи кафедраи кори бонкии ДДҲБСТ*

# ТАРБИЯИ ҶАВОНОН ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВИИ ОНҲО ҲАМЧУН ШАРТИ КАЛИДИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН

Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардидааст: «Ҳадафи сиёсати давлатии мо дар бахши ҷавонон тарбияи кадрҳо, мутахассисони донишманду соҳибмаърифат, насли дорои ҷаҳонбинии васеъ ва хислатҳои ватандӯстиву ватанпарастӣ мебошад.».

Ба сиёсати чавонон чун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар ҳамаи марҳилаҳои рушди ҷомеа таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мегардад. Ба шаҳрвандони ҷавони Ҷумҳурии Точикистон аз синни 14 то 30 сола, аз ҷумла ҷавононе, ки дар вазъи душвори зиндагӣ қарор доранд ва оилаҳои ҷавон мансубанд.

Бинобар он, ки қисми асосии аҳолии Тоҷикистонро шаҳрвандони то 30 сола ташкил медиҳанд ва синни миёнаи аҳолии кишвар ба 24,7 сол баробар аст, шаҳрвандони ҷавони мамлакат минбаъд захираи асосии меҳнатии Тоҷикистонро ташкил хоҳанд дод ва фаъолияти меҳнатии онҳо барои таъминоти иҷтимоии кӯдакон, маъюбон ва калонсолон манбаи асосии маблағ маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, тараққӣ додани маърифати молиявӣ ва баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ аз он ҷумла ҷавонон барои пешравии иқтисодиёти Тоҷикистон бисёр муҳим аст.

Маърифати молиявии ҷавонон барои қабули қарорҳои босаводона, паст намудани сатҳи хавф мусоидат намуда ва бехатарии молиявиашонро баланд мебардорад. Дараҷаи пасти саводнокии молиявӣ ва дуруст сарфаҳм нарафтан ба ҳолати молиявии шахсии худ ҷавононро ба муфлисшавӣ, қарзҳои бисёр, нисбатан сусти дар назди қаллобони молиявӣ инчунин муаммоҳои иҷтимоӣ, ҳолатҳои депресионӣ ва ба дигар муамоҳои шахсӣ меоварад. Санъати идоракунии молиявиро дар мактаб намеомӯзонанд, доираи ин дар дохили оила низ суханрониҳои пай дар пай шунида намешавад ва ҳамин тавр аз насл ба насл давом меёбад. Агар волидон саводи молиявӣ надошта бошанд, пас фарзандон низ аз ҳеҷ куҷо саводи заруриро барои самаранок идоракунии молияи шахсӣ пайдо карда наметавонанд, ки ин доираи маҳдудро нишон медиҳад. Ин муамморо

бо як роҳ бартараф кардан мумкин, яъне мунтазам, мақсаднок ва бо дарккунӣ аз хурдсолӣ саводнокии молиявии ҷавононро баланд бардоштан мебошад. Дар ин роҳ набояд бо гузаронидани як ду чорабиниҳои алоҳида ва тадқиқотҳо қаноат кард, балки як низоми пурраи баландбардории саводнокии молиявии ҷавононро ташкил дод.

Саводнокии молиявӣ ин маҷмуи лаёқатҳост, ки бо вуҷуди дар раванди маълумоти молиявии мактабӣ ва донишгоҳӣ ба даст оварда шавад ҳам, дар таҷрибаҳои зиндагонӣ аз худ карда ва санҷида мешавад. Умуман, саводнокии молиявӣ ин мафҳуми мураккаб, бисёрҷабҳа, берун аз марзи муайяни ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҷойгиршуда бошад, ҳам, талаботи аҳолӣ ба таълимоти молиявӣ бо шиддати геометрӣ вусъат ёфта истодааст. Саводнокии молиявӣ ба ҷавонон барои тағйир додани муносибаташон ба пул ва идоракунии онҳо кӯмак мерасонад. Онҳоро ба фикр кардани ояндаи худ, банақшагирии талаботашон дар марҳилаҳои ҳаёт водор сохта, аз харҷи беҳуда эмин медорад. Он бояд ҳамчун ҳолати доимотағйирёбандаи донишу малака, ки ба он сол, оила, маданият ва ҳатто ҷои истиқомат таъсир мерасонад, дида баромада шавад. Мақсади молиявии ҳар як инсон алоҳида аст, ки аз шароити иҷтимоӣ – иқтисодии ӯ пайдо мешавад. Мақсади талимоти молиявии ҷавонон бошад, ин дастрасии ахбороти фаҳмо ва бо сифат ба ҳар як истеъмолкунанда аст.

Дар як қатор мамлакатҳо барнома ва лоиҳаҳо оид ба баландбардории саводнокии молиявии аҳолӣ мутобиқи фалсафаи миллиашон тартиб меёбад: «такя ба қувва ва бозуи худ», яъне ҳар як шахс ноил мегардад ба мустақилияти молиявӣ ва онро то пиронсолӣ нигоҳ медорад ва мерос ҳам гузошта метавонад.

Барои ворид намудани саводнокии молиявӣ ба шуури ҷавонон ва ҳалли муаммоҳои ба ин вобастаро фаҳмидан, донистани дараҷаи саводнокии молиявии онҳо бисёр зарур аст. Ин барои тартиб додани низоми миллии саводнокии молиявӣ, муҳтавои илм ва методҳои омӯзиши он имконият медиҳад, яъне «чиро бояд таълим дод» ва «чӣ тавр бояд таълим дод», ки бо аниқ муайян намудани сатҳи саводнокии молиявӣ вобастагӣ дорад.

Саводнокии молиявӣ бо давлат алоқамандии зич дорад, чунки танҳо давлат қоидаву қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии молиявиро ворид мекунад, ки хусусияти қатъӣ дорад. Иштироккунандагони муносибатҳои молиявӣ ҳуқуқи тағйир додани ин қонунҳоро надоранд, онро танҳо бояд пайравӣ кард ва мутобиқати комили саводнокии молиявии миллӣ низ дар хамин аст. Ба ин мисол шуда метавонад

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба танзими ҷашну маросимҳо, тӯю маъракаҳо», ки ин ҳам яке аз шохаҳои баланд бардории саводнокии молиявии ҷамъият буда, нақши асосии давлатро нишон медиҳад.

Лаҳзаҳои асосии стратегияҳои миллӣ инҳо: муайян кардани муҳимии саводнокии молиявӣ, муайян кардани қодирии аҳолӣ ба соҳаҳои нав, аниқ кардани гурӯҳҳои мақсадноки аҳолӣ, ташхис ва баҳодиҳии ҳолати ҷории барномаҳои таълимии амалкунанда, чорабиниҳои методӣ ва равшаниандозанда, муҳимтаринаш коркарди нақшаҳои оянда барои ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ ба ҳисоб мераванд.

Барои таъмини мустақилият, воқеият, самаранокии фаъолият ба таркиби органҳои муайян бояд намояндагони сохторҳои дахлдор (вазоратҳо, мақомотҳо, ташкилотҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ.) ҳамроҳ шаванд.

Баландбардории саводнокии молиявӣ ин соҳаи масъулятноки давлат, бизнес ва оила мебошад. Бояд қайд кард,ки ҷавонон ин ояндаи миллатанд ва иштироккунандагони воқеии бозори молиявӣ, андозсупоранда, амонатгузор, қарзгиранда мебошанд, умуман ҷавонони муосир истеъмолкунандагони фаъоли молҳо ва хизматрасонӣ ба ҳисоб мераванд. Истеъмолкунандагони саводнок ва хуб огоҳонидашуда нисбати сифати молҳо ва хизматрасониҳо талаботи хоса доранд, бо ин на танҳо ба болоравии сифати маҳсулот таъсир мерасонанд, инчунин байни истеҳсолкунандагон рақобати солимро пойдо мекунанд, ба сиёсати нархӣ таъсир мерасонанд. Бинобар ин, омӯзонидан ва баланд бардоштани саводи молиявии ҷавонон мувофиқи мақсад аст. Ҳангоми ташкилдиҳии саводнокии молиявии ҷавонон бояд хусусияти психологӣ – синнусолии ин гурӯҳи ҷамъиятро ба назар гирифт, инчунин алоқамандии бевоситаи байни саводи молиявии азхудшуда ва истифодабарии он дар таҷрибаро барқарор кард, бояд талаботи ҳар як марҳилаҳои ҳаёти аҳолии ҷавонро ба назар гирифта, онҳоро ба ҳалли ӯҳдадориҳои молиявии омӯхта гардонд.

Ҳиссагузорӣ дар баланд бардоштани саводнокии молиявии ҷавонон дар нақшаи стратегӣ самараи хуб меорад, чунки ин гурӯҳи аҳолӣ барои таълим лаёқати бештар доранд. Чунин муносибат имконияти ноил гардидан ба ҷалби бештари табақаи гуногуни аҳолиро медиҳад, бинобар он ки дар мактабҳо ва донишгоҳҳо ҷавонон аз ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ таҳсил мекунанд. Маълумоти молиявии ҷавонон самараи дурударoз дорад,онҳоро тамоми ҳаёт дар пеш аст, яъне асоси дониши молиявӣ, тасаввурот ва малака якбора ба

тамоми насли нав ҷойгир мегардад. Танҳо дар давраи навҷавонӣ имконияти ҷойгир намудани асосҳои маданият ва молия ,мақсад барои худташаккулдиҳӣ дар соҳаҳои гуногун аз он ҷумла соҳаи молиявии ҳаёташонро дорад.

Ҳамин тариқ, барои рушди иқтисодиёти тоҷикистон ташкил додани низоми мақсадноки баландбардории саводнокии молиявии ҷавонон мувофиқи мақсад аст. Бояд ҳар як фарди Тоҷикистон тавонад дар ҳар марҳилаҳои зиндагониаш аниқ имкониятҳои худро дарк кунад, ҳуқуқҳои худро дар бозори молиявӣ ҳимоя карда, дар сатҳи баланди ӯҳдадорӣ ҳалли молиявиро қабул кунад бо назардошти некӯаҳволии худ ва иқтисодиёти давлат.

**Адабиёт:**


1. *Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020*
2. *Кузина О.Е. Финансовая грамотность молодежи // Мониторинг общественного мнения. 2009. № 4(92).*
3. *Стахович Л.В. Необходимость повышения финансовой грамотности молодежи как важнейший приоритет государственной политики; Федеральный образовательный портал ЭСМ (Экономика. Социология. Менеджмент.)*
4. *Финансовая грамотность – жизненный навык, необходимый молодежи в 21 веке (по результатам первого международного исследования уровня финансовой грамотности 15-летних учащихся); Пресс-релиз Министерства финансов*



**Хоҷаев Ҳ.А.,**
*н.и.и., дотсенти кафедраи хадамоти гумрук*
**Маъруфов Ф.К,**
*ассистенти кафедраи хадамоти гумрук.*


## ҶАВОНОН ВА ЗАМОН

Кор бо ҷавонони кишвар яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мебошад ва татбиқи босамари он ба таври мунтазам дар маркази таваҷҷӯҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Пойдевори татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ ва сарчашмаи ғизои маънавию моддии амалишавии он маҳз аз ҳидоят, дастгирию ғамхории пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, м ӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонони кишвар баҳра мегирад. Қобили зикр аст, ки дар татбиқи сиёсати

давлатии ҷавонон нишондиҳандаҳои муайян – инъикоси рушдёбии соҳа аст.

Маблағгузории Барномаи миллии ҷавонони кишвар назар ба давраи солҳои аввали истиқлолият 10 маротиба зиёд гардидааст [6, с. 5]. Ҳамзамон, теъдоди инфрасохтори дастгирии давлатии ҷавонон, ба монанди бунёди мактабҳо, китобхонаҳо, марказҳо, толору майдонҳои варзишӣ ва ғайра сол аз сол зиёд мегардад.

Иштироки фаъоли ҷавонон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, мунтазам ҷалб намудани онҳо дар таҳия ва амалигардонии барномаҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ низ аз масъалаҳои мубрам мебошад. Инчунин, вобаста ба васеъ гардонидани имконоти амалии ҷавонон тавассути такмил додани иштироки фаъолонаи онҳо дар масъалаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ба воситаи ҳаракатҳои ҷавонон, марказҳои ҷавонон, ҷалби доираи васеи онҳо ба корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ба роҳ гузошта мешавад.

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017 – ро Соли ҷавонон эълон намуда, зикр сохтанд: ***«Ҷавонони мо дар ҳар ҷое, ки бошад, бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, бо Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошанд»*** [1, с. 29].

Бобати роҳандозии сиёсати давлатии ҷавонон яке аз самтҳои асосӣ – ин таъмини иштироки ҷавонон дар рушди фарҳанг ва бар ин васила тақвият бахшидани китобхонию инкишоф додани маънавият дар байни насли наврас ва ҷавон мебошад [4, с. 9]. Хониши китоб ба ҷавонон на танҳо илму маърифат, ҳамзамон иродаи қавӣ, хулқу атвори инсонӣ, одоби хамида, таҳаммулпазирӣ ва поктинатӣ мебахшад.

Дар шароити тезутундшавии муносибатҳои геополитикии ҷаҳон, аз ҷумла таҳдидҳои кишварҳои абарқудрат нисбат ба кишварҳои дар ҳоли рушд буда андешидани тадбирҳои таъхирнопазири таъминкунандаи амнияти давлат ва ҳифзи муқаддасоти миллӣ, бахусус, маърифатнок гардонидани аҳли ҷомеа ва ба ин васила дар руҳияи ватанд ӯстӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ ва ҳувияти миллӣ, пос доштани сулҳу субот ва ягонагии кишвар тарбия намудани ҷавонон аз масъалаҳои аввалиндараҷа маҳсуб мегарданд (5, с. 8). Дар ҳоле, ки аксарияти аҳолиро ҷавонон ташкил медиҳанд ва муайянкунандаи самтҳои ҳаёту фаъолияти ояндаи ҷомеа маҳсуб мегарданд, соҳибмаърифатӣ, доштани хиради волои сиёсӣ, дониши баланди ихтисосӣ ва қавииродагии онҳо боиси кудратмандии Тоҷикистон шуда метавонанд.

Солҳои охир дар саросари ҷаҳон зуҳуроти номатлуб, аз қабили экстремизм, (**экстремизм – аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маънояш аз ҳад зиёд. Ба экстремизм ҳам шахсони алоҳида ва ҳам ташкилотҳо мансуб шуда метавонанд. Дар байни мафҳуми экстремизми сиёсӣ иғвои нооромиҳои ҷамъият дар назар дошта мешавад.**) (7), терроризм, (**терроризм – сиёсате, ки дар асоси з ӯроварии мунтазам истифода бурда мешавад. Синонимҳои «террор» аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маънояш тарс, воҳима мебошад. Ҳамчун идеологияи з ӯроварӣ, таъсири манфӣ расонидан ба фикрронии аҳолӣ, нисбати қабули қарорҳои ташкилотҳои давлатӣ ва байналхалқӣ бо роҳи тарсонидан, фишор овардан ба ҷомеа истифода бурда мешавад)** (8), радикализм ва дигар равияҳо зиёд гардида, ҷомеаи ҷаҳониро таҳти таҳдид ва ноороми қарор додаанд. Ташвишовар он аст, ки дар ин раванди номатлуб ба сифати аслиҳаи асосӣ ҷавонон, ки ҷисман қавию зеҳнан камтаҷриба мебошанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар навбати худ, ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ ва террористӣ барои манфиатҳои махфии гур ӯҳи муайяни ниҳодҳои қудратманд бо мақсади гирифтани даромадҳои молиявии бузург ва баланд бардоштани нуфузи сиёсии худ аз қувваи ҷавонон истифода менамоянд. Бинобар ин, баланд бардоштани сатҳи дониш, маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷавонон, дар асоси он тарбияи комили онҳо ҳамчун нер ӯи пуриқтидор ва пояндаи кишвар ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, яке аз усулҳои тарбияи комил, маърифатноксозӣ ва эмин доштани ҷавонон аз ҳама гуна падидаҳои номатлуб – ин соҳиби шуғл будани онҳост (5, с. 22). Аз ин р ӯ, фароҳам овардани шароити мусоид барои шуғлмандии насли ҷавон, дар ин васила тарбия ва омода намудани онҳо дар роҳи худташаккул, эмин будан аз рафтору кирдорҳои номатлуб, муқовиматнокӣ ба тазодҳои ҷомеаи муосир низ яке самтҳои асосии тарбияи ҷавонон мебошад.

Яке аз василаҳои устувори талқини идеология – ин ҳавасмандгардонии маънавӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар доираи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон тавассути дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва ё истеъдодҳои ҷавон ба амал баровaрда мешавад.

Яъне, бо амалӣ кардани барномаҳои гуногун дар самти дастгирӣ ва қадршиносии лаёқати ҷавонон бо назардошти ҷанбаъҳои идеологӣ, онҳоро метавон руҳбаланд сохт ва дар рӯҳияи ватанд ӯстӣ, худшиносӣ, пос доштани муқаддасоти миллӣ тарбия намуд.

Дар воқеъ ҷавонон баробари қувваи пешбарандаи ҷомеа будан, сарвати асосии идеологии ҳар як давлат низ ба ҳисоб меравaнд. Аз назари идеологӣ, таълим додану тарбия намудани ҷавонони кишвар

далели он аст, ки онҳо худро ба нер ӯи мағлубнашаванда, ватанд ӯст, хайрхоҳ ва таҳаммулпарвар мусаллаҳ мегардонанд(6, с. 34).

Бо мақсади самаранок амалӣ гардонидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан масъалаҳои риоя ва таъмини ҳуқуқии ҷавонон, дастгирии ҷавонони соҳибистеъдод, к ӯмаки моддию молиявӣ, беҳтар гардонидани шароити зист, дастгирии таҳсили ҷавонон, мусоидат ба шуғли мутахассисони ҷавон, ҳамкориҳои байналмиллалии ҷавонон бояд кормандони ташкилоту муассисаҳо, устодони мактабҳои миёна ва олӣ, кормандони ҳокимияти маҳаллӣ, ва падару модарон пурра сафарбар карда шаванд.

**Адабиёт:**


1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.12.2016. Душанбе: «Шарқи Озод», 2016. – 63 с.*
2. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2014. – 58 с.*
3. *Қонуни Ҷумҳурии Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2004. – 18 с.*
4. *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 аз 4 октябри соли 2011. – 20 с.*
5. *Миралиев Қ.А. Роҳнамо: идеологияи миллӣ ва ҷавонон: Душанбе: «Адабиёти бачагона», 2016. – 143 с.*
6. *Миралиев Қ.А. Қоидаҳои нав дар тадбиқи сиёсати давлатии ҷавонон. Душанбе, 2014. – 203 с.*
7. *https://wikipedia.org/. (санаи муроҷиат: 04.02.2017)*
8. *https://wikipedia.org/. (санаи муроҷиат: 06.02.2017)*



**Ҳакимова Б.Н. ,**

*н.и.ф., дотсент, сардори шӯъбаи таҳлил ва робита бо ҷомеаи ДДҲБСТ*


## НАҚШИ ТАРБИЯ ВА ОМӮЗИШ ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикстон мустаҳкам кардани пояҳои ахлоқии ҷомеаро яке аз вазифаҳои муҳими имрӯзу ояндаи давлат ва

ҷомеа меҳисобад. Дар партави ин сиёсати маънавибунёд Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2006), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ”Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” (2011) ба тасвиб расид, ки дар ин замина силсилаи корҳои судманд рӯи кор омад.

Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати кунунӣ ва дурнамои давлатро дар соҳаи тарбияи миллии оммаи васеи аҳолӣ, махсусан насли наврас, муайян мекунад (2, с.1). Ба тасвиб расидани ин санади муҳими давлатӣ дар роҳи ба даст овардани мақсади муҳими тарбияи комилу ҳамаҷонибаи ҷавонон як маромнома ва роҳнамои бузурге дар роҳҳои гуногуни тарбия ба ҳисоб меравад.

Инсон аз рӯзи аввали ба дунёи ҳастӣ омаданаш ба тарбия эҳтиёҷманд аст. Нисбат ба образи инсонӣ И.Ф.Харламов навиштааст: «Ҳамаи мо танҳо масолеҳ, танҳо хӯлаи пулоду оҳанпораем, ки аз он чизе сохтан лозим аст, аммо хӯлаи зиндаем, ки дар худ идеале дорад» (5, 54). Аз он масолеҳи инсонӣ, ки табиат медиҳад, танҳо одами ҳақиқӣ сохтан бори нахуст дар оила сурат мегирад. Яъне, марҳилаи аввали тарбия аз оила оғоз меёбад.

Дар моддаи 8-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» падару модар ӯҳдадор карда шудаанд, ки «фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд» (3, 2).

Воқеан, тарбияи дурусту беиштибоҳи оилавӣ ба ташаккулёбии шахсият ҳамчун фарди ҳам ҷисман ва ҳам руҳан солим мусоидат менамояд. Зеро дар ҳикмати деринаи мардуми тоҷик омадааст:

*Хишти аввал чун ниҳад меъмор каҷ,*
*То ба охир меравад девор каҷ.*

Ё худ ба қавли Абулқосим Фирдавсии Тӯсӣ:

*Зи оғоз бояд, ки донӣ дуруст,*
*Сари мояи гавҳарон аз нахуст (6, 43).*

Тарбия буд, ки инсон ба ҷомеаи инсонӣ ворид гардид, тафаккури ӯ такомул ёфта, оҳиста-оҳиста аз сохти оддитарин ба шакли мукаммал табдил ёфт. Тарбия худ омил ва воситаи муҳим дар роҳи камолоти маънавӣ ва фарҳангии насли ҷавон маҳсуб меёбад. Мақсади ҳама гуна тарбия ин, пеш аз ҳама, аз ташаккули ҳамаҷонибаи шахс, ки дар худ ғановати маънавӣ, ахлоқи пок ва ҷисми солимро ба ҳам овардааст, иборат мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ таъкид доштанд: «Масъалаҳои мустаҳкам кардани пояҳои ахлоқии ҷомеа, ташаккули афкори эҷодиву созандаи халқ ва гиромидошти арзишҳои фарҳанги милливу умумибашарӣ дар сиёсати давлат мавқеи асосӣ дошта, тамоми муассисаҳои фарҳангӣ, воситаҳои ахбори омма, телевизион ва радио, шабакаҳои иҷтимоӣ вазифадоранд, ки фаъолияти худро доир ба ҳалли масъалаҳои зикршуда, пеш аз ҳама, ҳифзи истиқлолият, инчунин, инкишофи тафаккури миллӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифату ҷаҳонбинии аҳли ҷомеа, ҳифзи мероси гаронбаҳои миллати тоҷик ва муаррифии шоистаи он ба ҷаҳониён тақвият дода шавад (4, 28).

Дар мустаҳкам кардани пояҳои ахлоқии ҷомеа ҳама гуна унсурҳои таркибии тарбияи миллӣ нақши муассир доранд. Мақсаду вазифаҳои ниҳоии тарбияи миллӣ ташаккули инсони комил, соҳиби Ватан, нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ мебошад. Ҳамаи дигар унсурҳои тарбияи миллӣ дар худ ғояҳои ахлоқию маънавӣ доранд (2, 6).

Ташаккули тафаккур ва тарбияи миллӣ нисбатан муҳимтару нозук буда, унсурҳои асосии он дар баробари ҳимояи Истиқлолияти давлатӣ, бунёд ва таҳкими ҷомеаи демократӣ, эҳёи хусусиятҳои миллӣ, ифтихор аз миллати хеш, пайвастани таърихи гузашта ва воқеияти имрӯзаи миллат эҳтирому гиромидошти мероси ниёгонро низ дар бар мегирад.

Зеро, дар ташаккули ғояҳои ахлоқӣ ва маънавии шахс осори гаронмояи бузургони илму адаб нақши муассир дорад. Инсон ҳар қадар аз фарҳангу маданияти замонавӣ бархурдор бошад ҳам, боз дар баробари он қарзи инсонии ӯст, ки дар ганҷинаи фарҳанги мардуми хеш ҷӯёи дурри ноб гардад.

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар ин маврид мегӯяд:

*Ҳар касе, к- ӯ дур монд аз асли хеш,*
*Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш.*

Барои ташаккули маънавиёти шахс, тарбияи насли созандаву бунёдкор аз мероси бою омӯзандаи фарҳангию адабии гузаштагон бохабар бояд буд. Зеро, тарбияи насли имрӯз тақозо менамояд, ки тамоми низоми тарбия, бахусус тарбияи маънавии ҷавонон дар заминаи фарҳангу суннатҳои миллӣ ба роҳ монда шавад. Бояд донист, ки Рӯдакию Сино, Ҷалолиддини Балхию Ҳофиз, Садриддин Айниву Мирзо Турсунзода, Бобоҷон Ғафуров ва садҳо дигар фарзандони

фарзонаи миллат дар ҳама замон пайи ривоҷи адабиёту фарҳанг ва бақои миллати тоҷик бо азму иродаи шикастнопазир фаъолият доштанд.

Бо шарофати истиқлолияти давлатӣ адабу фарҳанги куҳанбунёд маҳз бо мақсади рушди маънавиёти ҷомеа эҳё гардид. Дар ҳама давру замон осори тарбиявии гузаштагонамон шахсро дар рӯҳияи худшиносии миллӣ, ҳифзи хотираҳои таърихӣ, бузургдошти забон ва мероси фарҳангӣ тарбия намуда, симои миллат, суннатҳои аҷдодиро ташаккул медиҳад.

Дар тарбияи шахс ва ташаккули сифатҳои ахлоқӣ аҳамияти «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ хеле бузург аст. Ғояи марказии ин асари безаволро масоили ахлоқӣ, тарбияи шахсият ташкил медиҳад.

Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» хирадро яке аз муҳимтарин категорияҳои ахлоқ меҳисобад. Ба пиндори ӯ, агар дар ниҳоди хирадманд ягон хислати бад роҳ ёбад, ҳамоно хиради инсонӣ дур мешавад ва вуҷуди ӯро хислати бад фаро мегирад:

*Дили беҳунар, к-ӯ биёбад хирад,*
*Пушаймон шавад ҳам зи кирдори бад.*

Фирдавсӣ таъкид менамояд, ки барои ҳар шахс хирад раҳнамо, омӯзгор аст ва касе, ки дар зиндагӣ хирадро роҳбар интихоб мекунад, аз офатҳои рӯзгор дар амон аст. Аз нигоҳи ӯ хирад мояи тарбияи инсон аст:

*Хирадманд бояд, ки бошад дабир,*
*Ҳамон бурдбору суханёдгир.*
*Шикебову бодонишу ростгӯй,*
*Вафодору покизаву тозарӯй (6, 78).*

Ба ақидаи Шайхураис Абуалӣ ибни Сино ахлоқ илмест дар бораи таҳаввулоти инсон, натиҷаи мушоҳидати ӯ ва муносибати одамон дар одобу рафтор аст. Ақидаҳои ахлоқии Сино дар баробари асарҳои насрии ӯ, ба мисли «Донишнома», «Пирӯзнома» ва «Тадбири манзил» дар рубоиёташ низ барҷаста инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, нисбати ахлоқи бадтарин-нафси бад чунин фармуда:

*Эй нафс, ки бастаи ҳавову ҳавасӣ,*
*Биштоб, ки дар ҳимояи як нафасӣ.*
*Дунё маталаб, ҷоҳ маҷӯй, ишва махар,*
*К-аз дӯст бароиву ба душман бирасӣ.*

Саҳифаҳои рахшони офаридаҳои устоди ахлоқ, пири хирадманд Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, бахусус «Баҳористон» бештар ба тарбияи шахсияти инсон баҳс мекунад ва дурри маъниест дар хазинаи маданият ва адабиёти куҳанбунёди форсизабонони Шарқ.

«Баҳористон»-ақоиди тарбиявӣ ва панду ахлоқӣ буда, ба талқини ғояҳои неки аҳли башар ва тарбияи инсони солим ва фозил бахшида шудааст.

Мавлоно Ҷомӣ некӯаҳволии мардум, осоиши рӯзгор ва ободии кишварро дар гузориши дурусти асоси тарбиявии одамӣ мебинад. Асоси ахлоқи ҳамидаи ҷамъиятро дар тарбияи фард, дар камолоту ташаккули ҳамаҷонибаи шахс эҳсос менамояд.

Асарҳои гаронмояи ниёгон барои боз ҳам мукаммалтару мураттаб сохтани принсипҳои тарбия ва ташаккулёбии ҳаматарафаи шахсият мусоидат менамоянд. Ҷомеаи пешраву ҷадид ҳамеша ба афроди пурдону хирадманд ниёз дорад. Калиди кулли комёбиҳо ҳам ба ашхоси боилму ҳушманд ва некахлоқ тавъам мебошад.

Мероси бебаҳои маънавӣ дар баробари мояи ифтихори миллӣ будан посухи ниёзҳои маънавист. Мероси ниёгон, махсусан адабиёти классикии форсу тоҷик, ганҷинаҳои маънавиёти мост. Ин мерос дунёи маънавии инсонро ташаккул дода, ба сохтани ҷомеаи солим раҳнамоӣ мекунад.

Дар баробари омӯзиши осори тарбиявии ниёгон барномаҳои радио, телевизион, воситаи ахбори умум дар тарбияи ахлоқию маънавии инсон нақши назаррас доранд.

Васоити ахбори омма нерӯи тавоноеанд, ки метавонанд садди роҳи сар задани ҳамагуна падидаҳои номатлуб бошанд. Ҳамзамон ба пешбурди донишу фарҳанг мусоидат намуда, ба шахс ғизои маънавӣ бахшида, маданияту маърифаташро ғанӣ мегардонад. Яъне, воситаҳои ахбори омма фишанги таъсиррасон барои рушди фарҳангу маданият маҳсуб меёбанд.

Бо мақсади беҳдошти таълиму тарбия, таҳкими пояҳои ахлоқии ҷавонон, бахусус донишҷӯён, дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон радио ва телевизиони дохилидонишгоҳӣ фаъолият доранд, ки мунтазам сюжетҳоро роҷеъ ба ҳамоишҳои илмию таълимӣ, маърифатию фарҳангӣ оид ба масоили мухталифи таълиму тарбия, илм, санаҳои таърихӣ, бузургдоштҳо пахш менамоянд. Инчунин, ҳар сол зиёда аз 10 барномаи маърифатию илмии донишгоҳ «Кошонаи маърифат» ва 10 адад барномаи моҳонаи иттилоотии «Набзи донишгоҳ» таҳия ва дар шабакаҳои телевизионии шаҳру вилоят пахш гардиданд. Бо мақсади пешгирии зуҳуроти бегонашавӣ ва бегонапарастӣ, гаравиш ба ташкилоту созмонҳои ифротгаро, тарбияи донишҷӯён дар руҳияи худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва шаъну шарафи шаҳрвандӣ гурӯҳи таҳлилию иттилоотии донишгоҳ фаъолият дошта, соли равон аз ҷониби ин гурӯҳ беш аз 125 мақола ва вокунишҳо ба васоити ахбори оммаи вилояту ҷумҳурӣ пешниҳод ва интишор гардиданд.

Хулоса, таърихи пурғановат, ганҷинаи гаронбаҳои адабиву бадеӣ ва ахлоқӣ, тамаддуни қадима, радио ва телевизион, ВАО – ин ҳама таҳкурсии тайёр, заминаҳои ташаккули маънавиёт ва ахлоқанд, ки аз он бояд бештар истифода намуд.

**Адабиёт:**


1. *Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. Душанбе: Маориф ва фарҳанг.- 2008. – саҳ.133*
2. *Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2006 – 14 саҳ.*
3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». - Душанбе, 2011. – 7 саҳ.*
4. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2016. – 39 саҳ.*
5. *Харламов И.Ф. Теория нравственного воспитания. –Минск, 2000. - саҳ.54.*
6. *Шоҳбайтҳои “Шоҳнома”. Ш.Асрор.- Душанбе: Адиб, 1990. - 221 саҳ.*



**Ҷабборов Ғ.Н.,**
*сармуаллими кафедраи кори бонкии ДДҲБСТ*


## СОЗАНДАГОНИ ШОИСТАИ ОЯНДАИ КИШВАР

**«Мо соҳиби давлати мустақил ҳастем ва фарзандони мо, яъне наврасону ҷавонон бояд ба хотири таҳкими истиқлолият ва пешрафту тараққиёти давлат, инчунин, барои ба кишварҳои мутамаддин баробар гардидани Тоҷикистон дорои донишу маҳорат, ҷаҳонбинии васеъ, донандаи хуби забонҳои хориҷӣ, техникаву технологияҳои муосир, ахлоқи ҳамида ва ватандӯсту ватанпарвар бошанд. Мо аз шумо умедҳои зиёд дорем, ки ин сарзамини аҷдодӣ, Ватани маҳбуби мо – Тоҷикистони азиз оянда бо дасти шумо боз ободу зеботар мегардад ва парчами истиқлолияташ ҳамеша парафшонӣ менамояд».**

**Эмомалӣ Раҳмон**

9-уми сентябри соли 1991 дар Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати даҳум изҳорот дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълон намудани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд. Хамин тавр пас аз садсолаҳо тоҷикон ба орзуи деринаи худ расиданду соҳибдавлату

соҳибистиқлол гардиданд. Яке аз муҳимтарин арзишҳои сиёсиву ичтимоии башарият ин истиқлолият мебошад, ки он ҳамсангу ҳамарзиш бо озодист. Таърихи инсоният пур аз муборизаҳои бардавому фидокорона баҳри озодист. Мардуми тоҷик табиатан истиқлолиятхоҳу озодидӯст аст. Таърих гувоҳ аст, ки барои ҳимояи марзу буми хеш, яъне барои ҳимояи истиқлолияти худ тоҷикон чӣ гуна ҷоннисориҳо намудаанд. Ташаккули давлату давлатдориро барои расидан ба истиқлолияти воқеии миллӣ тай намуданд. Даҳсолаи охири асри 20-ум ба халқи тоҷик хадяи беназиру дилпазири таърихӣ дод.

Ҷавонони соҳибистиқлол дар ҳама давру замон қувваи пешбарандаи ҷомеа буда, ояндаи миллату давлат ба онҳо вобаста аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои боз ҳам беҳтар намудани тарбияи ҷавонон як зумра қонуну санадҳо қабул кардааст, ки онҳо ҷиҳати фаъолияти озодона ва ибтикори ҳамагон шароити васеъ фароҳам меоранд.

Мо дар замоне қарор дорем, ки раванди ҷаҳонишавӣ таҳдидҳои зиёд дорад. Аз ин рӯ, барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 16 Қонуни конситутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар самти тарбияи ватандӯстии ҷавонон “Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013” қабул намуд, ки барои тарбияи ватандӯстии ҷавонон аҳамияти зиёд дошт. Зеро, маҳз ҳисси ватандӯстӣ намегузорад, ҳаракат ё падидаи нохуш амнияти миллатро халалдор кунад. Муҳимтарин василаи баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстии ҷавонон ташаккули фарҳанги маънавию сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва омӯзиши таърихи пурғановати миллати худ ба ҳисоб меравад. Зеро мавқеи иҷтимоӣ ва сиёсии онҳо дар баробари нерӯи демократии ҷомеа ва давлат хусусиятҳои таҳаввулот, стратегияи рушд ва ояндаи кишварро муайян месозад. Ҷомеа ё кишваре, ки дар навбати аввал ба таълиму тарбия, рушди маърифатнокӣ ва фаъолияти ҷавонон таваҷҷуҳ зоҳир намекунад, ба сатҳи баланди инкишоф расиданаш ба гумон аст. Имрӯз қисми зиёди ҷавонон ба моҳияту мафҳумҳои “Ватан” ва “ватандӯстӣ” бахубӣ сарфаҳм меравaнд. Дар баробари ин як зумра мушкилоте мавҷуд аст, ки бартараф кардани онҳо кори зарур мебошад. Ин мушкили ҷиддӣ майли баъзе ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ мебошад. Барои ин мебояд, ки диққати ҷавононро ба омӯзиши таърих, фарҳанг ва арзишҳои маънавии ниёгони худ афзун гардонем. Танҳо худшиносии миллӣ аз таърих огоҳ будан ва ибрат гирифтан ягона роҳе мебошад, ки майли ҷавононро ба сӯйи ҳар гуна ҳаракатҳои иртиҷои коҳиш медиҳад. Аз ин рӯ, мебояд,

ки дар раванди тарбияи ватанпарастии ҷавонон ҳамаи субъектҳои тарбия бояд барои расидан ба як ҳадаф талош варзанд ва танҳо ҳамон вақт натиҷаи дилхоҳ ба даст хоҳад омад ва ин ҳадаф пеш аз ҳама таъмини ягонагии Тоҷикистон ва тарбияи ҷавонон дар руҳияи худшиносӣ аст. Бо дастгирии Пешвои миллат, Раиси ҲХДТ Эмомалӣ Раҳмон саҳифаи тозае дар таърихи навин боз шудааст, ки он 23 - юми май Рӯзи ҷавонон мебошад. Таҷлили Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон на танҳо шодию хурсандӣ ва тарабу фараҳмандист, балки натиҷагирии кору пайкори ҷавонони кишвар дар ҷодаи бунёдкориҳо, ободонии Ватан, кӯмаку ҳамдастии гурӯҳҳо ва табақаҳои мухталиф аст. Ба ин маънӣ кишвари азизи соҳибистиқлоли мо, ки дар раванди татбиқи ислоҳоти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ қарор дорад, ба донишу нерӯи созандаи мо, ҷавонон, умед бастааст. Чунки ҷавонон дар шароити кунунӣ ба воқеияти сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии ҷаҳони муосир зудтар ва беҳтар ҳамоҳанг гардида, дар бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ саҳми ҳалкунанда гузошта метавонанд. Мо бояд ба тамоми ҳастӣ дарк намоем, ки барои устувор намудани пояҳои истиқлолияти миллӣ ва бунёди давлати пуриқтидори демократӣ, тақдири ояндаи миллат, амнияту оромии кишвар ва эҳёи дурахшонтарин арзишҳои тамаддуни бузурги ниёгонамон масъулияти бузурге бар дӯш дорем. Агар ба саҳифаи 25-солаи Тоҷикистон назар кунем, хоҳем дид, ки ин ҳама пешравиҳо дар натиҷаи меҳнати пурсамари Пешвои миллат бо такя ба ҷавонон ва дигар табақаҳои ҷомеа ба даст оварда шудааст. Хуш он рӯзе, ки баъди рӯзҳои тира дар диёри мо дубора субҳи умед дамид. Офтоби сулҳу ваҳдат ва дӯстӣ шуълаафшон шуд. Мардуми мамлакат ин идро бо масъулияти баланди ватандорӣ бо дастовардҳои бузург ва интизориҳои беандоза пешвоз мегиранд.

Диёри мо барои хурду калон чун гавҳараки чашм муқаддас аст. Бояд ин Ватанро пуштибон бошем, ба қадри он бояд бирасем, зеро гузаштагон бо азобу ранҷҳои зиёд ин давлату фарҳангро ба мо ёдгор гузоштаанд. Ғамхории Пешвои миллат нисбат ба, ҷавонон рӯз аз рӯз зиёд гардида истодааст. Шароитҳои беҳтарин дар ҳар як донишгоҳу донишкадаҳо ва омӯзишгоҳҳову коллеҷҳо фароҳам оварда шудааст. Ҷавонон имкон доранд, ки дар донишгоҳҳои олии мамлакат ва ё дар хориҷа таҳсили илм намоянд. Дар чунин шароит давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон масъалаҳои дар низоми таҳсилот ҷорӣ намудани меъёрҳои муосири таълиму тарбия, тайёр кардани мутахассисони баландихтисосу соҳибмаърифат ва ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнати дохиливу хориҷиро ҷавҳари асосии сиёсати худ эълон карда, барои амалӣ гардонидани нақшаҳои неку созанда дар ин самт ҳамаи захираву имкониятҳоро сафарбар намудаанд. Ҷавонони

соҳибистиқлол дар ҳама давру замон қувваи пешбарандаи ҷомеа буда, ояндаи миллату давлат ба онҳо вобаста аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои тарбияи ҷавонон як зумра қонуну санадҳо қабул кардааст, ки барои фаъолияти озодона ва ибтикори онҳо шароити васеъ фароҳам меорад.

**Адабиёт:**


1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.(22.12.2016)*
2. *Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат.Иборат аз ҷаҳор ҷилд.Ҷилди аввал. - Душанбе: Ирфон, 2002.*
3. *История культурного строительства в Таджикистане (Текст). / Колл. авторов / Под ред. Марсакова К. Т. 1. - Душанбе, 1979 - 280с.; Т. 2. -1983.-470с.*
4. *Культурное пространство Центральной Азии: единство в многообразии / Материалы регионального форума (Текст). Душанбе, 2010. - 184 с.*
5. *Маджидова Т. Роль международных организаций в формировании стратегии долговременного развития Таджикистана // Материалы научно-теоретической конференции, посвященной 20 - летию независимости Республики Таджикистан (Текст). Душанбе, 2011. - С. 46-48.*



**Ҷамолов С.Н.,**
*мудири шӯъбаи корҳои тарбияи ДДҲБСТ,*


## ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ ТАҲДИД БА АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ВА ТАФАККУРИ ҶАВОНОН

Дар ибтидои асри XXI падидаи ҷаҳонишавӣ рушд намуда, муносибатҳои нави иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ байни халқиятҳову давлатҳо барқарор гардиданд. Аз тарафи дигар, мутаассифона, падидаҳои номатлуб, аз қабили ифротгароиву экстремизми динӣ, терроризми байналҳалқӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар падидаҳои номатлуб дар ҷомеаи мо реша ронданд. Мафкура ва андешаҳое, ки ба қонуну қоидаҳои ҷамъият созгор нестанд ва зидди онҳо арзёбӣ мегарданд, «ифротгароӣ» - «экстремистӣ» ҳисобида мешаванд. Агар дар ҷомеа ягон равияи диниро бар хилофи моҳияти аслии дин маънидод кунем ва ба ҳаракати радикалии сиёсӣ табдил диҳем, ифротгароӣ ва экстремизми динӣ ба вуҷуд меояд.

Экстремизм аз рӯи мазмун динӣ ва дунявӣ, аз ҷиҳати зуҳурот ҳудудӣ, минтақавӣ, байналхалқӣ мешавад. Нигоҳи экстремистӣ решаи хеле чуқур дорад, он ҳеч гоҳ ҳудуд ё дину миллат надорад, ҳудуди

ягон мамлакатро эътироф намекунад. Экстремизми дунявӣ намудҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва мафкуравӣ дорад, экстремизми динӣ дар доираи ҳамаи динҳо (насронӣ, буддоӣ, ҳиндуия ва ғ.) мавҷуд аст.

Экстремизми динӣ дар доираи ислом низ мавҷуд буда, он дар куҷое, ки зуҳур кунад, дар назди худ мақсади асосӣ – барпо намудани «халифат - системаи идоракунӣ дар ислом» - ро мегузорад. Бо ин мақсад низоъҳо, ихтилофҳои мазҳабӣ ба вуҷуд меоварад, баромадҳои яроқнок ташкил мекунад, бо роҳи зӯроварӣ ғасби ҳокимият, хунрезиро пеша мекунад. Ин амалҳо садди роҳи мустақилияти ҳар миллат, монеъгӣ баҳри тараққиёти ҷомеа мегарданд. Дар ин маврид ҳаминро бояд таъкид намуд, ки дар китоби муқаддаси мусулмонон - Қуръон мафҳуми халифат ба ҳайси давлати алоҳидаи мусулмонон вуҷуд надорад. Тибқи маълумоти ҳадиснигорон Абу Довуд ва Имом Тирмизӣ дар як ҳадиси Муҳаммад (с.) омадааст, ки «Халифат дар ҷомеаи ман сӣ сол арзи ҳастӣ мекунад. Сипас салтанат (шоҳигӣ, монархия) ҳукм меронад», яъне давлатҳои алоҳида ҳукмронӣ мекунанд.

Амалҳои даҳшатноки террористии солҳои охир, ки дар Покистон, Шарқи Наздик (Сурияву Ироқ), Россия, Фаронса ва дигар манотиқи ҷаҳон содир шуданд, ҳаминро собит мекунанд, ки терроризм бо кадом ливое (динӣ, сиёсӣ, миллӣ, иқтисодӣ) баромад бикунад, дар зери кадом ниқобе зуҳур бисозад, мардуми бошууру меҳанпарасти кишварамон, хосатан ҷавонони баору номусамон, бояд моҳияти ҷинояткоронаи онро дарк карда, нияти ғаразнокашро фош намоянд.

Аз расонаҳои хабарӣ огоҳ ҳастем, ки имрӯзҳо созмони ба ном «Давлати исломӣ» (аз соли 2013- Давлати исломии Ироқу Лубнон) ба яке аз бузургтарин гурӯҳҳои террористии ҷаҳон, хосатан олами ислом, табдил ёфтааст. Чӣ тавре ки маълум аст, «Давлати исломӣ» дар Ироқу Сурия ва дигар давлатҳои араб зӯроварӣ, қатлу ғорат, кушторҳои ваҳшиёнаро ба роҳ мондаанд. Роҳбарон ва пешвоёни ғоявии «Давлати исломӣ» ин ташкилотро ба сифати бузургтарин созмони исломӣ муаррифӣ мекунанд (1). Аммо аз рӯи амалаш ин ташкилот имрӯз ба созмони ҷиноятпешаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Созмони мазкур дар давраи аввал бо номи «Ҷамоат ал-тавҳид ва-л -ҷиҳод» маълум гашт, сонияն якчанд бор номи худро иваз намуда, аз январи соли 2006 дар натиҷаи муттаҳидшавии гурӯҳҳои террористӣ ба як ташкилоти воҳид бо номи «Ал – қоидаи Ироқ» машҳур гашт. Сонияն, «Шӯрои муҷоҳид» ном гирифт. Аз октябри соли 2006 бо номи «Давлати исломии Ироқ» маъруф гардид. Ба ҳайати ибтидоии он шохаи байнаннаҳрайнии «Ал- қоида» таҳти роҳбарии Абу Мусаб –ал Зарқавӣ, муҷоҳидони Шӯрои (палатаи болоии Миср) ва аъзои гурӯҳи

ҳарбии Ироқи ҷанубии «Ҷунд ас- Самоӣ», ки дар расонаҳои хабарии Ғарб бо номи «Аскарони осмонӣ» маълум буд, шомил гашта буданд.

Баъди кушта шудани Зарқавӣ ҷойи ӯро Абу Абдуллоҳ ал-Рашид ал-Бағдодӣ (ё ки Абу Умар ал-Бағдодӣ) соҳиб шуд ва то соли 2010 «ДИИ» - ро сарварӣ намуд. Маҳз Абу Умар ал-Бағдодӣ ҳуҷуми ДИИ –ро ба Сурия оғоз намуд. Аз соли 2010 инҷониб «Давлати исломӣ»-ро Иброҳим Аввад ал-Бадрӣ ас-Самарроӣ (ё ки Абубакр Бағдодӣ) роҳбарӣ менамояд (2).

Имрӯз дар дини мубини ислом на танҳо арзишҳои диниву ирфонӣ ва эътиқодӣ мавҷуд аст. Дар ислом бинобар сиёсишавии гурӯҳҳои алоҳидаи он кӯшишҳои гузаронидани ислоҳот ба назар мерасанд. Барои ба мазмуни ин масоил расидан бояд дар бораи мавҷудияти се ҷараён дар исломи муосир маълумот дошта бошем:

- ҷонибдорони ҷараёни аввал мӯътақиди секуляризм, зидди сиёсишавии ислом ва аз давлат ҷудо будани дин ҳастанд. Дар айни замон онҳо ҷонибдори риояи одобу ахлоқи динӣ, фармудаҳои Парвардигор (иҷро намудани шариат) мебошанд;

- ҷонибдорони ҷараёни дуюми ислом зидди ҳамагуна навовариҳо дар дин мебошанд, онҳо мардумро ба ҳифз намудани тартибу низоми динии асримиёнагӣ, ба сабру таҳаммул даъват мекунанд;

- ҷонибдорони ҷараёни сеюми дини ислом мақсади ислоҳ намудани оини диниро дар назди худ гузоштаанд, онҳо ба худ номи «фундаментализми исломӣ» - ро гирифтаанд. Ҷонибдорони ин ҷараён аз тартибу низоми мавҷудаи давлат норозӣ мебошанд, баҳри тағйир додани низоми давлатӣ мекӯшанд. Ҳадаф доранд, ки тамоми ҷомеаи мусалмонон аз рӯи тартиботи динии солҳои аввали зуҳури ислом амал намоянд, риояи ҳатмии аркони Шариат ва аҳкоми диниро пешаи худ қарор диҳанд. Аз ҷониби фундаменталистон қонунҳои воқеии давлат инкор карда мешавад.

Яке аз намудҳои фундаментализми сиёсӣ «Ваҳҳобия» ба шумор меравад (3). Ваҳҳобия аз одобу ахлоқи динӣ ба ақидаҳои сиёсии динӣ гузаштанро таблиғ мекунад. Он бо роҳи зӯроварӣ соҳиби ҳокимият гаштани мусулмонони «ҳақиқӣ» - ро тарғиб мекунад.

Мутаассифона, имрӯзҳо дар ҷомеаи навини Тоҷикистон ҳар гуна гурӯҳҳои иртиҷоъпараст пайдо шудаанд, онҳо дар байни қишрҳои мухталифи ҷомеа ва хосатан ҷавонон, низоъ меандозанд, бо фундаментализми исломиву ифротгароӣ, экстремизм таҳдид мекунанд, кӯшиш мекунанд, ки боварии ҷавонони имрӯза ба давлати дунявӣ коста гардад, ба ваҳдату ягонагии мардум рахна ворид кунанд, низои байни миллату халқиятҳоро барангезанд. Зери ниқоби ислом амал намуда, бо ёрии гурӯҳу шахсиятҳои ғаразнок дар байни ҷавонон ақидаҳо ва адабиёти дорои хусусияти ифротгароро паҳн мекунанд.

Дар Тоҷикистон аз азал халқиятҳои гуногуну эътиқодманди динҳои мухталиф зиндагӣ намуда, байни ҳам дар фазои осоиштаву якдигарфаҳмӣ умр ба сар мебаранд. Дар сарчашмаҳои хаттӣ доир ба муносибати хуби мардуми тоҷик нисбат ба динҳои халқиятҳои дигар ва фаъолияти созандаи онҳо дар роҳи рушди Ватан маълумотҳои фаровон оварда шудаанд.

Имрӯзҳо хавфи ба гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ шомил шудани ҷавонон боло рафтааст. Давлату ҳукумати Тоҷикистон ва ташкилотҳои ҷамъиятии кишвар баҳри пешгирӣ намудани ин амалҳои номатлуб тадбирҳои судманд меандешанд. Ин тадбирҳо имконият додаанд, ки ниятҳои ғаразноки гурӯҳҳои ифротгаро дар амал татбиқ нашаванд. Аммо, мутаассифона, дар ҷомеаамон ҷавононе вомехӯранд, ки ба доми ин қабил одамони бадният афтодаанд. Ифротгароён кӯшиш менамоянд, ки андешаву ғояҳои ба миллати мо бегонаро байни аҳолӣ паҳн намоянд, ҷавонони сустирода, камсавод ва зудбоварро дарёфта, бо роҳи фиреб онҳоро ба доми худ мекашанд, онҳоро ба эътиқоди сохта бовар кунонида, тарафдорони хешро зиёд карданӣ мешаванд.

Ба ҳамагон аён аст, ки ифротгароён ба таври махфӣ амал мекунанд, онҳо аз ҷониби ташкилоту гурӯҳҳо ва қувваҳои экстремистии хориҷӣ идора карда мешаванд, барои мақсадҳои ғаразноки худ қувва ва маблағҳои зиёд сарф мекунанд.

Маҳз саводи кофии динӣ надоштан, аз маърифати динӣ огаҳ набудан, суст будани эҳсосоти ифтихору ғурури миллӣ, паст будани шуури сиёсиву ҳуқуқӣ, набудани малакаи фикрронии мустақил боис гаштааст, ки бархе аз ҷавонон бар ҳар гуна гурӯҳҳои экстремистӣ шомил бишаванд.

Аз ин лиҳоз мо бояд садди роҳи нияти ғаразноки гурӯҳҳои ифротгаро ва экстремистӣ гардем, кӯшиши пайвастани терроризмро бо ислом - бо дини бобоёнамон маҳкум намоем. Имрӯз бояд ба ҳифз кардани арзишҳои миллиамон, аз ҷумла маърифати ислом, кӯшиш намоем. Нагузорем, ки фаъолияти сохторҳои террористӣ ва экстремистии динӣ дар диёрамон, маҳалли зистамон дар зери ниқоби ба масҷидҳо ёрӣ расонидану созмон додани ташкилотҳои динӣ, дар мавзеъҳои аз ҷониби сохторҳои давлатӣ назоратнашаванда ба роҳ монда шавад.

Мо бояд ба ҷанбаъҳои дохиливу берунаи мубориза алайҳи амалҳои террористиву ифротгароии динӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намоем. Пеш аз ҳама, сиёсати давлатамонро баҳри кушодани ҷойҳои нави корӣ барои ҷавонон дастгирӣ намоем, тавассути сиёсати бисёрҳизбӣ ва ошкорбаёнӣ ба ин масъала таваҷҷӯҳ намуда, иртиҷоъпарастиро зери танқиди шадид қарор диҳем, ниятҳои қабеҳи гурӯҳҳои террористиву экстемистиро фош намоем, оид ба ин масъала

семинарҳо, анҷуманҳои илмии сатҳи маҳалливу байналхалқӣ доир намоем, қувваҳои солими ҷомеаро муттаҳид созем.

Ба тарғиби арзишҳои солим ва адолатпарастӣ эътибори аввалиндараҷа диҳем, то ки холигии мафкуравӣ дар байни ҷавонон пурра гардад. Пеши роҳи воридшавии мафкураҳои бегонаро гирем. Ба арзишҳои таърихиву миллии тоҷикон таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намоем. Андешаи истиқлолияти давлатии тоҷиконро дар тафаккури ҷавонон бо усулҳои таълимиву тарбиявӣ ҷо диҳем.

Ба коркарду таҳияи асосҳои ҳуқуқии мубориза алайҳи терроризму ифротгароӣ дар Тоҷикистон эътибори аввалиндараҷа диҳем. Дар роҳи мубориза алайҳи терроризму экстремизм аз усулҳои маънавиву маърифатӣ васеъ истифода барем. Дар ин самт ду роҳро пешаи худ қарор доданамон мувофиқи матлаб аст: якум, дар муассисаҳои таълимӣ ба тадриси илмҳои дунявӣ эътибори кофӣ диҳем, дуюм, моҳияти маърифати исломро тавассути омӯзонидани ҷанбаъҳои тарбиявиву ахлоқии Қуръону ҳадисҳо дар дарсҳои ахлоқшиносӣ ва фанҳои ҷомеашиносӣ ба роҳ монем. Аз иқтидори зеҳнии уламои кишварамон истифода бурда, ба мардум, хосатан ба ҷавонон, фаҳмонем, ки дар ислом мафҳуми «террор» вуҷуд надорад, ислом динест, ки маърифат ва маънавиётро ташаккул ва рушд медиҳад. Кӯшиш кунем, ки фарзандонамонро бо таълимоти Имом Бухориву Термизӣ, Ғаззоливу Мавлавӣ, Нақшбанду Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, бо абёти Рӯдакиву Фирдавсӣ, Саъдиву Ҳофиз, Шайх Камолу Ҷомӣ ва амсоли онҳо тарбия намоем.

Дар роҳи мубориза алайҳи терроризм аз роҳи ҳамкории байналхалқӣ васеъ истифода барем. Хушбахтона, Тоҷикистони соҳибистиқлоламон сиёсати дарҳои кушодро пеша намуда, бо давлатҳои мухталифи ҷаҳон, бо созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ, аз қабили СММ, Созмони ҳамкориҳои Шанхай, Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва ғайра ҳамкориро ба роҳ монда, дар доираи он баҳри таъмини осоиштагии мардум, бехатарии минтақа, мубориза алайҳи терроризму экстремизм, қочоқи маводи мухаддир фаъолият мебарад.

**Адабиёт:**


1. *Что такое ИГИЛ и кто им управляет?// http://catu.su/analytics/814-chto-takoe-igil-i-kto-im-upravljaet*

2. *Невидимый шейх. Что мы знаем о лидере "Исламского государства"//https://ria.ru/world/20151012/1300614769.html; Абу Бакр аль Багдади: досье.// https://ayyamru.wordpress.com/2014/08/09/%*

3. *Ефимов В. Что такое Ваххабизм, кто такие ваххабиты?// http://www.iran.ru/news/ analytics/92303 Chto_takoe_Vahhabizm_kto_takie_vahhabity /*

**Шарипов П.,**
*ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДҲБСТ*

# СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ВА ТАТБИҚИ АМАЛИИ ОН

Ҷавонон нерӯи бузурги созанда ва бунёдкори ҷомеа ба ҳисоб рафта, дар ҳама давру замон дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, маънавии ҷомеа нақши муҳим мебозанд.

Тоҷикистонро кишвари ҷавонон меноманд ва он беҳуда нест, зеро аксарияти мутлақи аҳолии онро ҷавонон ташкил мекунанд.

Дар Паёми Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 таъкид гардид, ки **«Аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса, ояндаи миллат ва давлат мебошанд»** (3, с.28).

Ҷавонони Тоҷикистон дар ҳама давру замон ва марҳилаҳои таърихии халқи мо рисолати созанда ва бунёдкории худро шарафмандона иҷро намуда, дар таърихи бунёди ҷомеаи навини тоҷикон, таҳаввулоти бузурги сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, маънавӣ, эҷоди арзишҳои ахлоқӣ саҳми шоиста гузоштаанд.

Дар таъмин ва таҳкими Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эъмори ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ, ягона, дунявӣ ва мутамаддин саҳми ҷавонон хеле бузург ва шоистаи таҳсин аст.

Таваҷҷӯҳ ва ғамхорӣ нисбат ба ҷавонон ҳамеша дар меҳвари сиёсати иҷтимоӣ ва фарҳангии Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, ин сиёсат яке аз самтҳои афзалиятноки Сарвари давлат ба ҳисоб меравад.

Сиёсати давлатии ҷавонон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» инъикос ёфтааст, ки он 8 июли соли 2004 аз ҷониби мақомоти олии қонунгузори мамлакат – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул гардид.

Дар қонуни мазкур мақсад, моҳият ва принсипҳои сиёсати давлатии ҷавонон ба таври хеле равшан ва возеҳ ифода ёфтааст, ки онҳо аз чунин нуктаҳои муҳим иборат мебошанд:

-мусоидат ба инкишофи сиёсӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонии ҷавонон;

-ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон;

-фароҳам овардани шароит барои мустақилона ва бо ҳисси масъулият ширкат варзидани ҷавонон дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа;

-дастгирии моддӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҷавонон; (2, с.34).

Сиёсати ғамхорӣ ва таваҷҷӯҳ нисбат ба ҷавонон аз рӯзҳои нахустини Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардида, он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 1992 «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» инъикос гардидааст.

Дар қонуни мазкур қайд шудааст, ки **«сиёсати давлатии ҷавонон бахши ҷудонопазири сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз низоми тадбирҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқие иборат мебошад, ки онҳоро мақомоти давлатӣ бо мақсади фароҳам овардани шароиту имкониятҳо ва кафолатҳо барои ташаккули иҷтимоию инкишофи ҷавонон ва ҳарчӣ бештар амалӣ намудани нерӯи эҷодии онҳо барои манфиатҳои тамоми ҷомеа татбиқ менамоянд»** (1, с.3).

Қонуни зикршуда пояи ҳуқуқии ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷумҳурӣ гардида, такмил ва таҳрири нави он, ки 8 июли соли 2004 «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» дар ҷаласаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, марҳилаи сифатан нав дар ин ҷода гардид.

Сиёсати давлатии ҷавонон як самти муҳими сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Ҳукумати ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, дар татбиқи амалии он тамоми сохторҳои ҳукумат, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ иштирок менамоянд.

Бино бар ақидаи яке аз муҳаққиқони намоёни таърихи ҳаракати ҷавонони Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор В.Набиев татбиқи сиёсати давлатии ҷавононро дар даврони Истиқлолият ба се марҳила ҷудо намудан мумкин аст:

**Марҳилаи якум** – аз моҳи марти соли 1992, аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» (13 марти соли 1992) оғоз гардида, то ба имзорасии «Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» (27 июни соли 1997) идома меёбад (3, с.6).

**Марҳилаи дуюм** – аз ба имзорасии «Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» (27 июни соли 1997) то қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» (8 июли соли 2004) – ро дар бар мегирад (2, с.14).

**Марҳилаи сеюм** – аз қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» дар таҳрири нав (8 июли соли 2004) то рӯзҳои моро фаро мегирад (3, с.32).

Ҳар марҳилаи номбаршуда дар татбиқи амалии сиёсати давлатии ҷавонон, андешидани чораву тадбирҳо дар самти ғамхорӣ нисбат ба онҳо, қабули қарорҳо, барномаҳо ва пиёдасозии онҳо давраҳои хеле муҳим ва сифатан нав ба ҳисоб мераванд.

23 майи соли 1997 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон» имзо гардида, тибқи ин фармон дар сохтори Ҳукумати ҷумҳурӣ Кумитаи кор бо ҷавонон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯъбаи сиёсати ҷавонони Идораи сиёсати иҷтимоӣ ба кор шурӯъ намуд (2, с.13).

Дар раванди татбиқи марҳилаи дуюм бо ташаббуси Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон «Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 1999 – 2000» таҳия ва қабул гардид, ки як консепсияи хеле мукаммал оид ба сиёсати давлатии ҷавонон буд (2, с.15).

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 октябри соли 1998 «Дар бораи Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 1999 – 2000» қабул намуд, ки боиси дигаргунсозиҳои назаррас дар ин самт гардид.

Дар арафаи соли 2001 Ҳукумати ҷумҳурӣ «Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистонро барои солҳои 2001 – 2003» қабул намуд, ки дар тадбиқи тадбирҳои амалии ғамхорӣ нисбат ба ҷавонон ва дастгирии онҳо воқеаи муҳим гардид.

20 марти соли 1998 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавоне, ки дар соҳаи илм ва техника корҳои намоён анҷом додаанд» ба тавсиб расид, ки он барои дастгирии муҳаққиқон ва олимони ҷавон равона гашта буд (3, с.17).

26 феврали соли 1998 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи таъсиси стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, техникумҳо ва коллеҷҳо» ба имзо расид, ки он далели ғамхории Пешвои миллат нисбат ба ҷавонон буд.

Дар марҳилаи сеюм низ, ки аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» (8 июли соли 2004) оғоз мегардад, чандин фармону қарорҳо ба тавсиб расиданд, ки мақсади онҳо ба дастгирии моддӣ ва маънавии ҷавонон равона шуда буд.

Масалан, 25 июни соли 2005 Фармони Президенти мамлакат дар бораи таъсиси Фонди махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тайёр намудани мутахассисон дар давлатҳои хориҷӣ ва 2 августи соли 2008 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсиси Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» таъсис гардид, ки мақсади он фароҳам

овардани шароит ва интихоби донишҷӯёни лаёқатманд ва таъмини шаффофияти қабули довталабон барои таҳсил дар донишгоҳҳои олии кишварҳои хориҷӣ буд.

3 июни соли 2006 Қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ «Дар бораи тасдиқи консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва 4 октябри соли 2011 бо Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» ба тавсиб расид, ки мақсади он муайян намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон дар самти ғамхорӣ, дастгирӣ ва ҳимояи манфиатҳои онҳо мебошад (2, с.42).

Аз фармонҳо, қарорҳои ба тавсиб расида бармеояд, ки ғамхорӣ, дастгирӣ нисбат ба ҷавонон дар маркази таваҷҷӯҳ ва сиёсати иҷтимоии давлат, Ҳукумат ва Пешвои миллат қарор дошта, яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад.

Дар Паёми Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 таъкид шудааст, ки **«бо дарназардошти саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат пешниҳод менамоям, ки соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Соли ҷавонон эълон карда шавад.**

**Ҷавонони мо дар ҳар ҷое, ки бошанд, бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, бо Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онхо ҳамеша омода ва зирак бошанд»** (3, с.29).

Ғамхорӣ, таваҷҷӯҳ ва дастуру супоришҳои Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷавононро ба он ҳидоят менамояд, ки бо азхудкунии илму дониш, баланд бардоштани сатҳи маърифату ҷаҳонбинӣ, тафаккур ва одобу ахлоқи ҳамида, худшиносӣ, худогоҳӣ, ватанпарастӣ дар ҷомеа ба мақому манзалати шоиста сазовор бошанд ва барои пешрафт, ободонӣ ва шукуфоии Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми худро гузоранд.

**Адабиёт:**

*__1.__ Асадуллоев Р., Шарифов М. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсти давлатии ҷавонон»: аҳамият ва мавқеҳои асосии он. – Душанбе: Деваштич, 2005. – С.12*

*__2__. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсти давлатии ҷавонон» // Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1992. - №9. – С.3*

*__3.__ Набиев В. Президент Эмомалӣ Раҳмон ва ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2013. – 48 с.*

*4. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш.Душанбе, 22 декабри соли 2016. – Душанбе: Шарқи озод, 2016. – 40 с.*

**Шерматов Ш.М.,**
*дотсент, мудири кафедраи системаҳои иттилоотии автоматикунонидашудаи ДДҲБСТ*
**Муртазоқулов М.Р.,**
*дотсенти кафедраи системаҳои иттилоотии автоматикунонидашудаи ДДҲБСТ*
**Ҳасанов М.М.,**
*муовини декан оид ба корҳои тарбияи факултети инноватсия ва телекоммуникатсияи ДДҲБСТ.*

## ТАРБИЯИ ЭКОЛОГИИ ҶАВОНОН ВА МУАММОИ ОБИ НӮШОКӢ

Эълон шудани соли 2017 соли ҷавонон ва солҳои 2018 – 2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ, ки бо пешниҳоди Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон амалӣ шудааст, боиси ифтихори ҳама хусусан ҷавонон аст. Ин ҷавононро боз ҳам зиёдтар вазифадор мекунад, ки табиати биҳиштосои моро омӯзанд, онро ҳифз намоянд ва дар арсаи ҷаҳон аз ҷиҳати илмӣ муаррифӣ намоянд. Махсусан об, ки боигарии асосии кишвари мо асту обҳои дарё ва кӯлҳои Тоҷикистон 60 фисади захираҳои обии Осиёи Марказиро ташкил мекунад, бояд объекти омӯзишу таҳқиқотҳои илмиву амалӣ ва экологии олимони ҷавон гардад.

Дар давоми даҳсолаҳои охир истифодаи оби нӯшокӣ дар ҷаҳон қариб 6-7 маротиба афзудааст, ки нисбат ба афзоиши аҳолӣ ду маротиба зиёд аст.

Ҳоло 30%-и сокинони замин норасоии оби нӯшокиро ҳис мекунанд. Агар ин ҳолати истифодаи об идома ёбад, дар соли 2025 ҳар як ду нафар аз се нафари аҳолӣ мӯҳтоҷи оби нӯшиданӣ мешаванд.

Манбаи асосии таъминкунандаи инсоният бо оби тозаи нӯшокӣ ин обҳои рӯизаминӣ мебошад, ки захирааш 39000 км$^3$-ро ташкил мекунад. Ҳанӯз дар солҳои 70 - уми асри гузашта захираҳои оби нӯшокӣ барои як нафар аҳолии курраи замин ба ҳисоби миёна ба 11000 м$^3$ рост меомад ва ин нишондиҳанда дар солҳои 80-ум ба 8,7 ҳазор метри мукааб расида, ҳоло дар ибтидои асри 21 тақрибан 6,5 ҳазор метри мукаабро ташкил медиҳад. Мувофиқи пешгӯиҳои олимон аҳолии замин дар соли 2050 агар ба 9 миллиард баробар шавад,

таъминот бо оби нӯшокӣ кам шуда, ба 4,3 ҳазор метри мукааб дар як сол баробар мешавад, ки ин бадбахтии глобалӣ аст. Ин нишондиҳандаҳои умумӣ буда, ҳисоби миёнаро нишон медиҳанд. Дар асл бошад, номунтазамии тақсимшавии аҳолӣ ва захираҳои об дар курраи замин ба он оварда мерасонад, ки таъминот бо оби нӯшокӣ дар баъзе ҷойҳо ниҳоят кам мешавад (дар давлатҳои Африкаи ҷанубӣ) ва дар баъзе ҷойҳои кураи замин зиёд мегардад.

Обҳои зеризаминӣ 30%-и талаботи аҳолии заминро қаноат мекунонанд. Ҳоло инсониятро истифодаи ғайрисамараноки об ва усулҳои исрофкоронаи истифодаи захираҳо ба ташвиш овардааст. Обҳои зеризаминӣ дар бисёр минтақаҳои курраи замин он қадар дастрас карда мешаванд, ки аз дараҷаи аз нав барқароршавии онҳо бениҳоят зиёд аст. Инро дар Ҳиндустон, Чин, давлатҳои ИДМ ва ИМА мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ин ҳисоб сатҳи обҳои зеризаминӣ дар як сол 1-3 м паст мешавад.

Яке аз масъалаҳои ҳалталаб ҳимояи сифати захираҳои обӣ мебошад. Истифодаи об барои мақсадҳои хоҷагӣ яке аз ҷузъҳои гирдгардиши он аст. Аммо он аз гирдгардиши табиӣ куллан фарқ карда, фақат қисми ночизи оби истифодашуда, дар натиҷаи буғшавӣ ба атмосфера бармегардад. Қисми дигари он, хусусан ҳангоми баобтаъминкунии шаҳрҳо ва корхонаҳои саноатӣ аз нав баргашта, ба дарёҳо ва обанборҳо дар шакли ифлос партофта мешаванд. Ин раванд дар давоми садсолаҳо идома ёфта истодааст. Бо зиёд шудани аҳолии шаҳрҳо, тараққиёти саноат, истифодаи моддаҳои кимиёвӣ дар хоҷагии қишлоқ ифлосшавии обҳои нӯшокӣ хусусияти глобалиро гирифтааст.

Аз ҳама муаммои ҷиддӣ он аст, ки зиёда аз 1 миллиард одамон ба оби тозаи бехатари нӯшокӣ дастрасӣ надоранд ва ними аҳолии курраи замин аз хизматҳои санитарӣ-гигиенӣ бебаҳраанд. Дар аксарияти давлатҳои мутараққӣ дарёҳое, ки аз дохили шаҳрҳои калон мегузаранд, аз ҷиҳати экологӣ ифлос шуда барои саломатии аҳолӣ хатарнок мебошанд.

Уқёнусҳо системаҳои бузурги экологии сайёра ба ҳисоб мераванд. Инҳо уқёнусҳои Атлантика, Ҳинд, Ором ва Яхбастаи Шимолӣ ва баҳрҳои бо онҳо алоқаманд мебошанд. Обҳои баҳрӣ ва уқёнусҳо 95%-и гидросфераро ташкил медиҳанд. Онҳо дар гирдгардиши об роли муҳимро мебозанд ва манбаи асосии захира барои пиряххо, дарёҳо ва кӯлҳо ба ҳисоб мераванд, инчунин манбаи асосии ҳаётӣ барои рустаниҳову ҳайвонот мебошанд. Уқёнусу баҳрҳо шарти асосии ҳаёт дар замин буда, 50-70%-и оксигенро, ки мавҷудоти зинда истифода мебаранд, ташкил медиҳанд.

Тараққиёти илмӣ-техникӣ дар самти истифодаи захираҳои уқёнуси ҷаҳонӣ тағйироти куллиро ба амал овард. Бо он бисёр

равандҳои номатлуб алоқаманд мебошад, ки яке аз инҳо ифлосшавии обҳои укёнусҳо мебошад.

Ифлосшавии укёнусҳо бо нафт, моддаҳои кимиёвӣ, боқимондаҳои органикӣ, партовҳои моддаҳои радиоактивӣ ва ғайраҳо ҳоло як ҳодисаи муқаррарӣ шудааст ва ин нишондиҳандаи он аст, ки баҳру укёнусҳо қисми асосии моддаҳои ифлоскунандаро фурӯ мебаранд.

Дар байни муаммоҳои глобалие, ки инсоният бояд онро ҳал кунад, вазъи экологии оби нӯшокӣ аввалиндараҷа маҳсуб мешавад. Дар зери таъсири фаъолияти пурмаҳсули инсоният дар сайёраи мо равандҳое ривоҷ ёфта истодаанд, ки муҳити зиндагии организмҳои зинда, бахусус обро бад карда истодаанд ва ин ба саломатии одамон хатар ба вуҷуд меорад. Баъзе аз ин равандҳо бебозгашт буда, ба ҳодисаҳои мудҳиши экологӣ меоранд, ки дар минтақаҳои гуногуни замин ба амал омаданашон мумкин аст, чунки дар табиат ҳама чиз байни ҳам алоқаманд мебошад. Дар ҳеҷ ҷой ҳеҷ кас худро бехатар ҳис карда наметавонад. Масалан, агарчанде ки ифлоскунии атмосфера дар Тоҷикистон нисбат ба дигар давлатҳо ниҳоят кам ҳам бошад, вайроншавии иқлим баръало ҳис карда мешавад. Мисоли оддӣ ин камшавии миқдори пиряххо мебошад, ки оянда ин ба норасоии оби нӯшокӣ оварда мерасонад.

Натиҷаи ин метавонад ба ҳодисаҳои мудҳиши экологӣ боис гардад, ки ислоҳи он ғайриимкон мебошад. Дар Тоҷикистон низ ин проблемаҳо мавҷуданд, аммо дар муқоиса бо гуфтаҳои болоӣ вазъи экологии обҳои мо беҳтар аст. Ба ин нигоҳ накарда ҷавонон, ки аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, бояд дониши чуқури экологӣ дошта бошанд ва боигарии асосии мо – обро чун гавҳараки чашм ҳифз намоянд.

**Адабиёт:**


1. *Пенжиев А.М. Математическое моделирование теплотехнических расчетов микроклимата и агроклиматическое районирование гелиотеплицы // Гелиотехника. 2001. № 3. Ташкент: Изд-во «Фан».*
2. *Кондратьев К.Я., Пивоварова З.И., Федорова М.П. Радиационный режим наклонных поверхностей. Л.: Гидрометеоиздат, 1978.*
3. *Рыбакова Л.Е., Пенжиев А.М. Рекомендации по выращиванию кофейных деревьев в условиях солнечной теплицы. Ашхабад: Туркмен НИИНТИ, 1990.*
4. *Ануфриев Л.Н., Кожинов И.А., Позин Г.М. Теплофизические расчеты сельскохозяйственных зданий. М.: Стройиздат, 1974.*

5. Куртенер Д.А., Чудновский А.Ф. Расчет и регулирование теплового режима в открытом и защищенном грунте. Л.: Гидрометеоиздат, 1969.
6. Куртенер Д.А., Чудновский А.Ф. Агрометеорологические основы тепловой мелиорации почв. Л.: Гидрометеоиздат, 1979.
7. Куртенер А.Д., Решетин О.Л., Семикина Г.Г., Чудновский А.Ф. Метод расчета температуры почвы с раздельным учетом временных изменений метеорологических параметров // Сб. трудов по агрофизике. 1970. Вып. 26. С. 16–27.
8. Куртенер Д.А., Решетин О.Л., Чудновский А.Ф. Решение уравнений теплопроводности при переменном коэффициенте переноса // Сб. трудов по агрофизике. 1970. Вып. 26. С. 80–99.
9. Солиев Х. Арзишҳои ҳаётӣ ва иқтисодии об.

**Шамсиев Ф.К.,**
*сармуаллими кафедраи менеҷменти ДДҲБСТ*
**Қосимова Ш.А.,**
*сармуаллимаи кафедраи менеҷменти ДДҲБСТ*

# ЗАМИНАҲОИ АСОСИИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР АФКОРИ ҶАВОНОН:МУАММО ВА ДУРНАМОИ РУШД

**“Мо ифтихор мекунем, ки имрӯз ҷавонони мо дар дигаргунсозиҳои ҷомеаи навин фаъолона иштирок карда, дар муаррифии давлати тоҷикон ва баланд бардоштани парчами Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ накши шоиста доранд”**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Дигаргуниҳои пуршиддати раванди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсии ҷаҳони муосир дар радифи дигар давлатҳо Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ водор намудааст, ки якчанд вазифаҳои сифатан наверо барои бунёди давлати соҳибистиқлол, аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққинамуда, мутамаддин ва комилан демократӣ, ки кафолати ҳимояи пурраи ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро баҳри шаҳрвандон фароҳам меоварад, гузорад.

Ҳалли вазифаҳои овардашуда аз ҳар фарди миллати тоҷик талаб менамояд, ки ҳодисаҳои бавуқуъпайвастаи ҷаҳонро амиқ дарк намуда, водор месозад, то мавқеи худро дар зиндагӣ дигаргун намоянд ва тамоми сайъу кӯшиши хешро ба манфиати ҷомеа ва давлат равона созанд. Ин ҷараён зарурияти ташаккули сифатҳои маънавӣ-равонӣ ва этникӣ, ки ҷавҳари асосии он ҳисси меҳанпарастӣ, ифтихори миллӣ,

қарзи шаҳрвандӣ ва шаъну шарафи миллӣ мебошад, ба тамоми афроди ҷомеа, бахусус, наврасон ва ҷавонон, ки ояндаи миллатанд пайдо намуд.

Чуноне, ки Президенти кишвар, Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи хеш ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуда буданд: "Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд"(1).

Аз таъкидҳои Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, ки муаммои паст гардидани ҳисси ваташдӯстӣ дар афкори аксар ҷавонони мамлакат бевосита бо равандҳо ва ҳодисаҳои бавуқуъпайвастаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки аз омилҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва рӯҳиву ҳарбӣ-техникӣ сарчашма гирифтаанд, алоқамандии қавӣ дошта, ба ҷавонони имрӯза таъсири манфӣ расонида истодааст.

Тарбияи ватандустӣ дар афкори ҷавонон имрӯз хело муҳим мебошад, ки ин ба якчанд омилҳо вобастагӣ дорад: ҷаҳонишавии иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва сиёсат, инкишофи сатҳи иттилоот ва дастрасии бемаҳдуди он ба насли наврас, паҳн гардидани ҳаргуна ҳизбу ҳаракатҳои ғайридавлатӣ, сатҳи пасти маълумотнокӣ ва шомилшавии насли наврас ба ҳаргуна ҳизбу ҳаракатҳо.

**Ватандӯстӣ (патриотизм** аз калимаи юнонии **patriotes** – ҳамватан ва аз калимаи **patris** – макон, диёр, ватан), муҳаббат ба ватан, ба халқу миллати худ, сайъу кӯшиши хизмат намудан ба халқу ватан ва ҳимоя аз душманон мебошад.

Ватандӯстӣ зуҳуроти мураккаб ва бисёрҷанба буда, яке аз муҳимияти ин падида дар ҷавҳари худ равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, маданӣ, таърихӣ ва дигар қисматҳоро дар бар гирифта вобаста ба рушди ҷомеа услуби хоси тарбиятро талаб менамояд.

А.Н. Виршиков, М.Б. Кусмарсев чунин мепиндоранд, ки ватанпарастӣ – ин ҳаракат зидди ин ё он зуҳурот нест, балки ин ҳаракат баҳри он муқаддасотест, ки атрофи инсон ва ё умуман ҷомеаро фаро гирифтааст. Ватанпарастӣ – ин ҳолати рӯҳбаландӣ ва дилкушодагӣ нисбати ватани хеш мебошад. Яъне ба ақидаи олимон А.Н. Виршиков, М.Б. Кусмарсева қоидаи асосии иҷтимоӣ-мадании ватанӣ – ин кушодани маънии тарбия ҳамчун арзиши олии инсонӣ –

дӯст дошта тавонистан ва аз ҳама қиматтарин барои инсон ин муҳаббат ба ватани хеш мебошад.

Ба ин ишора дар паёми навбатии хеш Президенти кишвар Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми кишвар бахусус ба насли наврас таъкид намуданд: "Ҷавонони мо дар ҳар ҷое, ки бошанд, бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, бо Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошанд".

Яъне дар ин гуфтаҳои Пешвои Миллат Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ишорат бар он меравад, ки меҳанпарастӣ олитарин хислатҳои инсонӣ бахусус насли наврас буда, дар ин ҷода бояд ибтидо аз оила ва дар маҷмӯъ тамоми ҷомеаро барои бедор кардани ҳисси ватандӯстии наврасону ҷавонон водор созад.

Пайдо гардидани эҳсоси ватандӯстӣ ҳамчун эҳсоси ҳимматбаландӣ, ин олитарин ҳисиёти инсон ба нисбат Ватан буда, боигарии маънавии шахс ва сатҳи баланди иҷтимоии онро тавсиф медиҳад. Ватандустии ҳақиқӣ ин ягонагии маънавиёти шаҳрвандӣ ва фаъолнокии иҷтимоии инсон буда, тамоми кӯшишу ҳаракатҳои он баҳри ободии Ватан нигаронида мешавад.

Бисёре аз мутафаккирони классикӣ раванди ба камол расидани инсонро тадқиқ намуда, муайян намуданд, ки ватанпарастӣ дар афкори инсон бо якчанд омилҳои ба ҳам пайваста вобастагии қавӣ дорад. Масалан тадқиқотчии рус К.Д. Ушинский чунин мешуморад, ки тарбияи ватанпарастӣ на танҳо муҳим, балки воситаи муқтадири педагогист: «Чуноне, ки нест инсоне, ки худпараст набошад, пас нест инсоне, ки меҳр ба ватан надошта бошад, пас ин муҳаббат дар тарбияи ватанпарастӣ ҳамчун калидест бар дили инсон ва ҳамчун пояи қавӣ баҳри мубориза ба хислатҳои бади табиӣ, шахсӣ ва оилавии он» (4, т.2, с.160).




**Расми 1. Модели ташкили тарбияи ватанпарастӣ**

Принсипҳои ватандӯстӣ – ин ифодаи талаботи руҳӣ, ахлоқӣ ва идеологиест, ки дар умум мӯҳтавои содиқ будан ба ватанро нишон медиҳад. Ин принсипҳо талаботҳоеро нишон медиҳанд, ки моҳияти хизмати содиқона ба ватани хеш, таъмини ягонагии манфиати инсон, коллектив, хусусияти баҳамалоқамандии байни одамон дар ҷомеа ва давлатро инъкос менамояд. Онҳо ҳамчун муайянкунандаи самти фаъолияти инсон дар таркиби меъёрҳои ҳатмии рафтори инсон вуҷуд дошта, меъёрҳои асосии ахлоқ, маданият, ватандӯстӣ ва шаҳрвандиро нишон медиҳанд.

Принсипҳои ватандӯстӣ аҳамияти умумӣ дошта, ба ҳамаи одамон тааллуқ дорад. Зеро ин асоси муносибатҳои фарҳангии онҳо, ки дар раванди рушди таърихии тӯлонии ин ё он ҷомеа офарида шудааст, буда, онро тақвият мебахшад.

Табиат, падару модар, хешу ақрабо, халқ – ин ҳама ифодаи як маънӣ Ватан мебошанд. Ин гуфтаҳоро муҳаққиқи рус А.Н. Виршикова дар тадқиқоти худ хеле бамаврид қайд намудааст, ки оварда шудааст: «ин як навъ фазои ватандориву ватандӯстӣ мебошад, ки дар он ҳиссиёт ба Ватан буда, дар бораи эҳсоси ватандорӣ, аҳду савганд, ҳамбастагӣ, меҳр ва муҳаббат аст, ки вобаста ба сатҳи ҳиссиёти инсон асос меёбад. Ин эҳсосот зарур аст, зеро мо ба падару модар, фарзандон, Ватани худ ва ё ҷои таваллуд интихоб намекунем" (2, с.119).

Дар раванди таҳлили назария ва амалияи тарбияи ватанпарастӣ метавон чунин хулоса намуд:

- самаранокии кор дар самти тарбияи ватанпарастӣ дар афкори наврасону ҷавонон бевосита аз иштироки фаъоли оила ва мактаб сарчашма мегирад;
- оила калиди асосии бедор кардани эҳсоси ватандӯстӣ дар афкорӣ наврасону ҷавонон буда, суст гардидани мавқеи оила дар тарбияи ватанпарстӣ боиси коста гардидани меҳри ватанпарастӣ дар афкори наврасону ҷавонон мегардад;
- тарбияи шаҳрвандӣ ва ватанпарастӣ бе дастгирии фаъоли сохторҳои ҳокимиятдорӣ, воситаҳои ахбори омма ва дастгирии воқеии молиявӣ ғайрисамаранок буда, дастрасӣ ба ин мақсад ғайриимкон аст;
- тарбияи ватанпарастӣ барои мустаҳкам намудани пояи иқтисодиёти давлат, васеъ гардидани имкониятҳои таъсиррасонии давлат дар майдони сиёсии ҷаҳон, ҳимоя ва ҳифзи генофонди миллат зарур аст.

Ҳамин тариқ чуноне, ки навиштаҳои боло собит менамоянд тарбияи ватанпарастӣ – ин ташаккули хислатҳои руҳиву маънавӣ, шаҳрвандӣ ва идеологии шахс, муҳаббати ӯ нисбат ба Ватан ва хонаи худ зоҳир гардида, баҳри ҳимоя ва баланд бардоштани анъана ва арзишҳои мардуми худ, фарҳанги миллӣ, замини худ омодаасту кӯшиш менамояд.

Ақидаҳои ватандӯстӣ ва шиорҳо қувваи бузургтарини сафарбарнамоии омма барои ба даст овардани мақсадҳои иҷтимоӣ мебошад. Хусусият ва самти асосии ватанпарастӣ, бевосита иштирок дар муаммои оммавӣ, масъулият дар тақдири таърихии Ватани хеш, омода будан дар қатори халқ ба рафъи мушкилиҳо ва мусибатҳои миллат аст.

**Адабиёт:**


1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 22.12.2016, шаҳри Душанбе*
2. *Вырщиков А.Н., Кусмарцев М.Б. Служение Отечеству как смысл российского патриотизма. Научно-популярное издание. - Волгоград: НП ИПД «Авторское перо», 2005. – 119 с.*
3. *Патриотическое воспитание сегодня. Анализ, проблемы, перспективы/ М-во образования и науки Российской Федерации, ООО «Соврем. образоват. концепции»; авт.-сост.: Бондаренко Е.А., Петрова О.Г. - М.: АС-Траст, 2009. - 240с.*
4. *Ушинский К.Д. Избранные педагогические сочинения: В 2 т. – М., 1974.*
5. *Худоёров А.И. Ценностно-целевые приоритеты патриотического воспитания студентов средних профессиональных учебных заведений Республики Таджикистан. Автореферат канд.пед.наук. Душанбе, 2013. – 27с.*



**Шамшоди Ҷамшед**,
*ассистенти кафедраи адабиёти*
*тоҷики ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*


## ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ – МУҲИМТАРИН ОМИЛИ ТАРБИЯИ ҶАВОНОН

Мутолиаи бодиққати Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 – юми декабри 2016 ҳар як ҷавони ватандӯсту огоҳро ба андеша ва

тафаккур водор месозад. Дар Паёми навбатӣ дар бораи авзои ҷомеа ва табақаҳои гуногуни шаҳрвандони мо суханҳои саҳеҳ ва дилпуркунанда баён шудааст. Аз ҷумла, ин таъкидҳои падаронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бисёр зарурӣ мебошанд:

“Ҷавонони мо дар ҳар ҷое, ки бошанд, бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, бо Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошанд” (1, 29).

Таъкиди ин нуктаҳо ин аст, ки соли 2017 Соли ҷавонон эълон гардид. Дарвоқеъ, ҷавонони кишварро месазад, ки ҳамеша ҷонибдори сиёсати хирадмандони Пешвои миллат бошанд, ба қадри истиқлолият ва ваҳдати миллӣ расанд.

Фарҳанги миллӣ ин ташаккулдиҳандаи тарбияи ахлоқию эстетикии ҳар як қавму миллат ба шумор рафта, дар баланд бардоштани ҳисси худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстию маърифатпарварӣ, пешрафти кори таълиму тарбия дар байни ҷавонон нақши ҳалкунанда мебозад. Таълиму тарбия дар он сурат пойдор хоҳад монд, ки хусусиятҳои миллӣ дошта, нигоҳдори арзишҳои таърихии мо, равнақу ривоҷи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ бошад. Ва яке аз қадамҳои утувор дар ин ҷода ташкил ва гузаронидани семинару конференсияҳои сатҳи баланд дар байни олимону коршиносон ва ҷавонони кишвар мебошад. Зеро ҷомеаи мо ба тарбияи насли дорои тафаккури созанда, чаҳонбиниву дониши муосир, зираку соҳибмаърифат ва ватанпараст ниёз дорад.

Фарҳанги мо танҳо ҳосили имрӯза набуда, натиҷаи заҳмати аҷдодони мо аст. Мо тоҷикон, аз ҷумлаи халқиятҳои баландтолеъ ва сарфарозе мебошем, ки фарҳанги бою ғаниамонро ба хизмати ҷомеаи имрӯза равона кардем. Мафҳуми фарҳанг масъалаҳои гуногуни маънавро фаро мегирад. Он маҷмуи дастовардҳои инсоният дар соҳаи муносибатҳои истеҳсолӣ, ҷамъиятӣ ва ахлоқию маданият буда, одоб, шуур, илм, маърифат, ақл, хиради моро таҷассум менамояд.

Фарҳанг, ки маҳсули фаъолияти дуру дарози таърихии инсон аст, тамоми рафтору кирдорро, аз ҷумла: одоби муоширот, таомхӯрӣ, роҳравӣ, либоспушӣ, андешаронӣ ва муколамаю мубодиларо дар байни мардум ифода менамояд. Аз ин рӯ, тарбияи ахлоқии ҷавонон бояд дар заминаи эҳёи фарҳангу суннатҳои миллӣ, рукнҳои истиқлолияти давлат, арзишҳои умумибашарӣ ба роҳ монда шавад. Хушбахтона, дар замони соҳибистиқлолии кишвари азизамон – Тоҷикистон тарғибу ташвиқи фарҳанги миллӣ беҳтару хубтар шуда, имкониятҳои зиёде низ дар муаррифи он аз ҷониби ҳукумати мамлакат роҳандозӣ шудааст.

Таърих собит намудааст, ки дар ҷомеаи инсонӣ шахсиятҳое буданду ҳастанд, ки ба пешрафти фарҳангу тамаддуни инсоният саҳми арзанда гузоштаанд ва мегузоранд [5,6]. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ аз ҷумлаи эшонанд. Ва дар осори онҳо беҳтарин анъанаҳои фарҳанги миллӣ тавсиф карда мешавад ва дар тарбияи ҷавонон таъсири равшане доранд. Адибони бузурги мо ба масъалаи тарбияи мехнат диққати махсус дода, омухтани илму маърифатро дар ҷойи асосӣ гузоштаанд. Аз мутолиаи мероси гаронбаҳои онҳо ошкор аст, ки фарҳанг мояи аслии ҳувияти миллат аст, фарҳанг метавонад миллатро пешрафтаю нававар ва соҳиби обрӯи ҷаҳонӣ кунад. Ин байти устод Рӯдакӣ муқовимати асрҳоро бартараф карда, то ба мо расидааст:

*Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,*
*То тавонӣ рӯй бар ин ганҷ неҳ (5, 3).*

Акнун омӯзиши фарҳанги миллӣ, тарғибу ташвиқи он яке аз масъулиятҳои асосии ҷавонон мебошад. Ҷавонон метавонанд бо ҳисси баланди худшиносию ватандӯстӣ дар ин ҷода саҳми намоён гузошта бошанд. Ва ҷавононро ташаббускору созандагони миллату давлат шуморидаанд, ки боз ҳам масъулияти ин қишри ҷомеаро нисбат ба ҳифзи дастовардҳои миллӣ, аз ҷумла фарҳанги миллӣ зиёд менамояд. Дар чунин вазъият, ки ҷаҳонишавию бархурди тамаддунҳо ба авҷи ногуфтании хавфнок расидааст, лозим меояд, ки нақш ва мақоми мо ҷавонони соҳибмаърифат, боистеъдоду лаёқатманд ва дорои нангу номуси ватандорӣ муҳим ва асосӣ бошад.

Ҳунар ва фарҳанги миллӣ сарчашмаи пурсаховати ҳаёт аст. Шахси ҳунарманду маърифатпарвар ҳамеша мукаррам аст, зеро ҳунар мояи зиндагӣ ва хастии ӯ буда, фарҳанг ташаккулдиҳандаи маърифату маънавиёти он мебошад. Ҳар як инсон бояд баробари сухандонию сухангӯӣ дорои фарҳанги баланди инсонӣ бошад.

Яке аз мушкилоти тақдири таърихии халқи мо дар давраҳои гуногун ин аст, ки мақоми давлатдориро аз даст додааст ва дар ин раванд фарҳанг то як андоза рӯ ба таназзул кардааст. Бо вуҷуди ин фарҳанги мо тоҷикон дар шаклҳои гуогун то ба имрӯз омада расидааст.

Барои омӯхтани ҳар як миллату нажод аввал ба фарҳанги он назар мекунанд. Ва имрӯз ҷавонони мо, пеш аз ҳама, ба фарҳанги бою ғании худ пайравӣ намоянд ва сипас фарҳанги дигар халқу миллатҳоро омӯхта, аз он манфиат баранд. Ҷомеаи муосири мо дар баробари омӯзиши фарҳанги миллӣ ба омӯзиши фарҳанги миллатҳои дигар ниёз дорад. Дар ин боб Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ -

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намудаанд:

«Фарҳанг, бешубҳа, ифодагари руҳи миллӣ, расму русум, анъана ва хотираи ҳар халқу миллат мебошад. Аз фарҳангу миллат дида, башарият барои ба ҳам наздик кардани инсонҳо ва ваҳдати умум воситаи самараноктаре эҷод накардааст» (2, 34).

Яке аз омилҳое, ки имрӯз боиси ташвиши ҷиддӣ гардидааст, ҳамроҳшавии ҷавонон ба равияҳои тундраву худхоҳ ва тақлид ба пушидани либосҳои ғайр мебошад. Дар ҳоле, ки ба ҷомеаи ҷаҳонӣ назар кунем хоҳем дид, ки озодӣ чисту, ободӣ кадом аст! Имрӯз ҳазорон ҳазор аз гурезагон ранҷи мусофирию беватанӣ ва ҳазорони дигар вартаи ҳалокатанд. Мо бояд аз он чӣ мебинем, ибрат гирем. Устод Рӯдакӣ чӣ зебо ва чӣ ҳаққонӣ фармудаанд:

Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

Табиист, ки муҳофизи фарҳанги миллӣ он ҷавононе мебошанд, ки дорои дониши баланду идроки қавианд, зеро илм калиди ҳама мушкилот аст, шахси бедониш фирефтаи гурӯҳи тунраве мешавад. Як нишонаи зоҳирии тақлидкорӣ, ки ботинро ҳам ошкор месозад, одоби пӯшидани либос аст. Либос як ҷузъе аз ҷузъҳои асосии фарҳанги миллат аст. Тоҷикон, ки дар тули асрҳо забон, урфу одат ва либоси миллии хешро ҳифз карда, то ба замони мо овардаанд.

Баъзе анънот бо гузашти вақт аз байн рафтаанд, вале либоси миллии мо аз қабили чакан, атласу адрас хусусияти таърихии худро нигоҳ доштааст ва ҳоло ҳам мардум ба он аҳамияти махсус медиҳанд. Либос низ тарбиядиҳанда шуда метавонад, зеро он нигоҳдорандаи шарму ҳаёи зану мард аст. Мехоҳам, ин нуктаро биафзоям, ки муаррифгари асосии либосҳои миллӣ ин санъаткорону ҳунармандон ва варзишгарон мебошанд. Масалан сарояндагон, ки ҳамеша дар шабакаҳои телевизионӣ баромад мекунанд, ба либоспӯшии онҳо ҳамагон диққат медиҳанд. Бештар аз ҳама ба либоспӯшии онҳо ҷавонон тақлид менамоянд. Чакан, атласу адрас имрӯз ҳам намунаи беҳтарини либосҳои миллии мо дониста мешаванд ва симои ҳақиқии занону модарони мо дар он таҷассум мeёбад. Ин матлабро бисёр ҳунармандони тоҷик дарк кардаанд, вале гоҳо баъди обрӯ пайдо кардан миёни халқ онҳо оҳиста-оҳиста либоси миллиро бо либосҳои ғайр иваз мекунанд. Ин гуна шахсонро метавон бемулоҳиза донист, зеро онҳоро халқ дар баробари ҳунари воло доштан бо либоси миллӣ шинохтаву эҳтиром мекунанд. Ва дар чунин ҳол наметавон онҳоро ҳамчун фарҳангдӯсту маърифатпарвар номид, балки ба қавли шоир:

*Бе маърифат одамӣ чӣ корояд? Ҳеҷ.*
*Мақсуд зи одамӣ ҳамин маърифат аст.*

Беэътиборӣ ба либоси миллӣ бештар дар байни ҷавондухтарон дар

ҳадди ташвишоварист. Имрӯз ҷавондухтарони тоҷик либосҳои ғайримиллӣ ба бар мекунанд ё аз матои миллӣ либосҳое омода месозанд, ки ба фарҳанги миллӣ хилоф мебошад. Чи тавре ки ҳамагон медонанд, имрӯз дар кишварамон тарроҳони зиёде фаъолият доранд, ки қисме аз онҳо дунболагири "мӯд"-и ҷаҳонӣ шуда, хусусиятҳои фарҳанги либоспушии мардуми тоҷикро ба назар намегиранд.

Андешаи онро дорам, тарроҳони мо бояд худ "мӯд"бисозанд, на пайрави мӯди дигарон шаванд. Кӯшиш кунанд, ки дигар миллатҳо аз тарзи либоспӯшии мо тоҷикон истифода баранд ва онро барои худ ҳамчун"мӯд" қарор диҳанд.

Либос ин як рукни фарҳанги миллии тоҷикон аст. Ғайр аз ин, масъалаҳои гуногуне ҳаст, ки аз фарҳанги мо бегона буда, ба тарбияи ҷавонон таъсир мерасонад. Молу амволи барзиёд аз ғайри меҳнат ба даст овардан, зулм бар бечорагон кардан, ғуруру такаббур варзидан – аз амалҳое мебошанд, ки сазовори нафрату лаънати аҳли виҷдону миллатанд.

Аз он чӣ гуфта шуд, хулоса ин аст, ки мо бояд аз он ифтихор кунем, ки дорои фарҳанги пурғановат ҳастем, миллати моро дар арсаи ҷаҳонӣ яке аз қадимтарин халқҳо мешиносанд, ин халқ дар рушду такмили илму фарҳанги умумибашарӣ саҳми сазовор гузоштааст. Умуман, тарбияи ахлоқии ҷавонон дар асоси арзишҳои миллӣ, маънавӣ ва умумибашарӣ ба амал баровварда мешавад, зеро арзишҳои номбурда ҷонибҳои гуногуни тарбияро дар бар мегирад. Ва ҷавононро ба сӯи хислатҳои ҳамида – меҳру вафо, шавқат, адлу инсоф, шарму ҳаё, ҳимматбаландию саховатпешагӣ раҳнамун месозад.

Мо боварии қавӣ дорем, ки дар соли 2017 – Соли ҷавонон бурду бохти мо дар боби тарбияи фарҳанги милли ҷавонон аз парвезани андеша мегузарад ва дар роҳи устувори ин рукнҳои асосии фарҳанги миллӣ ҷавонон чун машъалбардорони сафи пеш худро муаррифӣ менамоянд.

Умеди қавӣ меравад, ки конфронси имрӯза ибтидои бахайри ин иқдомоти наҷиб мегардад.

**Адабиёт:**

1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 22 – юми декабри 2016.*
2. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе , 2009.*
3. *Сулаймонӣ, С. Фарҳангшиносӣ/ С. Сулаймонӣ. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 34 с.*

*4. Сайидзода, З. Сиёсати давлатии Президент Эмомалӣ Раҳмон ва рушди устувори Тоҷикистон/ З. Сайидзода, Ф. Саидов. – Душанбе: ҶДММ Контраст, 2012. – 144 саҳ.*
*5. Фарҳангшиносӣ: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ/ Н. Тоҷов, К. Ҳусейнов, Р. Назаров, М. Тоҷев. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – 232 с.*
*6. Юнусов, Ю. Педагогика. Китоби дарсӣ барои коллеҷҳо ва омӯзишгоҳҳои педагогӣ/ Ю. Юнусов – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, – 2005. – 380 с.*

**Шералишоева Г.,**
*устоди ДДҲБСТ*
**Умарова Ҳ.А.**
*устоди ДДҲБТ*

## ҶАВОНӢ, ИНСОН ВА МАЪНИИ ЗИНДАГӢ ДАР ШЕЪРИ ФАРЗОНА

Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона аз чеҳраҳои мунаввари шеъри муосири тоҷик аст, ки бо офаридани шеърҳои воло дар адабиёти муосир ҷойгоҳи баланд касб кардааст. Шоира ҳам дар сурудани шеъри суннатӣ ва ҳам дар эҷоди шеъри нав қувваозмоӣ карда, дар ҳар ду ҷанбаи эҷод муваффақияти чашмгир ба даст овардааст. Аз ин рӯ, метавон ба равшанӣ гуфт, ки далели муваффақияти ҳар як суханвар ба интихоби шакли адабӣ вобаста набуда, балки ба тарзи нигоҳ ва маърифати зиндагӣ вобастагӣ дорад.

Масъалаи ахлоқи ҷомеа, бахусус ҷавонон аз мавзуъҳое мебошад, ки дар ашъори Фарзона мавқеи муҳим дорад. Бахрабардорӣ ва мушоҳидаҳои шоирона имконият додаанд, ки шоира бо истифода аз санъатҳои бадеии мухталиф ва маънибардориҳои ҳунармандона аз рӯйдод, воқеа ва ҳодисаҳои зиндагӣ андешаҳои баланди шоиронаро ба вуҷуд оварад.

Мавзуи вақт ва шинохти қадри он яке аз мавзуъҳои шеъри Фарзона аст. Дар шеъри "**Шитоб кун**" бо ишора ба шитобон гузаштани вақт мегӯяд:

*Дило шитоб кун, ки вақт меравад,*
*Ситон зи лаҳзаҳои сабз комро.*
*Нишин ба барқи чашми ёр қатравор,*
*Зи сар фикан хаёли нангу номро(1,21).*

Шоир давраи навҷавониро ба унвони "лаҳзаҳои сабз" ёд мекунад, ки монанди фасли баҳор аст. Аз ин рӯ, шоира низ ҷавониро ба ин фасли шукуфоӣ шабеҳ медонад ва дар хулосаи шеър ҷавононро ҳушдор медиҳад, ки ин баҳори сабзи умрро беҳуда нагузаронанд,

кӯшиш намоянд, то ин ки бештар дониш омӯзанд ва ҳосили андӯхтаҳои хешро дар шакли шукуфаҳо рӯнамо гардонанд:

*Шитоб кун, ки дар баҳори сабзи умр,*
*Нуҳуфтаҳои ту шукуфаҳо шаванд (1, 21).*

Дар шеъри "**Дугонаи моҳ**" бо ишора ба зудгузар будани умри ҷавонӣ мегӯяд:

*Бигзашт қиёми навҷавонӣ,*
*Рахшиду хамӯш шуд ситора,*
*Дардо, ки дами хуруҷи эҳсос*
*Такрор намешавад дубора.*
*Такрор намешавад. Чӣ чора? (1,249)*

Воқеан, навҷавонӣ дар ҳаёти инсон нотакрор ва бебозгашт аст, дар ин фосилаи умр вуҷуди инсон лабрез аз ҷӯшишу такопӯ ва авҷу нумув аст, бинобар ин ҳам, шоира айёми авҷи навҷавониро бо истилоҳи "**қиёми навҷавонӣ"** ва "**дами хуруҷи эҳсос**" баён кардааст.

Дар шеъри "**Аввалину охирин**" шоира ду лаҳзаи ба ҳам муқобили умри инсониро ба тарзи хеле зебо ба тасвир гирифтааст. Духтари ҷавоне, ки аз лаҳзаҳои зудгузари умр бехабар аст, нахустин мӯйи сафедро дар сари худ мушоҳида карда, онро чун ханҷари хунрезе мепиндорад, ки барои куштани ӯ омода гардидааст:

*Духтаре гофил зи таъҷили ҷавонӣ,*
*Дар сараш мӯйи сафеди аввалинро*
*Ханҷари хунрез мепиндошт (2, 230).*

Агар дар идомаи пораи шеъри мазкур шоир лаҳзаи дигареро, ки акси ин манзара аст, зикр намекард, ҷанбаи таъсирбахшоӣ ва шеърияти он таъмин намегардид:

*Модараш ҳам*
*Дар сараш мӯи сиёҳи охиринро*
*Охирин тармеваи пойиз мепиндошт (ҳамон ҷо).*

Калимаҳои "духтар – модар", "мӯйи сафед – мӯйи сиёҳ", "аввалин – охирин" ки дар ин ду пораи шеърӣ бо истифода аз санъати тазоду муқобала зикр гардидаанд, ба ҳамдигар иртиботи қавӣ ва таносуби маъноӣ ҳосил кардаанд. Гузашта аз ин, дар мисраҳои охирини ҳар ду пораи шеър ба таври ҷудогона андешаи шоирона хеле зебо ҷамъбаст ва натиҷагирӣ шудаанд: Агар духтар аввалин мӯйи сафеди сарашро ҳамчун ханҷари хунрез озордиҳанда ва кушанда таъбир кунад, модар охирин мӯйи сиёҳашро дар фасли пойизи умр охирин меваи ҷавонӣ арзёбӣ намудааст. Ба ин восита, дар шеъри мазкур шоира масъалаи азиз шуморидан ва расидан ба қадри вақтро, ки бо сабаби ба таъҷил сипарӣ гардидан инсонро дар ғафлат мегузорад бо тамсили хеле зебо

баён кардааст. Чунин тарзи тасвири муқоисавии ҳодисаҳои ҳаётӣ имкон додаанд, ки хулосаҳои қолиби ибратомӯз бароварда шавад.

Бунёди шеъри “**Ғафлат**” низ, ки бар гиромидошти қадри вақт ва расидан ба маънии саодати зиндагӣ гузошта шудааст, идомаи мантиқии шеъри фавқ аст. Шоира бадал шудани нашъаҳои ҷавонӣ ба раъшаҳои пириро, ки бар асари ғафлат, даводавиҳои бемантиқ, талошу ҳаёҳӯи беҳадафи инсон барои дарёфти мартабаву ҷоизаҳо сурат гирифта, ӯро аз эҳсоси маърифати саодати “**ҳоло**” ба ғафлат мегузорад, сухан ронда, аз бахшишҳои бедареғи табиат баҳра бардоштанро беҳтарин ҷоизаи зиндагии инсон баён мекунад(2, 191).

Бояд гуфт, ки вожаи “**ҳоло**” аз нигоҳи Фарзона мафҳуми фалсафист, ки дар соҳати худ маъниҳои зиёдеро нуҳуфтааст. Бинобар ин, шоира аз хонандаи хеш суол мекунад:

*Вожаи “ҳоло” чист?*
*Фалсафаи “ҳоло”-ро кӣ ба ман шарҳ медиҳад?*
*Чаро ба эҳтироми “ҳоло” коре намекунем?*
*Тапиши набзи ҳамин лаҳзаро намешунавем,*
*Дар масоҳати васеи “ҳоло” гаштугузоре намекунем (1, 473).*

Дар шеъри мазкур на танҳо бо истифодаи санъати таҷоҳули ориф суханвар суол медиҳад, балки дар зимни мафоҳими “тапиши набзи лаҳза” ва “дар масоҳати васеи ҳоло гаштугузор намудан” матлабро ноаён гиреҳкушоӣ мекунад ва хонандаро ба дарки вожаи “**ҳоло”**, ки маърифати вақту зиндагист, мехонад.

Дар шеъри Фарзона шинохти қадри вақт ва лаҳзаҳои умр бо шинохту азиз доштани ҷавонӣ тавъам омадааст. Зеро ҷавонӣ беҳтарин лаҳзаҳои умри инсон аст, ки бо баҳору шукуфоӣ, хурӯшу ҷӯшиши андешаю афкор ва ҷисму ҷон пайванди қавӣ дорад. Ҷавонӣ зуд меояду зуд мегузарад. Аз ин рӯ, шоир ин як нафаси лаҳзаҳои тозандаи умрро бо таъбири **«алавгирӣ»,** ки маънои зуд омадану рафтанро дорад, ифода намудааст:

*Омадӣ алавгирӣ чун ҷавониву пирӣ,*
*Мисли умри тозанда як нафас чӣ меоӣ (4,394).*

Дар ашъори Фарзона чандин ғазалҳо бо зикри ин марҳалаи зиндагии инсон оғоз гардидаанд. Чунончи:

*Боре маро ба фасли ҷавонии ман фирист,*
*Бар ҳафт шаҳри тирукамонии ман фирист (3,170).*

Низ:

*Муборак гӯ, муборак гӯ, ҷавонӣ боз меояд,*
*На фасли наъш, баски нашъаи оғоз меояд (3, 384).*

ва:

*Бизӣ, эй ишқ, эй шодии оғоз,*
*Ҷавонизор кун руҳи маро боз (3, 444).*

Чунонки мушоҳида мегардад, дар абёти боло ҷавонӣ бо мафҳумҳои фасли сабзишу нумув якҷоя омадааст, ки моҳиятан айёми шукуфоии умри инсонро ифода мекунад. Қаҳрамони шеър дар ҳар се байт низ як мурод дорад: мехоҳад лаҳзае дар «ҳафт шаҳри тирукамонӣ»-и фасли ҷавонӣ шодмонӣ дошта ва руҳаш пур аз ҷавонӣ бошад,зеро ҷавонӣ фурсатест, ки дар он вуҷуди инсон аз тапишу зарбаҳои дил беқарор мегардад, ҳатто фалаки кӯзпушт низ дар ҳамин марҳалаи умри инсон сурати зишти хешро ба зебоӣ ҷилва медиҳад. Ҷавонӣ мисли пирӣ фасли ризою таслим нест, балки марҳалаи ҷунуни дил аст, ки дар ин марҳала инсон ба рағми фалаки ғаддор ба ҳама чиз бо дидаи инкор менигарад:

*Чист пирӣ, ҳамагӣ фасли ризову таслим,*
*Навҷавониву ҷунун марҳалаи инкор аст (3, 208).*

Ҳар як ҷузъиёти зиндагии ҷавонон ба шоира имкон додааст, ки аз он маъниҳои қобили андеша ба вуҷуд биёрад. Чунончи, шеъри зерин лаҳзае аз зиндагонии ҷавони донишҷӯро дар худ инъикос намудааст:

*Зиндагонӣ мекунад дар жандаи садсолае,*
*Навҷавонии гурусна бо пули идрорҳо (3, 96).*

Шоира таъкид мекунад, ки инсон бояд дар ин баҳортарину сабзтарин марҳалаи умр, ки дилҳо аз тапишҳо холӣ нест, баҳраманд гардад:

*Дар ин баҳортарин лаҳзаҳо ҷавонӣ кун,*
*Бурун зи ҳошияи ишқ гулшинонӣ кун.*
*Дили саломати ту аз тапиш мураххас нест,*
*Сипоси ҷоизаи ёри осмонӣ кун.*
*Дило, ба ҳурмати ин лаҳзаҳои нағзи нағз,*
*Ту ҳам ҷавона бибанду ту ҳам ҷавонӣ кун (3, 398).*

Дар аксари шеърҳои Фарзона, ҷавонӣ бо мафҳумҳои баҳору шукуфоӣ, субҳу покию сафо, равшанию гармӣ тавъам омадаанд, ки ифодакунандаи саодати инсонӣ буда, маънӣ ва ҳосили зиндагии инсон низ дар онҳо ифода гардидааст. Ва ҳар қадар, ки инсон бузургтар мешаваду ба сӯи камолот меравад, дар зеҳни ӯ ба ғайр аз ин мавсими зебо хотироти хуштаре боқӣ намемонад:

*Ба ҷуз ҷавонии маъсуму субҳу шоми бадеъ,*
*Дигар чӣ монд маро дар қафо, намедонам (3, 134).*

Мафҳуми ҷавонӣ дар шеъри шоира Фарзона маънои васеътаре пайдо карда, бо мафҳуми ҳамзистии инсонҳо робита пайдо кардааст. Шоира таъкид мекунад, ки мутаассифона, дар ҷаҳони пуртазоди имрӯз маънии зиндагии башар соҳибдилонро ба ташвиш гузоштааст. Вале, агар инсон ба асли офариниш таваҷҷуҳ кунад, новобаста аз дину

мазҳабу оин муштаракоти зиёди зиндагӣ дорад. Аз ин рӯ, зистан дар зери ливои ягонаро маънии зиндагӣ ва саодати инсон медонад:

*Габру яҳуду муслинмин, аҳли ҳазор кешу дин,*
*Саҷда барем мо ҳама сӯи Худои муштарак.*
*Дар сари гунбади кабуд парчами сурхро бубин,*
*Кош, банӣ башар зияд, зери ливои мутарак (2, 262).*

Маҳз чунин инсонҳое, ки ҳадафи хешро дар зиндагӣ дар некӣ кардан ва ҷомеаро ба сӯи ахлоқи писандида раҳнамоӣ кардан мебинанд, метавонанд дар тармими руҳи башар ва ба ҷониби некию некӯкорӣ ҳидоят намудани ҷавонон саҳм гузоранд. Ин рисолати хешро шоира чунин баён кардааст:

*Гар руҳи башарро набарам ҷониби некӣ,*
*Ҳайф аст ҳамин ҳастии пучу абаси ман (5, 106).*

Дар ҷаҳони тафаккури шоира вуҷуди инсон ҳарчанд аз обу гил офарида шудааст, вале дар асл ҷойгоҳи ӯ арши барин аст, аз ин рӯ, барои ҳоҷате ба хорию зиллат кашидани он шоиста нест.:

*Эй дили аршӣ машав фаршӣ барои ҳоҷате,*
*Аз ту хориҷ мекунам фикри каму бисёрро (3, 30).*

Дар шеъри “Тазод” моҷарои марду зан –“ду ҳамошёни номуросо”, ки бо ғиреву дашном ва ҷаҳли мураккаби худ ҳатто “субҳро сактаи дил” мекарданд, бо меҳрубонии ду қумрии ошиқ, ки дар фарози шафақовези нахле тарҷумони меҳрубонӣ буданд, муқоиса мегардад. Шоира таманно мекунад, ки кош ҷаҳлҳои мураккаби инсонро меҳрварзиҳои сода аз миён мебардоштанду башар дар саодати ҷовидонӣ зиндагӣ ихтиёр мекард:

*Ҷаҳлҳои мураккаби бани Одамро,*
*Кош, он меҳрҳои сода хиҷил мекарданд (2, 217).*

Дар порчаи зерин ин андеша дар партави тасвир ва таркибҳои шоиронаи «чун сигори сӯхта партофтани ҷавонӣ», «ҳусни содаро бо обу ранги кимиёӣ чун ҷумлаи мураккаб душвор кардан», «нигаҳро ба тамошои ҳеҷ бахшидан», “пирии ларзонакро бо асочӯб ба масҷид кашонидан” равшан мунъакис гардидааст:

*Мо ҷавонии нодири худро*
*дар раҳе чун сигори сӯхта мепартоем.*
*Мо ҳусни содаро*
*бо обу ранги кимиёӣ чун ҷумлаи мураккаб*
*душвор мекунем.*
*Мо нигаҳро ба тамошои ҳеҷ мебахшем.*
*Мо фардо ҳам беҳудагии дӯшро такрор мекунем...*
*Мо пирии ларзонаки худро бо асочӯб,*
*мекашонем сӯи масҷид,*
*Ва ба ночор «Худо» мегӯем.*
*Тарс ҳодии роҳи мост, на ишқ (5, 47).*

Агар дар ашъори ба масъалаҳои ҷавонон бахшидаи Фарзона дақиқ нигоҳ кунем, мебинем, ки дар аксари ҳолат шоира мафҳуми ҷавонӣ, баҳор, шукуфоӣ ва равшаниро ва мафоҳими пирӣ, хазон ва сардию торикӣ муқоиса мекунад ва бо ин муқобилгузорӣ ва ташбеҳофарӣ маъниҳои тоза ба вуҷуд меоварад. Ӯ ҷавононро меситояд, ба ҳамзамонон талқин мекунад, ки лаҳзаҳои нотакрори умри ҷавониро азиз доранд, ба қадри он бирасанд ва фарҳанги бо ҳам зистану ҳамчун одам зиндагӣ карданро биомӯзанд:

*Омӯз, асри бистуяк, фарҳанги бо ҳам зистан,*
*То ҳол натвонистааст одам чу одам зистан (4, 264).*

**Адабиёт:**


1. *Фарзона. Ҳама гул, ҳама тарона. Дар ду ҷилд. Ҷилди якум.- Хуҷанд: Хуросон-Медия, 2014.-504с.*
2. *Фарзона. Ҳама гул, ҳама тарона. Дар ду ҷилд. Ҷилди дуюм.- Хуҷанд: Хуросон-Медиа, 2014.-500с.*
3. *Фарзонаи Хуҷандӣ. Девон (Панҷсад ғазал). Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди якум. - Хуҷанд: Ношир, 2014.-520 с.*
4. *Фарзонаи Хуҷандӣ. Девон (Панҷсад ғазал). Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди дуюм. - Хуҷанд: Ношир, 2014.-536 с.*
5. *Фарзона. Мӯҳри гули мино, Хуҷанд: Ношир, 2009*
6. *Шарифов Х. Шоир ва шеър. – Душанбе: Адиб, 1998.–217 с.*



**Шоҳрухи Саидҷаъфар**
*унвонҷуи кафедраи сиёсатшиносии*
*ДДК ба номи А.Рӯдакӣ*


## ГАРАВИШИ ҶАВОНОН БА ГУРӮҲҲОИ ИФРОТӢ

Ифротгароӣ падидаи нав нест. Ҳанӯз дар давраҳои қадим зуҳур карда буду, гоҳ-гоҳе аз худ дарак медод. Он на фақат дар доираи дин аст, балки дар дигар масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ дида мешавад. «Ифротгаро» аз ду реша иборат буда, якумӣ аз забони арабӣ «Ифрот», яъне «бесарусомонӣ», «хараҷу мараҷ» ба миён овардан, дигаре аз вожаи форсӣ «гаро» иборат аст, ки «гаравидан», «шомил гаштан» ва «майл кардан» аст. Пас ин калима ва гурӯҳро чунин шарҳ додан мумкин аст: «Дар ҷомеа ва шуури ӯ як фатароте, як бесарусомоние ба вуҷуд овардану ба мақсади нопоки хеш ноил гаштан аст».

Сабаби пайдоиш ва паҳн гардидани ин гуна падидаҳои номатлуб аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи пасти шароити зиндагӣ, бехабар будан аз маърифати ҳуқуқӣ ва худшиносӣ, таълиму тарбияи нокифояи

насли наврас, хусусан ҷавонон боиси шомил шудани онҳо ба гурӯҳи ифротгаро мегардад.

Ҳукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали давлатдорӣ ба насли ҷавон ҳамчун неърӯи созанда, бунёдкор таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намудааст. Дар ин баробар, вобаста ба имконот тамоми шароитро барои буду бошт, зисту зиндагонӣ, илмазхудкунӣ ва фаъолияти минбаъдаи насли ҷавон фароҳам овардааст. Далели возеҳи ин гуфтаҳо тадбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷавонон ва Сиёсати давлатии ҷавонон мебошад. Ҳамагон шоҳиди он ҳастем, ки сарвари давлат дар ҳар як вохӯрию мулоқотҳояшон бо қишри ҷавони ҷомеа гуфта мегузаранд: **«Ҷавонони лаёқатманду соҳибфарҳанг ояндаи ҷомеаи навини Тоҷикистон мебошанд»**. Дар ҳақиқат, насли наврасу ҷавон неърӯи бениҳоят бузурги созандаю бунёдкор дар роҳи фардои миллату давлат, умеди Тоҷикистон азизи соҳибистиқлол аст.

Роҳбари давлатамон пайваста таъкид менамоянд, ки **«Рушду нумув, пешрафту шукуфоии минбаъдаи кишварамон, пеш аз ҳама бо меҳнат, дониш, ҳисси худшиносии миллию ватандӯстӣ ва нангу номуси ҷавонон вобаста аст»**.

Сарвари давлат бисёре аз масоили мубрами рӯзро баррасӣ намудаанд, аз ҷумла проблемаи ҷавонон, пайдоиши гурӯҳҳои тундрави ифротӣ ва вазъи сиёсии имрӯзаи ҷаҳонро гуфта гузаштанд. Дар ҳақиқат масъалаи шомил шудани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ва даст задании онҳо ба амалҳои даҳшатангез дар давлатҳои Покистону Сурия ва дигар давлатҳои исломӣ ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст.

Насли ҷавон тариқи ВАО хуб огоҳ ҳастанд, ки имрӯзҳо аз ҷониби намояндагони ин гурӯҳҳои ифротгаро чӣ гуна содир намудани амалҳои мудҳишу даҳшатангез ба вуқӯъ мепайвандад, ки ин кирдори онҳо ба тафаккуру ақли солими ҷомеаи муосир рост намеояд.

Мутаасифона, бархе аз ҷавонони бемаърифат, бефарҳанг моҳияти ин омилҳои номатлубро ба таври мусбӣ эҳсос накарда баракс бо ҷалби зархаридони хориҷӣ ба ин гурӯҳҳои ифротӣ шомил шуда, дар амалҳои хусусияти террористӣ - экстремистӣ дошта иштирок мекунанд.

Бояд гуфт, ки сар задани чунин ҳолатҳо - яъне шомилшавӣ ба гурӯҳҳои ифротӣ, анҷом додани амалҳои террористӣ ва дигар омилҳои номатлуб миёни наврасону ҷавонон аз бетарафии волидон ва шахсони масъул аст. Ин дуруст аст, ки дар ҳолати ҷалб нагардидани ҷавонон ба муҳити оила, ба маслиҳатҳои пандомези волидайн ва ширкат накардани онҳо дар корҳои ҷамъиятию фарҳангӣ, варзишию оммавӣ, саҳмгузорӣ дар ободии диёрамон, наврасону ҷавононро дар ҳидояти

роҳи рост аз даст додан мумкин аст. Ана, ҳамин омилҳо боиси ҷалб шудани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротию тундрав мегардад.

Дини мубини ислом ягон айбе надорад, ҳама айбҳо дар мусулмонии мост. Ин аст, ки намояндагони ифротиён ба ҷаҳон паҳн гашта, бо роҳи тарғибот ва маблағҳои калон гурӯҳи ҷавононро ба тарафдории хеш ҷалб намуда истодаанд. Бо ин мақсади нопоки худ бо қатлу ғорат рӯз аз рӯз кирдорҳои ғайриинсонии худро нишон медиҳанд, ки ин ғайри дини мубини ислом аст.

Тавре, ки сарвари давлат таъкид карданд, **«Ба умеди хоҷаҳои хориҷӣ нашавед, тафриқаандозӣ накунед ва ба хотири маблағи ночиз (ҳаром) номуси ватандории худро нафурушед ва ба ин ватан ба ин сарзамин хиёнат накунед»**. Дигар ин, ки **«Ана, ҳамон хоҷагони хориҷӣ дар болои алов бензину керосинро рехта аввал, худашон аз Тоҷикистон баромада мераванд ва фаромӯш насозед, ки мову шумо танҳо дар инҷо мемонем!. Пас ба хотири ҳамин агар имрӯз мову Шумо ватани азизи худро насозем, обод накунем, фардо, ё пас фардо касе ё нафаре омада барои мову Шумо ватан намесозад»**.

Гуфтаҳои боло водор месозад, ки дар ҳамбастагӣ бояд дар замири насли ҷавон ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида ва касбу ҳунарҳои муосир, ҷиддияту меҳнатдӯстӣ ва эҳтироми волоияти қонунро талқин намоем то онҳо тавонанд дар оянда ҳамчун намояндагони сазовор ва шоистаи миллати хеш, ватани азизамонро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ намоянд.

**Адабиёт**

1.*Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.12.2016. 12:06, шаҳри Душанбе.*

2.*Асадуллоев Р. Н.Молодежь в процессах демократизации общественной жизни: На примере Республики Таджикистан.*
***3.Кумитаи теливизион ва радиои Хукумати Чумхурии Точикистон Ҷавонон пайрави Пешвои миллат***
*Нашр шуд. Пан, 03/11/2016 - 00:33*

**Эгамназаров Ҳ. Ҳ.,**
*н.и.филол., дотсенти*
*кафедраи забонҳои хориҷии ДДҲБСТ*

## ҶИҲАТҲОИ МУҲИМИ ТАРБИЯИ ҶАВОНОН ДАР ПАРТАВИ СИЁСАТИ ҲУКУМАТ

Масъалаи тарбияи ҷавонон дар шароити имрӯза яке аз самтҳои муҳими сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –

Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ташкил медиҳад. Сарвари давлат дар ҳамаи суханрониҳои худ ва ҳамчунин дар сиёсати амалии пешгирифтаи худ ба тарбияи ҷавонони худшиносу худогоҳ ва миллатдӯст аҳамияти хоса зоҳир менамоянд. Чуноне ки он кас қайд менамоянд: «Ҷавонони имрӯзаи мо, яъне насли замони Истиқлол аз наслҳои пешина бо савияи илму дониш, маърифату ҷаҳонбинӣ, сатҳи тафаккур ва одобу аҳлоқ фарқи куллӣ доранд, ки ин ҳама боиси ифтихори мо мебошад». Роҳбари давлат нисбати ҷавонон таваҷҷуҳи хоса доранд ва дар охирин Паёми хеш ба онҳо баҳои баланд доданд. Президенти кишвар ҳамеша таъкид менамоянд, ки ҷавонон бояд худшинос, худогоҳ ва ватандӯст бошанд. Ба андешаи Пешвоямон то даме, ки худшиносии миллӣ, пос доштани хотираҳои таърихӣ, ифтихор аз мансубияти миллӣ, дар шуури ҳар яки мову шумо падид наояд, то даме, ки ҳар кадоми мо манфиати миллиро ҳамчун қарзи муқаддаси шаҳрвандӣ эҳсос накунем ва эҳтиром нагузорем, то даме, ки хидмат ба Ватан ва миллат бароямон ба арзиши олии зиндагӣ табдил наёбад, мо ҳамчун давлати соҳибистиқлоли миллӣ ба камол намерасем. Худшиносӣ мақому манзилати инсонии худро бо решаҳои таърихӣ, бо сарнавишти миллату халқи худ ва бо аҳли башар дарк кардан аст. Бо таъбири Президенти кишвар «Бидуни пайванду ҳамгироии тамаддуни имрӯзаи тоҷикон бо таърихи кӯҳанбунёди хеш ба қадри истиқлолият, ифтихори Ватану ватандорӣ, ҳувияти миллӣ ва худшиносию худогоҳии комил расидан мушкил аст. Ҳамчунин бе дарки огоҳонаи решаҳои таърихӣ, таҳкими истиқлолият пойдории давлатдорӣ ва бунёди ҷомеаи мутамаддин мушкилтар хоҳад буд». Худшиносию худогоҳи миллӣ ва ифтихор аз Ватану ватандорӣ омилҳои таҳкимбахши Ваҳдати миллӣ ва иттиҳоди мардуми Тоҷикистон аст. Ҷавонони худогоҳу худшинос, ватандӯст бояд Ваҳдати миллӣ ва сулҳу ҳамбастагии мардуми кишварамонро ҳамеша ҳифз намоянд.

Роҳбари давлат ҳамеша даъват менамоянд, ки ҳар як фарди ҷомеа ва аз он ҷумла ҷавонон забони давлатиро хуб аз бар намуда, баъдан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ пардозанд. Ба андешаи Сарвари давлат «Забон дар ҳақиқат асоси ҳастӣ ва бақои умри миллат аст». Ифтихор аз Ватану ватандорӣ, таъриху фарҳанг, ифтихор аз миллат ва ҳувияти миллат афзалтар аз ҳама дар поку бегазанд нигоҳ доштани забони модарӣ ифода меёбад. Таърих гувоҳ аст, ки баъди гум кардани забони модарӣ давлат низ дер ё зуд тафаккур ва ҳатто давлату давлатдории миллии худро аз даст дода, забон ва унсурҳои фарҳанги бегонаро мепазиранд. Дар ҳамин замина Сарвари давлат ба рушди забони давлатӣ диққати махсус медиҳанд. Забони асосии адабиёти бадеӣ ва илмӣ, нашриётҳо, васоити ахбори омма тоҷикӣ бошад ҳам, фаъолияти забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва ғайра манъ карда намешавад. Онҳо озодона

амал мекунанд. Такмили таълим ва омӯзиши забонҳои англисӣ, русӣ ва ғайра қабл аз ҳама аз он ҷиҳат зарур аст, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вусъати робитаҳои байналхалқӣ, ҳамкорӣ бо кишварҳои дигар, ҳамгироӣ бо фазои ягонаи таҳсилот манфиатдор аст.

Фармони Президенти кишвар аз 4 – уми апрели соли 2003 «Дар бораи такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сиёсати давлатиро дар боби забономӯзӣ муайян намуд. Дар иртибот ба ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ аз 2 – юми декабри соли 2003 «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014»-ро қабул намуд. Мутобиқи барномаи мазкур миқдори соатҳо барои омӯзиши забони русӣ аз 22 то 25 соат дар як ҳафта зиёд карда шуда, барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ аз фанҳои «Забони англисӣ» ва «Забони русӣ» таҳия гардиданд. Амалӣ намудани «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014» имкон фароҳам овард, ки омӯзиши забони русӣ ва англисӣ дар байни ҷавонон боз тақвият ёбад.

Ба даст овардани истиқлолияти фарҳангӣ барои ҳама баробари истиқлолияти сиёсӣ азиз аст. Дар баробари ин, дӯст доштан ва омӯхтани забони модарӣ ҳаргиз маънои дар доираи забони худ маҳдуд мондан ва аз омӯзиши забонҳои дигар, аз ҷумла русӣ ва англисӣ сарфи назар карданро надорад. Ҷавонони даврони истиқлолият, ки забони модарии худро хуб медонад, барои ӯ омӯхтани забонҳои хориҷӣ осон мегардад. Дигар ин, ки ҷорӣ кардани дастовардҳои илму техника ва технологияи муосир, яъне пешрафти минбаъдаи мамлакат, ба роҳ мондани робитаҳои гуногунсоҳа бо давлатҳои тараққикарда, яъне пайвастан ба ҷаҳони мутамаддин бе донистани забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама русӣ ва англисӣ ғайриимкон аст. Масалан, бо мардуми ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ, ки теъдодашон имрӯз зиёда аз 300 миллион нафарро ташкил медод, ки бо забони русӣ муошират мекарданд. Инчунин забонҳои русӣ ва англисӣ аз ҷумлаи шаш забони коргузории Созмони Милали Муттаҳид ба шумор меравaнд. Аз ин рӯ, донистани ин забонҳо тақозои замон буда, густариши муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон ва ба таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ расонидани мақсаду маром ва манфиатҳои миллиамон бештар мусоидат менамоянд. Чун сухан аз забону забондонӣ аст омӯхтани забон ва равону суфта шудани он танҳо ба шарофати мутолиаи китоб муяссар мегардад. Барои баланд бардоштани сатҳи донишандӯзӣ ва забондонӣ бо дастгирии Пешвои миллат дар ҳамаи манотиқи Ҷумҳурӣ китобхонаҳо, мактабҳо сохта мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият бовучуди мавҷудияти душвориҳо ва ноҳамвориҳои роҳи тараққиёт дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид, ки мо онро дар мисоли ҳаёти ҷавонони кишвар хеле равшан мушоҳида менамоем. Қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» аз 13 – уми марти соли 1992, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 – юми майи соли 1997 «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон» ва дар ҳамин замина таъсис дода шудани Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабул гардидани Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 1999-2000 (5 октябри соли 1998), Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2001-2003» (соли 2001), таъсис додани Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ (20 марти соли 1998), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи таъсиси стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, техникумҳо ва коллеҷҳо» (26 феврали соли 1998), баъди танаффуси сесола боз аз нав эҳё шудани рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» (23 – юми феврали соли 1998), 23 – юми май эълон гардидани Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, доир гаштани фестивалҳои ҳамасолаи технологияи иттиллоотию коммуникатсионӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоӣ, муносибатҳои нави муоширати инсониро тақозо дорад, ки дар ин раванд забон мақоми махсусро ишғол менамояд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар паёми охирин хеш қайд намуданд, ки “Ҳукумати Тоҷикистон ба масъалаи таълиму тарбия ва ташаккули шахсияти наврасону ҷавонон диққати махсус зоҳир намуда, имконият фароҳам меорад, ки онҳо дар беҳтарин муассисаҳои таълимии мамлакат ва хориҷ аз он таҳсил кунанд, таҷриба омӯзанд ва соҳиби касбу ҳунарҳои замонавӣ гарданд”.

Ҳамзамон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷои дигар ишора намуд, ки «барои ҳавасманд гардонидани ҷавонону наврасони соҳибистеъдод як қатор имтиёзҳо муқаррар намуда, ҷалби онҳоро ба корҳои идоракунии давлатӣ муҳим мешуморем. Бо ин мақсад пешбарии ҷавононро ба вазифаҳои роҳбарикунанда чун падидаи ғамхории доимии Ҳукумати мамлакат минбаъд низ идома медиҳем».

Мо ба ҷавонони кишвар ҳамчун нерӯи фаъолу боғайрат, ташаббускору созанда эътимоди зиёд дорем ва дар раванди бунёди ҷомеаи демократӣ ва ободу пешрафта ба онҳо такя мекунем.

Президенти кишвар аз он изҳори таассуф мекунанд, ки “вақтҳои охир баъзе ҷавонон ба ҷойи сайъу талоши фаъолона дар роҳи илму донишомӯзӣ, азхуд кардани касбу ҳунар ва ширкат дар корҳои ободониву созандагӣ ба амалҳои номатлубе даст зада истодаанд, ки

гирифтани пеши роҳи ин раванди нангину хатарнок ва ба роҳи дуруст ҳидоят намудани наврасону ҷавонон на танҳо вазифаи сохтору мақомоти давлатӣ, балки қарзи ҳар як фарди солимфикру огоҳ, падару модарон, аҳли зиё ва ҷавонони аз нигоҳи сиёсиву иҷтимоӣ устувор мебошад".

Тамоми талошу кӯшиши Роҳбари давлат нисбати ҷавонон ба он нигаронида шудааст, ки ин қишри ҷомеа босавод, бофарҳанг, худогоҳ, ватандӯст ва дорои соҳиби ахлоқи ҳамида ҳамида ба камол расанд ва дар оянда номбардори наслҳои гузаштаву имрӯза бошанд ва ватани худро соҳиби ахлоқи намоянд. Дар ин роҳ талоши танҳо Президенти кишвар кофӣ набуда, ҳар яки моро лозим аст саҳми хешро бигузорем.

**Адабиёт:**


*1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сурогаи эл.: http://president.tj/node/13739.*

*2. Саидов Ш.Ш. Ҷавонон ва давлати миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 156 саҳ.*

*3. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар. Сурог. эл.: http://president.tj/node/4438.*

*4. Ҳасанов Ш.Қ., Ашӯрова А.А. Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатии ҷавонон. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 224 саҳ.*



**Юсупова З. М.,**
*старший преподаватель кафедры*
*русского языка ТГУПБП*


## НАЦИОНАЛЬНЫЕ И ОБЩЕЧЕЛОВЕЧЕСКИЕ ЦЕННОСТИ И РОЛЬ МЕЖДУНАРОДНЫХ ПРОГРАММ В ВОСПИТАНИИ МОЛОДЁЖИ

